Саидмурод
ДАВЛАТОВ

Ман ва Пул

Китоб аз силсилаи
«ФАЛСАФАИ МӮРЧАГОН»

Best
ҶАҲОНӢ
Seller

Сайдмурод ДАВЛАТОВ

Ман ва Пул



Аз силсилаи "ФАЛСАФАИ МӮРЧАГОН"

Душанбе-2016

МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ
"КИТОБХОНАИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН"
266733
336.71

УДК 1/14
ББК 87
Д 13

Давлатов Саидмурод
Д13 Ман ва Пул: ба мисли сарватмандон андешидан. – Душанбе: с. 2016. – 344 саҳ.

Ин китоб ба Шумо ёрӣ мерасонад, то бифаҳмед, ки пул метавонад барои Шумо кор кунад, на Шумо барои пул. Он мадад мерасонад, ки Шумо тарзи фикрроиатонро дигар кунед, роҳҳои дигари пулкоркуниро дида тавонед ва бо кам сарф кардани вақт истеъдоди пул кор карда тавонистани худро инкишоф диҳед. Китоб барои Шумо роҳи озодии пулиро мекушояд.

ISBN 978-9967-08-158-1

000311549
Китобхонаи миллии Точикистон

© Давлатов С., 2016

МУНДАРИЧА

Аз муаллиф.....6

Муқаддима.....10

Корро аз чӣ бояд сар кард?.....16
Сафарбаркунии қобилият.....21
Роҳу равиши сарватмандон.....23

Ду сабақи муҳим.....28
Панҷ саволи оқилона.....30

Панҷ саволи асосие, ки ҷавоби дурусти онҳо боиси сарватманд шудани шахс мегарданд.....**42**

1. Бо пул чӣ тавр муносибат бояд кард?.....**47**
Чор намуди қувват.....51
Панҷ зинаи гуногуни комёбӣ.....61
Рамзи сарват.....78
Машқ бо пул.....80
«Мушакҳои пулӣ».....91

2. Роҳҳои боақлонаи пасандози пул.....**102**
Интихоби Шумо.....110

3. Чӣ тавр сармоягузорӣ бояд кард?.....120
Қоидаҳои сармоягузорӣ.....142
Чор самти сармоягузорӣ.....145
Мақсади зиндагӣ.....152
Шубҳаҳо.....158

4. Роҳҳои аз пул ҳаловат бурдан.....181
1. Корҳои хайрия.....183
2. Шумо имкониятатонро чӣ тавр истифода кардед?.....184
3. Истеъдод ва қобилият.....186
4. Машғулияти дӯстдошта ва ҳузуру ҳаловат.....190

Монеаҳо.....193
1. Такрор.....195
2. Фалсафаи мӯрчагон.....201
3. Муносибат бо ҷавобҳои рад.....202
4. Мушкилот.....206
5. Фалокат.....210
6. Беморӣ.....210
7. Раҳмдилӣ.....212
8. Ноумедӣ.....212

5. Чӣ тавр бояд бештар пул кор кард?.....217
1. Баъд аз се сол дар як моҳ чӣ қадар пул кор кардан мехоҳед?.....218
2. Чӣ бояд кард?.....223
3. Аз байн бурдани худмаҳдудиятӣ.....229
4. Се муҳити ташаккулёбӣ.....238

5. Маҳорати дуруст истифодабарии вақт.....241
6. Хирад.....244
7. Сармоягузорӣ ба ояндаи худатон.....248
8. Номгӯйи одамоне, ки Шумо ба онҳо монанд будан мехоҳед.....252
9. Ҳарос.....254
10. Чор китоби нодир.....256
11. Хислатҳое, ки барои комёбӣ заруранд.....258

Фалсафаи мӯрча.....260

Роҳнамо барои хондани китоби «Ман ва Пул».....265

Фикру мулоҳизаҳои хонандагон аз таассуроти китоби «Ман ва Пул».....302

Барномаҳои сафарии ҳарсола.....307

Таассурот аз Мастер–класс.....312

Таассурот аз конфронси байналмилалӣ дар Иссиққӯл.....319

Омӯзиш тариқи интернет дар реҷаи вақти воқеӣ.....322

Маркази байналмилалии рушди инсон «САМО».....325

Давраи омӯзишии «Дониши молиявӣ ва идораи оқилонаи сармояи шахсӣ».....327

Силсилаи китобҳои «Фалсафаи мӯрчагон».....330

Хонандаи **муҳтарам!**

Китобе, ки дар даст доред, дар заминаи таҷрибаҳо навишта шуда, дар он хулосаи роҳи тайкардаи ман барои ба дастоварду комёбиҳо соҳиб шудан баён гардидааст. Ин китоб як навъ фишурдаи он донишҳои андӯхтаам мебошад, ки устодон ба ман омӯхтаанд. Устодон ба ман кӯмак карданд, то хеле аз ҳақиқатҳои муҳими зиндагиро бифаҳмам, ба худ боварӣ пайдо кунам ва мушкилотеро рафъ созам, ки дар роҳи пуршебу фарози зиндагӣ кам нестанд. Ман бачаи одие будам, ки дар замонҳои вазнини ҷанги шаҳрвандӣ ва бозсозӣ бо сабаби пардохта натавонистани маблағ ду донишгоҳро тарк намудам. Дар тӯли ҳаёт тадричан хатоҳоямро дарк намуда, аз таҷрибаи рӯзгор баҳраманд мегаштам. Аз ин сабаб таҷрибаҳое, ки дар ин китоб баён шудаанд, барои ба худ боварии бештар пайдо кардани хонандаи он ва барои бехато ба мақсад расидан ёрӣ мерасонанд.

Аз раҳнамоҳоям Бодо Шеффер, устоди соҳаи молия ва устоди равоншинос Мирзокарим Санакулович Норбеков, ки дониш ва таҷрибаашонро барои ман дареғ надоштаанд, сипосгузорам. Инчунин аз журналист Мирлан Алимбеков, ки барои навиштани ин китоб кӯмак расонидааст, аз рассом Ҷумадилхони Каримбек, муаллифи расмҳои ҷаззобу нотакрори китоб хеле миннатдорам.

Бигузор ин китоб роҳнамои онҳое бошад, ки тай кардани роҳи худро баҳри расидан ба комёбӣ ва осудаҳолӣ оғоз намудаанд. Китоби мазкур барои хештаншиносӣ, андешидан дар бораи воқеан кӣ будани худ, дар маҷмуъ барои боварӣ пайдо намудан баҳри расидан ба мақсад мададгори беминнати Шумост. Инчунин китоб барои дар ҳолатҳои душвор рӯҳафтода нашудан дасти мадад дароз мекунад, зеро Шумо ягона шахсе нестед, ки бо душвориҳо рӯ ба рӯ омадаед. Аз ҳад зиёд нишон додани мушкилоти худ ва саҳл донистани мушкилоти дигарон хоси табиати инсонист. Дар назаратон чунин менамояд, ки монеаҳои роҳи ҳаёти Шумо нисбат ба монеаҳои дигарон бештаранд. Ҳамаи онҳое, ки дар зиндагонӣ муваффақ шудаанд, аз чунин санҷишҳо гузаштаанд. Бале, онҳо бо ҳамон устуворӣ ва ба худ боварӣ доштан, ба хатои худ иқрор шуда тавонистан, аз таҷрибаи дигарон дуруст истифода бурдан, барои комёб гаштан дониши зарурӣ омӯхтан аз дигарон фарқ мекунанд. Муҳимтар аз ҳама, онҳо барои комёб шудан ҳамеша хушбин ҳастанд, зеро медонанд, ки нияти нек ба рӯзи оянда аллакай нисфи муваффақият мебошад.

Албатта, донише, ки аз ин китоб мебардоред, ҳанӯз кафили комёбии Шумо нест. Зеро донишмандон зиёданд, вале одамоне, ки донишҳои худро дар амал дуруст истифода мебаранд, хеле каманд. Ҷавонони бешумор ҳар сол соҳиби маълумоти олӣ шаванд ҳам,

бештари онҳо илму дониши омӯхтаи худро дар ҳаёт татбиқ карда наметавонанд. Аз ин сабаб шахси дипломдор ҳанӯз донишманд нест. Донишманд ҳамон шахсест, ки метавонад масъалаҳоеро ҳал намояд, ки дигарон аз уҳдаи он намебароянд, амалу корҳоеро ба анҷом мерасонад, ки дигарон иҷро карда наметавонанд, гиреҳҳоеро мекушояд, ки дигарон дар кушодани он оҷизанд ва инчунин шахсест, ки ба худ ва ояндаи худ боварии қавӣ дорад. Шахси донишманд на танҳо қобилияти дар система ё сохтор кор кардан дорад, ӯ инчунин қодир аст, ки дар бизнес, оила ва ҳаёт системаи худро барпо созад.

Ба нақша даровардани ҳаёти худро омӯзед. Одаме, ки ояндаашро худаш ба нақша намегирад, бояд омода бошад, ки ба ҷойи ӯ ҳаёташро дигарон ба нақша хоҳанд даровард.

Бе нақшаи пешакӣ ба чизе муваффақ гаштан мушкил аст. Подоши ҳар кас амали худи ӯст. Агар Шумо тухми камбизоатӣ кишт кунед, ҳаргиз баҳри ба даст овардани ҳосили сарватмандӣ умед набандед.

Агар ин китоб зиндагии Шуморо дигаргун сохта, ба сатҳи нави ҳаёт боло барорад, мо худро хушбахт ҳисоб мекунем. Умед дорем, ки хонандагон ба мо андешаҳои худро дар бораи комёбиҳояшон баъд аз мутолиаи китоб иброз медоранд. Мӯҷиби комёбии дигарон гаштан барои ҳар як шахс хеле муҳим аст. Хонандагони азиз, ман ба даргоҳи Худованд дуо мекунам, ки Шуморо ба мақсад ва орзую ниятҳоятон расонад. Умедворам, аз комёбиҳоятон дар оянда ба ман нақл хоҳед кард.

Ҳар як шахс, ки дар ҳаёт бо ман рӯ ба рӯ гардид, то ҷое ба ман ҳаққи устодӣ ҳам дорад, зеро ӯ, албатта, як ҳиссаи хурди таҷрибаашро ба ман омӯзондааст. Устодони асосии ман шунавандагонам мебошанд, зеро омӯзиш раванди мутақобилан судманд мебошад. Бинобарин ман аз ҳамаи онҳо хеле миннатдорам. Ин китоб аз дигар ҷониб ҷамъбасти ҳабдаҳсолаи машғулиятҳои аз рӯи ин курс гузаронидаи ман мебошад. Бинобарин ба ҳамаи он иштирокчиёни тренингҳоям, ки дар таҳия намудани китоб саҳм гирифтаанд, арзи сипос мекунам. Аксари иштирокчиёни машғулиятҳои мо дониши азбаркардаи худро дуруст истифода намуда, соҳиби комёбиҳо гаштаанд.

Дар ин китоб даҳ сирри истиқлолияти молиявӣ дарҷ шуда, вале онҳо дар саҳифаҳои гуногун партофта шудаанд. Барои ёфтан ва ба маънои онҳо сарфаҳм рафтан Шуморо зарур аст, ки ин китобро якчанд маротиба мутолиа кунед ва дар айни замон зеҳнияти молиявии худро ғанӣ гардонед. Танҳо пас аз ин зеҳни Шумо барои дарки пурраи китоб омода мешавад ва он гоҳ бе душворӣ моҳияту сирҳои онро медонед. Ана, баъд метавон гуфт, Шумо аллакай 50% корро иҷро кардаед! Ва гузаронидани таҷриба ҳам осон мешавад. Бе дудилагӣ ба амал сар мекунед ва дастовардҳо бо мадади Аллоҳ дари Шуморо мекӯбанд.

Роҳи сафед, хонандаи азиз! Бигзор китоб ба Шумо барои ба даст овардани сарват ва муваффақият, саодати оилавӣ ва тансиҳатӣ мададгор гардад.

Бо камоли эҳтиром,
Саидмурод ДАВЛАТОВ

МУҚАДДИМА

Ба ҳамаи одамон имкониятҳои
бузург даст медиҳанд,
вале аксари одамон
фаҳмида наметавонанд,
ки бо он рӯ ба рӯ шудаанд.

У. Даннинг

Пеш аз оғози мутолиаи китоб бикӯшед, ки чанд лаҳза тамоми ташвишҳои рӯзгорро фаромӯш созед ва худатонро барои ба таври ҷиддӣ мутолиа намудан омода намоед. Сараввал аз худ пурсед, ки оё Шумо дар ҳақиқат сарватманд шудан мехоҳед. Агар мақсади Шумо танҳо ба даст овардани даромади зиёд бошад, пас китоб барои Шумо пешбинӣ нашудааст. Аммо агар дар дил орзуҳои бузург парварида, барои расидан ба ягон мақсад кӯшиш карданатонро равшан донед ва агар Шумо сарватманд шуданро дарк карда, тасмим гирифта бошед ва худатонро барои соҳиби бойигарӣ шудан арзанда ҳисобед, пас мо ба Шумо роҳи сафед мехоҳем.

Аксар вақт одамонеро вомехӯрдам, ки сарватманд шудан мехостанд. Инчунин нафаронеро дучор меомадам, ки худро аллакай сарватманд меномиданд. Баъзан шахсонеро низ вомехӯрдам, ки дар дил орзуи пули бисёр доштанро намепарвариданд, зеро, ба андешаи онҳо, пул муҳим нест. Инчунин одамонеро медонам, ки андеша доранд: «Ман агар худам мехостам, аллакай пулдор шуда будам». Аммо одамонеро, ки барои сарватманд шудан омода бошанд, хеле кам дучор гаштаам.

Баъд аз мутолиаи китоб Шумо дар дуроҳа қарор мегиред. Бинобарин аввал ба қароре омада, сипас амал кунед. Дуюм, ягон кор накунед ва ҳаётатонро тавре, ки буд, ҳамон тавр идома диҳед. Ҳатто баъд аз мутолиаи китоб ҳам Шумо ҳатман сарватманд намешавед. Аммо, ба фикри ман, агар дониши андӯхтаатонро дуруст истифода набаред, пушаймон мешавед. Надонистану амал накардан як чиз, вале дониста, амал накардан тамоман чизи дигар аст.

Сараввал кӯшиш кунед, ки ба саволи «Одами сарватманд кист?» посух пайдо кунед. Ба саволи мазкур Шумо ҷавобҳои гуногун пайдо мекунед. Дар паси ҳамаи ин ҷавобҳо мақсад, роҳи ҳалли масъала, хоҳиши пули бисёр доштан, маҳорати пулёбӣ меистанд. Аммо чизи асосиро фаромӯш накунед: **одами бой ҳамонест, ки пул барои ӯ кор мекунад, на онест, ки барои пул кор мекунад.** Ҳақиқати мазкурро бояд фаҳмида, қабул кунед ва дар хотир нигоҳ доред.

Акнун кӯшиш мекунем, ки тарзи ҳаёти давлатмандонро тасаввур намоем. Ё беҳтар он аст, ки худро одами пулдор тасаввур кунем ва ба саволи «Агар маблағи калон медоштед, чӣ кор мекардед?» ҷавоб гӯем.

Бо мақсади намуди воқеӣ пайдо кардани тасаввуроти худ Шумо як варақро гирифта, дар тӯли 8 дақиқа ҳамаи он хоҳишҳоятонро нависед, ки агар сарватманд мешудед, онҳоро амалӣ мекардед. Ба худ тасаввур кунед, ки пули ҳангуфте доред, ки миқдораш барои Шумо аллакай аҳамият надорад. Қалам ба даст гиред ва бетанаффус ҳамаи хоҳишҳоятонро ботартиб нависед.

Албатта, лаҳзае фаро мерасад ва Шумо навиштанро қатъ мекунед. Ин маънои онро дорад, ҳамаи он чизҳое, ки рӯи коғаз овардаед, айни замон дар рӯзгор нарасидани онҳоро эҳсос мекунед. Вале фаромӯш накунед, ки онҳо ҳанӯз орзую мақсади Шумо нестанд, балки онҳо чизҳое мебошанд, ки дар зиндагӣ Шумо ба онҳо эҳтиёҷ доред. Шумо ба навиштани мақсаду мароме, ки хоҳиши ба онҳо ноил шуданро доред, баъд аз таваққуфе шурӯъ менамоед. Танҳо дар ҳамин сурат мақсаду марроматон мазмуни воқеӣ касб мекунанд. Ана дар ҳамин лаҳзаҳо андешаатонро ҷамъ намоед. Дар бораи ҳолати рӯҳии худ низ фаромӯш накунед. Худатонро одами муваффақ ва хушбахт эҳсос кунед ва навиштанро идома диҳед.

Баъд аз анҷоми навиштан миқдори саҳифаҳои пуркардаатонро шуморед. Як, ду, се... Худи ман дувоздаҳ саҳифа навишта будам. Устодам ҳамон вақт ба ман гуфта буд, ки маро шогирд

гирифтан намехоҳад, зеро ман орзуи муайян надорам. Азбаски саҳифаҳои бисёрро пур карда будам, дар тасаввуроти хеш худро шогирди беҳтарин мепиндоштам.

Аммо сарватмандро аз тамоми бойигариаш маҳрум созеду ҳама пулашро гиред ҳам, ӯ баъди ним сол аз сари нав доро мешавад. Агар ба одами бебизоат сарвати зиёд диҳед ҳам, баъд аз ним сол ӯ тамоми сарваташро барбод дода, боз аз нав камбағал мегардад. Мисоли мазкур нишон медиҳад, ки нодорӣ ва сарватмандӣ, ҳолати ботинӣ, тарзи тафаккур ва тарзи зиндагӣ мебошанд.

Акнун бикӯшед, ки дар ҷои ором, бидуни шитоб ҳар як андешаатонро борҳо санҷида нависед. Тафаккур кардан мисли саёҳат дар ҷангал аст. Баъд аз сафари аввалатон дар ҷангал ягон чиз боқӣ намемонад. Баъди сафари дуюму сеюматон пайҳо дар ҷангал ба чашм намоён мешаванд, вале бо мурури замон пайҳо ҳам нест мешаванд. Аммо вақте аз як маҳал даҳ маротиба мегузаред, албатта, пайроҳа ба вуҷуд меояд. Он чизе, ки Шумо ҳоло дар майнаатон тасаввур мекунед, ҳанӯз қадамҳои аввалинатон мебошад. Шумо пайроҳаи худро дар роҳи сарват ғундоштан бунёд гузошта истодаед.

Ҷараёни мазкурро аз ҷиҳати илмӣ тафсир додан мумкин аст. Дар майнаи мо сиву шаш миллиард нейрон мавҷуд аст. Ҳар як нейрон ба як амали муайян ё тасаввурот ҷавоб медиҳад. Масалан, агар калимаи «хона»-ро шунавед,

хонаи худатонро тасаввур мекунед. Агар дар матн ибораи «хонаи сурх»–ро хонед, ҳатман хонаи сурхро тасаввур мекунед. Дар тасаввуроти Шумо хонаи мазкур, эҳтимол, аз хиштҳои сурх сохта шуда бошад. Дар ҳамин ҳолат нейроне, ки ба калимаи «сурх» ҷавоб медиҳад, бо нейрони калимаи «хона» робита пайдо мекунад. Агар Шумо ин ибораро борҳо такрор кунед, робитаи устувори нейронҳо, тасвири устувор (қолаб) ба амал меояд. Бори навбатӣ ҳатто дар ҳолати шунидани калимаи «хона» маҳз хонаи сурхро тасаввур мекунед. Қолабҳои рафтору усулҳои андешаронӣ тахминан ҳамин тавр сохта мешаванд.

Бинобар ҳамин, агар Шумо худро одами пулдор тасаввур кунед, бояд мисли сарватмандон суханронӣ ва рафтор кунед, он гоҳ ботадриҷ ба мисли одамони сарватманд фикр мекунед. Ҳамин ҳолат хеле муҳим аст, зеро дар он тимсоли вижаи фаҳмиш мавҷуд аст. Ҳатто агар Шумо пули бисёр дошта бошед ҳам, бо онҳо кор анҷом намеёбад. Вале одами камбизоат албатта «Ман аз ҳад зиёд хаста шудаам, агар соҳиби пул мебудам, ҳатман истироҳат мекардам» мегӯяд.

Аз забони одамони зиёд мешунавем: «Ман дар сар идеяҳои бисёр дорам, вале барои амалӣ гардонидани онҳо пул надорам. Агар пул медоштам, корҳои зиёдеро анҷом медодам. Бо сабаби мавҷуд набудани сарват ман қудрат надорам ва коре карда наметавонам. Ман дониши зиёд дорам, соҳиби истеъдоди худодод мебошам, аммо бе сарват ҳеҷ коре карда наметавонам». Вақте ба онҳо «Амал ё коре кунед, он гоҳ сарват пайдо мешавад», – мегӯед, ҳамоно ҷавоб

медиҳанд: «Бе сармоя кор кардан ғайриимкон аст, ба ман аввал сармоя диҳед, он гоҳ ман амал мекунам, бе пул ягон кор ба анҷом намерасад. То даме, ки ман дар даст сармоя надорам, ҳатто дар бораи бунёд кардани бизнеси худ орзу карданам ҳам маъное надорад». Чунин одам дар ақидаи худаш – «барои коре кардану ба ҷойе расидан сарват зарур аст» – хеле устувор мебошад.

Аммо таҷрибаи одамони бештар муваффақ акси амалро нишон медиҳад. Аз донишҳои омӯхтаи худ истифода намуда, ҳаёту фаъолият ва дастовардҳои ин одамони муваффақро омӯхта, усул ва қоидаҳоеро, ки онҳо таҳия намудаанд, дастури амали худ қарор дода, дар тӯли 2 – 3 моҳ Шумо даромадатонро аз 30 то 70 дарсад афзун карда метавонед. Агар китоби маро аз таҳти дил хонед, Шумо маҳз ҳамин донишҳоро азбар мекунед. Зеро нисбат ба гузаштагонамон бахт ба рӯи мо зиёдтар хандидааст. Ҳеҷ гоҳ дар ягон давру замон нисбат ба имрӯз барои бо осонӣ сарватманд шудан имкон набуд. Ҳеҷ вақт чунин шароити озоду мусоид барои фаъолият мисли имрӯз вуҷуд надошт. Магар дар дунё маблағ, муҳаббат, хушбахтӣ, барору муваффақият кам аст? Танҳо меҳнат карда, онҳоро ба даст овардан зарур аст.

Дар ҷараёни мутолиаи китоб, эҳтимол, чизҳоеро мефаҳмед, ки хилофи хулоса ва андешаҳоятон ҳастанд. Дар ҳар ҳолат, агар дар дил нияти ба мақсад расиданро парварида, орзуҳоятонро дар амал татбиқ карданӣ бошед, пас Шумо бояд ба омӯхтан, фаҳмидан ва ба таври мусбат қабул кардани ҳамаи ҳадафҳо ва ниятҳоятон омода бошед.

КОРРО АЗ ЧӢ **БОЯД САР КАРД?**

Тақдиратонро
ба дасти худ гиред,
дар акси ҳол онро
нафари дигар
ба даст мегирад.

Ноел Тичи

Дар ибтидо Шумо бояд сариштa кардани сарвати камтарро омӯзед. То замоне, ки сариштаи бойигарии андакро наомӯзед, ҳаргиз сариштa намудани сарвати калонро наметавонед. Мутобиқи омор, аз ҳар сад нафар шонздаҳ нафар ҳатман пулдор мешаванд, аммо аз байни онҳо як нафар сарвати ҷамъовардаашро то охири ҳаёташ нигоҳ медорад. Ана ҳамон нафаре, ки бойигариашро то охири умр ҳифз карда метавонад, шахси сарватманд ҳисобида мешавад. Сарват пайдо кардан нисбат ба нигоҳ доштани он кори осонтар аст.

Онҳое, ки шавқу рағбати беандозаи сарватманд шудан доранд, ин қоидаи асосиро дар хотир ҳамеша бояд нигоҳ доранд:

«Имкониятҳои худро аз пул боло гузоред, он гоҳ худи он насиби Шумо гардида, бароятон хидмат мекунад. Агар инсон имконияти худро аз пул пасттар гузорад, он гоҳ пул кадом ғизо хӯрдан, чӣ тавр либос пӯшидан, дар куҷо истироҳат намудан, ба хешу табор ва ёру дӯстон чӣ чиз туҳфа карданро муайян мекунад. Агар хоҳед, ки инони ҳаётатон дар дасти худатон бошад, пас имкониятатонро аз пул ҳатман боло гузоред».

Ҳамин қоидаро борҳо такроран хонед ва дар мавриди он андеша кунед. Онро бояд азхуд кунед ва зуд–зуд такрор созед.

Бовар дорем, Шумо коратонро дӯст медоред, аммо барои ба ҷойе расидан дӯст доштан ҳанӯз кам аст. Шавқу рағбат зарур аст. Ба шавқу рағбат хафа шудан, андӯҳу ғусса хӯрдан, ҳатто азоби «Чӣ мешуда бошад?» ё «Чизе намешавад» рабт дорад. Аз барои рағбат барои амалӣ кардани орзуҳо худро пурра, вале на қисман бахшидан хос мебошад. Одамоне вомехӯранд, ки фақат барои зарурат кор мекунанд. Онҳо сари вақт ба кор меоянд, сари вақт аз кор мераванд, уҳдадориҳояшонро хуб иҷро мекунанд, вале нисбат ба кор дилгармӣ надоранд. Ба онҳо

Онҳое дар зиндагӣ комёб мешаванд, ки дар паси ҳар мушкилӣ ва монеа натиҷаи мусбатро дида, инчунин мақсаду маромии аввалинашонро фаромӯш намекунанд.

ҷараёни муқаррарии кор муҳим аст. Ин гуна одамон ҳатто орзу карданро ҳам қатъ мекунанд. Дар анҷом ба ҷое намерасанд. Агар Шумо сарватманд шудан хоҳед, ҳаргиз бо маҷрои ҳаёт шино накунед.

Ҳеҷ кадоме, на давлату мамлакат, на қонунҳо ба рафоҳату некӯаҳволии Шумо худро масъул намеҳисобанд, балки масъули зиндагиатон худи Шумо мебошед. Барои ба мақсад расидан ба мо қолаби нави тафаккур, таҷриба ва ҷаҳонбинӣ зарур аст. Чизе аз илму ҳунари одам мукаммалтар нест, имкониятҳои истифода бурдани онро омӯхтан зарур аст.

98 фоизи одамони атрофи мо мутобиқи қолабҳои маъмулӣ андеша мекунанд. Онҳо хешу ақрабо, дӯстон ва рафиқони мо мебошанд. Ҳамаи онҳо тахминан ба таври зерин андеша меронанд: агар пулу мол медоштам, коре мекардам, аммо бе сарват ҳеҷ кор карда намешавад. Вале ҳарф дар сари он аст, ки барои соҳиби пул шудан кор кардан зарур аст. Барои дар амал татбиқ намудани орзуи худ дониши нав омӯхтан лозим аст. Боре аз худ бипурсед: оё одамон аввал сарватманд шуда, баъд доно мешаванд ё нахуст донишманд мегарданду баъд сарватманд? Албатта, дар ибтидо соҳиби ақлу хирад гардида, сипас сарватманд мегарданд!

Бинобарин донишҳоеро омӯзед, ки одамони сарватманду муваффақ гирд овардаанд, таҷрибаи онҳоро азбар кунед ва ҳатман шавқу рағбатро вобаста ба орзуи худ ба коратон дар худ ташаккул диҳед.
Дар хотир нигоҳ доред ва амал кунед.

Агар Шумо соҳиби пулу мол шудан хоҳед, ҳаргиз бо маҷрои ҳаёт шино накунед. Ҳамеша худро вобастаи натиҷаи фаъолиятатон ҳисоб кунед.

Масали

«ПЕШНИҲОДИ ТАСМИМ»

Як рӯзи сарду ғуборолуди зимистон ду бача дар болои кӯли яхбаста яхмолакбозӣ мекарданд. Баъзе ҷойҳои оби кӯл тунук ях баста, ҷойи дигараш ғафстар, вале кӯдакон ба ин аҳамият намедоданд. Нохост дар он ҷойе, ки ях тунук буд, яке аз кӯдакон ба зери он фурӯ рафт. Бачаи дуюм даступо гум накарда, сангеро

гирифта, ҷойи дигари яхро шикасту рафиқашро аз об кашида баровард. Наҷотдиҳандагон ба ҷойи ҳодиса омада, аз писарак пурсиданд:

– Ту ин корро чӣ тавр анҷом додӣ? Охир, ях хеле ғафс ва бо ин сангу бо ин дастони хурдакак шикастани он аз имкон берун аст...

Дар ҳамин лаҳзаҳо пирамарде ба назди онҳо омада, табассумкунон гуфт:

– Ман медонам, ӯ ин корро чӣ тавр иҷро кард.

– Чӣ тавр?

– Дар назди кӯдак касе набуд, ки гӯяд: «Яхро шикастан намешавад, ин номумкин аст». Яъне бача тасаввур мекард, ки яхро шикастан осон аст, вагарна ӯ меҳаросид ва ҳаргиз ба наҷоти рафиқаш намешитофт.

Тавре Эйнштейн фармудааст: агар чизеро тасаввур кардан тавонӣ, онро бачо оварда ҳам метавонӣ.

САФАРБАРКУНИИ **ҚОБИЛИЯТ**

Инсон қобилияташро замоне мефаҳмад, ки барои истифода бурдани он азм намояд.

Сенекаи Хурдӣ

Замоне як нафар амлокдор буд. Ӯ духтари хушгил ва қадрасе дошт ва мехост бидонад, ки оё ҷавонон духтарашро дӯст дошта, ба ӯ хонадор шудан мехоҳанд ё барои пулу моли падараш хонадор шуданианд?

Ниҳоят ӯ тасмим гирифт, ки ҷавононро санҷад. Бо ҳамин мақсад ӯ онҳоро назди ҳавзе гирд оварда, эълон намуд: ҳар нафаре, ки ҳамин ҳавзро шино карда гузарад, ба тариқи зерин мукофотонида мешавад, ки худаш метавонад интихоб кунад: ё аз се як ҳиссаи заминамро ё аз се як ҳиссаи сарватамро ва ё духтарамро. Вале дар ёд дошта бошед, ки дар ҳавз тимсоҳҳои гурусна ҳастанд.

Мард суханашро ҳанӯз то охир нарасонда буд, ки яке аз ҷавонон ба об ҷаҳид. Марди сарватманд аз чунин қарори ҷавонмардона ва иродаи қавии ҷавон дар ҳайрат афтод. Тимсоҳҳо таъқибаш мекарданд, вале ҷавон мекӯшид аз онҳо тезтар шино кунад. Ниҳоят то ба ӯ расидани тимсоҳҳо ба соҳил баромад.

Марди ҳайратзадаи сарватманд аз ҷавон пурсид, ки оё ӯ аз се як ҳиссаи заминашро мехоҳад? Ҷавон «не» гуфт. «Набошад, аз се як ҳиссаи сарватамро мегирӣ?». Ҷавон боз «не» гуфт. Марди сарватманд акнун андаке осуда шуда, аз ҷавон бори дигар пурсид: «Оё шавҳари духтари ман шудан мехоҳӣ?»

Ҷавон ҷавоби аввалашро боз такрор кард: «не»

«Пас ту чӣ мехоҳӣ?» – пурсид амлокдор.

«Ман ҳамон нафареро мехоҳам биёбам, ки маро ба ҳавз тела дод», – посух дод ҷавон.



Ин мисол нишон медиҳад, ки ҳамаи одамон имконияти ҷисмонӣ ва зеҳнии худро дуруст қадр карда наметавонанд. Вале дар ҳолати ғайричашмдошт ҳамин қобилияташон зуҳур мекунад. Агар ин ҷавонро дар ихтиёраш мегузоштед, худро ҳаргиз бо хоҳиши дил ба ҳавз намеандохт.

Устоди бомаҳорат ҳам шогирдашро барои иҷро кардани амале водор месозад, ки ӯ бо хоҳиши худаш иҷро кардан наметавонад, вале устод барои зуҳур кардани қобилияти шогирд кӯмак мерасонад. Устоди ноуҳдабаро мегӯяд: «Хуб, ҳамин корро фардо метавонӣ анҷом диҳӣ». Вале ин рафтори устод аз дӯстдорӣ набуда, балки аз дилсӯзист. Оқибати дилсӯзии ҷарроҳ эҳтимоли марги бемор аст. Инро ҳаргиз набояд фаромӯш кард.

РОҲУ РАВИШИ **САРВАТМАНДОН**

Акнун бояд фаҳмид, ки Шумо аллакай ба даруни ин ҳавзи тимсоҳдор бо маънои маҷозӣ даромадаед. Ин маънои онро дорад, ки Шумо ба доираи молиявӣ ё худ кор кардан бо пулу сарват ворид шудаед. Ва Шуморо танҳо истифодабарии оқилонаи пулу мол наҷот дода метавонад. Аз ин рӯ донистани принсипҳои муносибат кардан бо пул ва қонунҳое, ки дар муҳити молиявӣ амал мекунанд, зарур аст. Ба Шумо ман маҳз ҳамин сабақҳоро додан мехоҳам.

Дар навбати аввал чанд қоидаи зеринро ба хотир гирифтан зарур аст, ки сарватмандон онҳоро дар ҳаёти худашон истифода мебаранд:

- **Ҳадаф доштан ин соҳиби идеяҳои ночиз ва ашёи зиёд набуда, балки чизест, ки ҳангоми доштани он Шуморо шавқу рағбати пурчӯшу хурӯш фаро гирифта, ба амал кардан водор месозад.**

- **Пул ҳам ба монанди одамон амалу аксуламал дорад. Бо пул муомилаи хуб карда, онро агар аз худ дур насохта, «ҳурмат кунед», худ наздатон меояд ва бо Шумо мемонад.**

- **Одаме, ки ояндаи ҳаёташро ба нақша намегирад, бояд фаромӯш накунад, ки одамони дигар ба ҷойи ӯ ҳаёташро ба нақша мегиранд.**

- **Ҳамаи дороиҳои имрӯза маҳсули кору фикри дирӯза мебошанд.**

Пул моии асосии зиндагӣ нест, вале агар он барои зиндагонӣ мудом кофӣ набошад, пас ба моии асосӣ табдил ёфта, дар мавқеи аввал ҷой мегирад.

Ин қоидаҳоро дар хотир нигоҳ доред. Хона, мошин ва ҳавлӣ доштан ҳанӯз мақсад нест. Поёнтари китоб мо ба сари ин масъала дубора бармегардем.

Мо барои чӣ дар бораи пулу сарват гуфтугӯ мекунем? Ҳавзеро, ки дар он тимсоҳҳо мезистанд, дар хотир доред? Мо бояд идора кардани пулҳоро омӯзем. Кам ё зиёд будани пул фарқ надорад. Ҳатто одами диндор ҳам бошед, маҷбуред дар бораи пул биандешед. Агар дипломдор ва ё доктори илм ҳам бошеду дар ҷайбатон пули роҳкиро надошта бошед, худро ноҳинҷор эҳсос менамоед.

Агар Шумо худатонро ба тарзи ҳаёте, ки орзуи ба он расиданро доред, арзанда донед, пас бояд идора кардани пулро омӯзед. Зеро дар кадом зина қарор доштанатонро пул муайян менамояд.

Ба қоидаи дуюм диққат диҳед. Ва дар ин бора фикр кунед. Рӯзе мерасад, ки Шумо метавонед дар як рӯз назар ба ҳамаи солҳои гузашта бештар пул ба даст оваред. Ин ҳолат амсоли мусобиқаи варзишӣ аст. Барои ғолиб омадан дар мусобиқае, ки ҳамагӣ чанд лаҳза давом мекунад, варзишгар чандин моҳу солҳоро бо машқ мегузаронад. Аммо дар назари мо чунин мерасад, ки маҳз дар лаҳзаҳои мусобиқа ғалаба насиби варзишгар шудааст. Муваффақият натиҷаи машқҳои тӯлонии хастакунанда ва заҳмати доимӣ мебошад. Аз ин рӯ дар хотир дошта бошед: вақте фаро мерасад, ки мақсадҳо, ниятҳо ва умедҳоятон Шуморо ба самти ба даст овардани пул ва муваффақият равон шудан водор месозанд, ба шарте, ки инро Шумо аз таҳти дил мехоста бошед. Ана он гоҳ ба Шумо имконияте даст медиҳад, ки дар бораи он орзу мекардед. Барои татбиқ гаштани он кӯшиш ба харҷ диҳед.

Ҳангоми мутолиаи китоб ҳамеша хотирҷамъ бошед ва тамоми андешаҳои манфиро аз майнаи худ дур андохта, табассум кунед ва худро ба андешаҳои мусбат андармон созед. Табъатон бояд болида бошад, зеро табъи болида барои зудтар дарк намудан ва омӯхтан сабаб мегардад.

Дар ибтидо воқеаи ҷолиберо ҳикоя мекунам.

Духтарбачае ба назди модараш давида омада, пурсид:

– Вақте ба воя мерасӣ, кӣ шудан мехоҳӣ?

Модар бидуни андеша ҷавоб дод:

– Зан мешавам.

–Модар, чаро дурӯғ мегӯй, ту аллакай зан ҳастӣ, – норозиёна эрод гирифт духтарбача. – Акнун гӯй, ки замоне бузург шудӣ, кадом касбро интихоб мекунӣ?

ИҚТИБОС

Зиндадилӣ на танҳо нишонаи солимист, он инчунин воситаи аз ҳама муассири пешгирӣ намудани ҳамаи бемориҳост.

С. Смайлс

– Ман муаллима мешавам, – ҷавоб дод модар.

– Ту аллакай муаллима ҳастӣ! – бо таҳайюр хитоб кард духтарбача ва саволашро такрор намуд:

– Модар, агар бузург шавӣ, ту кӣ мешавӣ?

Ниҳоят зан фаҳмид, ки ӯ барои духтараш ҳамеша ҳам модару ҳам муаллима буд, аммо ӯ мехоҳад модарашро боз ҳам каси бузургтар

бинад. Ӯ андешид, ки дар ҳаёташ метавонист шахси намоён гардида, ба комёбии бузург ноил шавад. Зан дар чашмони духтараш маҳз ҳамин хоҳишҳоро хонд. Зеро ҳамаи фарзандон дар дил орзу мепарваранд, ки волидонашонро на дар нақши дуюму сеюмдараҷа, балки дар нақши аввал бинанд. Онҳо ба мо фаҳмондан мехоҳанд, ки мо метавонистем дар ҳаёт ба натиҷаҳои аз ҳама баланд дастрас гардем ва метавонем орзуҳои худро амалӣ намоем.

Фаромӯш накунед, ки фарзандон бо волидонашон ифтихор карданро дӯст медоранд.

- **Мақсад доштан ин соҳиби идеяҳои ночиз ва ашёи зиёд набуда, балки чизест, ки ҳангоми доштани он Шуморо шавқу рағбати пурҷӯшу хурӯш фаро гирифта, ба амал кардан водор месозад.**

- **Пул ҳам ба монанди одамон амалу аксуламал дорад. Бо пул муомилаи хуб карда, онро агар аз худ дур насохта, «ҳурмат кунед», худаш наздатон меояд ва бо Шумо мемонад.**

- **Одаме, ки ояндаи ҳаёташро ба нақша намегирад, бояд фаромӯш накунад, ки одамони дигар ба ҷойи ӯ ҳаёташро ба нақша мегиранд.**

- **Ҳамаи дороиҳои имрӯза маҳсули кору фикри дирӯза мебошанд.**

ДУ САБАҚИ **МУҲИМ**

Шогирдон пайрави он устоде мегарданд, ки ба онҳо роҳ нишон медиҳад, вале пайрави он устоде намешаванд, ки танҳо хатоҳояшонро нишон медиҳад.

Квинтилиан

Дар поён ду сабақи муҳимро барои онҳое пешкаш менамоям, ки нияти комёбу муваффақ шуданро доранд.

---

1 **Ҳар ҷое, ки ба натиҷае муваффақ мешаванд, он ҷо ҳамеша нақши устод назаррас аст. Бо вуҷуди соҳибмаълумот ва доно будан корҳоятон бе устод ба таври дилхоҳ ривоҷ намеёбанд. Устод роҳ ба сӯи озодиҳоятонро кӯтоҳ намуда, барои ба хатоҳои маъмулӣ роҳ надодан кӯмак мерасонад ва бо пул чӣ гуна муомила карданро меомӯзонад.**

2 Агар дар кору пайкори худ нияти зудтар муваффақ шудан доред, ба амалҳои одамоне таваҷҷуҳ кунед, ки дар фаъолияти молиявӣ ва соҳиби мансаб гаштанатон ба онҳо монанд будан мехоҳед.

Ин амал ба Шумо барои зудтар пайдо намудани устод кӯмак мекунад. Агар Шумо мушоҳидакори дақиқназар бошед, пас аллакай баъд аз як ҳафта доираи одамонеро муайян менамоед, ки аз байни онҳо метавонед одами мувофиқро интихоб кунед. Вақте, ки ман аввалин маротиба бо Бодо Шеффер вохӯрдам, дар навбати аввал маро чизе ба ҳайрат гузошт ва он маҷбурам сохт барои минбаъд тағйир додани ҳаёти худ тасмим гирам. Ӯ ба ман чанд саволе дод, ки онҳо маро ба андешидан водор сохтанд. Бо ҳам чанд лаҳзае суҳбат доштем. Сипас ӯ фармуд: «То ҳол фикр мекунам, ки чаро Шумо бой нашудаед?» Ӯ аз ман напурсид, оё хоҳиши сарватманд шудан дорам ё не, оё роҳҳои пулёбиро медонам ё намедонам. Ӯ танҳо бар он андеша буд, ки то ба ҳол ман чаро сарватманд нашудаам.

Сипас гуфт: «Саволҳоеро, ки ҳоло ман ба Шумо медиҳам, қаблан ба худи ман устодам дода буд».

ПАНҶ САВОЛИ **ОҚИЛОНА**

1) Агар ногаҳон коратонро (манбаи даромад) аз даст додед, чанд вақт Шумо метавонед бо пулҳои ҷамъкардаатон зиндагонӣ кунед?

_____

_____

_____

_____

_____

Дар ин ҷо ҳамаи манбаъҳои хароҷот – ғизо, либос, хидматҳои маишӣ, сафарҳои зарурӣ ва ғайраро ба ҳисоб гиред. Ҷавобатон ба саволи мазкур ҷамъбасти фаъолияти Шумо то имрӯз мебошад. Агар аз натиҷаи бадастомада қонеъ нагардед, ба Шумо зарур аст, ки муносибататонро ба кор ва тақсимоти даромадҳоятон қатъиян тағйир диҳед.

Пул нисбат ба дигар молу мулк, амсоли мошин, палосу гилем ва ашёи рӯзгор дар қалби инсон рӯҳия ва эҳсосоти дигарро бармеангезад. Агар Шумо пул надошта бошед, ҳаргиз гилеми худро намефӯрушед ва ин амал ба гӯшаи хаёлатон ҳам намеояд. Агар ба дастатон пул дарояд, худро бештар озод ва устувор ҳис мекунед.

Афсӯс, ки ҷавоби аксарият ба ин савол моро хурсанд намекунад, зеро одамон бо вуҷуди собиқаи зиёди корӣ доштан, дар пиронсолӣ бе дастмоя мемонанд.

Ман ба шогирдонам дар кишварҳои гуногун дарс медиҳам, то ки онҳо дар синни пирӣ имкони ба наберaҳояшон кӯмак кардану бо хушҳолӣ зистанро дошта бошанд. *Устодам ба ман ҳамеша мефармояд: «Ман аз зинаи аввал сар кардам ва дар ҳаёти худ ба зинаи баланд расидам. Намехоҳам, ки Шумо низ корро аз сифр шурӯъ кунед. Беҳтараш, донишу таҷрибаҳои моро истифода намоед. Аз зинаҳои баландтар оғоз кунед, дар зинаи қарордоштаи ман наистед, корро идома диҳед. Ҳаёт бояд мудом бештар пурмазмун бошад».*

2) Оё Шумо ба таври кофӣ пул пасандоз мекунед? Ба андешаатон, оё Шумо пули зиёдтар пасандоз карда метавонистед?

_____

_____

_____

_____

_____

Агар андеша дошта бошед, ки бо маблағи ҷамъкардаатон ҳаёти минбаъдаатонро таъмин карда метавонед, ҷавоби дилпурона диҳед. Агар ба андешаатон, пули ҷамъкардаатон кофӣ набошад, ё умуман пул ҷамъ накардаед (фарқ надорад, бо кадом сабабҳо) бояд ҷавоб диҳед: «Не». Дар ҳар ҳолат ба Шумо лозим аст, ки дар бораи мавқеи молиявии худ фикру андеша кунед.

3) Оё нақшаи молиявӣ доред?

_____

_____

_____

_____

_____

Аксари одамон фикр мекунанд, ки нақшаи хуби молиявӣ асоси муваффақият аст. Агар нақшаи молиявӣ дошта бошед, ин хеле хуб аст. Ман ҳам нақшаи молиявӣ доштам, вале ин нақшаи чӣ тавр харҷ кардани пул буд. Ба дастам ҳанӯз пул ворид нашуда, аллакай нақшаи барои харидани кадом ашё сарф намудани онро мекашидам. Нақшаи ман тахминан чунин намуд дошт:

Муҳлат	**Чӣ бояд харид? Барои чӣ бояд сарф кард?**
Баъд аз ду ҳафта	Пӯстинча.
Баъд аз як моҳ	Мошини ҷомашӯйии нав.
Баъд аз се моҳ	Ҷиҳози нарм барои хона, зарфҳои нав.
Баъд аз панҷ моҳ	Супоридани маблағи таҳсил.
Баъд аз ҳафт моҳ	Ҷиҳози рӯзгор, таъмири хона.

Баъд аз ду сол	Автомобил.
Баъд аз се сол	Издивоҷ ва гузаронидани ҷашн.
Баъд аз панҷ сол	Модарамро ба ҳаҷ мебарам, ба саёҳати дигар мамлакатҳо меравам, барои манзили нав пул ҷамъ мекунам.

Фахр мекардам, ки дар хонаам мошини нави ҷомашӯйӣ, манқали нави газ, пӯстинча ва қандил дорам. Ҳанӯз пул ба даст наоварда, аллакай медонистам, ки бо кадом мақсад онро сарф кунам. Нақшаи мазкур ба назарам нақшаи хуби молиявӣ буд. Одамони зиёд, тахминан 98 фоизи онҳо корҳояшонро чунин тарҳрезӣ мекунанд. Сипас худашон ҳайрон шуда мепурсанд: ба фикрам, дар ин моҳ ман пули зиёд ёфтам, вале он куҷо шуд? Бубинед, Шумо танҳо нақшаи хароҷот доштед, яъне ба куҷо чӣ тавр сарф кардани пулатонро кашида будед, на роҳи афзоёндани онро. Бинобарин барои Шумо кашидани нақшаи зиёд кардани маблағ, бештар кардани даромад ва сарфаву сариштакории пул шарт ва зарур аст!

Бовар кунед, беҳтараш ин аст, ки се–панҷ сол пулро дуруст истифода бурда, хароҷотро маҳдуд карда, зиндагонӣ намоед ва ин амали Шумо имкон медиҳад, ки тамоми боқимондаи ҳаётро бо табъу завқи дил гузаронед.

Бодо Шеффер ба ман мегуфт: «Дар панҷ–ҳафт сол ё дар 10 сол ту аз ҷиҳати молиявӣ озод мешавӣ». Ман бошам, ин корро дар се сол анҷом додам. Дар як муҳлати нисбатан кӯтоҳ муваффақият ба ман даст дод. Барои комёбии ман чӣ сабаб шуд? Барои он ки супоришҳо ва нақшаҳои тарҳрезишударо ду маротиба зиёдтар баҷо меовардам. Ва ҳамеша суханони Исои Масеҳро ба хотир меовардам. Вай гуфта буд, ки ба гуфтаҳои паёмбарону солеҳони гузашта зид нест, аммо ӯ бояд нисбати гуфтаи онҳо ду маротиба зиёдтар амалҳои накӯро ба анҷом

бирасонад. Ман низ чунин кардам. Агар вазифае барои хона медоданд, ман онро ду маротиба зиёдтар ба анҷом мерасонидам, агар мегуфтанд, ки барои маслиҳат ба назди муаллим дар як рӯз як маротиба рав, ман ду маротиба мерафтам. Ва ин ба ман кӯмак кард, ки дар се сол ба мақсади дар пеш гузоштаи худ бирасам. Агар ин принсипро ҳамчун аслиҳаи зарурӣ барои худ бигиред, Шумо аз уҳдаи ин кор ба хубӣ мебароед ва онро анҷом дода метавонед. Аз ҳама муҳим ин аст: Шумо бояд бидонед, ки инро арзандаед! Инсон чуноне ки худро меҳисобад, ҳамон аст. Шумо худро кӣ меҳисобед, атрофиён низ Шуморо чунин қабул мекунанд.

Шумо худро чӣ хел эҳсос мекунед, атрофиён низ ҳамон тавр ба Шумо муносибат мекунанд.

4) Оё Шумо он рӯзеро тасаввур карда метавонед, ки аз даромади пули пасандозкардаатон зиндагӣ кардан мумкин аст?

_____

_____

_____

_____

_____

Он рӯз ҳамон лаҳза фаро мерасад, ки пулҳои бадастовардаатон барои Шумо кор кунанд, даромад аз хароҷот бештар гардад ва барои сармоягузорӣ маблағ боқӣ монад. Дар мавриди ҷавоби саволи мазкур чанд маротиба андеша

кунед ва ҷавоби беҳтарро дар лавҳи хотир нигоҳ доред. Ҳамаи андешаҳои носолимро аз саратон дур андохта, кӯшиш кунед, ки оқилона андеша ронед.

5) Оё Шумо шоистаи захмататон даромад мегиред?

_____

_____

_____

_____

_____

Нафаре «ҳа» гӯён ҷавоб медиҳад, нафари дигар бошад, «Коре, ки ман анҷом медиҳам, бештар арзиш дорад ва ман лоиқи зиндагии хубтар ҳастам» мегӯяд. Аммо асосаш ин аст, ки ин саволҳо ҳолати ботинии Шуморо ба куллӣ тағйир медиҳанд. Дар дили Шумо шуълаи умедро фурӯзон мегардонанд. Агар дар ҳақиқат хоҳед, ки чизеро ба даст оваред, ҳатман онро Шумо ба даст меоваред! Чизеро дар ҳаёти худ ба самти беҳтар тағйир додан хоҳед, Шумо ин корро ҳатман карда метавонед! Агар Шумо чунин ҳисобед, ки зиёдтар пул кор карда метавонед, марҳамат, равед, зиёдтар пул кор кунед. Муҳимаш он аст, ки барои худ тасмим бигиред: Шумо қобилият доред,ки ба мақсади худ бирасед ва Шумо ба он тарзи ҳаёте, ки орзу мекунед, арзанда ҳастед!!!

Ин панҷ саволи асосии додашуда ба Шумо кӯмак мекунад, ки оиди вазъи худ тафаккур кунед. Ҳаёти гузаронидаи худро таҳқиқ намоед,

ҳолати имрӯзаи худро гаштаю баргашта таҳлил намоед ва мақсади асосии худро барои оянда муайян кунед. Барои он ки ин кор ба осонӣ даст диҳад, бикӯшед, ки боз ба якчанд саволи иловагӣ ҷавоб диҳед.

Агар Шумо зиёдтар пул кор мекардед, зиндагиатон хубтару гуворо мегардид?

_____

_____

_____

_____

_____

Агар бо тамоми ҳастӣ кор мекардед, дар ҳаёти Шумо чӣ чиз рӯй медод? Оё зиндагиатон нисбат ба ҳозир хубтару беҳтар мегашт?

_____

_____

_____

_____

_____

Акнун ба Шумо зарур аст, ки ҷавобҳоятонро арзёбӣ намуда, тасмими дуруст гиред.

Шумо мехоҳед, ки зиндагӣ барои Шумо осон бошад? На! Ҳамеша чунин орзуро аз сар дур кунед ва кӯшиш кунед, ки он беҳтар шавад. Роҳи осон ҳеҷ гоҳ ба мақсади бузург намебарад. Мехоҳед, ки мушкилоти Шумо кам бошад?

На, ҳаргиз! Беҳтараш, маҳорату кордонии худро сайқал диҳед! Бигзор мушкилиҳо бошанд. Агар Шумо устоди касби худ шавед, ин танҳо дар натиҷаи ҳалли мушкилоте даст медиҳад, ки Шумо бо онҳо рӯ ба рӯ шудаед. Ин мушкилиҳо ҳастанд, ки Шуморо ин тавр доно кардаанд. Мехоҳед, ки ба Шумо завҷаатон (ё шавҳаратон), хешу табор, дӯстон ва ҳамкорон камтар изҳори норозигӣ баён кунанд? Агар норозигӣ кам бошад, албатта, ин хуб аст, лекин аз онҳо набояд тарсид. Барои ба навъи олӣ табдил ёфтан тилло аз дами оташ мегузарад. Он гоҳ одамон орзу мекунанд, ки соҳиби чунин зару зевари навъи олӣ шаванд. Агар Шумо ҳурмату эҳтироми одамонро сазовор ва гули сари сабади мардум шудан хоҳед, аз тилло сабақ гиред. Ин қонуни зиндагист.

Ҳамаи он чизе, ки дар ҳаёт ба даст меоред, натиҷаи устуворона аз монеаҳо гузаштани худи Шумост.

Аксари одамон ин чизро медонанд, лекин дар ҳаёти онҳо чизе тағйир намеёбад. Онҳо намехоҳанд чизеро тағйир диҳанд, чунки ба ҳамин тарзи зиндагӣ онҳо одат кардаанд ва аз ин сабаб ба камбағалӣ қаноат мекунанд.

ДУ САБАҚИ **МУҲИМ**

1) Ҳар ҷое, ки ба чашм натиҷае мерасад, он ҷо ҳамеша нақши устод назаррас аст. Бо вуҷуди соҳибмаълумот ва доно будан, корҳоятон бо устод ба таври дилхоҳ ривоҷ меёбад. Устод роҳи сӯи орзуҳоятонро кӯтоҳ намуда, барои ба хатоҳои маъмулӣ роҳ надодан кӯмак мерасонад ва бо пул чӣ гуна муомила карданро меомӯзонад.

Ҳар ки н–омӯхт аз гузашти рӯзгор,
Низ н–омӯзад зи ҳеҷ омӯзгор.

2) Агар дар амали худ нияти зудтар муваффақ шудан доред, ба амалҳои одамоне таваҷҷуҳ кунед, ки дар фаъолияти молиявӣ ва соҳиби мансаб гаштанатон ба онҳо баробар шудан мехоҳед.

ба дафтари ёддошт

● Одами сарватманд ҳамонест, ки пул барои ӯ кор мекунад, на он одамест, ки ӯ барои пул кор мекунад.

● Имконияти худро ҳамеша аз пул боло гузоред, он гоҳ пул худаш насиби Шумо мегардад ва ба Шумо хидмат мекунад. Вале агар Шумо имкониятатонро аз пул пасттар гузоред, он гоҳ пул кадом ғизо хӯрдан, чӣ тавр либос пӯшидан, дар кучо истироҳат намудан, ба хешу табор ва ёру дӯстонатон чӣ чиз туҳфа карданатонро муайян мекунад. Агар хоҳед, ки инони ҳаётатон дар дасти худатон бошад, пас имкониятатонро аз пул ҳатман боло гузоред.

● Пул мояи асосии зиндагӣ нест, вале агар он барои зиндагонӣ мудом кофӣ набошад, пас ба сармоя табдил меёбад.

● Одамоне дар ҳаёт муваффақ мешаванд, ки дар паси ҳар мушкилӣ ва монеа натиҷаи мусбатро дида, аз аввал бо кадом ният даст ба кор задан, инчунин мақсаду мароми аввалинашонро фаромӯш намекунанд.

● Агар Шумо худатонро ба тарзи ҳаёте, ки орзуи ба он расидан доред, арзанда донед, пас бояд идора кардани пулро омӯзед. Зеро дар кадом зина қарор доштанатонро танҳо пул муайян мекунад.

- **Устоди бомаҳорат Шуморо маҷбур мекунад ҳамон амалеро, ки Шумо бо хоҳиши худ ҳеҷ гоҳ иҷро карданӣ нестед, ба анҷом бирасонед ва ҳамин тариқ ӯ барои зуҳур кардани қобилияти шогирд кӯмак мерасонад.**

- **Агар Шумо сарватманд шудан хоҳед, ҳаргиз бо маҷрои ҳаёт шино накунед. Ҳамеша худро вобастаи натиҷаи фаъолиятатон ҳисоб кунед.**

- **Ҳамаи он чизе, ки дар ҳаёт ба даст меоред, он натиҷаи устуворона аз монеаҳо гузаштани худи Шумост.**

- **Беҳтараш, се–панҷ сол пулҳоро дуруст истифода бурда, бо хароҷоти кам зиндагӣ кунед ва тамоми ҳаёти боқимондаатонро тавре гузаронед, ки дилатон мехоҳад.**

ПАНҶ САВОЛИ **ОҚИЛОНА**

- Агар ногаҳон коратонро (манбаи даромад) аз даст додед, чанд вақт метавонед бо пулҳои ҷамъкардаатон зиндагонӣ кунед?
- Оё Шумо ба таври кофӣ пул пасандоз мекунед?
- Оё нақшаи молиявӣ доред?
- Оё он рӯзеро тасаввур карда метавонед, ки аз даромади пули пасандозкардаатон зиндагӣ кардан мумкин аст?
- Оё Шумо шоистаи заҳмататон даромад мегиред?

5 САВОЛИ АСОСИЕ, КИ ШУМОРО САРВАТМАНД МЕГАРДОНАД:

1 Бо пул чӣ тавр бояд муносибат кард?

2 Бо кадом роҳ бояд даромадро зиёд кард?

3 Чӣ тавр пулро бояд оқилона идора намуд?

4 Чӣ тавр бояд дуруст сармоягузорӣ кунем?

5 Чӣ гуна аз пул ҳаловат барем?

Одаме, ки мақсади муайян дорад, ҳатто дар роҳи душвортарин бошад ҳам, ба пеш ҳаракат мекунад.

Одаме, ки мақсади равшан надорад, ҳатто дар роҳи росту ҳамвор ҳам ба пеш рафта наметавонад...

Т. Карлейл

Чавоби ин панҷ саволи асосиро ҳар як одам бояд донад. Фаромӯш накунед, ки барои сарватманд шудан Шумо

дар ибтидо бояд идора кардани маблағи камро омўзед ва ба монанди одамони пулдор тафаккур кунед. Одамон аввал соҳиби ақл мешаванд, сипас соҳиби пул мегарданд. Одамони сарватманд ҳаргиз барои маблағ меҳнат намекунанд, онҳо дар ибтидо барои такмили ҳунару маҳорат кор мекунанд. Баъд ҳамчун устод ба камол расида, аз пешаи худ ҳаловат мебаранд, зеро дар дилашон нисбат ба касбашон шавқу рағбат пайдо мешавад. Ин корро танҳо устодони касби худ анҷом дода метавонанд. Оё медонед, ҳатто марг барои аз мо ҷудо кардани он чизе, ки ҳамеша бо мост, қодир нест? Ин маҳорат, ҳунар ва қадру манзалатамон мебошанд, ки ҳаргиз аз мо ҷудо намешаванд. Аз ин рў агар аз одами сарватманд тамоми бойигариашро кашида гиред ҳам, баъди чанд сол ў дубора пулдор мегардад. Зеро ў бо вуҷуди аз даст додани сарватҳояш дониш, маҳорат, малака, фаҳмиш, яъне ҳамаи он чизеро, ки боиси сарватманд шудани ў гаштаанд, аз даст намедиҳад.

Дар ҳамин маврид воқеаи ибратомўз аз ҳаёти файласуфи Рими Қадим Биант ёд меояд. Замоне, ки шоҳи Форс Куруш омодаи ишғол намудани шаҳри Приенаи Иония буд, фирор кардани аҳолӣ аз шаҳр оғоз шуд. Мардум ашёи аз ҳама пурқиматашонро бо худ мегирифтанд. Танҳо Биант вақти фирор кардан аз шаҳр бо худ чизе набурд. Мардум аз ин рафтори ў ҳайрон шуда, пурсиданд, ки бо кадом сабаб ў аз шаҳр бо дасти холӣ фирор мекунад? Файласуф дар посух гуфт: «Тамоми сарвати ман бо ман аст».

Ӯ илму донишашро дар назар дошт, ки нисбат ба ҳамаи ашёи моддӣ пурқиматтар буданд. Дар ҳақиқат баъд аз чанде аксари ҳамшаҳриёни файласуф тамоми бойигарии худро сарф карданд ва намедонистанд, ки минбаъд аз кадом ҳисоб ҳатто нон пайдо кунанд. Биант, ки худро яке аз ҳафт хирадмандон медонист, ба одамон дарс медод ва аз ҳисоби маблағҳои дар бадали заҳмат бадастовардааш баъзе аз ҳамшаҳриёнашро мехӯронид. Ва бисёр суханонаш ба зарбулмасалу мақол мубаддал мегаштанд.

Зиндагӣ чанд паҳлӯ дорад. Аз ин рӯ сарватро бидуни робита бо одамон баҳо додан хато аст. Аввалан, Шумо бояд сабаби барои чӣ пулдор шуданро муайян кунед. Агар дар як рӯз 100 маротиба: «Сарватманд шудан мехоҳам, ман аллакай сарватмандам, ман лоиқи сарватмандиам», гӯед, баъд аз ин Шумо шахси сарватманд мешавед? Пулдорӣ ҳанӯз нишону аломати сарватмандӣ нест. Одамоне ҳастанд, ки онҳо, бешубҳа, сарватманданд, вале агар ба симои онҳо назар андозед, мебинед, ки онҳо худро он қадар хушбахт эҳсос намекунанд.

Кӯшиш кунед, ки ба саволи «Барои чӣ сарватманд шудан мехоҳед?» ҷавоб пайдо кунед. Хоҳиши сарватманд шуданатон бояд сабаб дошта бошад. Сабаб бояд бо мақсади ҳаёт алоқаманд бошад. Ҷавобро хаттӣ навиштан лозим аст. Дар ҳамин ҳолат кӯшиш кунед, ки аз фикрҳои содаю обшустаи амсоли «Хайр, кӣ намехоҳад, ҳама мехоҳанд–ку» худро дур гиред. Сабаб бояд ҳолати ботинӣ, орзуҳоятон ва муносибати Шуморо ба ҳаёт инъикос намояд. Он бояд танҳо хоси худи Шумо бошад, на хоси кулли ҳамсолонатон.

МУНОСИБАТИ МО **БО ПУЛ**

1. Масъалаи пулро дар алоҳидагӣ баррасӣ кардан лозим нест. Барои чӣ Шумо сарватманд шудан мехоҳед?

Ба Шумо пеш овардани далелҳо зарур аст.

2. Панҷ дараҷаи гуногуни муваффақият:

А. Амал кардан

Б. Техника (роҳу равиши пулёбӣ)

В. Эътироф намудан (одами боҳурмату эътибор будан)

Г. Баҳодиҳӣ (дарки мусбати ҳаёт ва дурандеш будан)

Ғ. Ба худ аз диди нав назар кардан (бо чашми худ қудрат ва тавоногии хешро арзанда дидан)

3. Рамзи сарватмандӣ

4. Бозувони пурзӯри пулӣ

1. БО ПУЛ ЧӢ ТАВР МУНОСИБАТ БОЯД КАРД?

Пул ченаки муваффақияти ичтимоӣ мебошад.

Д. Клейсон

Акнун масъаларо аз рӯи саволи аввал таҳлил мекунем. Шумо бо пул чӣ тавр муносибат мекунед? Пулро Шумо барои рӯзгузаронӣ харҷ мекунед ё ки онро барои зиндагонии хуб истифода мебаред? Пул одамро бадахлоқ мекунад ё бо сабаби бепулӣ Шумо зан нагирифта, аз хушбахтии хонадоршавӣ бенасиб мондед? Ҳар як одам нуқтаи назари худро дорад. Гуфтугӯи калонсолонро, ки дар бачагӣ мешунидед, ба ёд оред: «Пул одамро вайрон мекунад, ба бачаҳо пул надиҳед». Оё Шумо ягон филмеро дидаед, ки дар он одами

сарватманд шахси меҳрубон бошад? Мо дар ҷомеае ба воя расидаем, ки дар он одамони сарватманд зиндагонӣ намекарданд. Одамоне буданд, ки назар ба дигарон андак беҳтар мезистанд, аммо онҳо ҳам пулдор набуданд. Одамон аз пули зиёд доштан ва зиндагии хуб кардан меҳаросиданд. Агар Шумо соҳиби ду велосипед, мошини гаронбаҳо мешудед ё боми хонаатонро аз боми хонаи ҳамсоя баландтар месохтед, албатта боиси мазаммату сарзаниш мегаштед. Ҷавонони ҳозира бошанд, дар ин маврид комилан назари нав доранд, ки ин хеле хуб аст, аммо аксари насли калонсол то ба ҳанӯз тасаввуроти куҳнаи худро фаромӯш накардаанд.

Замона дигар шудааст, аммо фикру андешаи аксари одамон то ҳол ба тарзи ҳаёти нав одат накардааст. Аксари одамон чунин фикр мекунанд: «Пули бисёр лозим нест, дар оила моҷаро набошад, кӯдакон солим бошанд, кифоят аст». Пули бисёр метавонад боиси бадбахтии оилавӣ гардад, зеро одамон мисолҳои зиёдеро медонанд, ки чӣ тавр одамони сарватманд дар ҳаёташон на ҳамеша хушбахт будаанд. Ҳамин андешаҳо, новобаста аз он, ки мо онҳоро мефаҳмем ё не, вале дар зеҳни мо боқӣ монда, моро ба эҳтиёткорӣ водор месозанд. Баъзан дар дили мо орзуи сарватманд шудан пайдо мешавад, аммо худамон нафаҳмида, пулҳоро аз худамон дур мекунем. Одами худотарс метавонад чунин андеша дошта бошад: «Аз сабаби пули бисёр доштан маро ба ҷаннат роҳ нест. Бигзор ман сарватманд набошам, вале одами хубу поквиҷдон бошам. Ба соҳибмулкон

нигаред, онҳо худашонро ба сиёсат мезананд, қонунҳоро поймол мекунанд, одамонро фиреб медиҳанд». Инҳо ҳама андешаҳои нодурустанд. Дар олам одамони хубу сарватманд хеле зиёданд. Шумо низ сарвату давлатро лоиқу сазоворед, ба он тарзи ҳаёте, ки дар дил орзуяшро мепарваред, арзанда мебошед.

Ҳар дасти Шумо панҷ ангушт дорад. Вале Шумо ҳаргиз ҳатто андеша намекунед, ки кадоме аз ангуштонатон барои Шумо заруртар ва авлотар аст? Ҳамаи ангуштон моҳияти ягона доранд. Акнун ба воситаи хам кардани ангуштон ҳамаи он ашёеро мешуморем, ки барои мо зарур мебошанд. Бо ангушти аввал оила ва хушбахтии оилавиро ишора мекунем. Барои он, ки Шумо бо дили пуру осуда кор кунед, бояд оилаатон ҳамеша таъмин бошад. Бо ангушти дуюм саломатиро ишора мекунем. Барои фаҳмондани аҳамияти саломатӣ шарҳу тавзеҳ кори зиёдатӣ мебошад. Бо ангушти сеюм пулро ишора мекунем. Пул ҳам ба монанди саломатӣ ва оила зарур мебошад. Баъзе одамон барои пул кор кардан аввал саломатиашонро аз даст медиҳанд, сипас барои барқарор кардани саломатиашон пул харҷ мекунанд. Ниҳоят чӣ тавр паси сар шудани зиндагиро нафаҳмида мемонанд.

Бо ангушти чорум эҳсос кардани худро ишора мекунем. Одатан, ба ин чиз ҳеҷ кас аҳамият намедиҳад, бо ҳамин сабаб дар ҳаёт зуд–зуд ҳар гуна пастию баландӣ пеш меояд. Эҳсос кардани худ чизест, ки Шумо дар ҳаёт худро ба мисли кӣ

эҳсос мекунед. Барои худро хуб ҳис кардан бояд муайян кард, ки дар ҳаёт худро кӣ ҳисоб мекунед ва кӣ будан мехоҳед. Он гоҳ хулоса кардан мумкин аст, ки ин рӯзи ҳаётатон пурмаҳсул ва бобарор анҷом меёбад. Агар табъи одам болида бошад, ӯ беҳтар кор мекунад. Агар корҳо пеш раванд, дар оила ҳамсар ва фарзандон ҳам аз Шумо қаноатманд мегарданд.

Бо ангушти панҷум мақсади дар ҳаёт пешгирифтаамонро ишора мекунем. Ҳамаи мақсадҳо дар ҳаёт дорои аҳамияти якхела мебошанд. Баъзе одамон гумон доранд, ки аввал дар ҷойи кор муваффақ гашта, сипас оила барпо мекунанд ва ё аввал пул пайдо кунанд, ҳаёт худаш минбаъд нишон медиҳад. Чунин андешидан хатост. Ҳамаи шохаҳои ҳаёт муҳим мебошанд. Ҳаётро ба вақти дигар мавқуф гузоштан мумкин нест.

ЧОР НАМУДИ **ҚУВВАТ**

1. Тан
2. Ақл
3. Рӯҳ (ҷону дил, сиришт)
4.Ҷуръат (бебокӣ)

Чор намуди нерӯи ботинӣ ва зоҳирӣ мавҷуд аст, ки дар натиҷаи ҳамоҳанг сохтани онҳо Шумо метавонед дар зиндагонӣ комёб гардед.

1. Тан

Вақте Шумо ба варзиш машғул шуда, ҷисми худро дар ҳолати хуб нигоҳ медоред, он гоҳ боварӣ ба худатон меафзояд. Одамоне, ки ба тарбияи ҷисм камтар аҳамият медиҳанд, ҳамоҳангии тану ақлро, ки аз замони кӯдакӣ дар инсон тарбия меёбанд, халалдор мекунанд. Ҳар кӯдаки нав роҳгардоншуда бетанаффус ҳаракат мекунад: медавад, меҷаҳад, тоб мехӯрад ва ё мекӯшад ба дарахт часпида барояд. Бо ҳамин амалҳояш ӯ қобилияташро ташаккул медиҳад. Таҷриба аллакай собит намудааст, ки тарбияи ҷисмонӣ ба фаъолияти мағзи сари

иқтибос

Агар хоҳед, ки ақлатон дуруст кор кунад, аз ҳоли тани худ бохабар бошед.

Р. Декарт

одам таъсир мерасонад. Ҳамаи намуди машқҳои ҷисмонӣ, ҳатто ҳаракатҳои одитарин, ба тарзи фикрронии одам мусоидат мекунанд. Бинобар ҳамин одам дар вақти роҳгардӣ дуруст фикр мекунад. Ғамхорӣ карданро дар ҳаққи тану ҷисми худ фаромӯш насозед, зеро ҳолати рӯҳии Шумо ба онҳо вобаста аст.

иқтибос

Гуфтан мумкин аст, ки ҳар як одам, бо вуҷуди хориқулода буданаш, дар тӯли ҳаёташ аз миллиард ҳатто як ҳиссаи имконияти мағзашро пурра истифода намебарад.

Р. Декарт

2. Ақл

Имкониятҳои ақлонии Шумо беҳудуданд. Хотира, тафаккур ва қобилияти зеҳниатонро инкишоф диҳед. Ақли Шумо воситаест, ки бо истифода аз он Шумо тамоми ниятҳои ҷасуронаатонро дар амал татбиқ мегардонед. Дар хотир нигоҳ доред! Қобилияти Шумо имконияти Шуморо муайян мекунад. Имконияти маснаду мартабаи Шумо низ ба қобилият вобаста мебошад. Ҳолати рӯҳии Шумо ба онҳо вобаста аст.

ҲИКОЯИ ЗАМБӮРИ АСАЛ

Аз дасти замбӯри асал чӣ кор меояд ва онҳо чӣ гуна қобилият доранд? Замбӯр асал меҷундорад, хона месозад (дар байни чунин ҷонварон танҳо замбӯр «қобилияти меъморӣ» дорад), гулҳоро ҷардолуд мекунад, дар замони парвоз самти роҳашро гум намекунад, насл ба вуҷуд меорад ва манзилашро муҳофизат мекунад. Ҳама медонанд, ки ба хонаи замбӯр даст расондан чӣ гуна оқибати бад дорад.

Замбӯрҳо якдигарро мешиносанд ва малакаи ба якдигар мубодила кардани ахборро доранд, онҳо ҳарорати заруриро дар ошёнашон нигоҳ дошта метавонанд. Муайян карда шудааст, ки замбӯрҳо дорои



49 қобилият мебошанд. Оё медонед, ки дар майнаи замбӯр чанд ҳуҷайра ҷойгир шудааст? Ҳамагӣ 10 000 ҳуҷайра ҳаст.

Мутаассифона, одамон ба монанди замбӯрҳо қобилияташонро пурмаҳсул истифода намебаранд Ҳол он, ки майнаи сари одам аз 36 миллиард ҳуҷайра иборат аст. Олиме ҳисоб кардааст, ки агар ҳуҷайраҳои сари инсонро ба монанди хонаҳои баландошёна болои ҳам гузоранд, баландии он ба 14 масофаи рафтуомад ба Моҳ баробар мешавад. Аз ин мебарояд, ки Шумо, фарзанди инсон, ба бисёр корҳо қодиред.

3. Рӯҳ (ҷону дил, сиришт)

Масалан, волидон фарзандонашонро дӯст медоранд ва барои таҳсили онҳо кор мекунанд. Дар асл ба падару модар худи кор не, балки илму дониши фарзандонашон зарур аст. Чунин аст меҳру муҳаббати онҳо. Ҳаргиз худи атфол волидонро барои кор кардан маҷбур намекунанд, балки ба ин амал онҳоро меҳру муҳаббати падарию модарӣ водор месозад. Волидон бошанд, дар навбати худ, фарзандони боистеъдодро бештар дӯст медоранд.

Мард агар ба зане муҳаббат дошта бошад, ҳар хоҳиши ӯро баҷо оварда, ҳатто омода аст, барои вай ҷонашро қурбон кунад. Ин аст иқтидору қудрати муҳаббат. Вақте, ки инсон гирифтори ишқу муҳаббат аст, ӯ ба чаппа кардани кӯҳҳо омода аст. Мана ҳамин ҳолати ҷону дил, яъне болидарӯҳӣ ба одам барои ба даст овардани натиҷаҳои ғайричашмдошт кӯмак мерасонад.

Ба худи Шумо аён аст, ки дар марҳилаҳои душвори ҳаёт, дар даврахои тағйирот на мардҳо, балки занон зудтар худашонро ба замон мутобиқ месозанду бозсозӣ мекунанд. Меҳри модарӣ онҳоро ба ин водор месозад. Мард нисбат ба зан боақлтар бошад ҳам, дар ин ҳолат мувофиқи маълумоти куҳнаи доштаи худ амал карда, зуд афсурдаҳолу рӯҳафтода мешавад. Дар чунин ҳолат мард мегӯяд: «Ҳа, ҳаргиз чунин намешавад, зеро то ҳол боре чунин нашудааст». Ҳанӯз мардон ба марҳилаи нави зиндагӣ одат накарда, занҳо аллакай дар баъзе самтҳо ба комёбӣ муваффақ мегарданд. Ҳатто мардоне, ки дар ягон кор ба пешрафти ҳайратангезе ноил гаштаанд, бояд аз ҳама бештар аз он заноне, ки дар он шабу рӯз дар паҳлӯяшон истода, ба онҳо илҳом мебахшиданд, миннатдор бошанд, зеро зан мардро ба натиҷаҳои назаррас роҳнамой мекунад.

Зан метавонад ба таври сода гӯяд: «Азизам, ту чӣ фикр дорӣ, агар мо ин тавр амал кунем?». Зан идея медиҳад, мард бошад, ба таҳлили ин фикр шурӯъ мекунад, сипас ба хулоса меояд, ки чаро чунин амал накард. Дар анҷом мард чунин вонамуд месозад, ки гӯё ҳамаашро худаш фикр карда баромада бошад.

Сирре ин ҷо нуҳуфтааст. Агар ҳар марде ба коре комёб шавад, бигузор идеяи онро шахси дигар пешниҳод карда бошад, ё ин ки бо ёрии дигарон амалеро анҷом диҳад ҳам, аздусар «Ин корро ман худам кардам» мегӯяд. Ҳар як комёбиро аз худ меҳисобад, аз он хушнуд мешавад ва ҳолати хуби рӯҳӣ ба ӯ боварӣ мебахшад. Агар зан дар ягон кор комёб гардад, ӯ онро натиҷаи амали ғайричашмдошт ё тасодуф меҳисобад.

Масал дар бораи

«САРВАТ, КОМЁБӢ ВА МУҲАББАТ»

Зане аз дари хонааш ба кӯча баромада, се нафар марди мӯйсафедро дид, ки бо ришҳои дароз рӯ ба рӯи хонааш нишастаанд.

Мӯйсафедонро зан намешинохт, аз ин рӯ аз онҳо пурсид:

– Ман Шуморо намешиносам, вале ба назарам менамояд, ки Шумо гуруснаед. Марҳамат, ба хонаи мо дароед, ҳамроҳ ғизо мехӯрем.

– Мо ҳама якбора ба хонаи Шумо ворид намешавем, – ҷавоб доданд мӯйсафедон.

– Иҷозат диҳед, бипурсам: барои чӣ?

Яке аз онҳо ба ҳамроҳонаш ишора намуд:

– Номи нафари аввал Сарват, номи нафари дуюм Комёбӣ, номи худи ман Муҳаббат аст. Ба хона баргашта, бо шавҳар маслиҳат кунед, ки кадоми моро мехоҳед аввал даъват кунед.

Зан мазмуни суҳбати дар кӯча шударо ба шавҳараш нақл кард. Шавҳар аз шунидани қиссаи ҳамсараш хушҳол шуда, садо баланд кард:

– Хеле хуб! Биё, аввал Сарватро даъват мекунем! Бигузор ӯ аввалин шуда ба манзиламон ворид шавад ва онро серу пур гардонад.

Зан аз розӣ шудан ба андешаи шавҳараш худдорӣ намуд.

– Азизам! Барои чӣ мо аввал Комёбиро даъват накунем?

– Магар пеш аз ҳама Муҳаббатро даъват кардан беҳтар нест? – хитоб кард духтарашон, ки суҳбати волидонашро шунида буд.

– Тасаввур кунед, хонаи мо пур аз муҳаббат мешавад!

– Биё, ба маслиҳати духтарамон гӯш диҳем, – гуфт мард ба ҳамсараш. – Ба кӯча баромада, Муҳаббатро хоҳиш намо, меҳмони мо шавад.

Зан ба кӯча баромада аз пирамардон пурсид:

– Кадоме аз байни Шумо Муҳаббат аст? Бифармоед, аввалин шуда вориди манзили мо шавед.

Аз байн яке аз пирамардон аз ҷой бархеста, ба манзили зан равон гашт. Ду мӯйсафеди ҳамроҳаш низ аз ҷойҳояшон хестанд ва аз пайи ӯ равон шуданд.

Зан аз ин рафтори пирамардон ба ҳайрат афтода, ба Сарват ва Комёбӣ рӯ оварда гуфт:

– Ман Муҳаббатро танҳо даъват кардам, барои чӣ Шумо низ медароед?

Пирамардон ҷавоб доданд:

– Агар Шумо аввал Сарват ё Комёбиро даъват мекардед, ду нафари дигари мо дар беруни дар мемондем. Вале Шумо аввал Муҳаббатро даъват кардед. Ҳар ҷойе, ки Муҳаббат аст, мо ҳам бо ӯ ҳастем.

4. Рӯҳи қавӣ

Рӯҳи қавӣ дар натиҷаи ҳамоҳангии се нерӯи дигар зуҳур мекунад. Баъзе одамон чунин мегӯянд: ман рӯҳан рушд карда, ба дараҷаи олии фазлу дониш мерасам. Пул ба ман лозим нест, ба моддиёт ман шавқу рағбат надорам. Аз тамоми ин чизҳо болотарам. Аммо хонаро чӣ тавр бе таҳкурсӣ сохтан мумкин аст? Таҳкурсӣ, албатта, зарур аст. Дар мавриди одамизод ҳам айнан ҳамин тавр аст: агар тан солим набошад, рӯҳ рушд намекунад. Тани мо чизи моддӣ аст ва дорои талаботи хоси худ мебошад. Ҳолати рӯҳии мо ба ҳолати ҷисмониамон алоқаманд аст. Охир, ҳикмати мардумӣ бесабаб пайдо нашудааст: «Дар тани солим – рӯҳи солим».

Нерӯи бебокӣ замоне пайдо мешавад, ки агар Шумо амиқ андешида, ба ягон қарори қатъӣ оед ва таъкид кунед, ки бо вуҷуди монеаҳои ҷиддӣ омодаи ғолиб гаштан ҳастед ва таслим намешавед. Бинобарин аз ҳолати мазкури рӯҳиатон ояндаатон вобаста аст.

ЧОР НЕРӮИ БОТИНӢ ЧОР НЕРӮИ ЗОҲИРИРО ҶАЛБ МЕКУНАД

1. Пул

Ҳар гоҳе, ки даромадатон бештар мешавад, худро низ хубтар ҳис мекунед. Қайд намудан зарур аст, ки меҳрубонӣ ҳам аз заифӣ ва ҳам аз тавоной сарчашма мегирад. Одамон бо сарвату дороии худ ба таври мухталиф муносибат мекунанд. Яке, агар пули бисёр пайдо кунад, ба одамон нописандона муносибат менамояд, ҳатто тарзи салому каломаш тағйир меёбад, баъзан салом доданро ҳам фаромӯш карда, ба ҳузури одамон аҳамият намедиҳад. Чунин одам худро босалобат пиндошта, ба одамон бо такаббур назар мекунад, худро мудом серкор намоиш медиҳад, ӯ дар маҷлисҳо, ҷамъомадҳо сухан мегӯяд, ба аёдати хешу табор рафтанро (бигузор пайвандонаш ӯро ба ягон маъракаи муҳимашон даъват намуда бошанд) ҳам қатъ мекунад. Чунин одамон инҷиқу якрав мешаванд. Гоҳ ба онҳо зарфе, ки ба ӯ ғизо меоваранд, писанд намеафтад, гоҳе хидматҳое, ки ба ӯ мекунанд, ӯро қонеъ намегардонад. Зеро меҳрубонии ӯ аз заифӣ сарчашма мегирад. Агар пулҳояш боз ҳам афзунтар шаванд, ӯ худро бештар гум мекунад, аз ҳаёти воқеӣ дур меафтад.

Меҳрубоние, ки манбаи он заифӣ аст, дар ҳама ҷо ба назар мерасад. Шумо пул ҷамъ мекунед? Шахсе андеша дорад, ки агар кор карда, даромад мекард, онро ҷамъ менамуд. Аммо чунин андеша ботил аст. Мафҳуми «бисёр» Шуморо тағйир намедиҳад. Агар дар ботини Шумо меҳрубонӣ аз заифӣ рушд карда бошад, пас бо вуҷуди сарвату моли зиёде доштан ҳам Шумо бештар заиф мегардед. Агар ба майнӯшӣ майл дошта бошед, минбаъд зиёдтар менӯшед. Агар майли дар фурӯшгоҳҳо гаштан дошта бошед, минбаъд аз субҳ то шом дар он ҷойҳо саргардон мешавед. Агар ба сиёсат майл дошта бошед, пас пулҳоятонро дар роҳи сиёсат сарф карда, соҳиби қудрат шудан мехоҳед. Пул мисли муҳаррики нерӯи барқ истеҳсолкунанда аст: хонаро равшан мекунад, корҳои хонаро анҷом медиҳад, ғизо тайёр мекунад... Аммо агар қоидаҳои бехатариро надонед, муҳаррики мазкур ба ҳаётатон хатар дорад.

Агар ҳамсаратон бо ҳар баҳона, баҳудаю беҳуда аз Шумо зуд–зуд норозигӣ кардан гирад, Шумо ҳарфашро хуб гуфта, гузашт кардан мегиред. Вале бо кадом сабабе норозигии ҳамсаратон минбаъд боз ҳам зиёдтар мешавад. Ё Шумо бо шахсе дар як ҷой кор мекунед, ки ӯ мудом ба атрофиёнаш дод зада, аз камбудиҳо шикоят мекунад. Бо вуҷуди кори зиёд карданатон, ӯ боз бештар бо норозигӣ аз Шумо шикоят мекунад. Ҳар коре, ки накунед, ҳар қадаре,

ки кӯшиш намоед ҳам, вале ӯ боз ҳам норозӣ боқӣ мемонад. Ҳатман боз сабабе пайдо мешавад, ки чунин одамонро қонеъ намегардонад. Зеро мафҳуми «бисёр» одатро тағйир надода, ба хислату хӯйи одам таъсир намерасонад.

Барои он ки пулҳо ба мо нафъ расонда, барои хушбахт шудан кӯмак кунанд, моро зарур аст, ки баъзе чизҳоро дарк кунем. Меҳрубонӣ бояд аз нерӯмандӣ сарчашма гирад. Одамони меҳрубони нерӯманд хеле зиёданд. Вақте, ки онҳо сарватманд мешаванд, боз ҳам меҳрубонтар мегарданд. Одатан, ҳамаи одамони сарватманде, ки сарваташонро бо қувваи худашон пайдо кардаанд, табиатан меҳрубон мешаванд. Онҳо дар ҳақиқат орзу мекунанд, ки ба касе кӯмак расонанд ё нафареро дастгирӣ кунанд. Чунин одамон шогирдони хубе доштан мехоҳанд, ки ба онҳо касбу ҳунарашонро омӯзанд. Зеро меҳрубонии онҳо аз рӯи нерӯманд буданашон аст.

Аз ин рӯ Шумо ҳанӯз дар ибтидои роҳ худатонро тағйир диҳед. Тавре рафтор намоед, ки нексириштии Шумо аз нерӯятон сар занад. Вақте ки комёб гашта, чизеро ба даст овардед, ин дар рафтори ҷавонмардонаи Шумо ба зудӣ аён шавад.

Намудҳои 2, 3 ва 4–уми нерӯи ботиниро мо бо Шумо дар қисми II китоби «Ман ва Пул» дида мебароем.

5 ЗИНАИ ГУНОГУНИ КОМЁБӢ

А. Амали тасмимгирифта

Б. Роҳу равиш (техника)

В. Эътироф

Г. Айнак

Д. Назари тоза ба хеш

Усули ягонаи
фаҳмидани ягон чиз –
коре кардан аст.

Б.Шоу

☑

Аз ту ҳаракат, аз ман баракат

Албатта, Шумо дар ҳаёти худ ягон амалеро иҷро кардаед. Натиҷаи амалҳоятон комёбиҳое мебошанд, ки ба даст овардаед. Тарзи ҳаёти имрӯза натиҷаи

андешаҳо ва ниятҳои дирӯзаатон мебошад, яъне зарбулмасали "Аз ту ҳаракат, аз ман баракат" беҳуда гуфта нашудааст.

Бинобарин мо агар чизеро дар ҳаёти худ тағйир доданӣ шавем, бояд имрӯз нисбат ба дирӯз бисёртар амал кунем. Аммо Шумо гуфта метавонед: «Ман корҳои зиёдеро анҷом дода бошам ҳам, вале дар ҳаётам чизе тағйир наёфт». Рӯҳафтода нашавед. Ба мӯрча нигаред, он ҳаргиз дар назди монеаҳо оҷизона намеистад, бо ҳар восита роҳи ҳалли мушкилоташро ҷустуҷӯ менамояд ва пайдо мекунад. Ба собитқадамӣ, мақсади худ устувор будан ва заҳматдӯстии мӯрча ҳасад бурдан мумкин аст. Дар назди мӯрча монеаҳои душвор ва мақсадҳои дастнорас вуҷуд надоранд. Баъзе одамон ҳанӯз дар қадамҳои аввалинашон аз орзуҳояшон даст мекашанд, зеро ба худ боварӣ, собитқадамӣ ва устуворӣ надоранд.

Масал дар бораи фил

Писарбачае намоишҳои рангорангу хурсандибахшро хеле дӯст медошт. Боре ба шаҳрашон сирки ҳайвонҳоро оварданд ва писарбача аз падараш хоҳиш намуд, ки ӯро ба тамошои он барад. Дар сирк ба писарбача фил бештар писанд афтод. Ин ҷонвари бузургҷусса бо пойҳои пасаш дар саҳна рост истода, ҳар гуна ҳунарҳои аҷиб нишон медод. Баъд аз намоиш писарбача тасмим гирифт, ки филро аз наздик бинад. Бо ҳамин ният падарашро розӣ кунонд, то ӯро назди қафасе барад. Писарбача дар қафас филро дид, ки аз як пояш бо занҷире ба мехи на он қадар калон баста буданд. Дар назари писарбача намуд, ки барои фили бузург кандани мехи хурд ва аз банд раҳо шудан ягон душворӣ надошт.



– Падар, чаро ин фили бақувват занҷирро канда, ба ҷангал намеравад, охир барои ӯ озод кардани худ кори саҳл аст-ку? – пурсид писарбача.

Азбаски филро дар ин ҳолат машқ дода, омӯзондаанд, он ба ҳамин ҳолати занҷирбанд одат кардааст. Сабаби дигар дар он аст, ки онро дар хурдсолиаш аз ҷангал дошта оварда, бо занҷир сахт баста буданд. Ҳангоми хурдсолу камқувват ва танҳо буданаш филбача ҳар рӯз бо тамоми қувва мекӯшид занҷирро канда, озод шавад, аммо аз сарфи қувваи зиёд хаста мешуд. Ниҳоят, охири охирон рӯзе фаро расид, ки филбача беқудратиашро фаҳмида, ба тақдираш тан дод, ки ҳеҷ гоҳ аз ин банд озод шуда наметавонад. Бо мурури солҳо ӯ бузург шуда, ба фили азимҷусса табдил ёфтааст, аммо то ҳол гумон дорад, ки занҷир сахт асту онро канда наметавонад ва ҳеҷ гоҳ ба озодӣ намебарояд. Чаро? Барои он ки вай як вақтҳо ин корро натавониста буд ва ин чиз дар хотираш мондааст, бинобарин аз ҳама бадтар ин аст, ки минбаъд барои озод шудан ва санҷидани қудрат ва тавоноии худ ягон маротиба иқдом накардааст ва намекунад.

Мо низ ба монанди фили сирк мебошем, ки ба қувваю нерӯи худ боварӣ накарда, зиндагӣ дорем, зеро дар гузашта боре қувваамонро санҷида, ноком гашта будем.

ТАРЗИ **КОРБАРӢ**

Тарзи корбарӣ ин интихоби мақсад ва самт аст. Барои он ки вақтатон беҳуда наравад, Шумо бояд роҳу равиши корро донед. Одамон, одатан, мактабро хатм карда, касби ояндаи худро интихоб мекунанд. Яке мехоҳад муҳандис шавад, дигаре омӯзгориро пеш мегирад ва саввумӣ аз пайроҳаи ҳуқуқшинос меравад. Ин тарзи корбарӣ аст. Касбе, ки интихоб кардаед, ин интихоби худатон аст. Дар бахши соҳибкорӣ роҳу равиш ин ҳамон соҳаест, ки Шумо интихоб мекунед. Бинобарин ҳамон соҳаро интихоб намоед, ки ба дилатон наздик бошад.

ЭЪТИРОФ

Одамони зиёд танҳо то зинаи сеюм боло мебароянд. Масалан, Шумо худ ба худ мегӯед: «Бале, ман одами хуб ва корманди беҳтарин мебошам. Ман ба эҳтиром ва эътирофи одамон сазовор гаштаам. Фарзандонам маро дӯст медоранд, волидон, хешу таборон, дӯстон дар бораи ман танҳо суханони хуб мегӯянд, ҳамкоронам маро эҳтиром мекунанд». Бо чунин андешаҳо мо худамонро тасалло медиҳем.

ИҚТИБОС

Одам дар он кор комёб мегардад, ки агар ба нерӯи худаш боварӣ дошта бошад.

А. Фейербах

Ҳамаи мо дар се зинаи дараҷаи аввал зиндагонӣ мекунем, вале аксари одамон маҳз дар зинаи сеюм қарор мегиранд. Онҳо ҳатто ҳаракати ба зинаи чорум баромаданро намекунанд, гӯё аз орзу кардан даст мекашанд.

Одамон бештар вақт чунин андеша мекунанд: «Дар корхона комёб шуда, соҳиби хонаву дар гаштам, ҳамкоронам маро эҳтиром менамоянд, пулу кор ва оилаи хуб дорам, фарзандонам серу пур, сару танашон пӯшида аст, боз чӣ мехоҳам? Ҳама хубу зебост». Дар ин ҳолат одамон ба зинаҳои баланди ҳаёт қадам гузоштанро қатъ карда, ба сатҳи миёнаи таъминоти рӯзгор қаноат менамоянд. Ба назди ман одамон омада, мегӯянд: «Ман 20-сола таҷрибаи корӣ дорам». Дар ҷавобашон ман мегӯям: «Не, Шумо ҳамагӣ 1 сол собиқаи корӣ доред, ки онро 20 сол такрор кардаед». Зеро 1 сол барои ҷамъ кардани таҷриба сарф мешавад, минбаъд он такрор меёбад.

Дар зинаи сеюми ҳаёт қарор гирифта, одамон мақсаду ниятҳои бузургу муҳимашонро аз ёд мебароранд ва дигар ба пеш ҳаракат кардан намехоҳанд. Ба пеш нигаред, охир, зинаи чорум ҳанӯз дар пеш аст. Агар Шумо аз зинаи чорум гузаштед, ба зинаи панҷум низ баромада метавонед. Дар зинаи чорум чизе тағйир намеёбад, зеро ки он зинаи мобайнӣ аст, танҳо дар зинаи панҷум тағйирот ба амал меоянд. Дар нимароҳ намонед, устуворона ба зинаи навбатӣ гузаред ва барои ба мақсадҳои худ расидан собитқадаму устувор бошед.

АЙНАК

Бо вуҷуди ин зинаи чорум хеле муҳим аст. Бодо Шеффер онро айнак номидааст. Дар ин мафҳум идроки шахс дар назар аст.

Айнак асбоб ва ё олатест, ки бо он мо ба олами атрофамон назар меандозем ва дар паси пардаи ночиз чизи асосиро мебинем.

Масалан, вақте мо ба ҳамсари худ менигарем, андеша мекунем, ки агар ӯ каме ба суханамон гӯш медод, нуран алонур мешуд. Ё ба шавҳар назар андохта, андеша мекунем, ки умуман ӯ хуб аст, вале агар андаки дигар доно мебуд, боз ҳам хубтар мешуд. Ҳангоми бо айнак назар андохтан ба сарамон ҳар гуна андешаҳои бемаъни меояд, баъзан дар чашм айнак мо чизи асосиро дида наметавонем.

иқтибос

Одами донишманд худашро айбдор медонад, одами камдониш дигаронро.

Конфутсий

Мо бояд зиндагии хуб дошта бошем. Агар одам «айнаки бад» дошта бошад, вай ҳатто ба маънии сарват сарфаҳм намеравад. «Айнаки дуруст» зарур аст, то ин ки барои фаҳмидани маънои зиндагии хуб зистан кӯмак расонад. Доро будан беҳтар аст, зеро сарватманд камбизоатеро мехӯронад, мусофиреро дар хонаи худ ҷой медиҳад, ба пиронсолон кӯмак мерасонад,

маблағи таҳсили хонандаи қобилиятнокеро аз оилаи камбизоат пардохт мекунад, барои табобат кардани кӯдакони бемор мадад мерасонад. Дар олам зиёда аз 3 миллиард одамон дар як рӯз бо 1 доллар ҳаёт ба сар мебаранд, 2 миллиард одамони дигар савод надоранд, 1 миллиард одамон азоби гуруснагӣ мекашанд. Нисбат ба чунин одамон зиндагии мо хеле хуб аст. Фаромӯш накунед, ки дар вақти душвории ҳаётамон ба мо кадом шахсе дасти кӯмак дароз карда буд. Аз ин рӯ мо вазифадорем, ки ба одамони атрофамон кӯмак расонем, онҳоро дастгирӣ кунем. Одамони муҳтоҷ дар атрофи мо, ҳатто дар байни хешу ақрабои худи мо хеле зиёданд. Шумо гуфта метавонед, ки бо мадад расонидани ман чизе тағйир намеёбад, одамони муҳтоҷ бениҳоят бешуморанд ва ман ба ҳамаи онҳо кӯмак расонда наметавонам. Дар ҷавоби ин суханони Шумо ман як масалро нақл мекунам.

Рӯзе дар осоишгоҳи канори баҳр истироҳаткунандае гаштугузор дошт. Баҳр, бод, реги намнок, ғуруби офтоб... Олами зебою дилкаш! Аз дур суроби одамеро дид, ки хам шуда, аз замин чизеро ба даст гирифта, ба об мепартофт ва боз хам мешуд... Вақте мард ба ӯ наздиктар омад, дид, ки он шахс ситораҳои баҳриро, ки дар натиҷаи баланд шудани мавҷи оби баҳр ба соҳил меафтоданд, гирифта ба баҳр мепартофт. Аз ин кирдори мард ӯ ҳайрон шуда пурсид:

– Ассалому алейкум! Бигӯед, чӣ кор карда истодаед?

– Ситораҳои баҳриро ба макони зисташон бармегардонам. Онҳоро баҳр ба соҳил партофтааст. Агар онҳоро ба об напартоем, ҳамаашон нобуд мешаванд...

– Дар соҳил ҳазорон ситораҳо рӯи рег хобидаанд. Ҳамаи онҳоро баргардонида намешавад. Ва ин ҳолат дар садҳо ҷойҳои дамгирии соҳилҳои баҳрҳо рӯй медиҳанд. Магар намефаҳмед, ки ҳамаи ситораҳои ба соҳил партофташударо наҷот дода наметавонед? Он амале, ки Шумо мекунед, бефоида аст. Шумо наметавонед ҳолати мавҷударо дигар кунед.

Дар симои он шахс табассум ҳувайдо гашту хам шуда, боз як ситораро аз замин бардошта, ба даруни оби баҳр партофта гуфт:

– Барои ин чизе тағйир меёбад...

Боре ман аз як ҷавон чанд пул кор карданашро пурсидам. «300 доллар» – ҷавоб дод ӯ. «Барои чӣ 2000 доллар не?" – дубора пурсидам ӯро. Баъди чанд лаҳзае андешидан ӯ ҷавоб дод, ки то ҳол ба ӯ касе чунин савол надода буд ва дар ин мавзӯъ ӯ бо ҳеҷ кас гуфтугӯ накардааст. Гӯё шахсе вазифадор бошад, ки бо ӯ дар бораи имконияту қобилияташ ва дар бораи шароити бештар пул кор карда тавонистану ба худ боварӣ ҳосил намуданаш гуфтугӯ кунад. Акнун аз худатон бипурсед, ки барои чӣ танҳо фалон миқдор пул кор мекунед, вале бештар аз он не? Ҷавоби саволро бо чанд ибора нависед.

Баҳонаи хуб пайдо шуд, ҳамин тавр не?

Вақте, ки ин саволро ба ман доданд, банда кишвар, миллат ва корхонаеро, ки дар он кор мекард, айбдор донист. Он ҳақиқате буд, ки аз он ман гурехтан мехостам. Ин аст он саволе, ки ман аз ҳаёт чӣ мехоҳам? Он ҳамон «айнак» аст.

Баҳона ҳамеша пайдо мешавад. Оё ба Шумо ҳамеша дар ҳолати баҳоначӯйӣ қарор доштан маъқул аст? Охир, он баҳона ҷойи натиҷаро гирифта наметавонад. Магар ҳамаро тағйир дода, ба мақсад расидан ва амалӣ сохтани ниятҳоятон хубтар нест? Баъзан роҳи ҳалли масъала на дар он ҷоест, ки мо дар назар дорем. Ҳолатҳои зоҳирӣ метавонанд фиребанда бошанд. Машғули даву този рӯзҳои якрангу одӣ шуда, бештар вақт мо чизҳои асосиро аз мадди назар дур мекунем.

Тафаккур кунед: охир, агар Шумо шахси доро мебудед, беҳтарин мусаввараеро, ки рассоми машҳуре кашидааст, мехаридед ва инчунин метавонистед навоҳои дилписандатонро шунида, соҳиби мошин ва асбобу анҷоми дилхоҳи рӯзгор гардед. Вориди мағоза шуда, дар бораи нарх фикр намекардед. Ҳамин аст озодии молиявӣ.

Ҳамаи мо арзандаи зиндагии шоиста ҳастем ва ба он комёб шуда метавонем.

Зинаи чорум ин ҳамон «айнак» аст. Зинаи мушкил ва ба худ хос. Дар ибтидо мушоҳидакор шавед ва худро дар ҷойи шогирд бинед. Баъзан нисбат ба муаллим будан шогирд шудан душвортар аст. Воқеаеро нақл мекунам.

Шогирде назди устод омада гуфт: «Ман асрори ҳаётро донистан мехоҳам ва ҳунари мазкурро аз Шумо мехоҳам омӯзам». Устод аз ӯ хоҳиш намуд, ки дар бораи худаш нақл кунад. Шогирд дар бораи кадом мактабро хатм намудан, ба чӣ гуна комёбиҳо ноил гаштан ва ҳамчунин дар бораи таҷрибаи андӯхтааш ҳикоят кард. Сипас, вақте муаллим ба сабақ додани шогирд шурӯъ намуд, ӯ гуфт: «Устод, агар фалон хел амал мекардем, беҳтар мешуд». Дар машғулияти дуюм ӯ илова намуд: «Барои чӣ роҳи дигари ҳалли масъаларо санҷида набинем?» Дар дарси навбатӣ ӯ пурсид: «Мо метавонем ин масъаларо бо роҳи дигар ҳал кунем?». Он гоҳ устод гуфт: «Акнун фаҳмидӣ, ки муаллим шудан осон, вале шогирд будан мушкил аст».

«Айнак» ҳамон шогирде аст, ки дар ҳар ҳолат қобилияти дида тавонистан ва омӯхтани чизҳои хубро дошта, дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёт рушд карда метавонад.

НАЗАРИ ШУМО БА ЧИЗҲО Ё АЙНАКИ ДУРУСТ

Бодо Шеффер нақле дорад аз ҳаёти суханвари амрикой Стивен Кови. Ӯ ба мамлакатҳои зиёд сафар карда, дар назди мардум суханронӣ мекард ва ба шунидани суҳбатҳояш одамони зиёд гирд меомаданд. Боре ӯ савори қатора ба шаҳри дигар сафар дошт. Дар яке аз истгоҳҳо ба қатора марде ҳамроҳи се нафар фарзандони хурдсолаш нишаст. Мард дар қатора нишаста, аз тирезаи он чашм намеканд, гӯё аз дидани манзараҳои табиати паси тирезаи қатора ҳаловат мебурд.

Аммо рафтори бачаҳо он қадар боодобона набуд. Онҳо дар дохили вагон даводавӣ карда, доду фарёд мезаданд, мусофирони дигарро нороҳат мекарданд. Ниҳоят яке аз бачаҳо ба суханвар наздик шуда, бо пояш ба ӯ лагад зад. Суханвар аз ҷояш оромона бархеста, назди падари бачаҳо рафту меҳрубонона ба ӯ фаҳмонд: «Дӯстам, магар намебинед, ки фарзандонатон одамонро безобита мекунанд? Оё онҳоро боодобона дар ҷойҳоятон шинед гуфта наметавонед?». Аммо падари бачаҳо ором буд. Суханвар баъди мардро насиҳат кардан аз рафтори хеш қаноатманд гашта, ба ҷойи худ баргашт.

Аммо баъд аз насиҳати суханвар воқеаҳои ҷолиб ба амал омаданд.

Падар, гӯё воқеае рух надода бошад, бепарво, мисли пештара ба тиреза чашм медӯхт. Вале баъди чанд лаҳза гузаштан ӯ ба суханвар рӯ оварда,

ба симояш бодиққатона нигариста гуфт: «Маро бубахшед, ки бачаҳоям Шуморо нороҳат карда, халал расонданд. Мо ҳоло аз беморхона бармегардем. Дар он ҷо модарашон аз олам гузаштааст. Намедонам, бо ин кӯдакон чӣ кор кунам. Шояд ба воситаи шӯхию бозӣ ғамашон аз дилҳояшон барояд...»

иқтибос

Барои одаме, ки хоҳиши расидан ба ягон мақсадро дорад, ягон монеа садди роҳаш намегардад.

Мирабо

Ба андешаи Шумо, суханвари амрикой дар ин лаҳзаҳо худашро чӣ тавр эҳсос мекард? Тавре минбаъд ӯ дар хотираҳояш навиштааст, воқеаи дохили қатора барои тамоми умри боқимондааш дарси хуб гаштааст.

Ба мо зарур аст, ки аз рӯи тартиботи муайяншуда зиндагонӣ кунем, то тавонем аз байни камбудиҳои бешумори шавҳари худ сифатҳои беҳтаринашро дида тавонем. Ба мо айнаки дурусте лозим аст, то ки аз байни камбудиҳои завҷаи худ дар симои ӯ олиҳаеро дарёбем, ки як умр орзуяшро дар дил мепарваридем. Ба мо айнаки дурусте лозим аст, ки тавассути он масъалаҳоои зарурии зиндагиамонро бе душворӣ дида тавонем.

Баъзан моҳият дар ботини ашёи комилан бегона пинҳон аст.

Агар Шумо ба зинаи чорум расида бошед, барои ба зинаи панҷум гузаштан омода бошед. Маҳз дар зинаи панҷум дар зиндагиатон тағйирот ба вуҷуд меояд ва худатонро дар образи нав мебинед. Худро ба таври нав дидан чӣ маъно дорад? Ҳамин ифодаро такрор кунед ва барои дарк намудани маънои он кӯшиш намоед.

ФИКРИ НАВ
ДАР БОРАИ ХУД

Мо дар оламе зиндагонӣ мекунем, ки ҳамаи одамон дар дилҳояшон орзуҳо мепарваранд. Ҳама дар дил орзу мепарваранд, то ки ба ҷойе бирасанд ва кори хуберо анҷом диҳанд. Аз ин нуқтаи назар ҳамаи одамон якхелаанд, аммо чизе ҳаст, ки ҳамаи одамонро аз якдигар фарқ мекунонад. Ин чиз боварии мо ба орзую нияти худ ва қобилияте аст, ки тавассути он мо худро аз канор дида метавонем.

Ду нафарро тасаввур кунед, ки мақсадҳои монанд доранд. Якеи онҳо ба мақсадаш мерасад, вале нафари дуюм ноком мегардад. Сабаб чист? Магар нафари дуюм одами арзанда нест? Ё ӯ дар дилаш орзу намепарварид? Пас чӣ чиз байни ду фарқ мегузорад? Он ҳолати ботинии мо, худро дар симои нав эҳсос кардан мебошад. Агар Шумо ба худатон аз канор назар афканда тавонеду зиндагониатонро комилан тағйир дода тавонед ва мақсадҳоятонро амалӣ гардонед, он гоҳ ҳолати хосае пайдо мекунед.

Ба марде нигаред, ки ӯ дар корҳояш комёб гаштааст, ба тарзи гуфтугӯи ӯ, ба тарзи бо телефон суҳбат кардану ба роҳгардиаш диққат диҳед. Рафтори одами комёб ҳолати ботинии ӯро инъикос менамояд. Одамони ба олам назари нек дошта чӣ гуна андеша меронанд? Одамони ба зиндагӣ назари нек дошта, агар аз қатора дер монанд, фикр мекунанд, ки пеш аз ба роҳ баромадани қатораи навбатӣ ба роҳ баромадаанд. Одамони комёб маҳорати хос доранд. Маҳорати мазкур худро дар сифати зарурӣ беҳтар ҳис кардан ва худро одами дар корҳояш ҳамеша пешрафта ва дастболо эҳсос намудан мебошад.

Масали

«АНДЕШАИ ШАХСИИ ТУ»

Ба ҷойе ҷавоне омада, аз чашма об нӯшид ва аз марди пире, ки дар назди об фароғат дошт, пурсид:

– Дар ин макон чӣ гуна одамон зиндагӣ мекунанд?

Марди пир дар навбати худ аз ҷавон пурсид:

– Дар маконе, ки ту аз он омадай, чӣ гуна одамон зиндагӣ мекунанд?

– Як тӯда одамони худхоҳу бадкирдор, – ҷавоб дод ҷавон.

– Чунин одамонро дар ин макон низ пайдо мекунӣ, – гуфт марди пир.

Ҳамон рӯз ба сари чашма ҷавони дигар омада, хост ташнагии роҳро шиканад. Марди пирро дида, ба ӯ салом дод ва пурсид:

– Дар ин макон чӣ гуна одамон зиндагӣ мекунанд?

Марди пир ба ҷойи ҷавоб саволи пештараашро такрор кард:

– Дар маконе, ки ту аз он омадаӣ, чӣ гуна одамон зиндагӣ мекунанд?

– Одамони хуб! Одамони ростгӯй, меҳмоннавоз, мардумпарвар. Аз ҷойи истиқомат ва одамони мазкур ҷудо шудан барои ман вазнин буд.

– Ҳамин гуна одамонро дар макони нави зиндагӣ ҳам пайдо мекунӣ, – гуфт ба ӯ марди пир.

Марди дигаре ҳарду суҳбатро шунида, аз мӯсафед пурсид:

– Шумо чӣ хел ба як савол ду ҷавоби мухталиф додед?

Марди пир гуфт:

– Ҳар як одам ҳамон чизеро пайдо мекунад, ки дар қалбаш ҷойгир шудааст. Ҷавоне, ки дар манзили зисташ одамони хубро пайдо накард, онҳоро на дар ин макон, на дар ҷойи дигар пайдо карда наметавонад.

Агар чизе дар атрофамон ба мо писанд набошад, пас моро худи воқеият не, балки андешаамон дар бораи он дилгир месозад.

● Ҳанӯз дар ибтидои роҳ худатонро тағйир диҳед. Тавре рафтор намоед, ки мақсади хубатон аз тавоноии Шумо сар занад. Вақте, ки комёб гашта, чизеро ба даст овардед, он дар рафтори мардонаи Шумо аён мешавад.

● Таҳти унвони «Айнак» сатҳе дар назар аст, ки ба воситаи он мо ба олам назар мекунем, дар бораи чизҳо назари хешро дорем, аз байни ашёи бисёри камаҳамият ва дуввумдараҷа чизҳои асосӣ ва муҳимро ҷудо карда метавонем.

● Баҳона ҳамеша пайдо мешавад, вале оё ба Шумо ҳамеша дар ҳолати баҳонаҷӯйӣ қарор доштан маъқул аст? Охир, ягон баҳона ҷойи натиҷаро гирифта наметавонад. Магар ҳамаро тағйир дода, ба мақсад расидан ва амалӣ сохтани ниятҳоятон хубтар нест? Баъзан роҳи ҳалли масъала на дар он ҷоест, ки мо гумон мекунем.

● Ба мо зарур аст, ки мувофиқи қоида зиндагонӣ кунем, то тавонем аз байни камбудиҳои бешумори шавҳари худ сифатҳои беҳтаринашро дида тавонем. Ба мо айнаки дурусте лозим аст, ки аз байни камбудиҳои

завчаи худ дар симои ӯ олиҳаеро дарёбем, ки як умр орзуяшро дар дил мепарваридем. Ба мо айнаки дурусте лозим аст, ки аз паси он орзую омоли зиндагиамонро бе монеа дида тавонем. Баъзан моҳият дар ботини ашёи комилан бегона пинҳон аст. Ва аз ҳама муҳим он аст, ки дар вақти муайян кардани самти мақсад хато накунем.

● **Одамони комёб маҳорати хос доранд. Ин маҳорат худро дар сифати зарурӣ беҳтар ҳис кардан ва худро одами дар корҳо ҳамеша муваффақ ва дастболо эҳсос намудан мебошад. Инро омӯхтан зарур аст.**

РАМЗИ **САРВАТ**

Аҳамият додаед, ки ҳар як дин рамзҳо, ҳар як давлат нишона ва парчам дорад. Ба андешаи Шумо, сабаб чист?

Рамзҳои мазкур барои чӣ заруранд?

Рамз нерӯ мебахшад!

Агар дар манзилатон ягон ашёеро пайдо кунед, ки ба аҷдодонатон дахл дошта бошад, он барои Шумо хеле пурарзиш аст, зеро он пайвандии наслҳоро ба хотир оварда, рамзи замони гузашта мебошад. Сарват ҳам рамз дорад.

Агар вориди ягон ширкати тиҷоратӣ шавед, дар болои дар ва деворҳои он нишонаи ширкати мазкурро мебинед, ки он самти фаъолияти ширкат ва комёбиҳои онро ифода мекунад. Дар қалбатон ба ширкати мазкур боварӣ ҳосил менамоед. Рамзи сарват ба мо нерӯ ва ҳам боварӣ мебахшад.

Агар Шумо аввал дар масҷиди навбунёд, сипас дар масҷиди куҳна ибодат намоед, ҳамоно дар худ эҳсоси мухталифро дарк мекунед.

Ибодатгоҳи куҳна гўё эҳсосот, орзую омоли гузаштагонро дар худ ҷабида, ба мо эҳсоси нерўмандӣ мебахшад, дар диламон тарс пайдо шуда, дар дидагонамон ашк ҳалқа мезанад. Муҳим нест, ки Шумо пайрави кадом динед. Ба ибодатгоҳҳои куҳна равед. Вақте Маккаро зиёрат мекардам, маро эҳсосоти гуворое фаро гирифта буд, ки онро ба сухан ифода кардан мушкил аст. Вақте ман ба санги Макка даст расондам, донистам, ки он санги муқаррарӣ аст, вале дар он як нерўе нуҳуфта буд, ки тобеи замону макон набуда, онро ба чашми сар дидан ғайриимкон буд. Он нишонае буд, ки дар тўли асрҳо миллиардҳо одамон аз худ боқӣ гузоштаанд. Ту дар он ҷо қарор дорӣ, вале эҳсос менамоӣ, ки ҷисмат ба худат тааллуқ надорад. Ҷисматро эҳсос наменамоӣ. Гўё дар олами дигар қарор дорӣ. Майнаи одам аз ҳамаи андешаҳо пок мегардад. Ба нуқтае назар мекунӣ ва ашк аз чашмонат беихтиёр ҷорӣ мешавад. Фаҳмида наметавонӣ, ки аз кадом сабаб гиря мекунӣ.

иқтибос

Кўшишу ғайрат сахтиҳоро паси сар менамояд, коҳилӣ онҳоро бунёд мекунад.

Б. Франклин

Ана барои чӣ ба мо рамз зарур аст. Шумо метавонед рамзи сарватмандии худатонро сохта, онро ороиш диҳед. Ин рамз дар ҳама ҷо: чӣ ҷойи хобу чӣ ҷойи кор ҳамеша бояд ҳамроҳи Шумо бошад. Ҳар вақте рӯҳафтода мешавед ё хастагиро эҳсос менамоед, ба рамзи сарватмандии худ назар андозед. Он ба Шумо нерӯю тавоной мебахшад.
Ин эҳсосро шарҳ додан мушкил аст.

МАШҚ **БО ПУЛ**

Иҷро намудани ин машқро кӯшиш кунед. Ҳамаи пулҳои нақдатонро бо худ гирифта ҳар ҷойе, ки равед, ин пулҳоро аз худ дур накунед. Ин маблағ, эҳтимол, дусад ё панҷсад ё ҳазорҳо доллар аст. Шумо бояд ба воқеияти доимо пул доштан одат карда, аз ғорату дуздӣ ва гум кардану харҷ кардани онҳо тарсу бим надошта бошед. Аввалан, бо худ гирифта гаштани пул ба Шумо эътимод ва боварӣ мебахшад. Сониян, бо пул эҳтиёткорона муносибат намудан ва беҳуда харҷ накардани онро меомӯзед. Сифатҳои мазкурро наомӯхта, Шумо бо пули бисёр муносибат карда наметавонед.

Ҳамаи ин сифатҳоро ман амалан азхуд намудам. Ба хотири дар зиндагӣ муваффақ шудан мактаби хеле сахтгиру серталаби ҳаётро гузаштам. Хеле зиёд заҳмат кашидам. Баъзан дар вокзал бо шиками гурусна хобидан пеш омада бошад ҳам, вале пулҳои коркардаамро барои омӯхтани илму дониш сарф мекардам, ки онҳо дар ҳаёти минбаъдаам ба ман кӯмак расонида, маро аз ҷиҳати молиявӣ мустақил гардониданд.

Ман ба Маскав бори аввал барои истироҳат ва тамошои манзараҳои шаҳри бузург ва дидани Майдони Сурх рафта будам. Вақте, ки пулҳоям тамом шуданду бояд ба хона бармегаштам, вокзал омада кӯшиш кардам, ки бар ивази шиноснома ба қатора бе пул шинам, вале роҳбалад розӣ нашуд. Акнун ман аз ҳамон роҳбаладе, ки устуворона ва боқатъият пешниҳоди маро рад карда буд, сипосгузорам. Агар ман ҳамон рӯз мерафтам, шояд зиндагиам таври дигар сурат мегирифт. Дар вокзал бо ман марде ҳамсуҳбат шуд. Ба ӯ вазъи баамаломадаро фаҳмондам. Ва дар бораи чӣ тавр ба тамошои шаҳри Маскав омадану пулҳоямро сарф кардану шароити ба хона баргаштан надоштанамро нақл кардам. Дар навбати худ марди ҳамсуҳбатам гуфт: «Оё медонӣ, ки одамон аз давлатҳои дигар ба ин шаҳр бо дасти холӣ омада, соҳиби пул шуда бармегарданд? Ту бошӣ пул оварда, мехостӣ бепул биравӣ, вале наметавонӣ». Худро ба карӣ назада, шунидани суханони зарурӣ хеле амали муҳим аст. Худованд ба воситаи яке ба Шумо ҳатман чӣ кор карданатонро мефаҳмонад. Танҳо ба ин чиз аҳамият диҳед. Дар ҷавоб гуфтам, омодаам ҳар кореро, ки ба ман фармоянд, иҷро кунам, вале корро аз кучо пайдо кунам? Мард табассуме карду ба ман фаҳмонид: «Маскав шаҳри калон аст, ба ин шаҳр афғонҳо, ветнамиҳо, куриёиҳо, чиниҳо ва инчунин шаҳрвандони кишварҳои собиқи шӯравӣ омада,

ИҚТИБОС

Омӯхтану андеша накардан сарфи беҳудаи вақт аст, вале андеша кардану наомӯхтан оқибати бад дорад.

Конфутсий

кор мекунанд. Ту бошӣ, дар ин шаҳр кор пайдо карда наметавонам, мегӯй. Ба суханат бовар намекунам».

Баъд аз он ман ба хулоса омадам, ки он мард дуруст мегӯяд. Ба худ қавл додам, ки то замоне пули кирой кор накунам, ба хона барнамегардам. Ба зудӣ кори мувофиқ ёфтам ва монда нашуда, заҳмат мекашидам ва пулҳоямро сарфакорона истифода бурда, пасандоз менамудам. Вале аз вазъи беҳуқуқиам истифода бурда, боре ҳамаи пулҳоямро милисаҳо гирифтанд. Дар кисаам ягон сум боқӣ намонда буд. Ба касе шикоят кардан ҳам маъно надошт. Маҷбур аз сари нав ба кор шурӯъ кардам, пулҳоямро боз сарфа намуда, пасандоз кардам. Вале ин саргузашт боз аз сари нав такрор мешуд. Ин ҳол бароям хеле аламовар буд, ман чӣ кор карданамро намедонистам. Пулҳое, ки аз дасти ман полис гирифта буд, бо пули ҳамонвақта маблағи хеле калон ҳисоб мешуд.

Вақте, ки бори охир аз дастам пулҳоямро кашида гирифтанд, хеле рӯҳафтода шудам. Ба ҷойе рафта наметавонистам. Қарибиҳои субҳ роҳи вокзали Киевро пеш гирифтам. Аз метро баромада, ба боғи фароғати соҳили дарёи Маскав расида, ба хараке нишастам ва ба Худо шикоят кардам: «Худовандо, барои чӣ чунин аст, барои чӣ ман, одами боғайрат, бо меҳнати ҳаққу ҳалоли худ ба он тарзи ҳаёт, ки ба худ муносиб медонаму орзу мекунам, наметавонам бирасам? Ин беадолатист». Ман гирёну нолон ба таври худ ибодат мекардам.

Маҳз ҳамон замон тағйироте дар ҷаҳонбинӣ ва назарам сурат гирифт. Гӯё нуре дар дилам рӯшан шуд. Ба худ назар карда, кафшҳои намнок, либоси ифлос, риши расида ва мӯйи сари ношустаро

дидам. Бо мақсади пул ҷамъ овардану ба хона баргаштан се моҳ дар кӯча зистам. Магар ман чунин зиндагиро орзу доштам? Дар ҳамин ҳолат аз дил ба гӯшам садое расид, гӯё Худованд ба ман мефармуд: «Ту соҳиби пул будӣ, вале онро саришта карда натавонистӣ; ту пулҳои худро дуруст харҷ намуда, беҳтар зистан метавонистӣ, вале чунин накардӣ; ту орзуи таҳсил намудан доштӣ, вале на танҳо таҳсил намекунӣ, инчунин он тавре заҳмат мекашӣ, ки ҷонатро дар азоб мондаӣ, аз ин рӯ ба ин аҳвол гирифтор шудаӣ».

Дар ҳамин лаҳзаҳо дарк намудам, ки барои чӣ бо вуҷуди 18–20 соат заҳмат кашидан одамон сарватманд намешаванд. Рафиқам ба ёдам расид.

Ӯ то замони қариб аз пой афтодан кор мекард. Субҳи барвақт аз хоб хеста, нимишабӣ, пас аз ҳама мехобид, вале зиндагиаш тағйир намеёфт. Дар оилааш мудом ягон кас гирифтори беморӣ буд. Агар одам ба ҷони худ ҷабр кунад (яъне, ба ҷонаш ҷабр карда, то абгор шудан заҳмат кашад), ӯ сарватманд намешавад ва пулашро ба воситаи беморӣ, беқурбшавии пул, ҳодисаҳои фавқулода ғайричашмдошт ва ғайра нест мекунад. Одам бояд ҳеҷ гоҳ шахсияти худро паст назанад. Дар акси ҳол Худованд ҳамаи сарватҳои ӯро бозпас мегирад.

Ба саволам худи ҳаёт ҷавоб дод: ба ҳамаи нокомиҳоям худам гунаҳкорам. Оё ман орзуи ба Маскав рафта, боркаш шудан доштам? Не. Ҳамеша мехостам, ки дар шаҳри Маскав таҳсил кунам. Аксари одамон чунин андеша мекунанд: алҳол дар ҳамин ҷо муваққатан кор кунам, амалӣ шудани орзуҳоямро бошад, ба оянда мегузорам.

Акнун ба ман сабаби мудом камбағал боқӣ мондани одамон маълум гашт. Зеро мақсадҳои арзандаро интихоб намуда, комилан ба самти муқобил ҳаракат мекунанд.

Мо як чизро намефаҳмем. Албатта, барои ба комёбӣ расидан заҳмати зиёд кашидан лозим аст, ғалаба бо осонӣ ба даст намеояд. Ва гоҳо ба самти ҷараён шино кардан сабуку осон аст. Аммо агар барои ба мақсади худ расидан кор накунед, зуд ба пастӣ меравед. Барои чӣ дидаву дониста кореро мекунед, ки он Шуморо ба орзуҳоятон намерасонад? Ҳамин тавр Шумо ба зудӣ мақсадҳои аввалиндарачаи худро фаромӯш мекунед ва онҳо тадричан ба орзуи дастнорас табдил меёбанд. Ана ҳамин чизро ман фаҳмидам.

Аксари одамон як чизро орзу карда, вале тамоман кори дигар мекунанд. Бо мурури замон маълум мешавад, ки ба ғайр аз қадами аввалин дигар қадаме пеш нагузоштаанд. Агар шуғли ҳозираатон Шуморо ба сӯи сарват набарад, маълум мешавад, ки худи Шумо ин роҳро интихоб кардаед. Дар ин сурат камбағалӣ ин тақдир аст.

Ана боз як фикри дигар ногаҳон ба сарам омад: «Шумо андеша доред, ки агар кори зиёд кунед, сарватманд мешавед? Оё ягон нафареро медонед, ки тавассути заҳмати давомнок кашидан бой шуда бошад? Не, ягон одам бо заҳмати кори сиёҳ доро нашудааст». Халқи мо мегӯяд, ки «Хокистар лой намешад, мардикор бой намешад». Дар ҳамин ҳолат ба худ ваъда додам, ки дигар ба ин хел корҳои сиёҳу вазнини бефоида даст намезанам.

Зеро фаҳмидам, ки пешорӯи ман ду роҳ ҳаст: ё ба воситаи заҳмати ҷисмонӣ пул кор мекунам ё ба воситаи зеҳнам.

Бовар кунед, Худованд моро ҳаргиз бо худ танҳо намегузорад. Зери борон рӯи харак нишаста, пурра тар шуда, аз Худованд ақлу заковат ва идроку фаросати хуб талаб кардам. Баъд кафшамро кашидам, то ки оби онро резам. Нохост дар пошнаи кафшам ду пули коғазии 500–рублиро дидам. Ба чашмонам бовар намекардам, вале гумонам, онҳо пулҳои қалбакӣ мебошанд. Пулҳоро ба даст гирифта, палмосидам. Пулҳо ҳақиқӣ буданд. Ҳамон лаҳза ба худ ваъдаи қатъӣ додам, ки зиндагиамро комилан тағйир медиҳам ва ин пулҳои ёфтаам таҳкурсии сарватмандии ман мегарданд.

Баробари ба қарори дуруст ва қатъӣ омаданам ҳаётам мисли афсона дигар шуд. Ман ба ин бовар дорам. Ҳамин ки дар зери кафшам пул ёфтам, ба худ қавл додам, ки ҳатман идоракунии пулро меомӯзам. Ҳамин тавр ҳам шуд. Бодо Шеффер фармудааст: **«Идора кардани пулро пеш аз пайдо кардани он бояд омӯхт, вақте пул пайдо мекунед, коратон осон мешавад».** Боз дар сарам чунин фикр омад, ки дар дунё ҳама чиз фаровон аст. Худованд ба мо дар рӯи замин ва зери замин, дар рӯй ва зери об сарватҳои бешуморро насиб гардондааст. Мо бошем, сарватҳои худододро қадр намекунем.

Ҳамон вақт дарк намудам, ки ҳолати ботинии пештараам дигар вуҷуд надорад. Дар ботини ман чизе тағйир ёфт. Охир, ман дар оилаи давлатманд ба воя расидаам, ҳамеша либосҳои хуб мепӯшидам, ҳамеша пул доштам. Аммо вақтҳои охир ба худ ва ба либосам аҳамият намедодам, дер боз, ҳатто вақте, ки пул ҳам доштам, либоси қиматбаҳо нахаридаам. Ҳамон вақт дар ботини ман эҳсоси соҳиби сарват шудан набуд. Ман ба худам монанд набудам: либос ва пойафзолам ифлос, ба ҳаётам бефарқ будам. Ногаҳон ба хотирам чунин андеша омад: барои чӣ ҳамеша аз гум шудани пулҳоям ҳарос дорам? Дар мағзи тану ҷони ман одати камбағалӣ ҷой шуда буд. Ин чиз чунон ноаён вориди зиндагии инсон мегардад, ки дарки он ғайриимкон аст. Агар зиндагонии камбағалона идома ёбад, ин одат як умр боқӣ мемонад. Ман ин ҳолро намехостам, аз ин рӯ, худ ба худ гуфтам: «Ман ба худам иҷозат медиҳам, ки сарватманд шавам ва сарватмандона зиндагӣ кунам». Маҳз баъд аз ҳамин қарор ҳолати ғайричашмдошт дар вуҷуди ман ба амал омад ва минбаъд пули хуб кор мекардагӣ шудам.

Аз сад рубл оғоз намудам. Баъд аз ду ҳафта дар як рӯз 300, 500, 1000 рубл пул кор мекардам. Ғизои муқаррарӣ 20 рубл нарх дошт, бо 300 рубл дар тарабхонаҳои бонуфуз бофароғат ғизо хӯрдан мумкин буд. Ман бошам чӣ кор кардам? Ба 1000 рубли пайдокардаам даст нарасондам, аммо ҳамаи пулҳои боқиро сарф мекардам. Дар назди худ мақсад гузоштам, ки ҳамаи пулҳои пайдокардаамро сарф мекунам. Ба тарабхонаҳои гаронарзиш мерафтам, ғизоҳои беҳтарину бомазза ва қиматбаҳоро мехӯрдам, либосҳои пурқимат мехаридам, то ин ки худамро сарватманд эҳсос намоям. Ба сарам фикри зерин омад: аз он, ки полис бо зӯрӣ пулҳоямро аз дастам кашида гирад, беҳтараш, онҳоро худам харҷ мекунам. Ҳамон вақт фаҳмидам, ки худро чӣ қадар ҳурмат кунӣ, дигарон низ чунин муносибатро ба ту раво мебинанд. Агар худатро эҳтиром накунӣ, одамони дигар низ бо ту беэҳтиромона муносибат мекунанд. Ана барои чӣ ман ба тарабхонаҳо рафтан, либосҳои гаронбаҳо пӯшидан ва ғайраро зарур меҳисобидам.

Ман боз чӣ кор кардам? Ба назди ронандаи такси омадам ва пурсидам, ки як соати сафар дар такси чанд пул мешавад. Ронанда ба ман ҷавоб дод, ки нархи сафар аз масофаи тайшуда вобаста мебошад. Дар ҷавоб ба ӯ гуфтам, ки ба ҷойе сафар карданӣ нестам, мехоҳам дар мошин нишаста, шаҳрро давр занам ва диққатиамро барорам. Ронанда аз суханонам ба ҳайрат афтод: «Чӣ лозим?». «Ман ҳам замоне орзуи дар Маскав

гашта, шаҳрро дидан мехостам», – фаҳмонидам ба ӯ. Минбаъд ману ӯ ҳар рӯз дар Маскав сайр мекардем. Барои чунин хидматаш ӯ аз ман маблағи калон мегирифт. Барои чӣ ман чунин амал мекардам? Зеро мехостам худамро сарватманд эҳсос кунам ва бовариам ба худам бештар шавад. Вақте боварии одам ба худаш зиёд мешавад, ӯ наҳаросида амал мекунад ва ҳамаи корҳояшро хуб анҷом медиҳад.

Баъди гузаштани чанд муддат ман худро одами сарватманд эҳсос мекардам. Акнун дар як рӯз 1500–2000 рубли русӣ кор мекардам. Дар он солҳо ин маблағи коркардаам тахминан 400–500 доллар мешуд. Дар Тоҷикистон он солҳо бо чунин пул хона харидан мумкин буд.

Бо ҳамин мақсад ба вокзал мерафтам, то одамеро пайдо кунам, ки нав вориди Маскав шуда, ҳанӯз кори хуб наёфтаасту мушкилот дорад. Ба ман аз куҷо омадану намояндаи кадом миллат будани ӯ муҳим набуд. Ӯро аз ҳисоби худам мехӯронидам. Баъзан миқдори одамони муҳтоҷ ба 50–100 нафар мерасид. Ҳамаи онҳо аз ман миннатдор мешуданд. Барои ман аз ҳама муҳимаш худро одами сарватманд ҳис карданам буд. Оё медонед, ки ба нафаре чизе додан чӣ тавр эҳсоси хуш аст?

Маҳатма Гандӣ мефармояд: **«Он чизе, ки мегиред, имконият медиҳад, муддате зинда бимонед, аммо он чизе, ки медиҳед, барои ҳамчун шахси соҳибэҳтиром ва баобрӯ зиндагӣ карданатон мадад мерасонад».**

Суханони мазкур барои тамоми умр аст. Ду ҳафта пайиҳам ба вокзал омада, ба одамони муҳтоҷ кӯмак мерасонидаму шикамашонро сер мекардам.

Пештар дар як рӯз 100 рубл кор карда, 20 рубли онро барои ғизо хӯрдан харҷ мекардам. Акнун медонед чӣ? Барои худам хонаи аз ҳама гаронбаҳоро иҷора гирифта будам ва дар шароити хеле хуб зиндагӣ мекардам.

Агар ту натарсида бошӣ ва худатро одами сарватманд эҳсос намоӣ, ҳаётат дигаргун гашта, комёбӣ ва муваффақият насибат мегарданд. Ба худ эҳсос намудани ҳолати сарватмандиро бояд раво донед. Ба худ эҳсос намудани ҳолати сарватмандиро бояд иҷозат диҳед.

Ҳамон вақте, ки зери борон, рӯи харак нишаста будам, тарзи ҳаёти худро чашми дидан надоштам. Ба он милисаҳое, ки пулҳоямро мегирифтанд, низ хеле душманиву нафрат доштам. Бароям дидани ҳамаи ин хеле дарднок ва аламовар буд. Ҳоло бошад, ман аз онҳо хеле миннатдорам. Агар онҳо намебуданд, ман ба мартабаи имрӯзаи худ намерасидам. Он вақт ман аз таҳти дил мехостам, ки зудтар ба ҷумҳурии худ баргашта, ҳамаи мардумони русро аз Ватанам берун кунам. Ҳоло худро тамоман одами дигар ҳис мекунам. Ҳар гоҳе, ки ба Тоҷикистон меоям ва дар кӯча пиразани русро мебинам, ба наздаш меравам ва кӯшиш мекунам, ба ӯ то қадри имкон кӯмак расонам, ба ӯ чизе туҳфа диҳам, барои таскини дилаш суханони хуб гӯям, зеро фаҳмидам, ки дар мамлакати дигар зистан чӣ гуна мушкил будааст.

Ҳар боре, ки ба Маскав равам, мекӯшам ба ҳамон маҳалли шинос рафта, рӯи харак бе ягон мақсад бишинам. Ана ҳамин ҳолат ба ман қувваю тавоної мебахшад ва барои ба пеш рафтан

кӯмак мерасонад. Ин суханонеро, ки нақл кардам, баъзе одамон бо ақли хеш дарк мекунанд, вале ба худ иҷозати ба онҳо бовар карданро намедиҳанд. Ҳар касе, ки ба тавоно буданаш барои иҷрои коре худашро бовар кунонда тавонист, кораш барор мегирад, вале ҳар нафаре, ки ба ноком шудан боварӣ ҳосил намуд, ӯ албатта ноком мегардад, зеро дар ҳарду ҳолат одам ҳақ мебошад.

Аммо аз ҳама муҳимаш фаҳмидам, ки ду гурӯҳ одамон мавҷуданд.

1) Одамони гурӯҳи аввал бо дастонашон кор карда, бо фикрашон пулро ҳисоб мекунанд, ки фалон миқдор ба ҳамсар, фалон миқдор барои оила, фалон миқдор барои пӯшондани қарз, фалон миқдор барои хӯрок ва таъмири хона ва ғайра харҷ мекунанд.

2) Одамони гурӯҳи дуввум бо ақлашон пул кор карда, бо дастонашон онро ҳисоб мекунанд.

Ҳамин нуқтаи назар комилан ҳаёти маро тағйир дод.

Дар ҳақиқат баъд аз ду моҳи ба қарори қатъии тағйир додани ҳаёт омадан маъмури бозори назди вокзали Киеви шаҳри Маскав таъйин шудам. Баъд аз ним соли дигар дар хиёбони Кутузов хонаи дуҳуҷрагӣ харидам. Баъд аз як сол аллакай ҳавлии худамро доштам. Одамоне ҳастанд, ки як умр дар Маскав кор карда, хона харида наметавонанд. Ман бошам, хонаро дар тӯли ҳамагӣ ним сол харидам. Дар ҳаёти Шумо низ лаҳзае фаро мерасад, ки дар як рӯз ҳамон миқдор пул кор мекунед, ки пештар онро дар як сол меёфтед. Аммо танҳо дар ҳамон ҳолат, ки агар ба қарори қатъӣ омада, дар назди мушкилот сар нафуроред.

Худованд одамонро ҳаргиз ба ҳоли худашон танҳо намегузорад. Чунин масале ҳаст.

Боре шахсе дар роҳи байни биёбон сафар дошт. Ӯ аз ҳад зиёд хаста шуда буд, зеро аллакай чандин шабонарӯз роҳ мерафт ва аз ташнагӣ низ азият мекашид. Вақте тамоман аз мадор рафт, рӯи реги биёбон сари зону нишаста, ба Худованд илтичо кард: «Худоё, ман аз ташнагӣ мемирам, дар ҳамаи китобҳои муқаддасат ваъда додаӣ, ки дар лаҳзаҳои душвортарин бандагонатро кӯмак мекунӣ. Аммо ман чанд рӯз ин ҷониб роҳ меравам, дигар қуввату мадори роҳравӣ надорам. Дар қафо фақат пайи пойҳои худамро мебинам, ту бо ман нестӣ, ман танҳо мондаам». Аз хастагӣ хобаш бурд. Дар хобаш ӯ дар осмон акси ду одамро дида, пурсид: «Худоё, ин чист?» Худованд ба ӯ ҷавоб дод: «Пайе, ки рӯи рег дидӣ, аз ман буд. Туро ман рӯи дастонам бардошта овардам».

«МУШАКҲОИ **ПУЛӢ**»

Оё Шумо ҳис мекунед, ки боварӣ ба худатон тадриҷан меафзояд? Ба Шумо зарур аст, ки ба худ боварӣ ҳосил намоед. Шумо ба мағоза омада, нохост мебинед, ки ягон ашёро нисбат ба ашёи дигар бо нархи якуним маротиба арзонтар мефурӯшанд. Ҳатто агар харидани ин ашёро дар нақша надошта бошед ҳам (зеро ҳамон ашёро аллакай

ИҚТИБОС

«Маҳалле, ки барои аз он гузаштан хоҳиш надоред, дар он роҳ низ нест.

Б. Шоу

дар хона доред), дар дилатон, албатта, хоҳиши харидани он пайдо мешавад. Агар фурӯшанда барои интихоби мол ба Шумо кӯмак кардан хоҳад, ӯро эҳтиромона рад карда, ба ӯ фаҳмонед, ки мағозаро тамошо карда истодаед. Ҳис мекунед, ки агар хоҳед, ҳамон ашёро харида метавонед. Пули нақд боварии одамро зиёд мекунад. Чунин эҳсос махсусан барои занон хос аст. Дар ягон мағоза агар ба хариди занон эътибор диҳед, сатҳи даромаднокии ҳар яки онҳоро ба зудӣ муайян карда метавонед.



Агар аз даҳ кас байни хешу ақрабо нафаре нисбат ба дигарон сарвати зиёдтар дошта бошад, дар меҳмонӣ ҳам ҳамон сарватмандтар ҳатман аз ҳама зиёдтар суҳбат мекунад. Ин ҳолат ғайри ихтиёри кас ба амал меояд. Аз ин рӯ вақте, ки Шумо бо худ пул гирифта мегардед, мушакҳои пулиатонро машқ медиҳед. Сароянда барои дар саҳна ичро кардани суруде якчанд моҳ машқ мекунад. Барои тайёр кардани як албоми суруд сароянда баъзан чандин солро сарф мекунад. Аз ғорат ё гум шудани пул наҳаросед. Пули дар дар кисаатон буда Шуморо хеле ҳушёру зирак мегардонад.

Олимони амрикоӣ таҷрибаи нодиреро гузаронданд. Онҳо 500 нафар одамонро акс гирифта, аз ҳар яки онҳо пурсиданд, ки аз чӣ ҳарос доранд. Дар ҷавоб баъзеҳо аз ғорат шудан ҳарос доштани худро гуфтанд, дигарон аз кушта

шудан ҳарос доштанашонро изҳор намуданд. Ҳамаи ҷавобҳои онҳо ба таври ҷиддӣ сабт шуда, сипас аксҳои ин одамонро ба зиндон бурда, ба ғоратгарон ва қотилони асил намоиш доданд. Аз онҳо хоҳиш намуданд, ки аз байни ин шахсон ҳар кас барои худ «сайд» интихоб намояд. Таҷриба нишон додааст, ки ғоратгарон ҳамон одамонеро интихоб кардаанд, ки онҳо аз ғорат шудан ҳарос доштанд. Қотилон бошанд,

одамонеро интихоб кардаанд, ки аз кушта шудан метарсиданд. Вале ҷиноятқорон сабаби интихоби худро фаҳмонда натавонистаанд. Бинобар ҳамин, кӯшиш кунед, ки ба тарси худ ғолиб оед. Зеро ҳолати манфии рӯҳӣ боиси сар задани ҷиноят мешавад.

Ин чизи ниҳоят муҳим аст, ки тарси худро мағлуб намуда, бо дили пур дар кисаи худ гирифта гаштани ҳамёни серпулро машқ кунед. Дар Остона воқеае рӯй дода буд. Дар яке аз машғулиятҳо баъд аз мавзӯи мушакҳои пулӣ зане арз намуд, ки аз бо худ гирифта гаштани пулҳои бисёр ҳарос надорад, зеро дорои собиқаи 25-солаи хазинадорӣ буда, ҳамеша бо худ пули бисёреро гирифта мегашт. Аз ӯ пурсидам: «Хуб, биёед, мо ба Шумо 40000 доллар медиҳем. Пулҳоро аз худ дур накарда, бояд пагоҳ онҳоро баргардонед». Ӯ розӣ шуд. Ман ба

вай ин миқдор пулро додам. Пулҳоро ба сумкааш гузошта рафт. Сипас ба шогирдонам супориш додам, ки дар тӯли тамоми роҳ ҳаракати ин занро ба навор гиранд. Вақте ӯ дар автобуси хурди мусофиркашонӣ нишаст, сумкаашро ба бағалаш сахт фишурда мерафт. Симояш ҷиддӣ менамуд. Маълум буд, ки ӯ ба ҳаяҷон омада, азоб мекашид. Вақте, ки ӯ аз автобуси хурди мусофиркашонӣ фуромада, ба манзилаш наздик шуд, дар назди айвон одамони бегонаро вохӯрд. Онҳо шогирдони ман буданд, вале ӯ огаҳ набуд. Онҳо оромона суҳбат мекарданд. Зан аз ҳарос ҷуръат накард, ки аз назди одамони ношинос гузашта, вориди манзилаш шавад, аз ин рӯ дар атрофи хонааш давр задан гирифт. Пас аз ду маротиба дар атрофи хона қадам задани зан шогирдонам ба ман тавассути телефон воқеаро нақл карданд. Ба онҳо супориш додам, ки аз хонааш дуртар раванд. Ҳамин ки онҳо аз назди манзилаш дуртар рафтанд, зан зуд вориди хонааш шудааст. Рӯзи дигар баъд аз ба машғулият омада, пулҳоро баргардондан мо бо ҳам сабти видеоро тамошо кардем. Симои ҳароснокашро дар навор дида, зан иқрор шуд, ки пули бисёрро бо худ гирифта, наҳаросида гаштан кори саҳл нест. Ҳамаи одамон пули нақдро меписанданд, лекин аз масъулият ҳарос доранд. Дар чунин ҳолат тарси гум кардани пул бо дили пур ва нотарсона рафтор намудани одамонро коҳиш медиҳад.

Вақте дар дарсҳо ва ё тренингҳо таъкид мекунам, ки имконияти худро аз пул бояд боло гузоред, ҳама ба фикрам розӣ мешаванд, аммо вақте, ки сухан дар бораи пули нақд меравад, аксарият наметавонанд ҳарос ва тарси худро пинҳон кунанд. Боре ман бо

якчанд гурӯҳ дар чанд шаҳр таҷриба гузарондам. Дар вақти машғулият аз ҳамаи иштирокчиён хоҳиш намудам, ки рӯзи дигар ҳамаи пулҳои дар хона доштаашонро бо худ гирифта, ба дарс ҳозир шаванд. Ба онҳо фаҳмондам, ки пул барои дар бозии омӯзишӣ истифода бурдан зарур мешавад.

Ҳамаи иштирокчиёни ин таҷриба пулҳояшонро бо худ гирифта оварданд. Миқдори пули ҳар кас мувофиқи даромадаш гуногун буд. Пулҳоро бодиққат шуморида, силсиларақам ва рақами тартибии пулҳоро навишта гирифта, ба як нафари шахси масъул супоридем. Машғулиятро ба анҷом расонда, эълон кардем, ки ҳамаи пулҳо то соли оянда дар дасти мо мемонанд. Баъд аз як сол пулҳо ба соҳибонаш баргардонда мешаванд. Ба иштирокчиёни машғулият инчунин фаҳмонидем, ки машқи мазкур бо мақсади дар амал омӯхтани яке аз қоидаҳои асосии одамони муваффақ: «Имкониятҳоятонро аз пул боло гузоред, он гоҳ пулҳо худашон ба дасти Шумо меоянд ва ба Шумо хидмат мекунанд» анҷом дода мешавад. Ба таври назариявӣ ҳамаи иштирокчиёни машғулият қоидаи мазкурро фаҳмида, қабул карданд ва бо он соҳиб шуданд. Вале дар амал чунин корро кардан бениҳоят мушкил аст. Дар чунин лаҳзаҳо дудилагӣ, тарс ва нобоварӣ ба қувваи худ ба одамон халал мерасонанд.

Таассуроти иштирокчиёни дарсҳо аз чунин пешниҳод, албатта, гуногун буд. Нафаре рӯ турш намуда, абрӯвон дарҳам кашид, нафари дигар онро ҳазл пиндошта хандид, нафари сеюм ором

буд ва дар сар хаёли дигаре дошт. Аз байни иштирокчиёни чор гурӯҳи таҷрибавӣ танҳо ду нафар аз санҷиш гузашта, ба ҳароси худ ғолиб омаданд. Як нафар иштирокчидухтари дарсҳо дар шаҳри Санкт–Петербург гириста, мефаҳмонд, ки пулро волидонаш барои харидани мошини нав фиристодаанд, зеро мошини ӯро дуздида будаанд. Аммо вақте, ки ман ӯро ором карда, пулҳояшро баргардондам, худро сарзаниш намуд. Ӯ нияти дубора баргардондани пулҳояшро дошт, вале аллакай принсипи одами муваффақро фаҳмида, дар назди мушкилот нотавону заиф буданро нишон дод. Вай пулашро аз дасти мо нагирифт. Ана ҳамин ғайрат ғалабаи хурди ӯ буд. Маҳз чунин одамон ба мақсадҳои худ мерасанд ва сарватманд мешаванд.

Иштирокчиёни дигар гурӯҳ гаштаву баргашта маро мепурсиданд, ки оё дар ҳақиқат ин пулҳо то соли дигар дар дасти мо нигоҳ дошта мешаванд. Ман дар ҷавоб ба онҳо фаҳмонидам, ки ҳазлу шӯхӣ намекунам, дар воқеъ чунин аст, пагоҳ ман меравам. Баъд аз машғулият ҳама пароканда шуданд, аммо маълум буд, ки нобоварӣ ба худ онҳоро ором намегузорад. Шоми ҳамон рӯз ман ҳамаи пулҳои иштирокчиёни дарсро ба сардори гурӯҳ дода, хоҳиш намудам, ки рӯзи дигар онҳоро ба соҳибонашон баргардонад. Субҳ ба вокзал омадам. Ғайричашмдошт қариб ҳамаи иштирокчиёни дарс маро он ҷо мунтазир меистоданд. Аз симояшон маълум буд, ки онҳо ба ҳароси худ ғолиб наомадаанд. Вақте ки ба онҳо гуфтам: «Ҳамаи пул дар дасти сардори гурӯҳ асту ӯ имрӯз бояд ба соҳибонашон онҳоро баргардонад», онҳо хатои худро фаҳмиданд. Дудилагӣ ба онҳо ғалаба карда буд. Онҳое, ки тарси худро мағлуб

карда тавониста буданд, баъд аз як сол бо ман вохўрда, барои дарси фоиданок миннатдорӣ баён намуданд.

Беҷуръатию дудилагӣ бадтар аз ноумедӣ аст. Амалеро санҷидан ва хато кардан нисбат ба ҳеҷ коре накардан беҳтар аст. Хатогиҳо бароямон таҷриба ва дониш мегузоранд, аз беҷуръатию дудилагӣ бошад, танҳо тарсу шубҳа боқӣ мемонад. Дарки дурусти ин қоида нерӯ ва боварӣро ба тавоноии худ бештар намуда, роҳи ба комёбӣ расиданро нишон медиҳад.

Агар Шумо бо пул (кам ё зиёд будани он фарқе надорад) оромона ва бобоварона муносибат карда натавонед, ҳаргиз сарватманд намешавед. Агар Шумо ҳатто аз пули кам ҳарос дошта бошед, ҳеҷ гоҳ соҳиби пули зиёд намешавед. Бинобар ҳамин бо пул боақлона муносибат карданро омӯзед. Қобилият ва пешаи худатонро аз пул авлотар ҳисоб кунед. Танҳо дар ҳамон вақт Шумо метавонед комёб ва муваффақ гашта, шахси аз ҷиҳати молиявӣ мустақил бошед.

Оё медонед, киро метавон одами мустақилу соҳибихтиёр номид? Он шахсеро, ки ҳамаи ваъдаҳои додаи худро ба худаш, занаш, бачаҳояш, дӯстонаш вафо кардааст. Агар Шумо қавл дода бошед, ки ҳаёти худро мисли афсона мегардонам, ин корро анҷом диҳед. Агар боз қавл дода бошед, ки донишу ҳунари худро сайқал медиҳам, ин корро ҳам анҷом диҳед. Агар ваъда дода бошед, ки ҳарчанд мушкил ҳам бошад, бо хешовандони ҳамсари худ забон ёфта, муомилаи хуб мекунам, инро ҳам бачо оваред. Агар ба фарзандон гирифтани маълумоти беҳтаринро ваъда карда

бошед, ин корро низ бачо оваред. Ин аст озодии ҳақиқӣ ва мустақилият. Ман бовар дорам, ки мо ба ҳамаи ин арзандаем.

Аз Шумо метавонанд пурсанд: «Барои чӣ бо худ пули бисёре гирифта мегардед?». Ба чунин пурсишҳо ҷавоб диҳед, ки «бозувони пулӣ»-ро машқ дода истодаед. Бигзор байни худ Шуморо одами аҷиб шуморанд. Пули бисёр гирифта гаштанро идома диҳед. Охир, одами аҷибу сарватманд ва муваффақу хушбахт аз одами бомулоҳиза, вале дар зиндагӣ камтолеи камбағал беҳтар аст.

Боре чунин воқеа рӯй дод. Рӯзе ман аз фурудгоҳи шаҳри Маскав парвоз мекардам. Бо худ қариб 40 ҳазор доллар, яъне маблағи хеле бисёр доштам. Пулҳо дар кисаи нимпалтои чарминам гузошта шуда буданд. Ман онро кашида, ба рӯи борҷомаам гузоштам. То лаҳзаи парвоз ҳанӯз вақт бисёр буд, аз ин сабаб нияти ба ҳоҷатхона рафтан кардам. Баъди қадаме ба пеш гузоштан пули дар кисаи нимпалтои чарминам гузоштаам ба хотирам расид: «Дар ҷайби он 40 ҳазор доллар аст». Бо вуҷуди он, ки аз зани дар паҳлӯям қарордошта нигоҳ кардани борҳоямро хоҳиш намуда будам, дар дилам хоҳише пайдо шуд, ки баргашта пулҳоро бо худ гирам. Зеро маълум набуд, ки дар вақти набуданам чӣ воқеа мешавад. Баргаштан

мехостам, вале худро нигоҳ дошта гуфтам: «Ё дар бораи пулҳо фикратро як тараф монда, аз пайи корҳоят меравӣ то ба нақшаҳои калонат бирасӣ, ё пас гашта, бо ҳамон пулҳои доштаат қаноат менамоӣ». Ҳарчанд пойҳоям меларзиданд, вале худро барои барнагаштан водор сохтам. Бо худ қарор додам: «Дар сатҳи пулҳои доштаам қарор доштан намехоҳам, дар дил орзуҳои бузург дорам ва аз пулҳои дар кисаи нимпалтои чарминам гузоштаам хавотир намешавам».

Бо вуҷуди ин дар ҳар қадам ба сарам андешаҳои гуногун меомаданд: «Мабодо нимпалтои чарминам аз болои бағоҷ ба замин афтода, пулҳо рӯи фарш пош хӯранд. Нохост нафаре ба борҳоям пешпо хӯрда, пулҳоро бинад». Ҳазорон чунин андешаҳо дар майнаам чарх мезаданд. Ин андешаҳо ҳатто дар ҳоҷатхона ҳам маро тарк намекарданд. Кор то ҷое расид, ки ман фикр кардам, ки як бор рафта, санҷам, ки пулҳо дар дар ҷояшон ҳастанд ё на ва дубора ба ҳоҷатхона баргардам. Аз гум кардани пулҳо бениҳоят метарсидам...

Ҳоло ба назарам ҳолати худам хандаовар менамояд, вале ҳамон вақт масъала бениҳоят ҷиддӣ менамуд.

Бо вуҷуди ин ман тарси худро фурӯ нишонда тавонистам, зеро хавфу тарс маро ба пас мекашиданд. Хавфу тарс барои дар амал татбиқ шудани орзуҳо халал расонида, боиси ба худ боварӣ надоштани Шумо мегарданд, онҳо Шуморо водор месозанд, ки ба натиҷаи ночиз қонеъ гардед. Мутеи хавфу ҳароси худ нашавед. Ба орзуҳои худ бовар кунед ва дар хотир нигоҳ доред, ки агар аз Шумо пули қарз пурсанд, метавонед қарз диҳед, аммо фақат даҳ фоизи пулеро, ки пурсидаанд.

Ҳангоми қарз додан сухани халқиро фаромӯш накунед: ба даст дода, ба пой медавед ва ё аз дода ганда шудан надода ганда шудан беҳтар аст. Бинобарин аз ҳамон даҳ дарсади пурсида зиёд надиҳед. Агар ин пулатонро баргардонида натавонанд ҳам, камтар зиқ мешавед.



ба дафтари ёддошт

- **Рамзи сарватмандӣ дар ҳама ҷо – чӣ ҷойи хобу чӣ ҷойи кор – ҳамеша бояд ҳамроҳи Шумо бошад. Ҳар вақте рӯҳафтода шавед ё хастагиро эҳсос намоед, ба рамзи бойигарии худ назар андозед. Он ба Шумо нерӯю тавоной мебахшад. Ин эҳсосро шарҳ додан мушкил аст.**

- **Аксари одамон як чизро орзу карда, вале тамоман кори дигар мекунанд. Бо мурури замон маълум мешавад, ки ба ғайр аз қадами аввалин дигар пеш нарафтаанд. Агар шуғли ҳозираатон Шуморо доро накунад, маълум мешавад, ки худи Шумо ин роҳро интихоб кардаед. Дар ин сурат пас камбағалӣ тақдир аст.**

- **Бодо Шеффер фармудааст: «Идора кардани пулро пеш аз пайдо кардани он бояд омӯзед, вақте пул ба дастатон афтод, онро эҳтиёт карда, кор фармудан ва зиёд кардан тавонед, коратон осон мегардад. Вагарна пул бо осонӣ аз дастатон мисли барфи рӯи каф нест мешавад».**

● Маҳатма Гандӣ фармудааст: «Он чизе, ки мегиред, имконият медиҳад, ки муддате зинда бимонед, аммо он чизе, ки медиҳед, барои ҳамчун шахси соҳибэҳтиром зиндагӣ карданатон кӯмак мекунад».

● Ду гурӯҳ одамон мавҷуданд:

1) Одамони гурӯҳи аввал бо дастонашон кор карда, бо фикрашон пулро ҳисоб мекунанд, ки фалон миқдор ба ҳамсар, фалон миқдор барои оила, фалон миқдор барои баргардонидани қарз, фалон миқдор барои хӯрок ва таъмири хона ва ғайра харҷ мекунанд.

2) Одамони гурӯҳи дуввум бо ақлашон пул кор карда, бо дастонашон онро ҳисоб мекунанд.

Роҳи зиндагиатонро бояд худатон интихоб кунед.

● Одамон аксар вақт барои он камбизоат боқӣ мемонанд, ки мақсадашонро муайян намуда, вале ба самти комилан муқобил ҳаракат мекунанд.

● Агар Шумо натарсед ва худатонро одами сарватманд эҳсос намоед, ҳаётатон дигаргун гашта, комёбӣ ва муваффақият насибатон мегарданд.

● Агар Шумо новобаста аз каму зиёд будани пул ба он оромона ва бобоварона муносибат карда натавонед, ҳаргиз бой намешавед. Агар Шумо ҳатто аз пули кам ҳарос дошта бошед, ҳеҷ гоҳ соҳиби пули зиёд намешавед. Бинобар ҳамин бо пул боэҳтиётона муносибат карданро омӯзед. Қобилият ва касбатонро аз пул баландтар гузоред. Танҳо дар ҳамон вақт Шумо метавонед комёб ва муваффақ гашта, шахси аз ҷиҳати молиявӣ мустақил бошед.

2. РОҲҲОИ БОАҚЛОНАИ ПАСАНДОЗИ ПУЛ

Пул он касонеро дӯст медорад, ки қонунҳои зарурии ҷамъ кардани онро медонанд.

Д. Клейсон

Ҳамон тарзе, ки ба ман идора кардани пулро омӯхта буданд, ман ҳам мекӯшам, ба Шумо ҳамон тавр омӯзонам. Пеш аз ҳама тақсимоти даромадатонро тибқи нақшаи махсус баррасӣ менамоем.

ҚОЛАБИ ҲИСОБ КАРДАН

Ҳар вақте Шумо ба куҷо сарф кардан ва ё чӣ тавр ҷӯфтани пулро омӯхтед, пул худаш наздатон меояд. Пул ба дасти одамоне мерасад, ки онҳо роҳҳои истифода ва ё чӣ тавр корбаст кардани онро медонанд.

Агар бо пул чӣ кор карданро надонед, беҳтараш, коре накунед. Аввал ба кадом мақсад сарф намудан ва чӣ тавр идора кардани пулро фаҳмидан зарур аст.

Фарз кардем, ки даромади моҳонаи Шумо маоши доимӣ нест ва он пулест, ки Шумо бо заҳмат, қобилият ва донишҳоятон ба даст меоред. Каму зиёд будани даромадатон ба вазъи корҳоятон алоқаманд аст. Шумо пулатонро барои пардохтани маблағҳои манзил, ғизо, муолиҷа, таҳсил, боғчаи кӯдакон ва либос сарф мекунед. Дар анҷом барои фароғату истироҳат пул намерасад. Аз даромади моҳонаатон оё ягон миқдор пул боқӣ мемонад? Ба миқдори ночиз мемонад. Мо мисли одамони ноуҳдабаро рафтор мекунем. Одамони ноуҳдабаро меандешанд, ки

«Агар бисёртар пул кор кунам, баъди сарфи рӯзгор боз ягон миқдораш боқӣ мемонад. Ана ҳамон боқимондаашро пасандоз мекунам». Аммо вақте, ки Шумо пули бисёр кор кардед, таносубан хароҷотатон ҳам меафзояд. Он гоҳ дар зиндагиатон ягон тағйирот ба амал намеояд.

Қариб 6000 сол пеш Бобул шаҳри сарватмандтарини олам ба ҳисоб мерафт. Бобул бо шарофати одаме ба шаҳри аз ҳама бойтарини олам табдил ёфт, ки дар он «Хонаи дониш» бунёд кард. Боре аз ин одам пурсиданд: «Ҳамаи одамон сарватманд шудан мехоҳанд, ҳамаи одамон имкониятҳои баробар доранд, вале бо кадом сабаб баъзеҳо муваффақ мешаванду баъзеҳо дар камбизоатӣ умр ба сар мебаранд? Фарқи байни ин одамон дар чист?» Ин одам фармуд: «Пулдорон он чизеро медонанд, ки мо онро «хароҷоти зарурӣ» меномем». Ин шахс масъалаи зеринро дар назар дошт.

Фарз мекунем, ки даромадатон бомаром афзун мешавад: Шумо моҳи гузашта 300 доллар кор карда, бо ҳамон даромадатон мезистед, моҳи дигар 500 доллар кор карда, ҳамаи маблағатонро харҷ кардед. Моҳи оянда даромадатон то 1000 доллар афзун мешавад, вале хароҷотатон ҳам ба ҳамон андоза боло меравад. Ҳатто 2000 доллар маош гиред ҳам, хароҷотатон таносубан баланд мешавад.

ҶАДВАЛИ САТҲИ ДАРОМАД ВА ХАРОҶОТ







Аммо зиндагии Шумо бо 300 доллар маошатон ҳам бад набуд. Барои чӣ ин тавр мешавад? Зеро тавре мегӯянд, иштиҳо дар вақти хӯрдан пайдо мешавад ва талаботи нав ҳам дар вақти будани маблағ пайдо мешавад. Ҳаргиз ба хароҷоти калон роҳ надиҳед. **Як нафар хирадманди ҳинд фармудааст: «Ҳирси дунё монанди оби баҳр аст: ҳар қадаре, ки одам аз ин об бисёр нӯшад, ҳамон қадар бештар ташна мешавад».** Шумо сабзавот, мева, ғизо ва либос харида, даромади одамонеро зиёд мекунед, ки ҳамин ашёро сохтаанд ё ҳосил рӯёндаанд. Зеро ҳар як хароҷоти Шумо даромади касе аст.

Барои чӣ вақте одамон пули бисёр кор карданд, харҷи зиёд мекунанд? Онҳо бо умеде харҷ менамоянд, ки дар моҳи оянда пули зиёдтар кор мекунанд, аммо дар асл фикр намекунанд, ки бо кадом роҳ пули зиёд бояд ёфт. Сатҳи даромад дараҷаи шахсиятро боло намебардорад. Барои чӣ сатҳи даромад баланд намешавад? Барои он ки сатҳи сарфи шахс ба сатҳи даромад мувофиқ намеояд. Одамон ҳанӯз дар бораи идора кардани пул дониши казоӣ надоранд. Маҳорат ва малакаи пули бештар кор кардану нигоҳ доштани онро надоранд.

Одамони муваффақ ба тарзи дигар рафтор мекунанд. Онҳо аввал пасандоз карда, пули боқиро харҷ менамоянд. Пеш аз он, ки ба дигарон пул бидиҳед, аввал ҳаққи худро ҷудо намоед. Барои чӣ ҳатто одамони пулдор ба рӯзи оянда боварӣ надоранд? Онҳо савори мошинҳои ҷип мегарданд, ба тарабхонаҳо мераванд, бо вуҷуди ин онҳо ҳамеша ба назар серфикр ва хаста

менамоянд. Ин одамон либосҳои гаронбаҳо ба бар мекунанд, вале медонанд, ки дар натиҷаи ду-се моҳи бебарории кор онҳо қарзашонро дигар пардохт карда наметавонанд. Вале агар нобарории кор як сол давом кунад, ҳоли чунин одамон комилан вазнин мегардад. Ана ҳамин омилҳо одамони сарватмандро азият медиҳанд ва водор месозанд, ки андеша кунанд. Ҳамаи ин аз он сабаб рӯй медиҳад, ки онҳо дар вақташ «музди меҳнат»-и худро надодаанд, яъне барои худ сарфи заруриро накардаанд.

Аз ин рӯ, пеш аз он, ки ба дигарон пул диҳед ё барои коре пул ҷудо кунед, аввал худатонро таъмин намоед. Дар акси ҳол Шумо фарзандон ва ҳамсаратонро дӯст медорам гуфта наметавонед. Ба хотири он, ки онҳо ин чизро ҳис кунанд, ба Шумо зарур аст, ки дар амал инро исбот кунед.

Бо ҳамин мақсад мо нақшаи ҳисобу китоб карданро таҳия намудаем. Нақшаи мазкур барои ба мақсад расидан кӯмак мерасонад. Мутобиқи ин нақша Шумо худ роҳбар ва коргари кирояи худ мебошед. Аз сари маоше, ки мегиред, Шумо бояд 10 фоизашро барои ояндаатон пасандоз кунед. Ин пули Шумо не, балки пули орзую омолатон мебошад ва Шумо ҳаққи ба ин пул даст расондан надоред. Аз маблағи боқимонда боз 10 фоизи дигарашро барои истироҳат карданатон пасандоз кунед. Бигузор маблағи мазкур барои ба тарабхона рафтан нокифоя бошанд ҳам, вале маҳз 10 фоиз пасандоз кунед. Агар ба ҷойе рафтанӣ бошед, ба ҳисоби вақтхушию истироҳат назар андозед. Агар ба касе туҳфа хариданӣ бошед ҳам, ба ҳисоби вақтхушию дамгирӣ нигаред. Ҳамин амал бояд ба

як тартиб табдил ёбад. Ҳамин ки тартиб ба вуҷуд омад, минбаъд он худаш мустақилона кор кардан мегирад. Он гоҳ пулҳои ба дастатон даромада ба қисми асосии тартиби мазкур табдил меёбанд. Ва Шумо нафаҳмида мемонед, ки сарвататон чӣ тавр зуд зиёд шудааст.

Бори дигар ба сари ҳисобу китобҳоямон бармегардем. Акнун маблағи боқимондаи маошамонро ҳамчун 100 фоиз ҳисоб карда, аз он ба ҳисоби ширкати ояндаи Шумо 55 фоиз ҷудо мекунем. Қисми боқимондаи маблағро, ки 45 фоиз мебошад, ба ҳисоби худ пасандоз мекунем. Баъзан ҳолате ба амал меояд, ки даромадатон 1, 5 баробар афзун мешавад, вале боз аз сатҳи пешинааш ҳам паст мефурояд. Барои чӣ? Зеро Шумо ба зиммаатон масъулият гузошта натавонистаед. Пул насиби одамоне мегардад, ки бо он чӣ кор карданро медонанд. Аз ин рӯ ин донишҳоро на танҳо азбар кардан, инчунин истифодаи онҳоро низ омӯхтан зарур аст. Агар чор нерӯи ботинии Шумо бо ҳам дар алоқа набошанд, бо вуҷуди донишманд буданатон пулҳо Шуморо тарк мекунанд. Бинобарин нерӯҳои ботинии одам ва пулҳо ба ҳам бояд мутобиқат дошта бошанд.

Қоидаи аввалро дар ёд доред. **Даромад сатҳи рушди шахсро (ақлро) зиёд намекунад, вале сатҳи рушди шахс даромадро зиёд мегардонад.** Агар одам барои ояндааш масъулият ҳис накунад, даромадаш кам мешавад. Аз ин мебарояд, ки ҳар қадар маблаге, ки Шумо ба даст наоред, даромадҳоятон бо хароҷотатон баробар мешаванд. Нақшаи пешниҳодшудаи ҳисобу китоб ана ҳамин бетартибиро аз байн мебарад.

Мутобиқи он, Шумо коргари кирояи худатон буда, худатон аз сари даромадатон маоши аниқатонро муқаррар мекунед. Он гоҳ хароҷот ҳам мисли пештара афзун шудан мегиранд, лекин система намемонад, ки хароҷот аз даромад зиёд шавад. Аз ин мебарояд, ки агар Шумо дар моҳи оянда даромади бештар ба даст оред, ба ҳисоби ширкататон маблағи зиёдтар пасандоз мекунед. Ба ҳисоби худатон бошад, ҳамеша 45 фоизи даромадатонро мегузоред. Зеро рӯзе фаро мерасаду Шумо бекор мемонед, он гоҳ маблағи мазкур ба Шумо зарур мегардад.

Бо кадом мақсад ин корро анҷом медиҳем? Барои он ки хароҷотамон аз ҳад нагузарад. Бигузор даромад зиёд шавад, вале хароҷот бояд дар як сатҳи муайян боқӣ монад. Маблағи маоши ҷориро чӣ тавр муайян мекунанд? Таърихи ҳамин рӯзро нависед. Аз ҳамин рӯзи соли гузашта то имрӯзро ҳисоб кунед. Муайян намоед, ки дар як сол чӣ қадар пул кор кардаед. Аз маблағи ҳосилшуда 45 фоизашро ҷудо кунед. Натиҷаи пайдошударо ба 12 моҳ тақсим намоед. Аз рақами ҳосилшуда хурсанд шудед? Не? Дар ҳар сурат Шумо бояд қоидаи муқарраргаштаро риоя намоед. Рақами ҳосилшуда маблағи маоши муайяни ҳармоҳаи Шумо мебошад. Минбаъд, агар дар ҳақиқат сарватманд шуданӣ бошед, Шумо дигар ба хароҷот кардан ҳақ надоред. Бигузор рақами мазкур хурд ва ба Шумо писанд набошад ҳам, онро риоя кунед.

ИНТИХОБИ **ШУМО**

Акнун рӯ ба рӯи Шумо ду роҳе ҳаст, ки ба донишҳои ҳосилкардаи шумо барои интихоби яке аз онҳо мадад мерасонад.

1) Дар назди худ мақсад гузоред, ки ҳаётатонро комилан тағйир медиҳед ва қоидаи ҳисобу китоб карданро истифода бурда, пул пасандоз менамоед.

2) Ё дар ҳаётатон чизеро тағйир надода, мисли пештара ҳаёт мегузаронед.

Шумо бояд тасмим гиред. Роҳи дигар нест. Ба назари баъзе одамон, эҳтимол, роҳи аввал муҳим наменамояд, зеро рақамҳояш, тавре худи шахс мехост, хурсандибахш нестанд. Аммо он донаест, ки аз он дарахти калон месабзад.

ИҚТИБОС

Ягон одам андозаи қувваашро то замоне, ки онро истифода набарад, намедонад.

И. Ҳёте

Ҳамаи одамон себ чанд дона дар дохилаш доштанро ҳисоб карда метавонанд, вале касе гуфта наметавонад, ки аз як себ чанд адад себ ҳосил гирифтан мумкин. Бо ҳамин сабаб рақами дар натиҷаи ҳисобу китоб ҳосилшуда ҳамон донаи себ мебошад.



Агар ба андак-андак пасандоз намудан оғоз кунед, Шумо ба таври шоиста зиндагӣ карда метавонед. Ҳоло ин пул, албатта, ба назаратон ночиз менамояд. Агар пасандоз накунед, тавре, ки дар хати бо рақами 2 ишорашуда нишон дода шудааст, зиндагиатон бетағйир идома меёбад. Агар ба пасандоз кардани пул оғоз намоед, кам-кам, тавре дар ҷадвал бо рақами 3 ишора шудааст, зиндагиатон андак тағйир меёбад. Вале баъд аз чанд вақт Шумо ба натиҷаи 4 мерасед. Рақами 4 аллакай нишондиҳандаи хуби пешравиатон мебошад. Аммо агар коре накунед, мутлақо чизе ба даст намеоред. Акнун фаҳмидед, фарқ дар чист?

Ҳатто пасандози кам ҳам зиндагиатонро тағйир медиҳад. Бодо Шеффер боре нақл кард, ки дар Сингапур баъд аз тренинг назди ӯ одаме омада гуфтааст: «Ҳамаи суханонатон ба ман писанд аст. Ҳамаи гуфтаҳоятон дурустанд, вале ман пули пасандоз мекардагӣ надорам. Маошам барои рӯзгорам базӯр мерасад». Мард баъди ин суханон оҳи сард кашида, аз киса тамоку баровард. Бодо Шеффер ба ӯ нигоҳ карда пурсидааст: «Шумо чӣ хел сигарет мекашед?» «Ҳа, бе тамоку намешавад», – ҷавоб додааст ба пурсиши Шеффер он одам. Баъд аз гуфтугӯи мазкур ӯ калкуляторро гирифта ҳисоб кард, ки агар ҳамон одам аз 18 то 60-солагӣ сигор накашида, пулашро пасандоз мекард, имрӯз соҳиби 43000 $ мешуд. Ӯ дар як рӯз ба ҳисоби миёна ба 2$ тамоку кашидааст. Бо вуҷуди ин мард гуфт: «Беҳтараш, ман сигор мекашам». Дар навбати худ Бодо Шеффер ба ӯ мефаҳмонад, ки ҳоло фоизи маблағи мазкурро нишон надодааст.

«Оё суд ҳам дорад?» – бо таҳайюр садо баланд кард он мард. Бодо Шефер ба ӯ фаҳмонд, ки агар дуруст пасандоз кунад, он гоҳ пул ҳар сол бо фоизҳояш зиёд шудан мегирад ва маблағи калоне ба вуҷуд меояд. Пули ғуншуда дар панҷ соли охир суди чашмрас медиҳад.

Бале, ҳазрати Исо (а) фармудааст, ки охиринҳо аввалин ва аввалинҳо охирин мешаванд. Ба андешаи Шумо, агар ӯ ҳар сол пулашро бо 14 фоизи даромад пасандоз менамуд, имрӯз чӣ қадар мешуд? Зиёда аз 4,5 миллион доллар!

Агар Шумо аз пулатон ҳар рӯз 1 доллари бо 8 фоизи солонааш пасандоз кунед, он дар 30 сол тахминан 1, 800 – 2 миллион доллар мешавад.

Одамон одатан дар як рӯз аз 1$ зиёдтар харҷ мекунанд. **Аз ин рӯ пули пасандозшудаи дар назари аввал нонамоён дар охир вазъиятро комилан тағйир медиҳад.**

Ба назари мо чунин менамояд, ки ин амал ғайриимкон аст, мо мехоҳем, ки яку якбора дар ҳисоби бонк 10000$ пасандоз гузорем. Бо 100 ё 500 доллар ба бонк рафта, худро саргардон кардан намехоҳем. Зеро андеша дорем, ки пулро дар хона ҳам нигоҳ доштан мумкин аст.

Пулро дар хона нигох надоред. Агар пул дар хона бошад, риск хеле зиёд аст. Шумо, албатта, ин пулро бо ягон сабаб сарф мекунед. Ба ман мегӯянд, ки ба бонкҳо бовар кардан намешавад. Ман мегӯям, ки бонкҳо аз худи Шумо бовариноктаранд. Аз ҳама риски зиёд ин пулро дар таги болишт нигох доштан

аст, зеро қурби вай паст мешавад ва ё бо ягон сабаб он пулро Шумо тез хароҷот мекунед. Шумо бояд кор фармудани пулро ёд гиред. Пул барои Шумо кор карданаш даркор ва на Шумо барои пул. Вакте ман менависам, ки пул барои Шумо кор карданаш даркор, ман он чизро дар назар дорам, ки Шумо бояд ҷойи кор созед. Соҳибкор шавед. Агар худатон аз уҳдааш намебароед, бо наздиконатон ва ё соҳибкор ё тоҷири муваффақ, ки корашон натиҷаи хуб дорад, ҳамроҳ шуда, кор кунед. Асоси тиҷорат ин хариду фурӯш кардан аст. Соҳибкорӣ ин корхона ва истеҳсолот ва ғайраро сохтан аст. Дар давлати мо соҳибкорҳо тамоман каманд. Вале одамоне, ки тиҷорат мекунанд, бисёранд.

Ҳатто пули кам вазъиятро тағйир дода метавонад. Бодо Шеффер мефармояд, ки агар Шуморо ин 45 фоиз қонеъ нагардонад, дар он вақт Шумо ҳаракати бештар пул кор карданро мекунед ва ҳамон 45 фоиз ҳам зиёд мешавад. Акнун худатон андеша кунед: масалан, 45 фоизи 500 доллар пули начандон калон аст, вале 45 фоизи 5000 доллар аллакай пули ба назар намоён мебошад. Аз ин пас ба монанди ҳазрати Исо (а) амал кунед: ӯ мефармояд, ки ҳар амалро ду баробар зиёд иҷро кунед. Ман тасмим гирифтам, ки бисёр кор кунам ва пуламро 3 сол бояд пасандоз кунам, аз ин рӯ маблаги муайянро навиштам. Ба назарам маблаги навиштаам кам намуд. Аммо бо он қаноат кардам. Шумо ҳам бо он қаноат кунед ва маблаги аввалини пасандозатон хурд ҳам бошад, ҳамаи қоидаҳои омӯхтаатонро истифода баред.

Агар аз 45 дарсади фоида маблағи зиёдатӣ боқӣ монад, пас маблаге, ки барои оянда пасандоз мекунед, то 15 фоиз, сипас то 20, 25, 30, 40, 50 фоизӣ зиёд мегардад. Вале 10 фоизи барои истироҳат ҷудокардаатонро бетағйир боқӣ гузоред.

Масалан, 10 фоизи 10000 доллар маблаги хурд нест. Шумо бо он зиндагонӣ мекунед. Барои беҳдошти саломатиатон харҷ мекунед, вале аз имкониятҳои наватон зиёд истифода накунед. Ба таври шоиста зиндагӣ кунед, зеро вақте Шумо ба пули бисёр пайдо кардан оғоз мекунед, дар атрофатон одамони зиёд пайдо мешаванд, муҳити зиндагониатон тағйир меёбад. Ба Шумо либоси дигар пӯшидан, ба муассисаҳои воломақом рафтуомад кардан зарур мешавад. Дар ин ҳолат харҷ, албатта, зиёд мегардад, бинобарин Шумо ба афзудани масраф бояд омода шавед.

Бинобарин ҳатто даромадатон зиёд шуда бошад ҳам, 10 фоизи бо мақсади истироҳат ҷудо кардаатон бимонад, зеро ин даҳ дарсад маблағатон ба мақсад мувофиқ мебошад. Мо ҳамин рӯз зиндагонӣ мекунем, бо ҳамин сабаб бояд зиндагонии шоиста дошта бошем, ба худ ва наздиконатон гоҳ–гоҳ иҷозати серу пур зистанро диҳед. Аммо 55 фоизи ба ҳисоби ширкат пасандоз карданро фаромӯш накунед, ҳамеша пасандоз карда истед. Ҳисоб кунед, ки агар пули кам пасандоз кунед, чӣ қадар маблаг ҷамъ мешавад.

ҚАРЗ

Агар Шумо қарздор бошед, нақшаи мазкурро, албатта, тағйир додан зарур аст. Дар ҳолати қарздорӣ бояд ба таври зерин рафтор кунем. Ҳар моҳ 10 фоиз барои оянда, 20 фоиз барои пӯшондани қарз пасандоз мекунем. Пули боқимондаро ба ду ҳисоби пешина ҷудо мекунем. Акнун барои истироҳат пул ҷудо намекунем. Зеро агар қарздор бошед, ҳеҷ фароғат карда ҳам намешавад. Шахсеро тасаввур кунед, ки ба қарз то гӯш ғӯтидааст, вале бо вуҷуди қарздор буданаш нақшаи дар ҷойе истироҳат карданро мекашад. Одамон дорои одатҳои хос мебошанд. Бо вуҷуди қарздор буданашон, онҳо ба воситаи ба фароғатгоҳ рафтан худашонро аз қарз дур кардан мехоҳанд. Қоидаи маълуме мавҷуд аст, ки аз одами қарздор чизе нахаред ва чизе нагиред. Ин қоида дар китоби муқаддас навишта шудааст.

Нақшаи ояндаи Шумо дар мавриди қарзҳо бояд ба таври зерин бошад. Агар аз ягон хешатон қарз гирифта бошед, ҳаракат кунед, то ки қарзро зудтар дода, халос шавед, чунки қарзро баргардондан амали хуб аст. Ҳамин ки маошатонро гирифтед, қарзатонро диҳед. Вале барои то маоши нав зистан, аз ягон нафар боз қарз гирифтан зарур мешавад. Чӣ фарқ дорад, ки Шумо аз кӣ қарз мегиред? Аз ин рӯ барои қарз танҳо 20 фоизи маошатонро ҷудо кунед. Агар қарздиҳандагон норозигӣ баён кунанд, ба онҳо фаҳмонед: «Агар қисман гирифтан нахоҳед, то замони ҷамъ шудани маблағи зарурӣ сабр кунед». Як чизро аз хотир набароред; вақте Шумо аз касе пул қарз мегиред, номаълум тобеи он шахс мегардед. Гарчанде қарзро баргардонед ҳам, он чун

захми ҷароҳат дар рӯи хотира мемонад. Ҳар гоҳ, ки ба шахси қарздеҳ рӯ ба рӯ оед, худро одами хурд ҳис мекунед. Бинобарин мо гуфтанием, ки то ҳадди имкон аз касе қарз нагиред, то ин ки дигарон ҳукмфармои Шумо нагарданд. Вале новобаста аз қарзҳо ҳамеша барои ояндаатон 10 фоизи даромадатонро пасандоз кунед. Маблағи мазкур ба Шумо боварӣ мебахшад, то ки ҷойи худро дар зиндагӣ устувор эҳсос кунед. Фаромӯш накунед, ки пасандози хурдтарин ҳам вазъиятро тағйир медиҳад.

Агар мутобиқи ҳамин нақша зистанро омӯзед, дар вуҷуди Шумо як навъ қолабҳои нави рафтор ва тафаккур минбаъд ташаккул меёбанд. Масалан, ҳамин, ки қарзро додед, қонунҳои дар тафаккуратон ҷойгирифта ба фаъолият оғоз менамоянд ва Шумо барои оянда на ба миқдори 10 фоиз, балки 30 фоиз пасандоз кардан сар мекунед. Дар чунин ҳолат захираи пулҳоятон се маротиба зудтар зиёд мешавад. Маълум мешавад, ки қарздорӣ ҳам манфиат доштааст. Дар вақташ таҷрибаи қарздорӣ ба Шумо зарур буд ва ба гумонам, аз он хулосаҳои зарурӣ баровардед. Баъзе вақт мо аз Парвардигор хоҳиш мекунем, ки барори корамонро деҳ ва ояндаамонро неку бузург гардон, моро аз шикасту ғам эмин нигаҳ дор. Баъзан мешавад, ки Аллоҳ ҳамон чизе, ки пурсидем, ба мо медиҳад. Мо хурсанд мешавем. Ин раҳму шафқати Аллоҳ аст. Баъзан мешавад, ки мо мепурсем ва ҳамон чиз намешавад. Ин ҳам раҳму шафқати Аллоҳ аст, яъне Аллоҳ намехоҳад ва он чиз ба мо даркор набудааст. Аммо мо дар ин бора намедонем. Шояд он чӣ мо мехостем, ба мо ба ҷойи комёбӣ шикасте меовард.

Мутобиқи нақшаи ҳисобу китоб, Шумо бояд низомеро ҷорӣ намоед. Миқдори пул аҳамият

надорад, муҳимаш низом мебошад. Агар гӯед, ки ҳанӯз пулам кам аст, кадом вақте, ки зиёд шавад, баъд мувофиқи низом амал мекунам, маълум мешавад, ки Шумо ба худатон эътимод надоред. Одамони ноуҳдабаро чунин фикр доранд, зеро онҳо ба дурнамои зиндагиашон бовар надоранд. Агар Шумо ба ояндаи неки ҳаёти худ эътимод надошта бошед, пас барои чӣ зиндагӣ мекунед? Агар ба беҳтар шудани сатҳи зиндагиатон бовар надошта бошед, он гоҳ барои чӣ меомӯзед? Агар боварӣ ба мамлакати худ, президенти худ ва ҳамсари худ (ё ки шавҳар) надошта бошед, ки бо онҳо хушбахт мешавед, магар ин ҳаёт аст, пас барои чӣ худро фиреб медиҳед? Агар ба фардои сарватманд шуданатон боварӣ надошта бошед, он гоҳ бо кадом мақсад пасандоз мекунед? Пас ин қадар заҳмат кашидан ҳеҷ маъно надорад!

Аксари одамон мегӯянд, ки барои рӯзи мабодо пасандоз мекунанд. Ба мо чунин рафтор карданро омӯхтаанд, хешу ақрабо ҳам мегӯянд, ки пулро барои дар рӯзи сахт зарур шудан ва муҳтоҷи дигарон нашуданатон пасандоз кунед. Дар тафаккури мо чунин нақш бастааст, ки пул фақат дар рӯзҳои душвортарин дастгир мешавад. Аммо чунин тасаввур хато аст. Мо ба оянда бояд эътимод дошта бошем. **Аз ин рӯ пулро пасандоз намуда, ҳамон тарзи ҳаётро месозем, ки дар бораи он фикр мекунем ва орзу дорем.** Дер ё зуд ҳар як одам чунин амал мекунад. Масалан, паранда ду бол дорад: боли аввалаш умед, боли дуюмаш тарс мебошад. Ё Шумо бо ихтиёри худ, ба хотири дарк намудани кайфияти парвози озод болу пар мезанед ё худи ҳаёт Шуморо бо вуҷуди хоҳиши парвоз надоштанатон водор месозад, ки аз тарс парвоз кунед.



ба дафтари ёддошт

● Ҳар вақте, ки Шумо идора кардани пулро омӯхтед, пул худаш Шуморо ҷустуҷӯ карда, меёбад, наздатон меояд. Пул ба дасти одамоне мерасад, ки онҳо роҳҳои бо пул кор кардан ва чӣ кор карданро медонанд.

● Ҳаргиз ба хароҷоти калон роҳ надиҳед. Як нафар хирадманди ҳинду фармудааст: «Васвасаи дунё шабеҳи оби баҳр аст: ҳар қадаре, ки одам аз ин об бисёр нӯшад, ҳамон қадар бештар ташна мешавад».

● Одамони кордон аввал қисме аз пули ба даст овардаашро пасандоз мекунанду сипас боқимондаи онро харҷ. Пеш аз он, ки ба дигарон пул бидиҳед, аввал ҳаққи худро ҷудо намоед.

● Даромад сатҳи рушди шахсро афзун намекунад, вале сатҳи рушди шахс даромадро афзун менамояд.

● Агар Шумо аз пулатон ҳар рӯз 1–долларӣ бо 8 фоизи солонааш пасандоз кунед, он дар 30 сол

тахминан 1, 800 – 2 миллион доллар мешавад. Бинобарин ҳатто пули начандон бисёр дар охир вазъиятро комилан тағйир медиҳад.

● Вале новобаста аз қарзҳо ҳамеша барои ояндаатон 10 фоизи даромадатонро пасандоз кунед. Маблағи мазкур ба Шумо эътимод мебахшад, то ки ҷойи худро дар зиндагӣ устувор эҳсос кунед. Фаромӯш накунед, ки пасандози хурдтарин ҳам вазъро тағйир медиҳад.

● Аз ин рӯ пулро пасандоз намуда, ҳамон тарзи ҳаётро месозем, ки дар бораи он фикр мекунем ва орзу дорем.

● Мутобиқи нақшаи ҳисобу китоб Шумо бояд низомеро ҷорӣ гардонед. Миқдори пул аҳамият надорад, муҳимаш мувофиқи низом амал кунед. Бо мурури замон ақли одам ба тартиб одат карда, низом ба фаъолияти мустақилона оғоз менамояд.

3. ЧӢ ТАВР САРМОЯГУЗОРӢ БОЯД КАРД?

Шунавед – фаромӯш мекунед,
бинед – ба хотир мегиред,
амал кунед – мефаҳмед.

Конфутсий

1. Ҳифозати молиявӣ
2. Амнияти молиявӣ
3. Озодии молиявӣ

Аксари Шумо мепурсед, ки чиро ва бо кадом максад сармоягузорӣ намоед. Ҳар гоҳе, ки идора намудани пулро омӯхтед, он гоҳ пулҳои бештар худашон бо дасти Шумо меоянд. Ана ҳамон вақт дониши сармоягузорӣ кардани пулҳои зиёдатиро чӣ кор кардан, ба куҷо гузоштани онхо,

чӣ тавр арзёбӣ намудани имконияти ҳақиқиатонро намедонед. Аз ин сабаб пулҳоятонро бемақсад ба корҳои майда–чуйда харҷ мекунед. Рӯзе мерасад ва ногаҳон фикр мекунед, ки пулатонро ба ҷойи дигаре сармоягузорӣ карда, фоида ба даст овардан мумкин буд. Аммо он рӯз мебинед, ки аллакай дер шудааст, пулҳо аз даст рафтаанд.

Масал дар бораи мурғеро ба хотир меорем, ки тухмҳои тиллоӣ мекард.

Марди рустоие мебинад, ки мурғаш тухми тиллоӣ кардааст. Ба чашмонаш бовар накарда, тухмро ба даст мегирад. Тухм воқеан ҳам тиллоӣ буд. Марди рустоӣ назди заргар рафта, тухмро нишон медиҳад ва заргар бар ивази тухм ба ӯ маблағ пешниҳод мекунад. Рӯзи дигар ҳолати дирӯза такрор ёфта, мурғ боз як дона тухми тиллоӣ мекунад. Ҳамин ҳолат чанд вақт давом кард ва рӯзе ҳисси кунҷковии марди деҳотӣ боло мегирад ва ӯ ба худ қарор медиҳад, ки ҷонварро кушта, батнашро бинад, ки чӣ тавр тухми тиллоӣ мекунад ва ҳамаи тухмхои тиллоиро якбора гирад. Дигар тоқате надорад, ки ҳар рӯз як тухм гираду корашро буд кунад. Агар якбора ҳамаи тухмҳоро гирад, кораш тез ба пеш меравад ва проблемаҳояш ҳал мешаванд. Ӯ мурғро кушта, дар батнаш ба ғайр аз як дона тухми хеле хурди тиллоӣ чизи дигар пайдо накард.

Хулосаи масал чунин аст: тухмҳои тиллоӣ ҳамон фоизҳо ё даромаде мебошанд, ки Шумо аз пулҳои сармоягузорӣ кардаатон ба даст меоред. Ба мо «мурғе» парвариш кардан лозим аст, ки «тухмҳои

тиллой» диҳад. Вақте, ки дар дасти мо як миқдор пул ҷамъ мешавад, яъне мо имконият пайдо менамоем, ки ҳамон «чӯҷа»–ро калон кунем. Мо бошем, пулҳоро ба харидани либос, ҳар гуна ашё, мошин ва чизҳои дар ҳамон вақт бароямон нодаркор харҷ менамоем. Дар кадом як маҳалли берун аз мамлакат истироҳат кардан мехоҳем, ҳол он, ки шароити истироҳати хуб дар наздикиҳо ҳам ҳаст. Ба назарамон чунин менамояд, ки агар мошин, хона, зару зевари зиёди ороишӣ харем, аллакай сарватманд ҳастем. Вале чунин фикр ботил аст. Аксар одамоне, ки савори мошинҳои қиматбаҳо гашта, либосҳои пурқимат ба бар мекунанд ва дар гардан ҷавоҳироту тилло меовезанд, дар ҳисоби бонкиашон пул надоранд. Зеро харҷ кардани пул кори саҳл аст.

Одамони зиёде пули хуб ба даст оварда, то вақти пулашонро пурра аз даст додан дар як муддати кӯтоҳ ба одами сарватманд табдил меёбанд. Пул ба даст овардан нисбат ба онро нигоҳ доштану афзун намудан кори саҳл аст. Оё Шумо ягон нафар одами пулдорро дидаед, ки нодон бошад? Не. Донишҷӯи курси дуюм ҳамеша фикр мекунад, ки ӯ назар ба профессор донотар аст. Сержант бошад, худро аз майор бофаҳм ҳисоб мекунад. Ҳол он, ки нисбат ба сержанти дар кӯча истода бо генерал забон ёфтан осонтар аст. Ва ҳамеша чунин аст. Бо кадом сабаб? Ба он хотир, ки онҳо иззати нафси худро боло гузоштан мехоҳанд.

Бо ҳамин сабаб ба мо «парвариш»–и «мурғ»–и худамон зарур аст, ки тухмҳои тиллой диҳад. Кӯшиш карда, ҳисоб кунед, ки ба Шумо барои дар як моҳ ба таври хуб зистан чӣ қадар пул зарур аст. Ҳатто агар даромадатон чанд маротиба зиёд шуда бошад ҳам, бояд бо ҳамон маблағи ҳисобкардаатон зиндагонӣ кунед.

Сармоягузории беҳтарин – сармоягузорӣ барои хеш.

Боре ба дарси ман зане омад. Ӯ ҳамаи тренингҳои маро гузашта, хеле хуб ва бо хоҳиши зиёд машқ мекард. Вақте аз вай чанд пул кор карданашро пурсидам, оромона 10000 танга (бо қурби ҳамонвақта – 80$) кор мекунам гуфт. Аз ҷавобаш ҳайрон шудам. Он гоҳ кунҷковӣ кардам, ки барои тренингҳо аз куҷо маблағ пайдо мекунад. Зан ба саволам ҷавоб дод, ки ӯ аллакай дар зинаи аввал фаҳмида буд, ки барои беҳтар зистан коре кардан зарур аст. Ба нияти гирифтани мошини ҷомашӯйӣ аз бонк қарз гирифтааст, вале ба ҷойи мошин пулро барои худ пасандоз кардааст, яъне, барои омӯзиши худ харҷ намудааст. Ин кор қиёснашаванда мебошад.

Бо кадом сабаб дили баъзе одамон аз фарзандонашон мемонад. Зеро худашон дуруст нахӯрдаю напӯшида, буду шудашонро ба фарзанд мебахшанд, вале фарзанд ба воя расида мегӯяд: «Барои ман Шумо чӣ коре кардед?! Он чӣ бароям кардаед, волидони дигар ҳам мекунанд. Шумо ҳам қарзи падариатонро адо кардаед». Чунин фарзанд ба қадри заҳмати волидайн нарасида, амали накӯи онҳоро ҳамчун як кори муқаррарие фаҳмидааст, ки гӯё ҳамеша чунин аст. Суханони фарзандро шунида, волидон аз ӯ дилсард мешаванд. Аз ин рӯ **дар ин дунё чизе аз сармоягузорӣ намудан барои худ беҳтар нест.** Дар дунё якчанд амалҳои асосие мавҷуд аст, ки аз баҷо овардани онҳо ҳаргиз пушаймон намешавед: ибодат ба Аллоҳ, сари

вақт тавба кардан, шукри Аллоҳро ба чо овардан, аз мардум бахшиш пурсидан, хидмати падару модарро кардан, саломатии худро дуруст нигоҳ доштан, илм ва ҳунар омӯхтан, фарзанди нек тарбия кардан, хидмати халқу Худоро бачо овардан, бисёртар китоб хондан ва эҳтироми худро доштан. Ин бойигариатонро касе ғорат карда наметавонад, онҳо мудом бо Шумо мемонанд. Ман одамонеро мешиносам, ки дар як моҳ бо 200 доллар зиндагонӣ мекунанд. Муайян созед, ки барои дар як моҳ зистан ба Шумо чанд пул лозим аст ва нақшаи молиявии худатонро таҳия кунед («мурғе, ки тухми тиллой медиҳад»). То ба ин рӯз ҳамаи нақшаҳои гузаштаатон барои харҷ кардан пешбинӣ шуда буданд. Ҳоло мефаҳмед, ки нақшаи воқеии молиявӣ аз нақшаи барои харҷ кардан пешбинишуда чӣ фарқ дорад.

1. Ҳифозати молиявӣ

Барои мисол рақами миёнаи 300 доллярро мегирем, ки бо он оилаи миёнаҳол зиндагонӣ карда метавонад (рақами дигарро ҳам гирифтан мумкин аст). Рақами мазкурро бо шаш зарб зада, 300 х 6 = 1800 доллар ҳосил мекунем. Рақами шаш адади моҳҳо мебошад, рақами 1800 доллар миқдори ҳамон маблағест, ки дар муддати ним сол барои таъминоти оила зарур аст. Дар маҷмӯъ ин мисол чӣ маъно дорад? Мақсад аз овардани мисол он аст, ки агар дар дастатон ҳамин миқдори пул мавҷуд бошад, пас Шумо осудахотир ҳастед. Шумо хотирҷамъ мешавед ва парешонӣ аз байн меравад. Шумо медонед, ки дар ҳаёт ҳар воқеае, ки рӯй диҳад, хоҳ аз ҷойи коратон ихтисор кунанду хоҳ Худо накарда саломатиатонро аз даст диҳед, дар тӯли ним соли дигар оилаи Шумо

метавонад монанди ҳимрӯз зиндагонӣ кунад. Ва Шумо ба хубӣ дарк мекунед, ки оилаатон дар ним соли дарпешистода аз ҷиҳати молиявӣ муҳофизат шудааст.

Баъзе одамон маблағи мазкурро кайҳо боз ҷамъ карда, нигоҳ доштаанд. Агар Шумо пул надошта бошед чӣ? Дар ин ҳолат ба худатон ягон дилхушӣ – ба тарабхона рафтан, тамоку кашидан, май нӯшиданро раво надида, таксиро фаромӯш кунед, истироҳатро то замоне, ки ин маблағро ҷамъ накунед, ба таъхир гузоред. Шумо на барои ягон хел тафреҳ ва зару зевари қиматбаҳои ороишӣ, балки танҳо барои чизҳои зарурӣ ва ғизо ҳаққу ҳуқуқи харҷ кардани маблағро доред. То замони ҷамъ кардани пули зарурӣ Шумо ҳаққи фароғат кардан надоред.

Акнун ин маблағро ба 12 зарб зада, 3600 ҳосил мекунем. Хуб аст, агар дар даст чунин миқдори маблағ мавҷуд бошад. Вале одамоне, ки чунин миқдори пул пасандоз накардаанд, бояд аз баҳри ҳамаи дилхушиҳои ҳаёт баромада, бо андак қаноат кунанд. Зеро захираи маблағи онҳо барои ним сол кифоя намекунад, беҳтараш, аз рӯи эҳтиёт барои як сол пасандоз кунанд. Дар ҳамин марҳила комилан ба дигаргунии рухдода мутобиқ гардида, худро ба даст гирифта, агар аз ҷойи коратон ихтисор карда бошанд, ҷойи нави корӣ пайдо кардан мумкин аст. Ҳамин аст ҳифозати молиявӣ.

Як мисоли аёнӣ дар мавриди суғурта намудани автомобил ва молу мулк. Тавре аз рақамҳои оморӣ бармеояд, одатан, бо мошинҳое, ки суғурта карда шудаанд, ягон ҳодисаи нохуш рӯй намедиҳад,

баръакс, навад фоизи садама бо мошинҳое рух медиҳад, ки суғурта нашудаанд. Оё сабабашро медонед? Зеро вақте, ки Шумо мошин ё молу мулки худро суғурта мекунед, эътимод ва осоиши ботинӣ пайдо мекунед. Вақте Шумо сарватҳои моддиатонро суғурта кардаед, аз пастию баландиҳои ояндаи зиндагӣ ҳарос надоред.

Масалан, зане фаҳмид, ки ба наздикӣ пул беқурб шуда, нархҳо баланд гардида, ҳама чиз қимат мешавад. Аз ин рӯ, бо пули ҷамъкардаи худ, бо умеди он, ки дар рӯзгори ояндааш зарур мешаванд, ашёи гуногун харид. Зан ашёи харидаашро дар хонааш пинҳон намуд. Боре ба манзилаш омада дид, ки хонаашро ғорат кардаанд. Ҳайрон шуд. Барои чӣ ин ҳодиса маҳз бо ӯ рӯй дод? Зеро дар умқи тафаккураш ҳамеша хатари бадбахтиҳоро ҷой мекунонид. Ҳаросаш ҳодисаи нохушро ба сараш овард. Аммо одамеро, ки сарватҳояшро суғурта кардааст, чизе безобита намесозад, дар дилаш барои хаёли ҳодисаҳои нохуш ҷой боқӣ намемонад. Хотираш ҳамеша осуда аст. Ҳар вақте, ки пули бароятон зарурро пасандоз кардед, онро дар ҳисоби бонкии худ алоҳида гузошта, ба болояш пули илова нагузоред. Дар ин сурат Шумо миқдори пулатонро медонед. Ҳоло ҳозир бо маблағи ба бонк гузоштаатон қаноат карда, аз хароҷоти калон даст кашед. Маблағи мазкур барои таъмин намудани ҳифзи молиявии оилаи Шумо зарур мебошад. Агар нохост корҳои тиҷорататон ба мушкилот рӯ ба рӯ гардида, даромадҳоятон кам шаванд ҳам, Шумо худатонро осуда эҳсос мекунед. Зеро ҳар лаҳза метавонед аз ҳисоби бонкиатон пул гирифта, оилаатонро таъмин созед.

Фаромӯш накунед, ки пули дар бонк гузоштаатон ба тиҷорати Шумо ягон робита надорад, пули мазкур буҷети оилавиатон мебошад. Ин пул бояд ҳамеша нақд бошад. Ба он даст нарасонед, бо ягон мақсади дигар сарф накунед. Вале агар рафту бо ягон сабаб пули пасандози оилавиатонро аз ҳисоби бонкӣ гирифта бошед, кӯшиш ба харҷ диҳед, ки онро зудтар барқарор кунед. Пул дорои як хосият мебошад. Фармудаи Худовандро аз китоби муқаддас ба хотир меорем. Ба касе Худо диҳад, сарваташ зиёд мешавад ва ба касе надиҳад, кам мешавад. Қонуни мазкур дар ҳаёти мо ҳам амал мекунад. Вақте, ки пули бештар ҷамъ шуд, аз он ҳайрон мешавед, ки даромадатон чӣ тавр зуд афзун мегардад. Самтҳои нави фаъолият пайдо шуда, имкониятҳои нав ба миён меоянд. Даромад меафзояд. Зеро қонуни зиндагӣ чунин аст. Ба касе Худо диҳад, бойигариаш зиёд ва ба касе надиҳад, кам мешавад. Худованд дар китоби муқаддас чунин фармудааст.

РОҲҲОИ САРМОЯГУЗОРӢ

■ **Муҳофизати молиявӣ**

300$ * 6 = 1800$

300$ – хароҷоти моҳона

6 – моҳ **300$ * 12 = 3600$**

2. Амнияти молиявӣ

Акнун 300$–ро гирифта, онро ба 150 зарб мезанем (бояд маблағеро гирем, ки бо он дар як моҳ зистан мумкин бошад). Формулаи қоидаи мазкурро Бодо Шеффер сохтааст. Аз дарси математика формулаи Пифагорро дар хотир доред? Формулаи мазкур доимӣ буда, тағйир намеёбад. Бодо Шеффер ҳам қоидаи ҳисобу китоб кардани пули муайянро сохтааст, ки он барои амнияти молиявӣ зарур мебошад. Тибқи қоидаи мазкур, **бо мақсади аз ҷиҳати молиявӣ озод будан, таъмини амнияти молиявӣ ба Шумо зарур аст, ки тадриҷан 45 000 доллар ҷамъ кунед. Бо ҳамин маблағ Шумо амнияти молиявии оилаатонро таъмин мекунед.**

Агар маблағи мазкурро дар ягон бонк гузошта, аз он ҳар сол ба миқдори 8 фоиз фоида ба даст оваред, дар як сол Шумо 3600 доллар фоида мегиред. Ҳамин рақамро ба 12 тақсим карда, рақами 300 ҳосил мекунем, ки он хароҷоти ҳармоҳаи оилаи мо мебошад. Мисоли мазкур чунин маъно дорад, ки агар Шумо ба миқдори 45 ҳазор доллар маблағ пасандоз кунед, оилаатон аз ҷиҳати молиявӣ пурра дар амон мебошад. Агар Шумо минбаъд дар ягон ҷой кор накунед ҳам, тамоми умр метавонед фоидаи маблағи ба бонк гузоштаатонро ҳар моҳ гирифта, осудаҳолона зиндагонӣ кунед. Дар мисоли мазкур ба он аҳамият додан зарур аст, ки Шумо худро аз ҷиҳати молиявӣ муҳофизат карда, 3600 ҳазор доллар захира намудаед. Сипас Шумо ба ҷамъ кардани маблағи 45 000 доллар шурӯъ кардед. Ин маблағро ҷамъ карда, амнияти молиявии худро таъмин намудед. Зеро дар ягон ҷой кор накарда, ҳар моҳ аз бонк 300 доллари фоидаи

пули пасандозкардаатонро гирифта, метавонед осудаҳолона зиндагӣ кунед.

Хонандагони азиз, ин мисолро ман аз Бодо Шеффер омӯхта будам ва онро ба Шумо ҳамчун намуна пешниҳод мекунам. Ва дар китобам дар ин бора навиштам. Ин мисол барои одамоне, ки аз ухдаи ягон кор худашон намебароянд ва пулро кор фармудан наметавонанд ё намехоҳанд ва барои онҳое, ки динашон барои гирифтани суд розигӣ медиҳад.

Азбаски дини мо дини поктарин ин дини Ислом аст, мо алҳамдулиллоҳ мусалмон ҳастем ва дар дини мо фоиз додан ва фоиз гирифтан ҳаром аст, мо бояд ин корро накунем. Мо бояд пуламонро истифода карда, корхонаҳо, нуқтаҳои савдо ва ғайра кушода, кор фармуда, даромад гирем. Дар ин муддат ба Шумо 45 000 доллар даркор намешавад, ки Шумо ҳар моҳ 300 доллар даромад дошта бошед. Аммо барои пулро истифода бурдан ва кор фармудан Шумо бояд илми дақиқ дошта бошед. Агар надонед, маслиҳати бародаронаи ман ба Шумо чунин аст, ки бояд ин ҳунарро омӯзед. Вагарна вақташ ояд, ҳаёт Шуморо, албатта, маҷбур мекунад.

Акнун кӯшиш карда, ба як савол ҷавоб диҳед: агар 5 ё 10 сол муқаддам аз қоидаҳои мазкур огоҳ шуда, онҳоро истифода мебурдед, оё имрӯз амнияти молиявии Шумо таъмин мегашт? Ҳа ё не?

Аксари одамон ҳатто хаёлан ба худ иҷозати сарватмандшавиро намедиҳанд ва худро чун одамони бадавлат фикр карда наметавонанд. Аз ин рӯ, ман бо Шумо на дар бораи роҳҳои пайдо

кардани пул, балки дар бораи тарзу усули идора кардани пул суҳбат мекунам. Зеро дар ибтидо хоки заминро омода карда, сипас ба он дона мекоранд. Тухми зироатро ба асфалт партоед, ҳаргиз намесабзад.

Ҳангоми бори аввал шунидани ин қоида ба назарам чунин намуд: эҳтимол дар муддати 20 сол агар пул пасандоз ва захира кунам, ин маблағро (45 000 доллар) ҷамъ карда метавонам. Дар ҳақиқат, ба назарам маҳз чунин намуд, ки барои ҷамъ кардани ин миқдор пул ба ман ин қадар муҳлат зарур аст. Вале вақте бо қувваю ғайрати дучанд ва ба таври мақсаднок ба кор оғоз намуда, дар тӯли се моҳ аз ҷиҳати молиявӣ ҳифозат ёфтам, худ дар ҳайрат афтодам. Дар 8 моҳи дигар амнияти молиявиам ҳам таъмин гардид. Худам нафаҳмида мондам, ки чӣ тавр ба чунин дастовард ноил гаштам. Ҳатто тасаввур ҳам карда наметавонистам, ки ҳамаи корҳо дар муддати хеле кӯтоҳ анҷом меёбанд. Ҳамон вақт ба дарки ибораи **«Ба кор оғоз кунед, Худо ва боқӣ тамоми дунё ба Шумо кӯмак мерасонанд»** расидам. Бовар кунед, дар ҳақиқат чунин шуд. Зеро Худованд одамони эҷодкор, мақсаднок ва муваффақро дӯст медорад. Барои онҳо муъҷиза меофарад. Вале ӯ одамони ландаҳур, танбал ва сусту ба худ эътимод надоштаро дӯст намедорад. Шамоли сахт ниҳолҳои камқувват ва навдаҳои нозукро ба осонӣ мешиканад. Ҳар чизе, ки аз сабзиш ё ҳаракат мемонад, аз ҳаёт маҳрум мегардад. Сабзаҳо, гулҳо, ҳайвонот, ҳатто ҷӯйборҳои беҳаракат ба ботлоқ табдил меёбанд, оҳан занг зада, вайрон мешавад, ба дока табдил меёбад аз бе истифода монданаш. Ҳамин тариқ, вақте ягон иқдомро пеш

мегиред, Худованд Шуморо дӯст медорад. Беҳуда намегӯянд, ки **"Аз ту ҳаракат, аз ман баракат."**

Ибораи халқӣ ҳаст, ки «аз бекор ҳама безор». Дар Қуръони шариф ҳам ба ин мазмун чанд оятҳо омадааст ва ҳазрати Алӣ ҳам фармуда, ки бузургтарин фараҳ ин заҳмат кашидан аст. Яъне бузуртарин истироҳат ин меҳнат кардан аст. Дар ягон ҷойи Қуръон ва ҳадиси набавӣ ва дигар китобҳои муқаддаси дини Ислом гуфта нашудааст, ки барои барори кор назди фолбин бирав, касеро фиреб кун, аз дигарон гумонбар ва ғамгин шуда, хафагӣ карда, бекор гард.

Агар мусалмон аз Худованд доимо пурсад ва худаш ягон кор накунад, ба фикрам, ин ҳам бояд гуноҳ бошад. Беҳтарашро албатта Худованди таолои меҳрубон худаш медонад.

Агар фаъолиятатон ақаллан як нафарро ба комёбӣ расонда, сатҳи зиндагониашро беҳтар созад, худи тақдир мададгори Шумо мегардад. Аз одамони сарватманд пурсед, ки бо шарофати кӣ онҳо сарватманд шуда, чӣ тавр ба мақсад расидаанд. Аксари одамони доро ба саволи мазкур чунин ҷавоб мегӯянд: «Рости гап, худам фаҳмида наметавонам. Ба кор оғоз кардам, корам омад кард».

Солҳои 70-уми асри гузашта панҷ донишҷӯ ҷамъ омада, ширкат таъсис доданд, вале аз чӣ оғоз кардани фаъолияташонро намедонистанд. Барои таҳия шудани идея 2 сол сипарӣ шуд. Яке аз донишҷӯён пироҳани варзиширо гирифта, ба

он нишонаи муносиб часпонд. Ҳамаи коркунони ширкат ба ӯ пайравӣ намуда, чунин пироҳан пӯшиданд. Инак чандин солҳо инҷониб одамони бешумор пироҳани дорои нишонаи «Гиреду созед» мепӯшанд. Аксари Шумо номи ширкатеро медонед, ки либосҳои варзишии "NIKE" истеҳсол мекунад. Дар муддати ҳамагӣ панҷ–ҳафт сол онҳо аз аксари ширкатҳои номӣ пеш гузаштанд. Сирри муваффақияти онҳо хеле одӣ аст. Фикр карданду амал карданд ва истеҳсол намуданд. Дар натиҷа ширкати калонтарин ва комёбтарини истеҳсолкунандаи либосҳои варзишӣ ба вуҷуд омад. Бинобарин агар дудила нашуда, ба кор оғоз кунед, муваффақият ёратон мешавад.

Ҳаргиз синну солам мувофиқ нест, сармояи ибтидоӣ надорам, қонунҳо барои тиҷорат мусоидат намекунанд ё вазъи оилавиам халал мерасонад, нагӯед. Бо мақсади тасалло додани худ баҳонаҷӯйӣ накунед. Зеро ҳамеша баҳона ёфтан мумкин аст, аммо ҳаётатон бо баҳона тағйир намеёбад. Беҳтар аст, ки тасмим гирифта, ба ҷониби мақсадҳоятон ба пеш ҳаракат кунед. Саъй намуда, ба мақсадатон эътимод пайдо кунед. Сипас амал намоед.

Мисолҳои зиёдеро медонем, ки одамон баъд аз гузаштани семинарҳои мо тибқи принсип ва қоидаҳои пешниҳодшуда амал карда, даромади худро дар 2 моҳи охир аз 20 то 50 фоиз афзун намудаанд. Аз ин рӯ ба пешниҳодҳои китоб ҳамчун ба маҷмӯи маълумот муносибат накарда, онҳоро чун таҷрибаи ҳаёт пазиред ва онҳо ба Шумо мисли харита барои пайдо кардани роҳи рости расидан ба мақсадҳоятон кӯмак намуда намегузоранд, ки ба пайроҳаи нодуруст равед.

Агар ба амнияти молиявӣ расед, аз ҳисоби фоидаи пасандозатон зиндагӣ карда метавонед.

РОҲҲОИ САРМОЯГУЗОРӢ

■ Амнияти молиявӣ

300$ * 150 = 45000$

8% 45000$ = 3600$

300$ – хароҷоти моҳона
3600$: 12 = 300$

150 – формула 12 – моҳҳо

Аммо суд бардоштан ҳаргиз маъноии тамоман кор накарданро надорад. Ҳаёт боз зинаҳои наве дорад, ки ба ҳамаи онҳо баромадан лозим аст.

Аз ҷониби дигар, гузаронидани ҳаёт рӯз аз рӯз гарон мегардад. Агар имрӯз мо бо 300$ зиндагӣ карда тавонем, баъд аз 10 сол бо чунин маблағ зиндагӣ ғайриимкон мегардад. Ба хотир оваред, соли 2000 Шумо дар як моҳ чанд пул харҷ мекардед? Ҳозир бошад, чӣ қадар?

3. Озодии молиявӣ

Ба фикри Шумо, барои зиндагии шоиста ба Шумо чӣ қадар пул зарур аст? Ҳар чизи дилхоҳатонро дар ҳадди эътидол харед, гоҳ–гоҳ дар қаҳвахонаю тарабхонаҳо ғизо хӯред, дар

Таиланд, Миср ва ё кишвархои дигар истироҳат кунед. Барои ҳамаи ин дар як моҳ тахминан 5000 ё 10 000 доллар зарур аст. Барои Шумо чунин маблағ аз ҳад калон менамояд? Худро бояд тавре эҳсос намоед, ки гӯё ин маблағро дар ихтиёр доред. Бояд эътимоди комил дошта бошед, ки ба чунин ҳаёти шоиста арзанда мебошед. Ба қобилияти худ бояд шубҳа накунед. Метавонед гӯед, ки бо чунин вонамуд кардани худ ман ба чунин одам табдил намеёбам. Аммо ба андешаи мо, **«Агар ба худатон бовар дошта бошед, албатта ба чунин одам табдил меёбед. Чунин эҳсосро худатон бунёд кунед».**

Акнун 10 000 долларро ба 150 зарб зада, 1,5 миллион доллар ҳосил мекунем. Маблаги мазкур, бовар кунед, он қадар калон нест. Агар Шумо соҳиби хонаи хуб бошед ё ҳавлии калон мерос гирифтаед, аллакай одами сарватманд мебошед. Масалан, дар ибтидои солҳои 90 арзиши амвол 5–7 ҳазор долларро ташкил медод. Мошинатонро фурӯхта, хонаи хуб харидан мумкин буд. Ҳоло бошад, агар соҳиби 2–3 хонаи калон бошед, Шумо миллиондори ҳақиқӣ ба ҳисоб меравед. Зиндагӣ беҳтар шуда, имконияти зиёди пайдо кардани пули бештар ба вуҷуд омадааст, ҳамаи одамон амалан имконияти бой шудан доранд. Аз ин рӯ аз вазъи мушкил, андозҳои баланд ва буҳрони ҷаҳонӣ шиква накунед. Фаромӯш накунед, ки муваффақият аз худи Шумо вобаста аст.

Замоне, ки ин маблаҳро ҷамъ кардед, соҳиби озодии молиявӣ мешавед. 10000$ x 150 = 1500000$. Яъне агар маблаги мазкурро бо 8 фоизи фоида ба ҳисоби бонкӣ гузоред, он гоҳ дар як сол 120 000 доллар фоида ба даст меоред. Рақами болоро ба 12 моҳ тақсим кунед, 10 000 ҳосил мешавад, ки он маблаги фоидаи софи Шумо дар як моҳ мебошад ва

он ба Шумо имконият медиҳад, ки аз ояндаи худ дилпур бошед. Шумо барои пул кор намекунед, балки пул ба нафъи Шумо хидмат мекунад. Одамони зиёд чунин амал мекунанд. Барои чӣ Шумо ҳам ба ҷамъияти одамони сарватманд ва муваффақ ҳамроҳ нашавед? Шумо метавонед. Он гоҳ Шумо ба одами дигар табдил ёфта, худатонро сарватманд эҳсос карда, мегӯед: «Бале, ман одами сарватманд, озод, осудаҳол, акнун дар бобати пул фикр намекунам, ба ман акнун ҳамаи корҳо осон шудаанд». Шумо дар тӯли 5–7 сол метавонед чунин бодавлат шавед. Мо ин ҷо танҳо мисоли ҳамкорӣ бо бонкро овардем. Шумо метавонед бизнеси худро ба роҳ монда, дар муҳлати на чандон тӯлонӣ ин миқдор пулро кор карда, озодии молиявии худро ба даст оваред. Азбаски дини мо Ислом аст, ба мо боз ҳам осонтар мешавад, алҳамдулиллоҳ. Мумкин аст, ки ба Шумо аз ҳисоби сармоягузорӣ ё соҳибкорӣ дар як моҳ 100 000 ё 200 000 доллар бас аст. Дар ин ҳолат масъалаи ҷамъ кардани 1 500 000$ афсонавор ҳалли худро меёбад. Ин аст муъҷизаи соҳибкорӣ! Шояд он гоҳ барои хуб зиндагӣ кардани Шумо на 500$, балки 3000 ё 10 000$ кифоят кунад.

Ба ин кор ҳамон вақт муваффақ мегардед, ки агар дилу ҷону ақли Шумо як хел ҳаракат кунанд ва агар барои худ, барои наздиконе, ки онҳо Шуморо дӯст медоранд, ба мубориза омода бошед. Вақте, ки ин ҳолат ба амал омад, осудагию боварӣ ва қаноатмандии ботинӣ ҳосил мекунед.

Чунин латифае ҳаст: Шахси сарватманде барои ба хонааш рафтан ба таксӣ мешинад. Вақте, ки ба манзилаш мерасад, ӯ аз кироякаш ҳаққи хидматашро мепурсад. «Сад доллар» – мегӯяд ронандаи таксӣ. Мизоҷ дар ҳайрат афтода мегӯяд: «Чаро ин қадар қимат?». Ронанда дар ҷавоб мегӯяд, ки дирӯз писаратонро оварда будам, ӯ дусад доллар дода буд. Мизоҷ сухани ронандаи таксиро шунида мегӯяд: **«Ҳа, мефаҳмам, падари ӯ миллионер аст, ман бошам, як ятим ҳастам».** Одамони сарватманд қадру қимати пул, чӣ тавр ба даст овардани он ва чӣ тавр сарф карданашро медонанд.

Олимон таҷрибаи зеринро гузаронданд. Чор маймунро дар қафас ҷой карда, дар тори сарашон банан овехтанд. Ҳар гоҳе, ки маймунҳо банан хӯрдан мехостанд, ба боло меҷаҳиданд. Дар ҳамин вақт аз боло бо фишори баланд ба сарашон оби сахт хунукро мерехтанд. Баъд аз якчанд вақт маймунҳо боз хоҳиши банан хӯрдан намуда, ба ҷониби бананҳо ба боло меҷаҳиданд. Баробари ба боло ҷаҳиданашон боз ба болояшон оби сард мепошиданд. Ҳамин ҳолат чанд маротиба такрор ёфт. Сипас ҳолате ба амал омад, ки маймунҳо бо вуҷуди хоҳиши банан хӯрдан доштанашон ба боло нигоҳ карда, аз ҷаҳидан метарсиданд. Боз ба қафаси маймунҳо маймуни дигареро оварданд, ки аз оби сард бехабар буд ва он ҳам кӯшиши ба даст овардани бананро карда, ба боло меҷаҳид. Вале акнун дигар маймунҳо ба ӯ халал расонида, нагузоштанд, ки ин корро анҷом диҳад, ӯро ҳатто дошта мезаданд. Баъд аз якчанд вақт ба қафас боз як маймуни дигарро ҷой карданд. Ин маймун низ мехост банан хӯрад, вале маймунҳои дар қафас

буда онро ҳам дошта мезаданд. Ҳамин тавр, бо ҳамаи маймунҳои наве, ки ба қафас ҷой мекарданд, чунин муносибат менамуданд. Чунин ҳолат то замоне давом кард, ки адади маймунҳо ба 12 расид. Баъд аз ин аз қафас чор маймуни аввалaро, ки ба сарашон об рехтанро медонистанд, аз қафас бароварда, таҷрибаро бо чор маймуни баъдтар вориди қафас намуда идома доданд. Баъд аз ин ба қатори маймунҳои дар қафас буда чанд маротиба яктоӣ маймунҳои навовардаро ҳамроҳ намуда, умед доштанд, ки маймунҳои дар қафас монда ба тарзи дигар рафтор мекунанд. Бо вуҷуди ин ҳолати халалрасонӣ тағйир наёфт. Акнун маймунҳое, ки баъдтар ба қафас дароварда шуда буданду ҳанӯз дар бораи обрезӣ чизе намедонистанд, маймунҳои навро, ки талоши банан мекарданд, мезаданд. Зеро дар тафаккури онҳо тасаввуроте пайдо шуда буд, ки ба бананҳо даст расондан, онро гирифта хӯрдан мумкин нест. Ва ҳатто сабабро надониста, онҳо ба дигар маймунҳо халал мерасонданд, то ки барои ҷаҳида дастрас намудани банан имкон пайдо накунанд.

Ҳамин гуна одатҳо дар ҳаёти мо низ мавҷуданд. Шумо ба ҷое расидан мехоҳед ё чизеро ба даст оварданӣ мешавед, вале ҳатман дигар одамон ба Шумо халал мерасонанд, зеро чунин одат қабул шудаст. Сабаби қабул шудани одати мазкур шояд маълумоти нодурусте мебошад, ки одамон дар куҷое онро шунидаанд. Одамон барои исбот кардани ғайриимкон будани шикастани қолаби дар тафаккурашон ҷойгирифта бо ҳар гуна суханон Шуморо метарсонанд, маслиҳат медиҳанд ва аз роҳ бозгардонидан мехоҳанд. Худатонро ба

даст гиред, ба худ эътимод кунед ва ба маслиҳати онҳо гӯш надиҳед.

Одамоне, ки корашон омад намекунад, одатан як бор меозмоянд, корашон омад накард, дигар дасту дилашонро мешӯянд. Ба онҳо кофист, ки нафаре гӯяд, фалонӣ муфлис шуд.

Баъзе урфу одатҳои мо мисли қафасе, ки маймунро аз он берун баромадан намемонад, барои пешрафт халал мерасонанд, моро намегузоранд, ки ба умеду орзуҳоямон расем. Моро тарсончак мекунанд. Ғамгин ва рӯҳафтода мекунанд. Масалан, мегӯянд, ки ба кӯрпа нигоҳ карда, поятро дароз кун. Ман гумон мекунам, инро кадом камбағале барои тасаллои дилаш гуфтааст. Охир, то пойро қат кардан, беҳтараш кӯрпаро камтар дароз бояд кард.

Боз якчанд баҳонаҳои бениҳоят вазнин ҳаст: "Ба ман Худо надодааст", "Тақдирам ҳамин будааст", "Буду шуди ман хамин", "Вақти ман гузашт" (пурсед чандсола аст, мегӯяд 40 ё 50) . Одамизод нав аз 40 гузарад, ақлаш мерасад. Дар ҳамин синну сол давраи камандешӣ, камтаҷрибагӣ ва камақлӣ мегузараду давраи баҳрабардорӣ мерасад. Бисёр одамоне, ки дар дунё муваффақ шудаанд, синну солашон аз 40 боло буд.

Баҳона мекобам гӯед, он бисёр аст. Ҳозир ба гӯшам суханони ҳамшаҳриҳову хешу таборам омада истодаанд.

"Саидмурод, ҳама фикрҳои Шумо дуруст, лекин дар Тоҷикистон инро кардан намешавад. Намемонанд кардан". Бародари азиз, агар ҳамин хел бошад, ин биноҳои боҳашамати нав аз куҷо пайдо шудаанд? Аз куҷо ин бизнесҳои нав пайдо

шуда истодаанд? Агар дар хонаи худат метарсӣ, дар шаҳри бегона метавонӣ бизнес кардан? Не. Дар шаҳрҳои бегона боз ҳам мушкилтар аст. Замини бегона сахт аст ва барои нонашро хӯрдан дандони оҳанин даркор.

Ба Худованд такя карда, ба сари кор шудан даркор. Гумон накунед, ки вақти беҳтар барои Шумо пайдо ва осонтар мешавад. Шумо агар худатон накунед, ягон вақт дар ҳаёти Шумо ягон чиз дигар намешавад.

Ягон кас аз баҳонаҷӯй бузург нашудааст. Агар аз мушкилӣ тарсед, бидонед, ки мушкилӣ ҳамеша ҳаст. Ягон кас аз баҳонаҷӯй дар таъриҳ намондаст. Ин интихоби Шумо аст. Худованд ба мо ақл, фаҳм, чашми бино ва дасти гирро додааст. Ба дунё омадем. Умри мо худ як имконият аст. Давомаш интихоби ҳар яки мост. Бо доди Аллоҳ шукр карда, ба пеш ҳаракати зиёд кардан даркор.

РОҲҲОИ САРМОЯГУЗОРӢ

■ Амнияти молиявӣ

10000$ * 150 = 1500000$

8% 1500000$ = 120000$

120000$: 12 = 10000$

150 – формула 12 – моҳҳо



ба дафтари ёддошт

- Ба мо «парвариш кардан»-и мурғе лозим аст, ки тухмҳои тиллой диҳад. «Тухмҳои тиллой» ҳамон фоизҳо ё даромаде мебошад, ки Шумо аз пулҳои сармоягузорӣ кардаатон ба даст меоваред.

- Барои таъмин намудани ҳифзи молиявии оилаи худ ба Шумо маблағе ҷамъ кардан зарур аст, ки бо он дар муддати 1 сол ба таври шоиста зиндагонӣ карда шавад. Масалан, 500 долларро ба 12 зарб занем, 6000 доллар ҳосил мешавад. То замони ҷамъ шудани ин маблаҳ фароғату истироҳат ва хароҷоти зиёдатиро фаромӯш карда, танҳо барои харидани чизҳои зарурӣ маблаҳ сарф кунед.

- Барои таъмин намудани амнияти молиявӣ агар хароҷоти Шумо 300$ бошад, тадричан 45 000 доллар пасандоз кардан зарур аст. Агар ҳамин маблаҳро дар ягон бонк бо 8 фоизи даромади солона гузоред, дар 1 сол 3600 доллар фоида гирифта метавонед. Агар маблаҳи

мазкурро ба 12 тақсим кунем, 300 доллар ҳосил мешавад, ки он хароҷоти ҳармоҳаи оилаи Шумо мебошад.

- **Барои ба даст овардани озодии молиявӣ 1,5 миллион доллар пасандоз кардан зарур аст. Маблағи мазкурро бо 8 фоизи солона дар ҳисоби бонкӣ гузошта, дар як сол 120 ҳазор доллар даромад ба даст меоред. Маблағи даромадро ба 12 тақсим карда, дар як моҳ 10 000 доллар фоида мегиред, ки он ба Шумо барои аз ояндаи худ дилпур будан имкон медиҳад. Шумо барои пул кор намекунед, балки пул ба нафъи Шумо кор мекунад.**

- **Ба кор оғоз кунед, Худо ва боқӣ тамоми дунё ба Шумо кӯмак мерасонанд. Бовар кунед, дар ҳақиқат чунин аст. Зеро Худованд одамони эҷодкор, мақсаднок, муваффақро дӯст медорад. Барои онҳо муъҷиза меофарад. Вале одамони беҳолу заиф, бесаъю кӯшиш, аз тақдири худ норозӣ буда ва ба худ эътимод надоштаро дӯст намедорад.**

ҚОИДАҲОИ **САРМОЯГУЗОРӢ**

Акнун дар бораи тарзҳои беҳтарини сармоягузорӣ суҳбат мекунем. Мо қурбонии иттилооти берунӣ ҳастем. Чунин иттилоот баъзан воқеӣ, баъзан бардурӯғ аст. Масалан, Шумо аз куҷо медонед, ки замин курраашакл аст? Охир, онро бо чашмони худ надидаед, балки ба Шумо «замин курраашакл аст» гуфтаанд. Зарари тамокукашӣ ба ҳамаи одамон маълум аст. Иттилои мазкур ба тамоку кашидан ё тамоку накашидани Шумо таъсир мерасонад. Маҳз иттилоот манбаи асосии ба қароре омадан мебошад. Вақте, ки Шумо дар курсӣ мешинед, устувории он ба туфайли чор пояаш мебошад. Хона ҳам дар болои чор девори асосӣ меистад. Ин адад аз ҳама беҳтарини шумораи устуворӣ мебошад. Агар як пояашро гирем ҳам, курсӣ рост истода метавонад, аммо устувориаш аз байн меравад. Бо ҳамин сабаб пулро ҳам дар чор самт бояд сармоягузорӣ намоем.

Боре агар ба кӯҳ баромада бошед, он гоҳ дидаед, ки дарё чӣ тавр ҷӯйҳои хурд–хурдро ба коми худ кашида, ҷамъ мекунад. Бо шарофати ҳамин хосияти табиӣ ҷӯйборҳои номаълуми хурд ба дарёи азиму пуртуғёни кӯҳӣ табдил меёбанд. Бо як сарчашмаи даромад Шумо ҳаргиз одами сарватманд шуда наметавонед. Бо ҳамин сабаб танҳо ба як маош қонеъ нашавед. Аз сарчашмаҳои гуногуни даромад ҷӯйҳои пулӣ созед, ки онҳо ба селоби молиявӣ табдил ёфта, Шуморо сарватманду муваффақ гардонанд.

Ҳатто дипломи мактаби олӣ кафолати сарватманд шудани Шумо нест. Бо маоши як ҷойи кор сарватманд намешавед. Одамон танҳо дар замони шӯравӣ бо як маош зиндагӣ карда, ҳатто аз сари ҳамон маош пасандоз мекарданд. Онҳо дар бораи доро шудан фикр намекарданд. Дар шароити иқтисоди бозаргонӣ ба сатҳи нави дарки сарватмандӣ ва некӯаҳволӣ гузаштан зарур аст. Бо нияти аз буҳронҳо, беқурбшавии пул дар амон будан селоби пулҳоро ба вуҷуд овардан лозим аст, ки сарчашмаҳои онҳо гуногун бошанд. Мисоли дарё ба таври аёнӣ нишон медиҳад, ки чӣ тавр ҷӯйҳои молиявии хурд ба ҳам омехта, ба дарёи калони комёбии Шумо табдил меёбанд. Бинобарин Шумо бояд ба таври оқилона истифода бурдани пулҳоро омӯзед. Тасаввур кунед, ки Шумо дар соҳили дарёед ва аз он бо сатил об мегиред. Чӣ қадаре, ки об гиред, ҳатто агар систернаҳои оби қатораро оварда, онҳоро бо об пур кунед ҳам, қатрае аз он кам намегардад. Шумо ҳам бояд барои худ ҳамин хел манбаи даромад созед.

Мисоли об хеле ибратомӯз аст. Об дорои хосияти нодир мебошад. Об ранг, шакли доимӣ надошта, ҳолаташро тағйир медиҳад (моеъ, сахт, буғ), дар ҳар гуна зарф бо осонӣ ҷойгир мешавад, моддаҳои зиёдеро ба маҳлул табдил медиҳад. Бо вуҷуди нармиаш сарбандҳои азимро хароб карда, кӯпрукҳо, хонаҳо, ҳатто харсангҳоро аз сари роҳаш шуста мепартояд, яъне об дорои қувваи беҳад бузург мебошад. Дарё ба растаниҳо, ҳайвонот ва ҳамаи сокинони

соҳилаш ҳаёт мебахшад. Сарват ҳам амсоли дарё аз ҷӯйҳои зиёд сарчашма гирифта, ба одамон шукӯҳу шаҳомат ва некӯаҳволӣ ато мекунад.

М.С. Норбеков мефармояд: «Ангуштони панҷа-атонро мушт карда нагардед, балки панҷаро кушода нигоҳ доред, зеро ҳар чизе, ки дар кафи даст ҷой мегирад, моли Шумо мешавад. Дар ҳамин маврид панҷаҳоятон бояд калон кушода бошанд, то он қисме, ки аз байни ангуштонатон мерезад, ба волидон, қисме ба хешу ақрабо, қисме ба муҳтоҷон расад. Қисми дар даст боқимондаро бояд афшонда, кафи дастатонро пуф карда, тоза кунед. Ҳар чизи дар кафи дастатон боқимонда моли ҳақиқии Шумо аст. Ҳамон чизи боқимонда Шуморо сарватманд мегардонад. Зеро дарё ба тамоми ҷонвари сари роҳаш бахшандаи нашъунамо аст».

Пул дар дасти одамоне ба гардиш медарояд, ки онҳо тарзи бо пул дуруст муомила карданро медонанд. Манфиатҳои сармоягузорону шарика-тонро ҳамеша ба эътибор гиред. Манфиатҳояшонро дониста, он пешниҳодҳоятонро ташаккул дода метавонед, ки ба онҳо писанд афтад. Нақша, мақсад, мушкилоти сармоягузоронро дар навба-ти аввал муайян кунед. Бигзор пешниҳодҳоятон роҳи ҳалли мушкилоти онҳо гарданд. Дар ин су-рат онҳо ба пешниҳодҳои Шумо ҳатман розӣ ме-шаванд.

ЗАРБИ САРЧАШМАҲОИ ДАРОМАД

ЧОР САМТИ **САРМОЯГУЗОРӢ**

Барои таъмини рушди устувор чор самтеро сармоягузорӣ намудан лозим аст, ки ҳар яки онҳо дорои мақсад ва имкониятҳои худ бошанд.

Самти аввал пулҳои нақде мебошанд, ки Шумо дар ҳисоби бонкӣ нигоҳ медоред. Ба ин пулҳо даст расонидан, барои мақсадҳои дигар аз ин ҳисоб гирифтан мумкин нест, зеро онҳо ҳифзи молиявии Шуморо таъмин месозанд. Ниҳоят дар ҳисоби бонкӣ пулҳоятон бо туфайли фоизҳои даромад мудом зиёд мешаванд.

Самти дуюм саҳмияҳои ширкатҳо ва коғазҳои қиматнок мебошанд. Дар ин соҳа дар назари аввал мушкилию нофаҳмие ба чашм намерасад. Самти мазкурро омӯзед ва ҳаракат кунед, ки ба он сарфаҳм равед, аз бозори коғазҳои қиматнок (биржа) харидани саҳмияҳоро озмуда бинед, аммо дар ибтидо беҳтар аст, ки бо маблағи начандон зиёд саҳмия гиред. Агар нохост арзиши саҳмияҳои гирифтаатон паст шавад, наҳаросед, зеро Шумо аллакай таҷрибадор мешавед. Бо мурури замон ба ҳолати бозори биржавӣ дуруст баҳо доданро омӯхта, саҳмияҳоро дар лаҳзаҳои зарурӣ мехаред ё мефурӯшед ё ки онҳоро ба саҳмияҳои боэътимод мегузоред, аз пасту баландшавии нархҳо истифода бурда, пул кор мекунед. Одамоне, ки ба хариду фурӯши саҳмияҳо машғуланд, қоидаи ҷолибе доранд: онҳо саҳмияҳоро вақте мехаранд, ки одамони дигар аз харидан ҳарос доранд, вале вақте мефурӯшанд, ки фурӯшандагони дигар ба баланд шудани нархи саҳмияҳо умед мебанданд.

Самти сеюм амволи ғайриманқул, ба монанди иморат, замин ва ғайра мебошад.

Амволи ғайриманқул ҳамеша арзиш дорад, онро ба осонӣ фурӯхтан мумкин аст, амволи ғайриманқул даромади доимӣ оварда метавонад. Дар тамоми дунё амволи ғайриманқул самти сармоягузории манфиатнок дониста мешавад.

Агар Шумо ҳавлӣ ё квартира хариданӣ бошед, онро аз одамҳои муваффақ харед. Ҳатто агар соат, кафш хариданӣ бошед ҳам, онҳоро ҳатман на аз ҳар ҷойе, ки рост меояд, балки аз толорҳои тиҷоратии бонуфузу соҳибэътибор харид кунед. Одатан, одамони зиёд мегӯянд: «Аз бозор арзонтар

мехарам». Аммо барои харидани ҳар як мол пул додан лозим аст. Агар аз бозор моли дилхоҳатонро бо нархи арзон хариданӣ бошед, бояд вақти зиёд сарф кунед, зеро бояд молро ҷустуҷӯ кунед. Кор карда, пулро пайдо намудан мумкин аст, вале вақти аздастрафтаро баргардонда намешавад. Моҳияти принсипҳои мо миқдори вақтеро, ки дар кор мегузаронем, зиёд накарда, давомнокии рӯзи кории худро тӯлонӣ нагардонида, сарватманд шудан аст.

Бинобар ҳамин тамоми омӯзиши мо ба сарфа кардани вақт, маҳорати идора кардан ва дуруст истифода бурдани он равона карда шудааст. Бори дигар такрор мекунам, ки беҳтараш, 3–5 сол хуб кор карда, дигар тамоми умри худро бо кори пурҳузуру ҳаловат сарф карда, дуруст зиндагӣ кунед.

Бо ҳамин сабаб агар амволи ғайриманқул хариданӣ бошед, кӯшиш кунед, онро аз одамони муваффақ харид кунед. «Барои чӣ?» – савол медиҳед Шумо. Зеро ҳатто деворҳои хона ҳам тамоми нерӯи манфии соҳибонаш – моҷароҳо, харобшавии асабҳо, димоғи сӯхта, таассуроти манфиро ба худ мегиранд. Аз ин сабаб то ҳадди имкон дар манзили худ моҷаро накунед. Зеро моҷаро дар муҳити рӯҳии манзил инъикос меёбад. Беҳтараш ин аст, ки бештар пул дода, аз одамони муваффақ мол харид кунед. Хушбахтии оилавӣ, саломатии фарзандон, якдигарфаҳмӣ, ҳамдилӣ дар оила аз тамоми пулу мол пуррзиштар мебошанд. Пулро дубора ба даст оварда метавонед. Ҳатто либос хосияти ба худ гирифтани

нерӯи манфӣ, аз ҷумла мушкилиҳо ва ноумедиҳои соҳибонашро дорад.

Бинобарин вақте пулро сарфа карда, моли арзон мехаред, ҳамон моли арзон ба паҳлӯҳои дигари ҳаётатон таъсири бад расонда метавонад. Молу мулке, ки бо мақсади фурӯш харид кардаед, наметавонанд фоидаи дилхоҳ диҳанд. Агар фоида диҳанд ҳам, пул ба монанди об аз байни ангуштон шорида меравад. Дар маҷмӯъ, беҳтараш, хонаи нав харидорӣ кунед ё хонаи нав бунёд созед, зеро дар ин ҳолат Шумо бо таассуроти нек, бо умеду орзуҳои худ вориди хонаи нав мегардед. Тасаввур кунед, ҳуҷраҳои хонаро тақсим мекунед, асбобу анҷомҳоро ҷо ба ҷо мегузоред, деворҳои хонаи худро бо нерӯи мусбат пурра мегардонед.

Самти чорум ҳамкорӣ кардан бо ширкатхо, соҳиби ҳуқуқи муаллифӣ шудан, литсензия гирифтан, аз бемориҳо худро суғурта кардан ва ба муассисаҳои пешомади хуб дошта сармоягузории озод кардан мебошад. Бо гузоштани як қисми муайяни пули худ ба лоиҳаҳои онҳо ин корро анҷом дода метавонед. Ё чандин шартномаи суғуртавӣ мебандед. Агар ин шартномаҳои суғуртавии Шумо намудҳои пасандоз ва дарозмуддат мебуданд, мувофиқи мақсад мебуд. Онҳо омили эътимоди Шумо гардида, ояндаи серу пуратонро таъмин менамуданд.

Ҳаргиз ба яке аз чор самти мазкур танҳо сармоягузорӣ накунед, зеро дар ҳар кор ҳамеша хатари муайян мавҷуд аст. Ба ҳар чор самт якбора сармоягузорӣ намудан кафолати озодии молиявии Шумо мебошад.

МАШҚ



Ҳаракат кунед якчанд нафар – дӯстон, ошноён ё он ҳамкоронатонро, ки ба тиҷорат машғуланд ё хоҳиши ба соҳибкорӣ машғул шудан доранд, гирди ҳам ored. Ва бо онҳо бозии зеринро анҷом диҳед. Аввал нусхаҳои пулҳои доллар, евро, рубл ва сомониро омода созед, ки бо онҳо муомилот анҷом додан мумкин бошад (Агар имконият мавҷуд бошад, бо пулҳои ҳақиқӣ низ бозӣ кардан мумкин аст). Сипас сардори бозӣ мепурсад, ки кадоме аз Шумо ба пул ниёз дорад. Шахси аввалини дасташро боло бардошта соҳиби ҳамаи пулҳо мегардад. Дар ҳамин ҳолат ҳамаи иштирокчиёни бозӣ барои гирифтани пулҳо имконияти баробар доранд. Баъд аз ин иштирокчиёни боқимондаи бозӣ идеяҳояшонро барои сармоягузорӣ кардан пешниҳод менамоянд. Шахсе, ки пулҳоро соҳиб шудааст, то чӣ андоза воқеӣ будани идея, даромаднокии тиҷорат, яъне ба лоиҳаҳо баҳогузорӣ карда, маблағҳоро дар байни иштирокчиёни бозӣ тақсим мекунад. Пайдо кардани идеяе, ки ба воситаи он масъалаҳои соҳиби пул ҳалли худро меёбад, муҳим мебошад. Агар иштирокчии дар даст пулдоштаро бо пешниҳоди лоиҳае ҳавасманд гардонед, ҳиссае аз маблағгузорӣ насиби Шумо мегардад. Ҳамаи онҳое, ки пул гирифтаанд, сармоягузорони потенсиалӣ мешаванд. Акнун ҳар як нафар иштирокчии бозӣ

хидматҳо, идеяҳои худро, ки барои мукаммал гардониданилоиҳаитиҷоратииӯёрӣмерасонанд, пешниҳод мекунад. Мақсади ҳар як иштирокчии бозӣ пешниҳод намудани лоиҳаҳое мебошад, ки ба сармоягузорон писанд бошанд ва онҳо пулҳои худро ба ӯ диҳанд, яъне маблағҳояшонро барои ин ғояи Шумо сармоягузорӣ кунанд.

Як мисоли оддӣ меорем. Яке аз иштирокчиён директори ширкати сохтмон буда, хохиши сохтани маҷмааи истиқоматии иборат аз якчанд хонаҳои бисёрошёнаро дорад. Иштирокчии дигар, ки соҳиби корхонаи хиштпазӣ аст, манфиатҳои аввалиро ба эътибор гирифта, ӯ хиштро нисбат ба нархи бозор арзонтар мефурӯшад. Дигаре бетони хушсифатро дар муҳлати пайманшуда пешниҳод мекунад.

Нафари сеюм барои ободонии атрофи хонаҳо бастани шартномаро пешниҳод мекунад. Нафари чорум соҳиби ширкати таблиғотӣ буда, мехоҳад тавассути тарғиб намудани маҷмааи истиқоматӣ сармояи иловагиро барои соҳиби саҳм шудан ҷалб созад.

Агар барои суханрон (маърӯзакунанда) пешниҳодҳои ҳамкорӣ мавриди қабул қарор гирад, вай як қисми пулашро медиҳад (сармоягузорӣ мекунад). Сипас нафари аз ҳама бештар пул бадастоварда дар бораи нақшаҳояш (лоиҳаҳо, идеяҳо) нақл мекунад. Акнун иштирокчиён бо назардошти манфиатҳои ӯ бояд боз пешниҳодҳое ба миён гузоранд, ки вай онҳоро рад карда натавонад. Дар ҷараёни бозӣ пулҳо мудом даст ба даст мегарданд. Шумо аз

ин бозӣ як қоидаи муҳимро фаҳмида мегиред. Яъне ба эътибор гирифтани манфиати шарик ва пешниҳоди Шумо роҳи ҳалли масъалаи ӯ бояд бошад. Он гоҳ Шумо ҳиссаи худро аз сармоягузорӣ мегиред.

Баъд аз бозӣ хулосаҳоятонро нависед.

1) Ҳамаи иштирокчиён имкони пул гирифтан доштанд, вале на ҳама онро истифода карданд.

2) Дар атрофи одами пулдор одамон бо идея, пешниҳодҳо, лоиҳаҳояшон мегарданд. Вақте, ки пул ба дастатон афтод, ҳама вақт беҳтарин пешниҳодҳо пайдо мешаванд. Бояд боақлона сармоягузорӣ кард. Пас аз он, ки пул аз дастатон рафт, аз наздатон ҳама меравад ва ҳеҷ кас намемонад. Пулатонро эҳтиёткорона истифода баред.

3) Пулдор эътимод пайдо мекунад, зеро ба кадом мақсад сармоягузорӣ карданро худаш ҳаллу фасл менамояд. Ҳамин тавр ба ӯ одамоне муроҷиат мекунанд, ки ба сармоягузорӣ ҳавасманд мебошанд.

4) Мо баъзан ба амалӣ гаштани орзуҳои дигарон дидаву дониста халал мерасонем. Бояд чунин рафтор накунем.

5) Одамон на ҳамеша андешаҳои худро метавонанд саҳеҳу фаҳмо баён карда, идеяашонро равшан ифода кунанд. Бинобарин маҳорати сухангӯиро омӯхтан зарур аст.

МАҚСАДИ **ЗИНДАГӢ**

Одамони зиёд 80–90 сол умр дида, мақсадашонро намедонанд. Ба мо ҳаёт як маротиба дода мешавад ва онро бояд ҳам аз ҷиҳати маънавӣ, ҳам аз ҷиҳати моддӣ мароқангез, зебою дилкаш гардонем. Ҳар субҳ дар бораи мақсадҳоямон бояд андеша кунем.

ИҚТИБОС

Барои тамоми ҳаёт, даври муайяни он, вақти муайян ва солу моҳ, ҳафта, соату дақиқа мақсад дошта бош ва мақсади муқаррариро қурбони мақсади олӣ намо.

Л. Толстой

Устоди ман боре аз аскаре, ки аз хидмат ҷавоб шуда, ба хонааш баргашта буд, пурсид, ки вай чӣ хел хидмат кардааст. Дар посух ҷавон гуфт, ки бахташ хандиду ӯ дар ошхонаи сарбозон ошпазӣ кардааст. Одамони дар паҳлӯяш нишаста ҷавоби ӯро шунида, бо аломати ризо сар ҷунбонда, чунин ҳисобиданд, ки дар ҳақиқат бахташ хандида будааст. Ҳамон лаҳза ман ҳам амсоли одамони паҳлӯям андеша доштам, аммо устодам фармуданд: «Фаромӯш накунед, ҳаёт хеле кӯтоҳ аст ва ду сол онро бо картошкатозакунӣ гузаронидан маънӣ надорад. Дар аскарӣ чизҳои зиёде омӯхта, малакаҳои муфид пайдо карда, обутоб ёфта, пурқувват шудан мумкин аст. Аммо гузаронидани вақти зиёд дар ошхона талафкорӣ мебошад». Медонем, одамон ҷойи сабукро меҷӯянд, ин ҳама далели сустиродагии онҳо мебошад.

Ҳаргиз вақти худро ба корҳои беҳуда зоеъ накунед. Вагарна дар лаҳзаҳои беҳад муҳим мумкин аст, ки барои амалӣ гаштани орзуҳоятон чанд соат (ҳатто дақиқа) камӣ кунад.

Мақсадҳоятонро мушаххас гардонед, онҳо бояд ба таври саҳеҳ ба нақша гирифта шуда бошанд, аммо дар назди худ мақсади беҳад бузург нагузоред. Зеро агар мақсади бузургро бо назардошти ҳаҷми маошатон арзёбӣ намоед, ба назаратон дастнорас менамояд ва аз он дасту дил мешӯед. Ба худ такя накарда, амалӣ намудани ин мақсадро ба вақти дигари мувофиқ мавқуф мегузоред.

Беҳтараш, ҳадафи бузургро ба чанд мақсади хурд тақсим кунед, он гоҳ ба он бо осонӣ дастёб мегардед, зеро ба мақсадҳои хурд тадричан расида, ниҳоят ба мақсади бузург мерасед. Дар чунин ҳолат мақсади аввалро аниқ дониста, ба кор оғоз намудан ҳам осон аст. Бинобар он, ки мақсади аввал ва тамоми силсилаи мақсадҳои хурди ба орзу расиданро медонед, дар он сурат ба Шумо оғози корҳоятон сабук мегарданд.

Барои чӣ одамони зиёд ба мақсадҳои худ намерасанд? Зеро онҳо ба мақсадҳои бузурги худ назар мекунанд. Бале, онҳо ба мақсади бузургашон шоиста мебошанд, вале онро дида, андеша мекунанд, ки он дастнорас мебошад. Бо ҳамин сабаб ҳаргиз «Ман дар назди худ чаро мақсади бузург гузоштаам» нагӯед, зеро тафаккури инсон



тафовути мақсадҳои бузургу хурдро намедонад, балки онҳоро дар маҷмӯъ фаро мегирад. Тафаккури инсон ҳаргиз моҳияти коғази миллиондолларарро намефаҳмад, балки онро ҳамчун як адад пули коғазӣ мешиносад. Вале дусад адад коғази саддолларӣ зеҳнро ноором месозад, зеро зеҳн ба ҳаҷм аҳамият медиҳад.

Масалан, аз «ин лухтаки қиматбаҳо аст» гуфтани мо кӯдак чизе дарк намекунад. Кӯдак миқдор ё ҳаҷмро, яъне зиёд ё кам будани бозичаҳоро мефаҳмад. Вай шарҳи калонсолон дар бораи пурқимат ё арзон будани бозичаро сарфаҳм намеравад. Айнан ҳамин тавр барои зеҳни Шумо дарки биной муҳим аст, ба чашм беш аз ҳама пули бисёр мерасад.

Фарз кардем, ки корхонаи азим сохтан мехоҳед. Бале, корхонаи азим ин мақсади бузург аст. Шумо ҳатто намедонед, ки барои кушодани чунин корхона чӣ кор кардан зарур аст. Намедонед, корро аз чӣ оғоз кунед. Вале агар нақшаи тиҷоратӣ тартиб диҳед, дар он ҳамаи қадамҳо ва тамоми ҳисобу китобатон, хароҷоти зарурӣ барои ба роҳ мондани бизнес равшан сабт мегарданд. Агар Шумо бо дасти холӣ ба назди сармоягузор биравед ва дар мавриди идеяатон нақл кунед, вай ба рӯи Шумо нигоҳ карда, механдад ва нақшаи мушаххаси амал ва маълумоти мухтасарро талаб мекунад. Агар бо идеяи бузурги худ ба бонк рафта, қарз гирифтан хоҳед, аз Шумо ҳатман нақшаи соҳибкориро талаб мекунанд. Ҳеҷ гоҳ ягон нафар одам фикрҳои парешонро сармоягузорӣ намекунад. Бо ҳамин сабаб беш аз ҳама таҳия намудани нақшаи мукаммали соҳибкориро омӯзед.

Оё медонед, ки корхонаҳои азим маъмур ва роҳбар доранд? Роҳбар ба ҳуҷҷатҳои пешакӣ

омодагашта имзо мегузорад, аксар вақт вай нозукиҳои идоракунии корхонаро намедонад. Аммо маъмури корхона ҳамаи муваффақияту камбудиҳоро равшан дониста, ба мушкилоти ҷорӣ дуруст сарфаҳм меравад, бо кадрҳо муносибат карда метавонад. Агар роҳбарро аз кор озод кунанд, ӯ метавонад бекор монад. Агар маъмурро аз кор озод кунанд, вай сахт озурда намешавад, зеро медонад, ки баъд аз чанд вақт ӯ кори дигар меёбад. Тамоми олам ба одамони боистеъдод ниёз дорад. Шумо агар устоди касби худ бошеду онро дӯст доред, пас ҳар роҳбар бо дили пур Шуморо ба кор пазируфта, ба Шумо бовар мекунад.

Мисоли М. Яккок, ки муддати мадид ба яке аз ширкатҳои азимтарини автомобилсозии ҷаҳон «Форд» роҳбарӣ мекарду ӯро аз кор озод намуда буданд, далели гуфтаҳои мо шуда метавонад. Баъд аз ширкати «Форд» ӯро ширкати дигари бузурги автомобилсозии амрикоӣ «Крайслер» ба кор даъват намуд. Дар ҷойи нави кораш ҳам ӯ қобилияти маъмуриашро намоиш дода, ширкати «Крайслер»–ро ба сатҳи нав бароварда тавонист. Ширкати «Форд» аз озод кардани ӯ танҳо бой дод, зеро мудири боистеъдодро аз даст дод.

Маъмури хуб серталаб, аммо одил мебошад, вай аз болои интизомнокӣ ва ҷараёни иҷрои нақшаҳои супурдашуда назорат карда, ба ҳар як коргар шароити мусоид фароҳам месозад, фаъолияти ҳамаи сохторҳои корхонаро ҳамоҳанг намуда, бо одамон муомилаи хуб карда, дар корхона ташкили хуби корҳоро ба роҳ мемонад.

Агар Шумо падари хуб бошед, писаратон ҳам аз Шумо ибрат мегирад. Агар Шумо маъмур бошеду ҳатто худатонро идора карда натавонед, касе ба Шумо бовар намекунад. Маъмур ҳамеша корро аз худаш оғоз мекунад. Агар ба писаратон «ман падари хуб» гӯед, вай ба суханатон писханд зада метавонад, зеро вай камбудиҳоятонро медонад. Фарзандон ҳамаи корҳои волидонашон, ҳатто камбудиҳояшонро такрор мекунанд.

Агар ба дарё аз замин истода, назар андозед, ба назаратон чунин мерасад, ки дарё рост, бе печутоб ҷорӣ аст. Вале агар ба дарё аз дохили ҳавопаймо назар андозед, мебинед, ки он дар роҳи худ гардишҳои зиёд дорад. Зеро дарё дар роҳи худ монеаҳоро мегузарад. Инсон ҳам дар роҳи ба мақсад расидан монеаҳоро паси сар мекунад. Барои он ки Шумо ба самти дуруст ҳаракат кунед, маҳз дар сари роҳатон монеаҳои сунъӣ гузоштан мумкин аст.

Маъмур барои расидан ба мақсад метавонад чунин корро анҷом дода, Шуморо ба самти дуруст равона созад.

Мо ҳам ба худамон айнан ба тарзи мазкур муносибат карда, барои расидан ба мақсад андешаҳо, эҳсосот, сабабҳо, рафтору кирдорамонро идора мекунем. Мо ин корро чӣ тавр анҷом медиҳем, ба мақсади худ чӣ гуна муносибат мекунем, натиҷа аз ҳамаи ин вобаста мебошад.

Идора карда тавонистани худ, фикр карда, амал кардан, ба нақша гирифтан, барои иҷро намудани нақша худро водор сохтан ва эҳсосоти монеъшавандаи худро бартараф кардан дараҷаи воқеӣ будани нақшаҳоямонро муайян менамояд.

Суқрот мефармояд: «Танбал шахсе нест, ки кор намекунад, балки шахсе аст, ки нисбат ба имконияташ камтар кор мекунад». Ба андешаи Шумо, ҳуқуқшиноси хуб шахсест, ки дар бораи қонунҳо дониши хуб дорад ё касе аст, ки дар лаҳзаи зарурӣ далелҳои собитсозандаи арзанда ёфта, пешниҳод мекунад? Ё мутафаккир шахсест, ки дониши зиёд андӯхтааст ё шахсест, ки аз донишҳояш дар лаҳзаи зарурӣ истифода мекунад? Оё онҳо аз ҳамдигар фарқ надоранд? Аз ин рӯ кӯшиш кунед, ки ҳамеша маъмури хуб бошед. Ҳар вақте, ки барои худ коре карданӣ мешавед ё аз барои такмили худ коре анҷом доданӣ мешавед, онро на ба хотири он, ки ҳаёт талаб мекунад ё ҳатто на барои он ки Шуморо барои иҷрои он касе водор месозад, балки онро бо ҳисси муҳаббат ва эҳтиром кардани худ анҷом диҳед.

Агар ягон коратон барор нагирад, мабодо барои пурра анҷом додани кор дар ҷоятон хоҳиши нишастану фикратонро ҷамъ кардан, иродатмандӣ, пуртоқатӣ надошта бошед, он гоҳ аз худатон гила кунед. Ҳамчун олими психогенетик гуфта метавонам, ки сабаби бебарориҳоятон дар ирсияти Шумо ниҳон гаштааст. Нороҳат нашавед, зеро камбудиҳои мазкурро ислоҳ намудан мумкин аст. Муҳимаш, Шумо худомӯзӣ карда, ба ислоҳ намудани камбудиҳоятон омода шавед. Барои ин воқеан дарк кардан зарур аст, ки Шумо ҳаёти худро беҳтар карда метавонед. Ба ислоҳ намудани камбудию нуқсонҳои худ оғоз кунед.

Майлу хоҳиш боиси тавлид гаштани тафаккур ва тафаккур дар навбати худ боиси тавлид гаштани

амал мегардад. Гоҳо одамон мегӯянд, ки «Ман хоҳиши зиёд дошта бошам ҳам, вале корам барор намегирад». Суханони мазкур нодуруст мебошанд. Агар Шумо хоҳиш дошта бошеду он аз сидқи дил аст, ба мақсадатон, албатта, мерасед.

ШУБҲАҲО

Яке аз хислатҳои бадтарини инсон мудом шубҳа кардан мебошад. Ҳангоми харидани ашёе Шумо шубҳа мекунед, ки мабодо фиреб надодаанд. Ба воситаи нобовариҳоямон ояндаамонро ташаккул медиҳем. Дар натиҷа нобоварӣ ба бор меорем. Масалан: «Эҳтимол вай бо одамони дигар содиқона рафтор кунад, вале Шуморо фиреб медиҳад». Ба воситаи шубҳаи худ ин одамро худи Шумо ба фиреб додан водор месозед. Аз ин ҷост, ки ҳаргиз шубҳа накунед, бикӯшед, ки то ба одамон боварӣ ва эътимод пайдо кунед.

иқтибос

Бо нобоварии худ фиреби бегонаро рӯпӯш мекунем..

Ф. Ларошфуко

Бизнеси худро шурӯъ карда, барои бо мутахассисони беҳтарини соҳа ҳамкорӣ доштан ҳаракат кунед. Замоне, ки ман ширкати худамро кушодам, рекламаи зеринро ба табъ расонидам: «Ба кор беҳтаринҳоро мепазирем». Дар натиҷа маҳз ҳамон беҳтаринҳо гирд меоянд. Бинобарин ба кор пазируфтани танҳо кадрҳои беҳтарин ва кор кардан бо мутахассисони беҳтаринро ба нақша гиред.

Аксари одамон вақте пешниҳоди муфидеро мешунаванд, шубҳа мекунанд. Онҳо ҳарос доранд, ки пулҳояшон бозпас намегарданд. Сарват на он чизест, ки дар айни замон дар каф доред, балки сарват бояд барои Шумо кор карда, афзун шавад. Дар акси ҳол хатари пурра аз даст додани он Шуморо таҳдид мекунад.

Халқи мо яке аз халқҳои қадимӣ буда, таърихи бузург дорад. Халқи донишпарвар ва заҳматпеша ҳастем. Дар халқи мо ҳама вақт одамоне буданд, ки дар замони худ номи тоҷикро баровардаанд. Аз Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ, Синову Туғрал сар карда то шоирону олимони даври шӯравӣ ба монанди Бобоҷон Ғафуров, Мирзо Турсунзода, Муъмин Қаноат, Лоиқ Шералӣ ва ғайра ҳастанд, ки на танҳо дар собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ, балки дар бисёр кишварҳо машҳур буданду ҳастанд.

Лекин дар халқи мо чанд камбудиҳои бузург ҳаст. Баъзе рафтору кирдорҳо ва одатҳои мо ҷавобгӯи замони муосир нестанд. Ман ин чизро ба мақсаде навишта истодаам, ки Шумо, хонандагони азизи ман, ин китобро хонда, 100% истифода кардан тавонед. Агар ин чизҳоеро, ки дар поён ман навиштаам, ба инобат гирифта, худатонро тарбият кунед, Шумо шахси бузург мешавед ва ба тамоми орзуҳоятон, иншоаллоҳ, мерасед. Психологияи халқи мо бояд иваз шавад. Ин ягона роҳ аст. Ҳар яки мо бояд аз худамон сар кунем.

1. Бадгумонӣ

Агар гапи дуруст ҳам ба мо зананд, гумон мебарем, ки чизе аз мо мехоҳанд. Ҳамин хислат моро якҷоя кор кардан намемонад. Мо бояд аз гумони бад даст кашида, ба якҷоя кор кардан, ба якдигар бовар карданро ёд гирем. Ҳаёт бо ҳамин оварда истодааст. Ба назди Паёмбар (с.а.в) шахсе омада гуфт, ки ман мехохам беҳтарин хислати инсонро дар худ дошта бошам, чӣ бояд кунам? Расули акрам гуфтанд, ки муросо карданро ёд гир. Дар ҳамин синни 37–солагиам дар 49 намуди бизнес таҷрибаи корӣ дорам. 12 бизнеси ман кор карда истодааст. Ҳамаи комёбиҳо аз ҳисоби бомуросо кор кардан аст. Ва ҳамаи ноумедиҳо аз сабаби бемуросой оғоз меёбанд. Ман хешу табори бисёр дорам. Вақте, ки ман мактабро тамом карда, ба шаҳр омадам, нағз фаҳмидам, ки муросо чист. Писараммаҳои нағз дорам, ҳаминҳо бо якдигар бомуросо ҳастанд. Ин барои ман намуна буд. Ва дигар оилаҳоро мебинем, ки якчанд додару хоҳаранд, лекин ин қадар ба пеш намераванд. Сабабаш бемуросоист.

2. Сухани нағзу насиҳат ба мо сахт мерасад

Агар ягон одами доно ё бузург, хешу табор насиҳат карда, одоб ва услуб нишон диҳанд, ба мо намефорад. Рангамон зард шуда, лабханд карда, нописандона рӯямонро кач карда, гумон мебарем, моро нағз намебинанд ва ганда мегӯянд. Мо бояд гапи нағзро қабул карданро ёд гирем. Сарфи назар аз он, ки ин маслиҳатро кӣ медиҳад: калон ё хурд.

Шумо роҳбари корхона бошед ҳам, агар фикри коргаратон ба мақсади пешравии корхона гуфта шуда бошад, Шумо бояд он фикрро истифода баред. Мо бояд сухану маслиҳати ҳама наздикон ва пайвандонамонро, ки барои боақлтар ва бақувваттар шудан мадад мерасонад, қабул кунем.

3. Мо шармгин ҳастем

Агар сухани кас ба мо маъқул нашавад ва чизеро нафаҳмем, ба пурсидан шарм медорем. Агар дар муомилаамон ягон чиз маъқул нашавад, дам меистем. Гумон мекунем, вай одам худаш бояд фаҳмад. Вақте, ки нафаре дигар хел амал мекунад, аз вай хафа мешавем. Баъд дар ин бора ба одамони дигар нақл мекунем, ки фалонӣ ҳамин хел худонотарс, ҳамин корро кард. Мо ин чизро ба дигарон нақл мекунем, то ки аз онҳо мадад гирем. Худамонро одами нағз меҳисобем ва дигаронро паст мезанем. Лекин ин сабаби нотавонии мост. Бовариатонро ба худатон бояд зиёд кунед ва сари вақт чизе, ки ба Шумо маъқул нест, гӯед. Барои ҳаёти бади худ дигарҳоро гунаҳгор наҳисобед. Аз пурсидан Шумо баҳра мебаред. Нотарсида гуфтан даркор, махсусан вақте сухан дар бораи пул меравад. Ба он эътибор надиҳед, ки он инсон мансабдор, калонсол ва ё авлодатон мебошад. Ба ӯ оромона мавқеатон ва ё фикратонро фаҳмонед, то ки пешниҳоди Шуморо ба инобат гиранд. Вақти ҳарф задан ба худ боварӣ дошта бошед ва оромона роҳи ҳалли масъала, манфиатро вобаста ба вазъият нишон диҳед.

4. Дурӯғгӯйӣ

Фикр нокарда, беҳад бисёр дурӯғ мегӯем. Мехоҳем, ки худамонро бузург ва тавоно нишон диҳем. Дурӯғгӯйӣ моро ба торикии имон мебарад. Барои ҳамин чандин солҳо азоб кашида, халқи мо дар мусофириҳо мардикорӣ карда истодааст. Дар хонаамон ҳоло ҳам барқ нест. Ин аз шуурнокии халқи худамон вобаста аст. Аз сабаби дурӯғгӯйиамон мо ҳама вақт ба кори якдигар халал мерасонем. Барои ҳамин тоҷик бо тоҷик якҷоя кор кардан наметавонад. Тоҷикон бо миллатҳои бегона нағз кор кардан метавонанд, лекин байни худ не.

Аз рост гуфтан Шумо бисёртар бурд мекунед. Бовар кунед. Таҷриба гузаронед, худатон мефаҳмед. Ман ҳар чизе, ки ба даст овардам, аз ростӣ ва ростгӯйист.

Ҳадиси Паёмбар (с.а.в.) ҳаст, ки касе миёни лабҳо ва миёни пойҳоро эҳтиёт кунад, иншоаллоҳ, ба ҷаннат меравад. Охирин умеди Шайтон ҳам ҳамин аст, ки инсонро ба хатокорӣ ва бадбахтӣ тела диҳад. Аз ҳама ҷойи заифи инсон забони ӯст. Як калима метавонад дӯстро душман ва душманро дӯст гардонад ва метавонад оиларо вайрон кунад ва ё ба фоҷиа барад. Ҳатто ба ҷанги миёни кишварҳо сабаб гардад. Мегӯянд, 9 гуноҳи кабира баста ба забон аст. Яке аз нишонаҳои асосии мунофиқ ин дурӯғгӯйии ӯст, гуфтаанд Паёмбар (с.а.в.). **Се нишони мунофиқ ҳаст:** 1. Вақте ҳарф мезанад, дурӯғ мегӯяд. 2. Ваъда медиҳаду хилоф мекунад. 3. Агар касе ба ӯ бовар кунад, амонати он касро хиёнат мекунад. Ҳафт нишонаи покиро ёд гиред. Дар ин бора ман дар китобам «Роҳнамо – қонунҳои маънавии сарватмандӣ навиштаам.

Сабаби бобарор будани кори ман ин аст, ки ба мардум ман ҳаргиз намегӯям, ки он амалеро бачо оред, ки он ба Шумо даркор нест, аммо ба ман манфиатовар аст. Мо бояд ба мардум беғаразона ва бе назардошти манфиатҳои шахсӣ мадад расонем. Назди ман одамон меоянд ва мегӯянд, ки онҳоро шогирд гирам. Аммо ман мебинам, ки он нафар танҳо ба машварати яксоатаи ман ниёз дорад, бинобарин ба шогирдӣ намегирам ва мегӯям, ки ин тавр ё он тавр амал кун. Баъзеашон бо оби дида аз наздам мераванд. Ва ҳатто мегӯянд, ки барои шогирд шудан омодаанд ва пул барои омӯзиш ҳам тайёр кардаанд, мехоханд супоранд. Ба якеашон гуфтам, ки агар ту андеша дорӣ, ки ман танҳо барои пул дарс медиҳам, хато мекунӣ. Мақсади ман ба мардум некӣ кардан аст.

5. Мо бахил ҳастем

Мо намехоҳем, ки ягон хешу табор аз мо болотар равад. Мо одамони муваффақро чашми дидан надорем. Нонашро хӯрда, аз пасаш гап мезанем. Дар маъракаҳои якдигар нишаста, аз суханҳои Ҳофизу Бедил мегӯем, вале тамоман дар асл дигар хел зиндагонӣ мекунем.

Як бор дар як маърака будам. Як одам баранда буд ва аз бузургон хеле суханоне гуфт, ки оби дидаам баромад. Вақте, ки бо он одам ҳамсуҳбат шудам, ботинаш ба монанди дарахте буд, ки дарунаш пук асту берунаш бошукӯҳ. Ман сахт дилшикаста шудам.

Шумо бояд аз худ бахилиро дур карда, аз комёбии дигарон хурсанд шуданро омӯзед. Ин ба Шумо зиёдтар манфиат мебахшад, назар ба ҳавову ҳаваси сарвати дигарон.

Моли дунё ба ҳама кифоя аст. Бовар кунед. Одами бузург шудан даркор. Пулу чизи дунё худаш аз пасатон кофта мебиёяд.

6. Омӯзиш

Мо дигар илмҳоро на барои он меомӯзем, ки худамон одами тавоно ва бузург шавем. Балки ба пеши дигарон барои худро доно нишон додан ин корро мекунем. Ман ҳофизи Қуръонро дидам, ки 5 бор намоз мехонад, аммо пеш нарафтааст. Ман одамонеро дидам, ки аз бузургон сухан мекунанд, лекин худашон дигар нашуданд. Ин яке аз бадтарин одати халқи мост. Нобиноҳоро ҳам қорӣ мегӯянд. Барои он, ки қориазёд мекунад. Наход мо ҳама вақт ҳамин хел кӯр монем? Илму ҳунар ҳамон вақт кор медиҳад, ки Шумо онро истифода баред.

Хонда, аз рӯи илматон амал карданро ёд гиред. Агар пас аз хондани ин китоб Шумо ба амал даст занед ва рафтору кирдори худро ба монанди одамони муваффақ кунед, ҳамон вақт, иншоаллоҳ, ин илмҳо ба Шумо кор медиҳанд. Ва ҳаёти Шумо, даромади Шумо, характери Шумо тамоман ҳамаҷониба дигар мешавад. Агар пас аз хондани ин китоб Шумо ба ҳаётатон дигаргунӣ наоред, яъне Шумо ноуҳдабаро будаед, ки аз ин навишта баҳра бардошта наметавонед. Омӯзед ва худро тағйир диҳед. Шумо одат доштаед, ки мехонед, вале аз хондаатон манфиат намегиред. Дар Қуръони карим ҳам омадааст, ки

мо ҳаёти Шуморо тағйир намедиҳем, то он замоне Шумо худро тағйир надиҳед.

7. Халқи мо кибраш баланд

Дар тамоми дунё гашта, ин хел кибрдор мардумро ба монанди халқи мо надидам. Вақте ба тарабхона дароед, ба Шумо чунин назар мекунанд, ки гӯё подшоҳ бошанд. Бо каттагӣ гап мезанем. Мо худамонро нағз ҳис мекунем, агар дигаронро паст занем. Агар ягон мошини хуб харем, биниямонро дар осмон мебардорем.

Бовар кунед, ман дар якчанд давлатҳои дунё гашта, бо миллионерҳо ва миллиардерҳо ҳамсуҳбат шудаам, вале ҳамин хел ғурури тоҷикеро, ки мошини хорӣҷӣ дорад, надидам. Ин бузургӣ нест.

Хоксор буданро доимо дар худатон тарбият кунед. Хоксорӣ бузургӣ аст. Баъзе одамон хоксориро ҳамчун заифӣ қабул мекунанд, аммо ин тавр нест. Хоксор будан ақли бисёр талаб мекунад, назар ба кибрнок будан. Шохаҳои дарахти сербор ба замин хаманд. Ва дарахти бебор шохаҳояш ба осмон менигаранд.

8. Маҳалчигӣ

Ин аз ҳама дарди сахттарини халқи тоҷик аст. Азоби мардуми мо то ба он рӯзе, ки ин маҳалчигӣ ҳаст, мемонад. Ту шимолӣ, ту кӯлобӣ, ту помирӣ... Ин беақлӣ аст. Ман ин суханҳоро бо оби дидаи равон навишта истодаам. Хонандаи меҳрубон, мо бояд миллат

созем. Маҳалла не. Ватан обод кунем, хона не. Як миллат ин як тақдир дорад. Худо гӯед, ки давлатро ором нигоҳ дорад. Давлат ба пеш равад. Агар нооромӣ шавад, хонаро партофта мегурезед...

Дигарон барои мо роҳ метавонанд сохтан ба монанди хитоиҳо. Сохтмонҳо метавонанд сохтан ба монанди эронихо. Мумкин аст корхона ва ё беморхона, мағозаҳо созанд ба монанди туркхо ва ғайраҳо. Лекин барои мо ягон кас миллат намесозад. Ин қарзи ману шумост. Дар пеши гузаштагон ва фарзандон.

Бузургии миллат аз бузургии фарзандони ӯст. Аз илму ҳунар ва касбҳои манфиатовар вобастагӣ дорад. Мо бояд илму ҳунарро пеш барем. Хидмат кардан ба якдигарро ёд гирем. Ман гумон мекунам, вақте омад, ки бо тарзи пештара мо дигар ба пеш рафтан наметавонем. Маҳалчигӣ ва хешутаборбозӣ халал мерасонад. Сарфи назар аз маҳалаш ҳама вақт ҳунармандро дастгирӣ кунед. Ҳамеша афзалият ба касбу ҳунару илмаш дода шавад, на ба маҳалаш. Танҳо бо ҳамин роҳ мо метавонем Ватанро обод кунем. Он даҳшате, ки аз сари миллати мо гузашт, на ҳар миллат онро мебардорад. Мо ҳама чиз, аз ҷумла гуруснагӣ, ҷанги шаҳрвандӣ, таҳқиру пастзанӣ, таҳдиду норасоиҳоро аз сар гузаронидем.

Фарзанди тоҷик дар мусофириҳо кори сиёҳ карда, аз мушкилиҳои зиёде гузашта, ба ҳамааш шукру тоқат карда гашта истодааст. Ҳамин хел вазъият то охир набояд монад. Худованд, иншоаллоҳ, ба рӯи мо ҳам назар мекунад. Умедвори ҳаёти нек шуда, меҳнати ҳалол карда, илм омӯхта, корхонаҳо сохтан даркор. Танҳо бо ҳамин роҳ ба ҳаёти мо дигаргунӣ

меояд. Худатон касб омӯзед ва 10–то хешу таборро омӯзонед. **Беҳтарин касби имрӯза ин ҳунари бо ақл пул кор кардан аст.** Ин ҳунарро дошта бошед, ба тамоми дигар касбҳо шароит пайдо мекунед. Ҳамаи корро худатон карда наметавонед, бинобарин одамеро ёбед, ки аз Шумо нағзтар мефаҳмад ва мекунад. Музди меҳнаташро диҳед. **Корро ташкил карданро ёд гиред.** Худованд мададгоратон бошад.

9. Мо ҳисоб кардани пули касро нағз мебинем

О, вай ин хел хона дорад, ин хел мошин дорад. Вай ин хел тӯй кард, ин қадар одам буд ва ғайраҳо. Пули касро ҳисоб кардан ба камбағалӣ мебарад.

Дигар ба пулу чизи кас нигоҳ накунед ва гапашро ҳам назанед. Зиёд кардани пули худро ёд гиред. Фикри ояндаи худро кунед. Фикратонро парешон надоред. Танҳо ба он чӣ, ки доред, фикратонро мутамарказ кунед. Агар фикр парешон бошад, натиҷа ҳам пароканда мешавад. Ҳамеша рӯшану муайян ва косиб бошед.

10. Барои мо афзалият илм неву пулдорӣ ва бойигарӣ шудааст

Мо аз китобхонӣ дур шудаем. Илмдорҳо хор шуда истодаанд ва эҳтироми одамони пулёбро мо зиёд карда истодаем. Ман зид нестам, ки пулдорҳоро мо эҳтиром кунем. Ин кор ҳам ҳадду ҳудуд дорад. Мо бояд одамони соҳибилмро бисёртар дастгирӣ

кунем. Шумо бо пул ақлро харидан наметавонед. Фарзандро бо орзу ба воя расонед, ақл ёд диҳед, на ин ки пулу чиз мерос монед. Фарзанди боақл худаш аз уҳдаи ҳамаи кор мебарояд. Ба фарзанди беақл пул ёрдам намекунад. Тез аз дасташ пул нест мешавад.

Хондан ва илм омӯхтанро дар ҷои аввал монед. **Иншоаллоҳ, илм Шуморо бузург мекунад. Дар ин дунё ба тамоми чизе, ки одам расидан мехоҳад, танҳо тавассути илму ҳунараш муваффақ мешавад.**

Инсон барои он офарида шудааст, ки ба Аллоҳ хидмат гузорад ва некӣ бунёд кунад. Бинобарин Қуръон дар аввалин сура ба инсон муроҷиат мекунад, ки бо номи Аллоҳ бихон.

11. Мо худамон аз сабаби надонистани қонуну қоидаҳо ва камилм буданамон мушкилотамонро ҳал карда наметавонем

Пуламонро ба дигарон медиҳем, то ки мушкилии моро ҳал кунанд. Вақте ки илми одам кам аст, боварӣ ҳам ба худаш кам мешавад. Ҳатто вақте бачаҳои тоҷик ба Русия мераванд худашон чипта харидан наметавонанд. Мардҳое, ки 15 сол боз ба Русия мераванд. худашон аз уҳдаи худро саришта кардан намебароянд. Мебинед, ки 3 автобус мардро як занак роҳбар шуда, ба Русия бурда оварда истодааст. Сабабаш дар камилмии бачаҳои тоҷик аст.

Забон омӯзед. Агар одам забон надонад ё роҳи ҳамон корро надонад, боварӣ ба худаш кам

мешавад. Бовар кунед, илм омӯхтан осонтар аст нисбати ҳамон корҳое, ки халқи мо дар мусофирӣ мекунад.

Пули худатонро бо дасти худатон сарф карданро ёд гиред. Надонед, натарсида пурсидан гиред. Як бор, ду бор нашавад, дафъаи сеюм ёд мегиред.

12. Мо фикр карданро нағз намебинем

Бо ақламон кор карданро тамоман нағз намебинем. Моро асосан бо даст кор кардан маъқул аст. Дар давлатҳои бегона ҳам ҳамин хел кор ба мо мерасад. Бар, биёр, бардор, мон, тоза кун... Кори дастӣ ба мо мерасаду ақлӣ не. Корхонаҳо коргар мегиранд, коргар аз уҳдаи кор намебарояд. «Гӯед, ман мекунам. Ман чизе гӯед, карда истодаам–ку.» Худаш фикр карда, чӣ кор карданро намедонад, доимо роҳбарӣ кардан даркор.

Фикрронии одам аз хондан ва амал кардан тараққӣ меёбад. Ҳама вақт аз рӯи нақша амал кунед. Мақсад гузоред ва аз пайи иҷроишаш шавед. Ҳар рӯз як бор мақсадҳои худро хонед. Кам гап занед ва бисёртар суханони бузургонро гӯш кунед. Лаёқати фикрроиатон зиёд мешавад. Кам хоб кунед ва кам хӯрок хӯред. Ҳамин ду чиз ақли одамро зиёд мекунад.

13. Бисёри мардҳои тоҷик ҳаромбозанд

Мо оилаҳои худамонро хор мекунем. Ҳаромбозӣ ба шармандагӣ ва камбағалӣ мебарад. Ақли

одамро кам мекунад. Тараққии фикрронии одамро суст мекунад. Коратон бебаракат мешавад. Ман ҳамчун олиме, ки дар ин бора хеле кори илмӣ анҷом додаам, сухан карда истодаам. Бисёр бачаҳои тавоное, ки ақли бузург доштанд, худашонро ҳайф карданд. Ҳаромгардӣ оқибаташ шикаст аст, бинобарин аз ҳаромбозӣ даст кашед. Зино тараққиёти илмии одамро кам мекунад. Агар диққат кунед, кори зинокор аввал нағз меравад. Баъд пешомади кораш суст шудан мегирад. Ду амали касофат нишонаи зинокорист. Аввалаш расвоиву шармандагӣ дар ҷомеа ва баъдан муфлисшавӣ.

Тозагӣ ҳамаҷиҳата ба бузургӣ мебарад. Тозагӣ ин ҳам худотарсист.

14. Занҳои тоҷик беҳад хоранд

Лаззати умрро надида мераванд. Азоби бисёре мекашанд. Як умр машғули кори сиёҳанд. Мо занҳоро аз худамон кам мешуморем. Ман ба хулосае омадам, ки чӣ қадар одам боақл бошад, ҳамон қадар оилаашро ҳурмату эҳтиром мекунад. Дилсӯз мешавад. Оиларо тарбия кардан даркор аст. Зану фарзандро задан даркор нест. Ин амал ҷавобгарӣ дорад, бинобарин ба зан даст набардоред. Илм омӯзед. Тарбият кунед. Ин ягона роҳи наҷот аст.

15. Мо баҳоначӯйиро дӯст медорем

Баҳона карданро ниҳоят нағз мебинем. Агар калонсолон маслиҳат диҳанд, мо албатта, ҳа-ҳа гуфта, кори худамонро мекунем. Баҳоначӯйӣ

барои мо дар ҷои аввал аст, гӯё баҳонаҷӯйй ба мақсад мебурда бошад. Мо китоб намехонем, илм намеомӯзем. Мактабҳои олиро бо мадади амаку таго тамом карда истодаем. Ин амал ояндадор нест. Мо бояд илм омӯзем.

Яке аз хислатҳои бузургтарине, ки барои Шумо ҳамчун обу ҳаво даркор мешавад, ин эҳсоси ҷавобгарист. Яъне гунаҳкор начуста ва ё худро сафед накарда, масъулиятро ба худ гирифтан аст. Замоне, ки Шумо айбро дар дигарон мебинед, ҳаргиз муваффақ ва сарватманд намешавед.

16. Барои мардуми мо кори дигаронро ба қафо партофтан ифтихор шудааст

Мо нагз мебинем, ки дигарҳо моро илтимос кунанд. Гумон мекунем, ки «камтар давад, ба қадраш мерасад». Коре, ки дар як рӯз мешавад, мо дар як моҳ мекунем.

Бародари азиз, тавоной он аст, ки агар кори дигарон дар як моҳ мекардаро Шумо дар як ҳафта иҷро кунед. Коре, ки дигарон дар ҳафта мекунанд, Шумо дар як рӯз ба сомон расонед. Баъд барака меёбед ва ба пеш меравед. Корбудкун шавед. Дилозор нашавед. Дилозорӣ ягон касро ба бузургӣ набурдааст.

Бародарони азизи ман, мо бояд кадр тайёр карданро ёд гирем. Давлати мо давлати бузург мешавад, иншоаллоҳ, агар мо кадрҳои бузург шавем. Халқи мо ҷиҳати мусбаташ ҳам хеле зиёд

ҳаст. Лекин аз сабабе, ки манфиаш ӯро бо ақиб мекашад, миллат ба пеш намеравад. Ва шахсият ҳам ҳамон хел мемонад. Агар Шумо ин китобро бо мақсади одами бузург ва давлатманд шудан мутолиа мекунед, пас Шумо бояд ба ин гуфтаҳои ман риоя кунед.

Ман ҳаётамро дигар кардам, сабабаш он аст, ки ман аз ҳамин камбудиҳо дур шудам. Худатонро тарбият кунед.

Дар Қуръони шариф гуфта шудааст, ки мусулмон бояд ҳама вақт бо се чиз мубориза барад.

1. Бо худаш. *Яъне камбудиҳои худро бартараф кунад ва аз баъзе хислату рафторҳои манфиаш сарфи назар кунад.*

2. Бо нафсаш. *Зеро душмани сахттарини инсон ин нафси худаш аст. Мутаассифона, дар ин ҷаҳон ҳама чизҳои иғвоангез дастрас аст.*

3. Бар зидди Шайтон. *Зеро, ки Шайтони лаин ҳама вақт Шуморо мехоҳад аз роҳ бероҳ кунад. Ин душмани азалии Шумо аст.*

Ҳама чизе, ки шахсияти Шуморо вайрон мекунад, кайф медиҳад, роҳат мебахшад ва ҷолиб аст. Ҳама чизе, ки Шуморо одами бузург мекунад, дилгиркунанда ва мушкил аст, бинобар ин аз Шумо босабр будан, меҳнат кардан ва ботоқат буданро талаб мекунад.

Масалан, майнӯшӣ, қиморбозӣ, фаҳш, исроф кардани пул, дуруғгӯйӣ, худписандӣ, бисёр хӯрокхӯрӣ, хонаю чизи бодабдаба дошта, аз он фахр кардан, бисёр хобидан ва монанди ин. Ҳамаи ин чизҳо шахсияти Шуморо вайрон мекунад.

Мутолиаи китоб, намоз хондан, илм омӯхтан, ботоқатона меҳнат кардан, тозаю покиза гаштан, бо саломатии худ нигоҳ кардан... Аз назари кас ин амалҳо на ин қадар ҷалбкунандаанд, балки баръакс зиқиовар мебошанд. Дар асл ин амалҳо мову Шуморо бузург мекунанд. Шахсияти худро мо бояд тарбият кунем.

Ҷиҳатҳои мусбате, ки дар халқи мо ҳаст, Шумо бояд афзоед ва тарбият кунед.

1. Мо лаёқати олии фаҳмиш дорем

Мо метавонем ҳама гуна илмро тез омӯзем. Ин истеъдоди халқи мост. Паёмбар (с.а.в.) ба ин маъно ҳам гуфтаанд, ки агар илм дар Сурайё бошад ҳам, мардуми форс онро азхуд мекунанд. Мо бояд бисёртар омӯзем. Пули ёфтагиатонро ба донишомӯзӣ сарф кунед. Ҳаёти ман барои ҳамин дигар хел шуд. Тӯйи калон орзу накунед. Илми бисёр орзу кунед. Тавоно шавед. Шумо лаёқати омӯхтан доред. Лаёқати омӯзиш дар хуни халқи мо ҳаст. Аз хурдӣ ба фарзандон илм омӯхтанро ёд диҳед. Худатон аз хондани китоб то охири умр даст накашед. Намуна шавед барои фарзандон ва атрофиёнатон. **Аз ҳама мероси беҳтарин ба насли ояндаатон ин ахлоқи ҳамидаи худи Шумост.**

2. Мо мардуми мусалмон ҳастем ва ба Аллоҳ бовар дорем

Мардуми босабру пуртоқатем. Ҳамин хислат хислати беҳтарин аст. Сахтию пастию баландии зиндагиро пуртоқатона аз сар мегузаронем. Лекин

нодониро бо сабр наомезед. Баъзеи одамон аз нодониашон пуртоқат метобанд. Масалан, ҳамин бачаҳои тоҷике, ки дар Русия кори сиёҳ мекунанд, камтар илмашон мебуд, ҳеҷ гоҳ ин хел кори сиёҳ карда дар чунин шароити бад зиндагӣ намекарданд.

3. Мо аз меҳнат наметарсем, меҳнаткашем

Мо дар ҳақиқат халқи меҳнаткашем. Меҳнат бузургӣ аст. Агар ба ин заҳмат ҳунармандӣ ва касбиятро илова кунем, аъло мешавад. Мо хеле корҳои бузург кардан метавонем.

4. Мо хешу таборамон, авлодамон калон аст

Барои ҳамин ҳам якҷоя бо хешу табор кор карданро ёд гирифтан даркор.

Оянда аз онҳое аст, ки якчанд ҷиян, додару хоҳар, хешу таборашонро ёрдам мекунанд, ки тавоно ва пулдор шаванд. Агар дар атрофи Шумо 20 хешатон дар як моҳ 1000–долларӣ кор кунад, ба Шумо ҳаёт осон мешавад. Дар рӯзи мушкилиатон онҳо ёрдам кардан метавонанд. Бинобарин аз ҳамин рӯз аз паси ҳамин кор шавед. Ҳамин китобе, ки хонда истодаед, ба хешу табор, ёру рафиқон паҳн кунед. Хон гӯед. Мумкин баъзеяшон тез гирифта хонанду баъзеяшон не гуфта, бо Шумо баҳс кунанд. Шумо бояд баҳс накунед. Рӯзе мерасад, ки ҳамин хел шахсон аз Шумо узр мепурсанд. Шумо илмро ба пеш баред то сабаби пешравии хешу табор ва миллат шавед.

5. Мо халқи қадрдон ҳастем

Мо як бор агар дар сари дастархони касе нишинем, онро солҳо фаромӯш намекунем. Дар халқи мо мегӯянд, ки як бор намак чашида, 40 сол андеша кун. Ин мазмуни онро дорад, ки дар рӯзи сахтиамон касе ба мо дасти ёрӣ дароз карда бошад, мо аз хотир намебарорем ва ҳама вақт миннатдорем. Қадрдонӣ ин бузургӣ аст. Дӯст бояд ба қадри дӯст ва хешу табор бирасад.

6. Мо сахт ба Худованд бовар дорем

Ин беҳтарин бойигарии халқи мост. Ҳар чизе, ки ба сари халқи мо меояд, ин бо хости Аллоҳ аст ва ин раҳмати Аллоҳ ба мост. Ҳар нафар пайроҳаи худро дорад. Халқи мо баъзан азоб кашида бошад ҳам, мо бояд норозигӣ накунем. Алҳамдулиллоҳ, роҳҳо ва нерӯгоҳҳои обиву барқӣ сохта шуда истодаанд. Иқтисодиёт рушд мекунад. Пойтахтамонро хеле зебо кардаем. Шукр мекунем, ки сулҳу амонӣ ҳаст. Қонун ва давлат бақувват шуда истодааст. Вақти илму ҳунар омад. Мо бояд роҳбарони давлатамонро дастгирӣ карда, ба пеш равем. Меҳнат карда, корхонаҳо созем.

7. Мо дар оила тарбияи хуб дорем

Тарзи тарбия, аз ҷумла ҳурмати калонсолонро бачо овардан, ба қадри падару модар расидан дар бисёр миллатҳо нест. Тамоми мусалмонҳои дунё ин чизро омӯхта истодаанд. Тарбияи мо барои оиладорӣ беҳад хуб аст. Мо ин урфу одатҳои миллиамонро бояд гум накарда, ҳифз кунем.

8. Мардуми мо хислати кам ҳам бошад, пул пасандоз карданро дорад

Бисёр халқҳо фақат фикри ҳаминрӯзаашонро доранд. Мо аз сабаби серфарзанд буданамон доимо ояндаи онҳоро фикр карда, кам–кам пасандоз мекунем. Лекин хатои мо дар он аст, ки пасандоз ва ҷамъ карда, баъд якбора ҳамааашро сарф карда, боз аз сари нав ба ғун овардан сар мекунем. Мо илми пулро идора карда, кор фармудан надорем. Ҳамон одамоне, ки дар бозорҳо савдо мекунанд, танҳо савдогариро медонанд. Ин тарз солҳои 2000–ум кор мекард. Акнун куҳна шуда, бо ин роҳ даромад кардан минбаъд душвор мешавад. **Аз тиҷорат ба соҳибкорӣ гузаштан даркор аст.**

9. Мо ба Худо такя карда, оилаи калон месозем

Мо серфарзандем. Ин беҳад хуб аст. Мо аз серфарзанд буданамон наметарсем. Бисёр миллатҳо якто ё дуто фарзанд карда, намехоҳанд ки худашонро азоб диҳанд. Барои худ зиндагӣ мекунанд. Ширинии ҳаёти мо дар фарзандон аст. Ризқашонро Аллоҳ медиҳад. Ин яке аз нишонаи имондор будани халқи мост.

10. Мо таърихи бузург дорем ва метавонем фарзандонамонро аз хурдӣ бо ин сарвати бузурги илмии ниёгонамон тарбият кунем

Бисёр бузургони гузаштаи мо роҳ нишон дода, китобҳои оликадр мондаанд ва омӯзиши онҳо барои тарбияти ҷамъият таъсири мусбат мерасонад.

Ҷамъият бо бузургонаш пеш меравад. Ба монанди Ҳофизу Бедилу Сино ва ғайраҳо. Дар замони муосир ҳам байни мо бузургон ҳастанд. Ҳар як замона одами ба худаш хосро пайдо мекунад. Мо гумон мекунем, ки танҳо гузаштагони классик одамони бузург буданд. Лекин мо наметавонем дар оянда танҳо бар онҳо такя кунем. Ба мо технология ва мутахассисон дар истеҳсолот ва фарҳанги муосир зарур аст. Мо бояд ба кадрҳои ояндадори имрӯза, ки дар соҳаҳои худ ба натиҷаҳои назаррас ноил гардидаанд, маблағгузорӣ кунем.

Имрӯз дар шуури миллати мо тағйироти ҷиддӣ мегузарад ва он рӯз наздик аст, ки ин дигаргунӣ дар пешрафти иқтисодиёти мо таъсири мусбат расонад.

Ба кадрҳои ҷавони ояндадор сармоягузорӣ кунед. Дар бораи ҷашнҳои пурмасрафи зебо, мошини гаронбаҳо ва қасру кушкҳо орзу накунед. Балки дар бораи он биандешед, ки чӣ тавр мутахассиси варзидаи соҳаи худ гардед ва ба миллату давлати худ манфиат оред. Он гоҳ ҳаёти зебо худ дари Шуморо мекӯбад.

Шиори зиндагии ман "Манфиат бояд овард!" аст. Аз ин шиор ман ҳамеша баҳра гирифтаам. Бовар дорам, ба Шумо ҳам мадад мерасонад.

Хонандаи азизи ман! Ин сатрҳоро бо умед ва боварӣ ба Шумо навиштам. Ва бовар дорам, пас аз мутолиаи ин китоб Шумо барои ба халқамон ва оилаи худатон манфиат расонидан мекӯшед.

Бигузор дар ин роҳ ба Шумо Аллоҳ мададгор бошад!

Масали
«ШУБҲАҲО»

Як одами камбизоат бо гадоӣ рӯз мегузаронид, ангушт ба дари сокинони шаҳр зада, садақа металабид. Боре ба чашмаш фойтуни заррине афтод, ки вориди шаҳр мешуд. Дар тахти фойтун подшоҳи бузург нишаста, бо табассуми дилкашаш атрофро нурафшон менамуд.

Марди гадо зери лаб гуфт: «Азобу уқубатҳоям ва ҳаёти қашшоқонаам анҷом ёфт! Ин подшоҳи чеҳракушод бо хотири ман ба шаҳр омад, ман медонам, ки ӯ ба ман ҳадяҳои қиматбаҳо туҳфа мекунад ва ман минбаъд осудаҳолона ҳаёт ба сар мебарам».

Гӯё барои тасдиқи андешаҳои ӯ бо амри подшоҳ фойтун дар наздаш қарор гирифт. Шахси камбағал, ки баробари дидани фойтун худро рӯ ба замин партофта буд, ба пой рост ва аз барори кораш дилпур шуда, ба рӯи подшоҳ нигоҳ кард.

Подшоҳ дасташро ҷониби камбағал дароз карда, пурсид:

– Дар бисотат чизе дорӣ, ки ба ман диҳӣ?

Марди бенаво аз суханони подшоҳ ҳайратзада ва гаранг шуда, чӣ ҷавоб доданашро намедонист. «Подшоҳ ягон бозӣ пешниҳод



карда истодааст? Ё ӯ маро масхара мекунад? Ё ягон ҳиллаи нав бошад?» аз худ мепурсид гадо. Воқеиятро нафаҳмида, вай аз самимияти подшоҳ шубҳа кард ва чӣ кор карданшро намедонист.

Вале вақте дид, ки подшоҳ дасташро нафуроварда, ҳамоно табассум дорад, ноилоҷ дасташро ба ҷайбаш андохта, аз як панҷа биринҷи пинҳонкардааш як дона бароварда, ба кафи подшоҳ гузошт. Подшоҳ ба камбағал изҳори миннатдорӣ намуда, роҳашро давом дод. Аспҳо фойтуни зарринро бурданд.

Дар анҷоми рӯз марди гадо панҷаи биринҷи дар ҷайб пинҳонкардаашро бароварда, дар байни он як дона биринҷи тиллоро пайдо кард. Аз кардааш пушаймон гашта, гирёну нолон гуфт: «Чаро ҳамаи биринҷамро надодам?».

Ба дафтари ёддошт

- Бо як манбаи даромад Шумо ҳаргиз одами пулдор шуда наметавонед. Аз ин ҷо, танҳо ба як маош қонеъ нашавед. Аз сарчашмаҳои гуногуни даромад ҷӯю ҷӯйчаҳои пулӣ созед, ки онҳо ба селоби молиявӣ табдил ёфта, шорида, Шуморо сарватманду муваффақ мегардонанд.

- Чор самт барои сармоягузорӣ мавҷуд аст: пули нақд дар ҳисоби бонкӣ, саҳмияҳо ва фондҳо, амволи ғайриманқул ва дар сармояи ширкате ҳиссаи молии худро гузоштан. Ҳаргиз аз чор самти мазкур танҳо ба яктояш сармоягузорӣ накунед, зеро дар ҳар кор ҳамеша хатари муайян мавҷуд аст. Ба ҳар чор самт якбора сармоягузорӣ намудан кафолати озодии молиявии Шумо мебошад.

- Ҳаргиз вақти худро қурбони корҳои беҳуда накунед. Вагарна дар лаҳзаҳои беҳад муҳим мумкин аст, ки барои амалӣ гаштани орзуҳоятон чанд соат (ҳатто дақиқа) камӣ кунад.

- Беҳтараш, мақсади бузургро ба чанд мақсади хурд тақсим кунед, он гоҳ ба он бо осонӣ мерасед, зеро ба мақсадҳои хурд тадричан расида, ниҳоят ба мақсади бузург даст меёбед. Дар чунин ҳолат, мақсади аввалро аниқ дониста, ба кор оғоз намудан ҳам осон аст. Он гоҳ ба Шумо, бо сабаби он, ки мақсадҳои аввал ва тамоми силсилаи мақсадҳои хурди ба орзу расиданро медонед, оғози корҳоятон сабук мегардад.

- Идора карда тавонистани худ, андешида амал кардан, ба нақша гирифтан, барои иҷро намудани нақша худро водор сохтан, аз эҳсосоти монеъшаванда худро ба канор гирифтан, дараҷаи воқеӣ будани нақшаҳоямонро муайян менамояд.

4. РОҲҲОИ АЗ ПУЛ ҲАЛОВАТ БУРДАН

Ҳузуру ҳаловат хушбахтии бехирадон, хушбахтӣ аз заҳмат ҳузуру ҳаловати хирадмандон аст.

Буфлер

1. Корҳои хайрия
2. Шумо имкониятатонро чӣ тавр истифода кардед?
3. Истеъдод ва қобилият
4. Машғулияти дӯстдошта ва ҳузуру ҳаловат

Аксар вақт мо пулҳоро ба корҳое сарф мекунем, ки на он қадар зарурат доранд. Вақте сармоягузорӣ мекунем, тахминан чунин андеша меронем: фоидаи кор кам бошад ҳам, вале бехатар аст. Маълум аст, ки вақте одамон сармоягузорӣ

мекунанд, ҳамеша хатари аз даст додани сармоя онҳоро таҳдид мекунад. На аз роҳи амнийат, балки барои ба даст овардани озодии молиявӣ аз роҳи озодӣ қадам гузоштан авлотар аст. На барои бой додан, балки барои бурд кардан бозӣ кунед. То ҳадди имконатон пасандоз карда, ояндаатонро сармоягузорӣ намоед. Ҳаргиз «Аллакай ба панҷоҳ ё шаст қадам гузоштаам, ба ман пул лозим нест» нагӯед. Одам на солро, балки лаҳзаҳои саодатмандиашро ҳисоб мекунад. Фардои ҳаётатонро сармоягузорӣ кунед. Ҳаётро на бо солҳо, балки бо лаҳзаҳои фараҳманд ва гуворои ҳақиқии дар натиҷаи заҳмати худ ба даст омада ҳисоб мекунанд.

Аксари мо аз хешу ақрабо ва ҳамсоягонамон беҳтар зиндагӣ мекунем. Нисбат ба гузаштагонамон ҳам зиндагиамон хубтар аст. Ҳоло мо имкониятҳои бештари муваффақ шуданро дорем. Маҳз пул дар кадом зина қарор доштанамонро муайян мекунад. Зинаи қарордоштаи баъзе одамон хеле паст мебошад. Барои худ муайян созед, ки дар кадом зина қарор доред.

Бист сол муқаддам олам дигар шуда, имкониятҳои нав ба миён омаданд. Вале баъзе одамон то ҳол мувофиқи тасаввуроти бист сол пеш доштаашон зиндагӣ карда истодаанд. Аз пул чӣ тавр ҳузуру ҳаловат бурдан мумкин аст? Мо ба Шумо сабақҳои саодатманд, муваффақ ва сарватманд шуданро дода, намехоҳем, ки Шумо танҳо соҳиби пул шавед. Мо одамони камбизоату саодатманд ва сарватманду бадбахтро бисёр дидаем.

1. КОРҲОИ ХАЙРИЯ

Дар ҷаҳон одамони муҳтоҷ хеле зиёданд. Рафтори беҳтарини сарватмандон ин хоҳиши кӯмак намудан ба дигарон аст. Ҳар касе, ки фикр мекунад, ба мадади дигарон ҳеҷ эҳтиёҷе надорад, хато мекунад. Боз касе, ки фикр мекунад, дигарон бе мадади ӯ ба ҷойе намерасанд, ду маротиба зиёдтар хато мекунад. Барои аз пул ҳаловат гирифтан дар ин олам ба одамони муҳтоҷ чизе додан зарур аст. Мусалмонҳо 2, 5 фоизи даромадашонро бояд ҳамчун закот ба корҳои хайр харҷ кунанд. Насрониҳо бошанд, ба корҳои хайр 10 фоизи даромадашонро медиҳанд. Баъзеҳо «Ҳоло пул ба худам кифоят намекунад, вақте сарватманд шудам, ҳатман медиҳам» мегӯянд. Баҳонаи чунин одамон худфиребӣ аст. Агар Шумо ҳоло аз 1000 доллар 2, 5 фоиз ё (10 фоиз)–ро дода натавонед, пас вақти миллион доллар ба даст овардан ҳам ҳеҷ гоҳ ин амали хайрро бачо оварда наметавонед, зеро миқдори закоти он пули назаррас мешавад. Бинобарин фоизи мазкурро ҳоло бидиҳед, новобаста аз миқдори пулатон, он хоҳ 10 доллар ё як доллар бошад ҳам, 2,5 дарсадашро хайр кунед. Ин амали накӯ бояд аз ҳозир ба роҳу равиш табдил гардад. Дар ҳамин ҳолат фаромӯш кардан лозим нест, ки агар баднафсӣ карда, закоти даромадро надиҳед, ҳаёт онро аз Шумо бо роҳҳои дигар, масалан, ба воситаи беқурбшавии пул, беморӣ, парешонҳолӣ чанд маротиба зиёд баргардонда мегирад. Агар надиҳед, низ намегиред. Дар Инҷил Худованд фармудааст: **«Дасти бахшоянда холӣ намемонад».** Ҳаёт ин ҳақиқатро исбот намудааст.

Ба хайру саховат касе бояд машғул шавад, ки имконият дошта бошад. Дар замони муосир барои ба тарабхона рафтан ва ҷашнҳои пурдабдаба оростан ҳамеша пул ёфт мешавад, вале барои амри хайр пайдо кардани пул мушкил аст. Агар хоҳед, ки дар пешаи худ муваффақ шавед, ҳатман ба хайру садақа низ машғул бошед. Шояд ҳарфҳои пештар навиштаи ман, ки дар ибтидо он қадар пули бисёр надоштаму ба мусофирон барои ғизо пул медодам, дар ёдатон бошад. Ба фикрам, маҳз ҳамин хайру саховатам ба он чӣ, ки имрӯз соҳиб шудаам, сабаб гардидааст. Ҳамин дасти кушод ва амалҳои хайрия сабаби он шуд, ки Аллоҳ маро дар байни мардум соҳиби обрӯ гардонид, ҳарчанд ман ҳаргиз барои дар ҷомеа соҳибэҳтиром шудан ба кори хайру садақа даст назадаам. Шумо низ, агар имконият дошта бошед, ба ин кор машғул шавед, натиҷаашро ҳатман мебинед. Орзу парваред, ки Аллоҳ ба Шумо чунин имкониятро фароҳам оварад. Аммо ин мазмуни онро надорад, ки кори хайр гуфта, ҳар чӣ дорӣ, бароварда деҳ. Дар урфият мегӯянд, ки ба кӯрпа нигоҳ карда, пой дароз кунед. Дар ҳама ҳолат шахси саховатманд ҳаргиз аз амали худ пушаймон намешавад ва зарар ҳам намебинад.

2. ШУМО ИМКОНИЯТАТОНРО ЧӢ ТАВР ИСТИФОДА КАРДЕД?

Шахсе фармудааст, ки камбизоатӣ шукӯҳу шаҳомат аст. Барои таҳаммул намудани маҳрумият асабҳои хеле мустаҳкам зарур буда, барои дар байни одамони сарватманд зистану

худро ҳақир эҳсос накардан иродаи хеле қавӣ доштан лозим аст.

Нодорӣ мерос аст. Агар кӯдак дар муҳтоҷӣ зиндагӣ кунад, ин ҳолатро як ҳолати муқаррарӣ пиндошта, онро қабул мекунад. Вай мисоли зиндагии шоистаро намедонад. Агар мо имрӯз тарзе, ки орзу доштем, зиста натавонем, ба ин фарзандонамон айбдор нестанд. Мо ба фарзандонамон бояд тарзи ҳаёти беҳтаринро таъмин созем. Ҳамеша нисбат ба дигар кардани вазъият ҳолати нотавонии худро сафед кардан сабуктар мебошад.

Вақти аз деҳа рафтанам модарам аз ман пурсиданд, ки ба куҷо равонаам. Ба саволи модарам ҷавоб додам, ки тамоми ҳаётамро дар деҳа гузарондан намехоҳам, зеро ман худамро шахси шоиста мепиндорам, дунёро дидан мехоҳам. Модарам суханони маро шунида гуфтанд: «Дар деҳаамон зиндагӣ кун, ман тамоми молу мулки дар тӯли ҳаётам ҷамъовардаамро ба ту мебахшам». Ба қафо баргашта, хонаи назарногир, 5 сотих замин, чорвои хонагӣ ва баъзе ашёи дигарро дидам. Ҳаёт дар деҳа якранг буд. Тобистон алаф даравида, хушк мекардем, зимистон бо алафҳои захиракарда ҳайвоноти хоҷагиамонро сер менамудем. Тирамоҳ чорвои изофиро фурӯхта, барои хоҷагӣ ашёи зарурӣ мехаридем. Тарзи муқаррарии ҳаёти деҳот чунин буд. Охир, дар шаҳр ҳам одамон қариб ҳамин тавр зиндагӣ мекунанд, вале дар қолаби дигар. Одамон ҳар субҳ ба кор рафта, рӯзи дароз паси миз нишаста, шомгоҳон ба хона баргашта,

назди телевизор мешинанд. Ҳаёт ҳамин тавр идома меёбад, аммо дар тарзи ҳаёти шаҳрӣ баъзе дигаргуниҳо низ ба чашм мерасанд.

Вақти аз деҳа рафтанам модарам мегиристанду маро раҳо кардан намехостанд. Вале ман бо қатъият гуфтам, ки ҳаёти худро тағйир додану дунёро дидан мехоҳам. Устодам ба ман гуфт, ки дунё барои ту сохта шудааст, ҳар чизеро, ки гирифтан мехоҳӣ, бояд онро ба даст орӣ. Аммо фаромӯш накун, ки дар ин гиру дор ба ту чизе тааллуқ надорад, ҳатто ҷисми худат, зеро онро ту ба он дунё бурда наметавонӣ. Ҳамин нукта ба худпараст набудани шахс далолат мекунад.

Марди хирадманде ба фарзандонаш гуфт: «Шаъну шараф, эҳтиром, ҷавонмардӣ шуморо шоҳ месозанд, дар ҷойе, ки набошед, ҳамаи шоҳон бо сифатҳои мазкур оростаанд». Шумо касе, ки набошед, дар ҳар ҷойе, ки набошед, ҳар коре ки накунед, ҳамеша ин қоидаи зеринро ҳеҷ гоҳ фаромӯш насозед: «Ба Худованд имон оваред ва дар назди виҷдони худ пок бошед».

3. ИСТЕЪДОД ВА ҚОБИЛИЯТ

Дар ибтидо саргузаштеро нақл мекунам.

Ҷавоне бо садои хушоянд ва истеъдоди сароянда дар назди одамон суруданро хеле дӯст медошт. Дар театри машҳури «Ла Скала»-и Милан, ки он ҷо ҳунарпешаҳои машҳури дунё суруд мехонанд, сароидан орзуи ягонааш буд. Баъд аз гирифтани маълумоти мусиқӣ барои рӯзгузаронӣ ӯ маҷбур шуд, ки ба гӯшаю канорҳои мамлакат сафар карда, суруд хонад. Рӯзе дар яке

аз шаҳрҳо ҳангоми танаффуси намоиши консертӣ ба ҳузураш дӯсти қадима, ки ӯро дер боз надида буд, омад ва пурсид: «Ин ҷо чӣ кор макунӣ?». Вай ҷавоб дод, ки барои таъмини оилааш месарояд. «Ман масъалаи дигарро дар назар дорам, ту ин ҷо чӣ кор мекунӣ?» – такрор намуд дӯст саволашро. «Ман гуфтам–ку, барои таъмини оилаам кор мекунам», – бо таҳайюр хитоб кард сароянда. Он гоҳ дӯсташ гуфт: «Не, ман чизи дигарро дар назар доштам. Ту бо он имконияте, ки ҳаёт ба ту дода буд, чӣ кор кардӣ, то ин ки ба орзуи худ бирасӣ?».

Охир, ҳар шахс соҳиби ин ё он истеъдод аст. Ин истеъдод ба Шумо барои он дода шудааст, ки ба одамон хурсандӣ бахшед. Истеъдоди худро амалӣ гардонда Шумо, албатта, муваффақият, эътироф ва сарват ба даст меоред. Ин ҷавон баъд аз суҳбат бо дӯсташ ҷои нишастан намеёфт, аламаш омад ва май нӯшида, маст шуд. Вақте ӯ дар навбати дигар ба саҳна баромад, ҳама чизи дунёро фаромӯш карда, суруд хонд. Бо тамоми эҳсосот, мувофиқи қобилияте, ки дошт, суруд хонд. Баъд аз сурудро ба анҷом расондан тамошобинон баробар бархеста, қарсакзанон ба ҳунараш арҷгузорӣ намуданд. Директори театр сурудхонии ӯро қадр намуда, ба ӯ кори доимӣ пешниҳод намуд. Ҷавон пешниҳоди директорро рад карда, гуфт, ки аз пайи орзуям меравам. Ин ҷавон Энрико Каррузо буд. Имкониятро аз хотир набароред, он ба ҳар одам ҳар хел дода мешавад.

Дар хотир нигоҳ доред: пул ба одаме хидмат мекунад, ки истеъдоди худро амалӣ мегардонад. Қобилияти худро ба корҳои беҳуда, ба даст

овардани музди ночиз барои рӯзгузаронӣ истифода накунед. Истеъдоди худро истифода бурда, ба амалӣ шудани орзуҳоятон комёб мегардед ва озодии молиявӣ ба даст меоред. Аз хурдтарин имконияти ба Шумо ҳадянамудаи тақдир истифода баред, он гоҳ хушбахт мешавед.

Олимон дар мавзӯи «Хушбахтӣ чист?» тадқиқот гузаронда, ба хулоса омаданд, ки хушбахтӣ ҳолатест, ки танҳо марбути Шумо нест. Ҳамон вақт худро саодатманд эҳсос мекунед, ки ба одамони дигар хурсандӣ, болидарӯҳӣ, умед ва накӯӣ ҳадя менамоед. Чунин саодатмандӣ фано надорад, баръакс бо гузашти вақт афзун мешавад.

Масали
«ФУРСАТИ МУНОСИБ»

Боре дар нисфи шаб марде аз хоб бедор шуда, дар паҳлӯяш Фариштаро дид. Фаришта ба мард хабар дод, ки вайро ояндаи дурахшон дар пеш аст: ӯро фурсати сарватманд шудану дар байни ҷомеа эътибор пайдо намудан ва зани паричеҳраеро ҳамсар кардан даст хоҳад дод.

Мард умри худро сарфи интизории ба даст омадани ҳамаи ин ваъдаҳо намуд, вале чизе ба амал наомад. Мард дар фақирӣ ва танҳоӣ аз олам гузашт. Дар назди даромадгоҳи биҳишт ҳамон Фариштаро вохӯрд, ки вақти дар ҳаёт буданаш дар хоб дида буд. Мард бо ғазаб аз Фаришта пурсид:

– Ту ба ман сарват, обрӯю эътибор ва зани паричеҳра ваъда карда будӣ. Умрамро сарфи интизории ба даст овардани ҳамаи онҳо намудам, вале чизе ба даст наомад!

– Ба ту чизе доданро ваъда накарда будам, балки хабарат додам, ки туро фурсати ба даст овардани сарват, обрӯю эътибор ва зани паричеҳра даст медиҳад.

Мард ҳайрон шуд:

– Фаҳмида натавонистам, ки чӣ гуфтанӣ ҳастӣ?

– Ёд дорӣ, боре ба сарат идеяи ба роҳ мондани соҳибкории худ омад, аммо аз тарси ноком гаштан аз фикрат гаштӣ ва боре ҳам кӯшиши дар амал ҷорӣ намудани ин андешаатро накардӣ?

Мард бо аломати ризо сар ҷунбонд.

– Ҳамон идея баъд аз чанд сол ба сари марди дигаре омад ва ӯ аз ноком шудан наҳаросид. Бояд фаромӯш накарда бошӣ, ӯ ба яке аз одамони сарватмандтарини кишварат табдил ёфт!

– Ту зилзилаеро, ки шаҳрро аз беху бун вайрон намуд, фаромӯш накардай, – ба суханаш давом дод Фаришта. – Ҳазорон одамон зери деворҳои афтодаи хонаҳо монданд. Ҳамон вақт ту фурсат доштӣ, ба ҷустуҷӯ ва наҷот додани осебдидагон машғул шавӣ, вале аз ҳаросу тарси мабодо дуздон манзилатро ғорат накунанд, ба маъракаи наҷотдиҳии одамони осебдида ҳамроҳ нашудӣ. Бо ҳамин сабаб даъвати кӯмак расондан ба одамонро напазируфтӣ ва дар манзилат нишастӣ. Ту садҳо одамонро наҷот дода, дар таърихи ин шаҳр як умр монда метавонистӣ.

Мард шарм карда, сар ҷунбонид.

– Ниҳоят, оё ту он зани малламӯйро, ки писанди хотират буд, фаромӯш кардаӣ? Ба назарат ӯ зани беназир менамуд, вале фикр кардӣ, ки чунин зани паричеҳра туро намеписандад ва занат намешавад. Аз тарси шунидани ҷавоби рад ба ӯ чизе нагуфтӣ.

Мард бори дигар бо аломати ризо сар ҷунбонд ва ашки дар чашмонаш ҳалқазада ба рухсораш шорид.

– Бале, дӯстам, ӯ метавонист ҳамсари ту бошад, – гуфт Фаришта. – Ӯ ба ту саодат, фарзандони солеҳ дода, наслатро идома мебахшид.

Ба ҳамаи одамон ҳар рӯз фурсате даст медиҳад, вале аксар вақт бо сабаби тарс ва бечуръатӣ аз фурсати дастдода истифода намекунем.

4. МАШҒУЛИЯТИ ДӮСТДОШТА ВА ҲУЗУРУ ҲАЛОВАТ

Ҳамеша барои фароғат ва машғулияти дӯстдоштаи худ, ки ба Шумо ҳаловат мебахшанд, вақт ҷудо кунед. Устодам ба ман чунин маслиҳати хуб дода буд: «Агар дар муддати се соли корат ту ба тарзи ҳаёте, ки онро орзу мекардӣ, расида натавонистӣ, коратро иваз намо. Агар он туро ба мақоми баланди моддию маънавӣ нарасонид, агар натиҷаи назаррасеро ба даст наовардай, ки он боиси ифтихори ту гаштааст, зуд аз баҳри ин кор гузар». Тавре Абӯалӣ ибни Сино фармудааст: «Ту дарахт нестӣ, ки дар як ҷой қарор гирӣ».

Агар фаҳмишу дарки фикру андешаи Шуморо надоранд, чаро умратонро сарфи ба касе исбот намудани нуқтаи назари худ месозед, аз ин ҷой рафтан беҳтар аст. Дар ҷойе, ки дилат намехоҳад, истодан зарурат надорад. Эҳтимол, дар ҷойи дигар даре ба рӯи ту боз аст. Аммо ту ин ҷо нишастаӣ ва маълум нест, ки чиро интизорӣ. Вақте, ки дар охир тасмими аз ин ҷо рафтанро мегирӣ ё худи ҳаёт туро маҷбур месозад, ки аз ин кор равӣ, он гоҳ аз ҳамон дари ба рӯят бозбуда аллакай каси дигар ворид шудааст ё ки дарро бастаанд.

Албатта, барои тасаллои дилат гуфта метавонӣ: «Ман ҳамин тавр медонистам, беҳуда аз кор меравам. Бо корам аллакай одат кардаам, бигузор ночиз ҳам бошад, ба ман маош медиҳанд. Ва кафолате нест, ки дар ҷойи нав кор беҳтар мешавад». Одамоне, ки чунин мегӯянд, ба ҷараёни об шино карданро бештар меписанданд. Барои онҳо натиҷаи кор муҳим нест.

Акнун Шумо аз пул чӣ тавр ҳаловат бурданро фаҳмидед? Умедворам, ки фаҳмидаед. Пул ҳамон вақт ба Шумо хушбахтӣ ва барору комёбӣ меорад, ки ҳамаи нуктаҳои зикршударо дар амал иҷро кунед. Пул ангезандаи (катализатори) хушбахтӣ шуда метавонад, вале мақсад буда наметавонад. Он бояд хурсандӣ, боварӣ ва хоҳиши ба касе кӯмак расонданро оварда, барои дар амал татбиқ намудани қобилият ва истеъдоди худи Шумо ва фарзандонатон шароит фароҳам созад. Шумо бояд мудом бо эҳсоси аз ҳаёт розӣ будан зиндагӣ кунед. Ин шарти асосӣ аст.

ба дафтари ёддошт

● Маълум аст, ки вақте одамон сармоягузорӣ мекунанд, ҳамеша онҳоро хатари аз даст додани бойигарӣ таҳдид мекунад.

● Дар олам одамони муҳтоҷ бениҳоят бисёранд. Хислати аз ҳама беҳтарини одамони пулдор хоҳиши ба дигарон кӯмак расондани онҳо мебошад. Одаме, ки меандешад бе кӯмаки дигарон зиста метавонад, хато мекунад. Шахсе, ки фикр мекунад одамони дигар бе кӯмаки ӯ зиндагӣ карда наметавонанд, дучанд хато мекунад.

● Дар ёд гиред: пул ба одамоне хидмат мекунад, ки истеъдоди худро амалӣ месозанд. Қобилияти худро ба корҳои беҳуда сарф намудан лозим нест. Истеъдоди худро истифода бурда, ба амалӣ шудани орзуҳоятон комёб мегардед ва озодии молиявӣ ба даст меоред. Аз хурдтарин имконияте, ки тақдир ба Шумо ҳадя намудааст, истифода баред. Он гоҳ хушбахт мешавед.

● Агар дар муддати се соли коратон ба тарзи ҳаёте, ки онро орзу мекардед, расида натавонистед, шуғлатонро иваз намоед. Агар он Шуморо ба мақоми баланди моддию маънавӣ нарасонидааст, агар натиҷаи назаррасеро ба даст наовардаед, ки он боиси ифтихор гашта бошад, зуд аз баҳри ин кор гузаред.

● Пул ангезандаи (катализатори) хушбахтӣ шуда метавонад, вале мақсад буда наметавонад. Он бояд хурсандӣ, эътимод ва хоҳиши ба касе кӯмак расонданро оварда, барои дар амал татбиқ намудани қобилият ва истеъдоди худи Шумо ва фарзандонатон шароит фароҳам созад.

МОНЕАҲО

Душвориҳо боиси тавлиди қобилияти инсон мегарданд, то ин ки ӯ онҳоро паси сар намояд.

У. Филлипс

1. Такрор
2. Фалсафаи мӯрча
3. Муносибат бо ҷавобҳои рад
4. Мушкилот
5. Фалокат
6. Беморӣ 7. Дилсӯзӣ 8. Ноумедӣ

Дар ибтидо мисоле меорем. Боғбоне, ки дарахтонро нигоҳубин мекунад, барои обшор кардани боғ обро кашида намеоварад, балки ҷӯйро тоза карда, монеаҳоро аз сари роҳи об дур мекунад. Боғ сарсабз гашта, ҳосил медиҳад.

Аммо боз як омиле мавҷуд аст, ки метавонад ба сарсабз гаштани дарахтон халал расонад. Инҳо алафҳои бегона ва ҳашароти зараррасонанд, ки хеле зуд дар боғ паҳн мешаванд.

Дар пеши роҳи Шумо кадом монеаҳо мавҷуд буда метавонанд? Фарз кардем, ки Шумо маҳсулоте пешниҳод менамоед. Дар ҷойе Шуморо рад намуданд ва дар ҷойҳои дуюму сеюм ҳам кор чунин анҷом ёфт.

Ҳамин тавр, Шумо тадричан ба худ эътимод накарда, ба сифат ва самараи маҳсули дастонатон шубҳа мекунед.

Ё дар майнаи Шумо идеяе пайдо шуд ва мехоҳед, ки онро амалӣ гардонед. Дар бораи нияти худ ба дӯстатон маслиҳат мекунед, ӯ бошад, ҳамоно мегӯяд: «Магар ту худатро аз дигарон донотар ҳисоб мекунӣ. Агар идеяат оянда медошт, онро дигарон кайҳо дар амал татбиқ менамуданд». Шумо дар бораи идеяи худ ба дуввумин одам, масалан, хешованди наздикатон нақл мекунед. Ӯ ҳам хунсардона ҷиҳати манфии ақидаи Шуморо пеш меоварад. Шумо инро ба одами саввум мегӯед, ӯ бошад, фикратонро ғайривоқеӣ ҳисобида, таъкид мекунад, ки аз он даст кашед.

Ҳамин тавр, тадричан дилсард мегардед. Вале дӯстону хешовандонатон ҳаргиз сарватманд набуданд ва бо назардошти «таҷриба»-и худ ба Шумо чунин маслиҳатҳои «хирадмандона» додаанд. Ба фикри худашон, онҳо ғами Шумо ва пулҳоятонро хӯрдаанд. Дар натиҷаи чунин маслиҳатҳо шавқу завқи амалӣ намудани идеяҳоятон аз байн рафта, Шумо эътимоди ба худ доштаро гум мекунед, шубҳа ба дилатон роҳ меёбад, сипас аз нақшаҳои худ дасту дил мешӯед. Вақт беист мегузарад. Нохост мефаҳмед, ки ҳамон идеяи Шуморо нафари дигар дар амал татбиқ намуда, муваффақ гаштааст.

Мисоли устуворӣ

Мардеро дар бизнес нокомӣ думболагир шуда, соли 1831 муфлис гашт. Дар интихоботи соли 1835 ӯ пирӯз нашуд. Ҳамсараш соли 1835 аз олам гузашт. Соли 1836 бемори рӯҳӣ шуд, дар интихоботҳои парламонии солҳои 1843, 1846, 1848 ва 1855 ноком гашт. Орзуи ноиби раиси ҷумҳур шудан дар соли 1856 барбод рафт, соли 1858 бошад, дар интихоботи сенат мағлуб гардид.

Ин мардро ному насаб Авраам Линколн буд ва ӯ соли 1860 президенти Иёлоти Муттаҳидаи Амрико интихоб шуд.

Касе мағлуб мешавад, ки аз мубориза даст кашад. Барои одами мағлуб ҳаёт ба қабристони имконоти истифоданашуда табдил меёбад. Одами боирода аз ҳамаи имкониятҳо истифода бурда, худаш имконияти нав ба вуҷуд меорад.

1. ТАКРОР

Дар бораи ҳаёти як нафар омили бима (суғурта) китоберо мутолиа намудам. Вай кори дар назар ғайриимконро анҷом додааст. Ӯ шахси табиатан беҷурьат, ба худаш эътимоднадошта, одамгурез буд. Дар ширкати суғурта ҳамкорон ӯро «корманди

суст» меномиданд. Вай сокини шаҳраке буд, ки одамон ҳама ҳамдигарро мешинохтанд. Дар шаҳрак фурӯшгоҳи бузурге фаъолият мекард, ки соҳиби он шахси доро буд, ки ба ҳарфи касе гӯш намедод. Ҳатто кормандони ботаҷриба ҳам молу мулкашро суғурта карда натавонистанд. Ҳамон ҷавон дар назди худ мақсад гузошт, ки ба ӯ ҳуҷҷати (полис) суғуртаро фурӯшад. Касе бовар надошт, ки аз дасташ ин кор меояд, ҳатто ба ҳолаш механдиданд. Аммо ҷавон барои ба мақсади худ расидан чунин амал кард.

Ҳар субҳ ба боғ баромада, рӯи харак менишаст ва такроран ба худ мегуфт: «Ту аз дасти ман ҳуҷҷати бимаро мехарӣ, ту бояд аз дасти ман ин ҳуҷҷати бимаро бихарӣ». Баъд назди ин одам медаромад, вале ҳар дафъа саъю кӯшиши ӯ бенатиҷа анҷом меёфт.

Чунин рӯзе фаро расид, ки соҳиби фурӯшгоҳи бузург аз ташриф овардани ҷавон хаста шуда, гуфт: «Бовар кунед, ба дилам задед. Намефаҳмед, ки бо Шумо кордор будан намехоҳам. Шумо аҷиб одамед. Нағз медонед, ки ҷавоби ман чист. Шумо медонед, ки ба ман пешниҳоди шумо лозим нест. Ман худам медонам пуламро чӣ тавр истифода кунам. Оё Шумо ҳар рӯз барои шунидани ҷавоби рад меоед? Фаҳмида наметавонам, модоме ки қаблан ҷавоби рад гирифтанатонро медонед, вале якравӣ карда, чаро боз меоед?» Корманди суғурта заррае наранҷида, каме дам истод. Баъд бо чашми боумед ва забони дилнишини ботамкинона гуфт: «Боз баргашта омадани ман, хоҳиши ба мақсадҳоям расиданам мебошад. Ман умед дорам, ҳаётамро дигар кунам. Шумо ба ин сабаб шудан метавонед». Ҷавоби ҷавон соҳиби фурӯшгоҳро ба ҳайрат овард. Ӯ каме дам истод, баъд оромона ба ҷавон

нигаристу ҷавонии ҳудро ба ёд овард. Ҷавони бомаърифат суханашро давом дод: «Дар ҳузури Шумо ҳар рӯз машқ мекунам. Ман ҳар пагоҳирӯзӣ аз худам мепурсам, ки ба монанди пештара ман ба орзуҳоям боварӣ дорам ё не? Ман тайёр ҳастам, ки аз ҳама мушкилиҳо гузарам. Ё ки нобоварии дигарон ба пешниҳодҳои ман, ба бизнеси ман, маро аз роҳи умедам боз доштааст? Барои ҳамин маро умеди рӯзи фардо ҳар рӯз назди Шумо меорад. Шумо тасаввур кардан наметавонед, чӣ қадар душвор аст ҳар рӯз ба чашми Шумо нигариста, пешакӣ ҷавоби шуморо донистан. Ранг сурх карда, бо сари хам ба хона баргашта, худро тасалло додан, ки пагоҳ, иншоаллоҳ, Худованд барака медиҳад ба кори ту. Ноумед нашуда, боз қувват ҷамъ карда, худро маҷбур карда, аз паси умеду орзуи ҷавонӣ рафтан. Ана ҳамин ҳаёт маро маҷбур мекунад, ки ҳар рӯз назди шумо биёям». Ӯ каме хомӯш истод, хонаро оромӣ фаро гирифт, боз суханашро давом дод: «Вақте ба ҳузури Шумо омада, ҷавоби рад мегирам, ба худам мегӯям, ки амалӣ намудани мақсадам бетағйир боқӣ мемонад, аммо худ эътимод доштанро аз даст додан намехоҳам, ба ҳамин сабаб мудом натиҷаи мусбат ба даст овардан мехоҳам. Ҳар гоҳе бо Шумо рӯбарӯ мешавам, хоҳиши ба одами муваффақ табдил ёфтанам афзун мегардад. Сипас аз наздатон баромада, як адад полис мефурӯшам. Ман истодагарӣ ва қобилияти ба даст овардани эътимод ва ризояти одамонро машқ мекунам. Баъд аз мулоқот бо Шумо корам барор мегирад». Соҳиби фурӯшгоҳ бо таҳайюр ба рӯи ҷавон нигариста, сипас худаш пешниҳод намуд, ки

молу мулкашро бо ҳамон нархе суғурта кунад, ки онро кормандони ботаҷрибаи суғурта ҳатто орзу намекарданд. Ин хеле пули калон буд ва он соҳибкор ин бачаро бо ҳамаи шиносҳояш – одамони пулдор тавсия мекард. Ин бача дар бизнеси фурӯши суғурта миллион доллар кор кард. Вақте дар саҳна ба ӯ ба миллион доллар чек доданд, нақл кард, ки чӣ тавр ба ин маблағи бузург муваффақ шуда буд.

Барои чӣ ӯ комёб гашт? Бо шарофати пайравӣ аз қоидаи такрор. Натиҷаи тадқиқотҳо нишон медиҳад, ки вақти бори аввал бо идеяҳои худ ё пешниҳоди моли худ муроҷиат намудан гарави 95 фоиз ҷавоби рад гирифтан мавҷуд аст. Шарҳи далели ин ҷо оварда хеле сода аст. Зеро Шумо мақсадатонро қаблан дуруст андешида, сипас пешниҳод ба миён гузоштаед. Вале мизоҷ дар бораи масъалаи бамиёнгузоштаи Шумо бори аввал мешунавад ва яку якбора ба ягон қарори қатъӣ омада наметавонад. Ҳуҷайраҳои майнаи сари одамро фаромӯш накардаед? Вақте Шумо такрор мекунед, робитаи байни ҳуҷайраҳои майнаи сари одам устувор шуда, қолаби тимсоли пешниҳодшуда ба вуҷуд меояд. Он гоҳ новобаста ба хоҳишаш ин одам дар бобати пешниҳодатон андеша мекунад.

Оё фаромӯш кардаед, ки начандон пештар дар замони Иттиҳоди Шӯравӣ одамон барои идеяи ватандӯстӣ омода буданд ҳаёташонро қурбон кунанд. Тарбияи ватанпарастӣ муҳофизони ҳақиқии онро ташаккул медод. Бинобарин одамон ба нисор намудани ҷонашон омода буданд ва андеша мекарданд, ки дар бораашон хоҳанд гуфт: «Онҳо барои кори ҳақ ҷонашонро нисор кардаанд». Ва назди лавҳи хотираашон гулҳо мегузоранд.

Он замон ҳамаи мо орзу мекардем, ки корнамоии 28 нафар панфиловчиёнро такрор карда, қаҳрамон шавем. Тасаввуроти мазкур чӣ тавр ташаккул ёфт? Дар ҳар маҳали зист баландгӯяк гузошта буданд, ки ҳар рӯз ба одамон идеяи самти муайян доштаро талқин менамуд. Бо ҳамин восита дар тафаккури инсон пайроҳаеро бунёд менамуданд, ки ба воситаи он қолаби устувори тафаккур сохта мешуд. Ҳар чизи такроргардида дар тафаккури инсон нақш мебандад. Ҳамин қоида дар бизнес ҳам ба кор меояд. Фаромӯш накунед, тавре, ки дар мақоле гуфта мешавад: «Агар ба одам 10 маротиба ту саг гӯед, бори ёздаҳум ӯ сагвор аккос мезанад».

Аз ин ҷо, вақте бори аввал ба ҳузури шахсе барои хоҳишеро пешниҳод намудан меравед, ӯ ҳанӯз ба дарк намудани идеяи Шумо омода нест. Вақте ба ӯ бори дуввум муроҷиат кунед, 80 фоиз кафолати аз ӯ ҷавоби рад гирифтан доред. Бори саввум рақами мазкур (эҳтимоли ҷавоби рад) то 70 фоиз кам мешавад. Вале дар навбати нӯҳум Шумо 95 фоиз кафолати расидан ба комёбиро дастёб мегардед. Аз ин рӯ вақти бори дуввум ҷавоби рад шунидан ба худ гӯед: «Хеле хуб, эҳтимоли шунидани ҷавоби рад 10 фоизи дигар кам шуд». Дафъаи навбатӣ имкони ҷавоби мусбат гирифтан боз ҳам зиёдтар мешавад. Бо сари баланд ба пеш ҳаракат кунед. Ҳамеша андеша кунед, ки ҳар бори ҷавоби рад гирифтан барои ба қуллаи мақсади худ расидан боз як зина ба боло қадам гузоштаед. Илова бар ин, ҳар навбат маҳорат ва кордонии Шумо бештар мегардад. Шахсе, ки принсипҳои мазкурро намедонад, ҳар бор эътимод

ба худро аз даст дода, эҳтимол, аз нияту мақсади хеш даст мекашад. Донистани принсипҳои мазкур ба Шумо барои ба натиҷаҳои хуб дастёб гаштан кӯмак мерасонад. Зеро он қонунест, ки дар заминаи таҷрибаи одамони муваффақ кашф шудааст. Қонуни номбурда Шуморо, албатта, ба муваффақият мерасонад. Бо ҳамин сабаб ҳаргиз дар нимаи роҳ наистед, амалро бори дигар такрор кунед, боз бори дигар ва боз...

Як мисол аз ҳаёти Эдисон намунаи беҳтарини суботкорӣ мебошад. Дар натиҷаи иродаи устувор ин шахс аз маротибаи навбатӣ нобарор анҷом ёфтани кораш дилсард нагашта, онро борҳо такрор карда, дар ниҳоят ба натиҷаи дилхоҳ расида буд. Эдисон ихтирооти навашро таҳия намуда, онро 500 маротиба такроран санҷид. Ҳар бор кораш омад намекард. Аллакай касе ба барор гирифтани таҷриба умед надошт, ба ғайр аз як нафар дигар шогирдонаш ҳама ҳар сӯ пароканда шуда рафтанд. Ӯ аз Эдисон пурсид: «Устод, мо аллакай ҳамин корро 500 маротиба такрор намудем, аммо натиҷаи дилхоҳ намедиҳад, ходимон ҳама гурехтанд. Шумо бошед, ҳар бори навбатӣ бо дили пур омада, гӯё корҳо ба хубӣ анҷом меёфта бошанд, дубора ба кор сар мекунед». Эдисон ба сухани шогирдаш бо табассум ҷавоб дод: «Дар ҳақиқат корҳоямон хубанд». Шогирд ҷавоби устодашро дуруст дарк накарда, дубора пурсид: «Ба ман фаҳмонед, ки чӣ тавр корҳоямон хуб пеш рафта истодаанд?». «Худат андеша намо, мо аллакай 500 роҳеро медонем, ки бо онҳо рафтан мумкин нест» (500 роҳи нодурусти ҳалли масъала). Одамони хушбин ҳамеша бо нияти нек умед баста, ба комёбиашон боварӣ доранд. Хушбинӣ ҳамеша барои ба мақсад расидан кӯмак мерасонад.

2. ФАЛСАФАИ МӮРЧАГОН

Ҳар касе боре садди роҳи мӯрча гаштааст, ӯ собитқадамӣ ва суботкории онро медонад. Ҳеҷ монеа пеши роҳи мӯрчаро гирифта наметавонад. Мӯрча аз боло ё паҳлӯи монеа гузашта, ба сӯи мақсадаш ба пеш ҳаракат мекунад. Дар роҳаш агар хишт гузоред, мӯрча монеаро дида, ҳамоно ба ҷустуҷӯйи роҳи ҳалли мушкилӣ шурӯъ мекунад. Мӯрча ҳеҷ вақт мағлубиятро намеписандад ва ба сӯи мақсадаш ҳаракат мекунад.

Агар мӯрча дона ё резаи нонеро пайдо кунад, бо тамоми қувва онро ба мӯрчахона бардошта мерасонад. Бо вуҷуди ин ягон мӯрчаи дигар ҳаргиз чизи бародараш пайдокардаро бо зӯрӣ кашида намегирад. Баръакс, ба кӯмаки ӯ мӯрчагони дигар мешитобанд, то ин ки бо саъю кӯшиши якҷоя борро ба мӯрчахона оварда расонанд.

Мӯрча ҷонвараки аз ҳама сершумори замин мебошад. Дар олам 16 миллион намуди мӯрчаҳо мавҷуданд. Ба ҳар одам 20 миллион мӯрча рост меояд.

Мӯрчаҳо хеле заҳматкаш буда, аз субҳи барвақт то шом кор мекунанд. Ҳар вақте инсон аз кор хастаю бефарах шуд, ба манзилаш баргашта, истироҳат мекунад, мӯрча бошад, дар бораи истироҳат фикр накарда, заҳмат мекашад. Вақте, ки одам ҳатто хеле субҳи барвақт аз хоб мехезад, мӯрчагон аллакай дар сари коранд.

Мушоҳидакор будан хеле хуб аст. Табиат устоди беҳтарин буда, он ба мо мисолҳои ҳайратангези заҳматкашӣ, ҳамоҳангӣ ва зебоиро нишон медиҳад. Агар сабаки хуби суботкорӣ ва меҳнатдӯстиро омӯхтанӣ бошед, сурати мӯрчаро гирифта, онро дар девори хона ва ё корхонаатон овезед. Сурати мӯрчагон ба Шумо ва ҳамкоронатон мудом ба ягон монеа нигоҳ накарда, ба мақсади худ расиданро ёдовар мешавад. Фаромӯш накунед: доноён мегӯянд, ки амалеро анҷом додан мехоҳанд, оқилон мегӯянд, ки кореро анҷом додаанд, аммо одамони аблаҳ ҳардуро муҳокима мекунанд.

3. МУНОСИБАТ БО ҶАВОБҲОИ РАД

(Вақте, ки пешниҳоди Шуморо ё фикри Шуморо рад мекунанд)

Ҳазрати Исо ба шогирдону пайравонаш ду қоидаро васият намуд. Ин қоидаҳоро дар хотир гирифта, раҳнамои зиндагиатон қарор диҳед.

1) Ҳамеша ду нафар ҳамроҳ гардед, ду нафар гуфтугӯ кунед, ду нафар будани Шумо ин пурқувватист.

Ду адад таноби симиро мегирем, ки ҳар кадомашон дорои қувваи бардоштани 10 тонна бор

мебошанд. Акнун фикр кунед, ки ду адад таноби пӯлодин якҷоя чанд тонна бор мебардоранд? Гумон кардед, ки 20 тонна бор мебардоранд? Тахминатон ботил аст, зеро қувваи ду адад таноби пӯлодин якҷоя ба бардоштани 30 тонна бор мерасад. Зеро симбандҳо якҷоя, нисбат ба танҳоӣ, ба бардоштани бори вазнинтар имкони бештар доранд. Зиндагӣ ҳам чунин аст. Дар ин маврид ҳикмати халқӣ мефармояд: «Зӯри мушт дар панҷ ангушт».

Искандари Мақдунӣ ҳикмати мазкурро медонист. Боре Арасту, устоди Искандар ба вай гуфт: «Эҳтиром ва ҳамдигарфаҳмии ду мард барои ҳаллу фасл намудани масъалаҳои ҳалнашаванда имконият медиҳад». Мақдунӣ дар синни 24-солагӣ ними ҷаҳонро тасхир намуда, ҳикмати мазкурро исбот намудааст. Бо ҳам амал намудани ду нафар ё одамони зиёд ин аллакай маркази нерӯи зеҳниро таъсис медиҳад. Боз як мисоли дигар. Дар оила агар зану мард якдигарро дӯст дошта, эҳтиром кунанд, онҳо ба дастовардҳои калон ноил мегарданд. Ҳамаи мо дар зиндагӣ чандин маротиба шоҳиди чунин мисолҳо гардидаем, ки оилаи тифоқ воқеан аз сифр шурӯъ карда, тадричан ба комёбию мустақилияти молиявӣ даст ёфтаанд. Якдигарфаҳмӣ, эҳтиром нерӯи аз ҳама пурзӯру босамар мебошад. Ҳатто дар замонҳои хеле қадим, вақте, ки илм ҳанӯз тараққӣ накарда буд, ҳазрати Исо ҳикмати мазкурро медонист ва ҳаракат менамуд, онро ба мардум расонад. «Шумо ду нафар пурзӯр мебошед» – ин ҳақиқатро ҳаргиз фаромӯш накунед.

2) Қоидаи дуввумро низ фаҳмидану истифода намудан хеле муҳим аст. «Агар касе Шуморо ба ҳузураш напазируфту ба суханатон гӯш надод, вақти аз он манзил ё шаҳр баромадан гарду чанги пойҳоятонро афшонед». Бинобарин агар шахсе Шуморо ба дилаш роҳ надода, дар бораи Шумо суханони носазо гӯяд, вақти аз манзилаш баромадан гарду чанги хонаашро аз пойҳоятон афшонда, ба коратон идома диҳед ва ба барору комёбӣ эътимод бандед.

Дер ё зуд ягон нафар дӯст ё хешонатон бо эродҳояш хотиратонро озурда, мегӯяд, ки ба дурустии идеяҳоятон, ба дастрас будани орзую ниятатон бовар надошта, ба натиҷаи дилхоҳ расиданатон шубҳа дорад. Суханони онҳоро ба инобат нагиред. Ҳатто агар модаратон дар бораи ҳамсаратон ягон сухани носазо гӯяд, онро ба дил нагиред. Ё агар бародаратон бо шубҳаҳояш хотиратонро озорад, либос ва пойафзоратонро афшонда, аз худ осори бади суханони онҳоро дур андозед ва зеҳнатонро аз шубҳаю беэътимодии тахминӣ пок гардонед. Ҳамаи суханони носазоро дар ҳамон маҳалле, ки ба забон оварда шуда буданд, вогузоред.

Ба орзую ниятҳо, ба қобилияти худ бояд эътимод дошта бошед ва барои ба мақсад расидан пеш равед. Аз орзуи худ набояд даст кашед. Агар шахсе назари дигар дорад ё ягон дӯст ё хешу ақрабоятон кори оғознамудаатонро дастгирӣ накунанд ва ё агар касе «Кори намешуданӣ аст» гӯяд ҳам, Шумо бояд аз мақсади пешгирифтаи худ даст накашед.

Чунин масале ҳаст

Дар як шаҳр марди хирадманде мезист. Вай ба одамон кӯмак мерасонд, ҳамаи онҳо назди вай маслиҳатпурсӣ меомаданд. Дар шаҳр боз як марди хирадманди дигаре ҳам мезист ва аз эътибор ва амалҳои хирадманди аввал ҳасад мебурд.

Боре ба сараш андешае зад, ки чӣ тавр рақибашро таҳқиру шарманда созад. Ба худ қарор дод, ки мардумро дар саҳни майдони шаҳр гирд оварда, аз рақибаш мепурсад, ки шабпараки дар кафи дасташ буда зинда аст ё мурда? Агар ӯ гӯяд, ки зинда аст, ман ӯро дар кафи дастам пахш мекунам ва шабпарак мемирад. Ҷавоб нодуруст мешавад. Вале агар гӯяд, ки мурда аст, кафи дастамро мекушоям ва шабпарак парвоз мекунад. Дар ин ҳолат ҳам ҷавобаш нодуруст мебарояд, худ ба худ меандешид хирадманди ҳасуд. Аз ин фикри аҷибаш қаноатманд гашта, хобид. Рӯзи дигар вай мардумро дар майдон ҷамъ карда, аз хирадманд пурсид: «Ту асрори ҳаётро омӯхта, ба ҳамаи саволҳо посух гуфта метавонӣ. Акнун ба саволи содатарини ман ҷавоб гӯй. Ман дар кафи дастам шабпараке дорам. Бигӯй, ки он зинда аст ё мурда?». Мардум рӯ ҷониби хирадманд карда, ҷавобашро интизор шуданд, вай табассумкунон ҷавоб дод: «Зинда ё мурда будани шабпарак ба ту вобаста аст. Зеро агар панҷаҳоятро фишорӣ, вай мемурад, вале агар онҳоро кушоӣ, вай парида меравад».

Боре дар шаҳри Тюмен ба назди ман ҷавоне омада, хоҳиш намуд, ки ба ӯ барои кушодани корхонаи нонпазӣ кӯмак расонам. Ман ба нияти вай муқобил баромада, далелҳо пеш овардам: «Дар ин шаҳр дар ҳар қадам як корхонаи нонпазӣ мавҷуд аст, бо ҳамаи онҳо чӣ тавр рақобат карда метавонӣ? Ниятат оянда надорад». Аммо ҷавоби вай маро қонеъ гардонд. «Бигзор 100 корхонаи нонпазӣ мавҷуд бошад, яксаду якумаш аз ман мешавад ва ман дар байнашон мақоми аввалро ишғол хоҳам кард. Одамон нони маро хоҳанд харид. Ба ин кор ба ҳар арзише, ки набошад, ноил мегардам». Фалсафаи комёбӣ ва муваффақият ҳамин аст. Бо мавҷуд будани ҳазорон рақибон вай аздусар дар мавқеи аввалинҳо қарор мегирад. Бо эътимоднокӣ ва иродаи мустаҳкам комёбӣ насибаш мегардад. Бо ҳамин сабаб идеяашро дастгирӣ намудем ва барои кушодани корхонаи нонпазӣ ба вай кӯмак расондем. Масъалаи мазкур ба ҳамаи мо дахл дорад. Агар бозор пур аз моле бошад, ки Шумо ҳам аз он овардаед, вале Шумо ба нерӯи худ бовар доред, пас комёбӣ насибатон мегардад. Ирода ва қатъият дастгиратон мегарданд. Ба баррасӣ намудани монеаи навбатӣ мегузарем.

4. МУШКИЛОТ

Дар ин олам ягон нафар одаме нест, ки мушкилие надошта бошад, зеро аз мушкилӣ ҷойи гурез нест. Аксар вақт одамон худашон мушкилотро ба вуҷуд меоранд. Сипас ҳамон масъаларо қаҳрамонона ҳаллу фасл менамоянд. Аммо агар мушкилот Шуморо аз роҳ бозоранд,

метавонед ҳаргиз ба коре оғоз накунед, зеро мушкилот ҳамеша вуҷуд доранд. Ҳар як монеа сабаби дар роҳ истодани Шумо мегардад. Вале ҳамон мушкилот Шуморо боз водор месозад, ки бо хоҳиши зиёдтаре ба пеш ҳаракат кунед.

Одамон ду тоифа мешаванд. Иддае аз садди андак ҳам ҳаросида, бозмеистанд. Онҳо дар дил шубҳа ва ба худашон бовар надоранд. Ҳар мушкилот боиси аз орзую нияти худ даст кашиданашон мегардад. Ҳатто обу ҳавои номусоид ҳам.

Тоифаи дуюми одамон аз рӯи хислат комилан хилофи одамони гурӯҳи аввал мебошанд. Ба мушкилӣ рӯ ба рӯ гашта, баръакс, гӯё он душворӣ ба онҳо нерӯ зам карда, иродаашонро қавӣ мегардонда бошад, бо қувваю ғайрати дучанд заҳмат мекашанд. Фалсафаи барору комёбӣ маҳз дар ҳамин ҷо нуҳуфтааст. Ҳар монеа метавонад боиси аз орзую нияти худ даст кашидан ё сарчашмаи хоҳиши бештари расидан ба мақсад гардад. Он ба нерӯи иродаи Шумо, ба эътиқоди Шумо ба мақсади гузоштаи худ вобаста аст. Ба мушкилот рӯ ба рӯ гашта, дар ҷоятон қарор наистед. Кушодани ҳар як гирех ин санҷиши тавоноии иродаи Шумо мебошад. Он чизе, ки бе ягон мушкилӣ ба даст омадааст, арзиши пурқимате надорад. Барору комёбӣ насиби он одамоне мегардад, ки садҳоро бартараф намуда, ҷониби мақсади худ ба пеш ҳаракат мекунанд. Танҳо бо сабаби якбора муддаои табъ анҷом наёфтани кор аз мақсади худ даст шустан лозим нест, ҳатман то замони ба даст омадани натиҷаи дилхоҳ кӯшишу ғайрат кардан мебояд.

Масали
«МУШКИЛОТ»

Устод ва Нигаҳбон фаъолияти ибодатгоҳи мазҳаби дзенро сарварӣ менамуданд. Синну соли Нигаҳбон ба ҷойе расида, рӯзе аз олам гузашт. Ба ҷойи вай шахсеро таъйин намудан зарур шуд.

Устод шогирдон ва хидматгорони дайрро назди худ хонда, ба онҳо фаҳмонд, ки аз байнашон шахси арзандаеро интихоб кардан мехоҳад.

– Ман ба Шумо мушкилиеро нишон медиҳам, – гуфт Устод. – Касе, ки аввалин шуда роҳи ҳалли мушкилиро пайдо мекунад, Нигаҳбон таъйин мегардад.

Дар байни толор курсие ниҳода, болои он гулдони чинии дар рӯяш нақши гули садбарг доштаро гузошта, фармуд:

– Ҳамин аст гирех.

Шогирдон бо таҳайюр ба он чизе, ки дар пеши чашмонашон гузошта шуда буд: нақшҳои печ дар печ ва ҳайратангези рӯи чинӣ, ранг ва шакли гулбаргҳо чашм медӯхтанд... «Ин чӣ маъно дорад?», – андеша мекарданд онҳо. «Чӣ муаммое дар паси ин чизҳо маҳфуз аст? Чӣ бояд кард?». Ҳама пойбанди ҳайрат буданд.

Баъд аз чанд лаҳза яке аз хидматгорони дайр аз ҷояш бархеста, як ба Устод ва шогирдони дигар нигоҳ карду назди гулдони чинӣ омада, онро болои сар бардошта, дар пеши чашмони ҳама ба замин зад.

– Шумо Нигаҳбони нав мешавед, – гӯён Устод ба шогирдони дигар шарҳ дод: – Ман хеле саҳех баён карда, ба Шумо гуфтам, ки дар назди мо мушкилие

истодааст. То кадом дараҷа дилкашу зебо будани мушкилӣ аҳамият надорад, зеро он дар пеши мо истодааст ва мо онро бояд ҳал кунем. Мушкилот амсоли гулдони чинӣ зоҳири мунаққаш ва зебо доранд, онҳо метавонанд муҳаббате бошанд, ки акнун маънии надорад. Роҳе аст, ки бо вуҷуди зарурати аз он баромадану ба роҳи дигар рафтан Шумо аз он намебароед, зеро роҳи мазкур ба Шумо ошност ва худро дар он бо роҳату ҳаловат эҳсос менамоед. Танҳо як роҳи ҳал намудани мушкилӣ мавҷуд аст: ба он рӯ ба рӯ шудан зарур. Дар ҳамин лаҳзаҳо мо наметавонем раҳмдилӣ карда, ба ҷиҳатҳои дилкаше фирефта шавем, ки ҳар низоъ бо онҳо пероста мебошад.

Мушкилот дорои хосияти ҷолибе мебошанд, ки ба аксари мо таъсир мерасонад: ба мо мақбул аст, ки онҳоро дошта бошем, таҳлил кунем, ба сари онҳо баргашта, шарҳ диҳем. Дар аксари мавридҳо мо мушкилотамонро бо душвориҳои одамони дигар қиёс намуда, мегӯем, ки гирехи ӯ дар назди мушкилии ман ҳеҷ аст. Мушкилии мо ҷиддист. Пас ҳалли он чӣ гуна аст?

5. ФАЛОКАТ

Боре озмоишгоҳи ихтироъкори бузург Эдисон оташ гирифт. Сӯхтори пурдаҳшате ба амал омад. Одамон аз ҳарос ҳама ба чор сӯ даву тоз доштанд, вале чӣ кор карданашонро намедонистанд, зеро дар озмоишгоҳ тамоми маводи бисёрсолаи тадқиқот ва таҷрибаҳо нигоҳ дошта шуда буд. Эдисон бошад, ором буд, ба сӯхтор нигоҳ карда, ҳатто табассум мекард. Ба назари писари Эдисон чунин рафтори падар ғайриодӣ намуд. Писар сабаби хандидани падарашро намефаҳмид. Эдисон ҳолати писарашро дарк намуда, ба ӯ фармуд, ки модарашро даъват кунад. Азбаски Эдисон марди шӯхтабиат буд, баъди омадани ҳамсараш аз вай пурсид: «То ҳол ҳамсари манӣ ё не?» Ҷавоби тасдиқи ҳамсарашро шунида, Эдисон гуфт: «Азизам, ба ин намоиш нигар. Ҳамаи хатою гумроҳиҳоямон месӯзанд. Минбаъд мо зиндагиро аз сари нав оғоз карда метавонем».

Одамони хирадманд ва пурзӯр ҳатто аз нобарориҳо сарчашмаи нерӯи нав бунёд мекунанд, мушкилот қатъият ва иродаи онҳоро устувортар гардонда, онҳо дубора ба пеш ҳаракат мекунанд. Аз одамони мазкур ибрат гиред.

6. БЕМОРӢ

Чӣ фикр доред, беморӣ Шуморо аз фаъолият бозмедорад ё не? Оё медонед, ки одамон кадом вақт зуд–зуд бемор мешаванд? Вақте, ки аз ҳаёт дилсард мегарданд, идеяе надоранд, ки онҳоро рӯҳбаланд созад ва хоҳиши ба ҷойе расидан

ҳам надоранд. Агар дар сар идеяҳои зиёд дошта бошед, бешубҳа, ҳаргиз мубталои беморӣ намешавед. Бовар кунед, пул Шуморо чунон рӯҳу илҳом мебахшад, ки аз паси орзуи худ давида, ҳатто чӣ тавр ба замин гузоштани пойҳоятонро ҳис намекунед. Вақте пул одамро рӯҳбаланд месозад, ки агар он ба мақсади асосӣ табдил наёфта, балки сарчашмаи мустақилияти молиявӣ гардад ва дар он сурат барои натиҷаи амалӣ додани истеъдодатон кӯмак мерасонад.

Агар наздиконатон бемор шаванд, оё Шумо аз роҳи интихобкардаи худ бозмеистед? Бемор шудани худатон як тараф, вале вақте фарзандатон бемор шавад, аҳволатон вазнин мегардад. «Аҳвол»–и шавқу рағбат, орзую омолатон чӣ мешавад? Коре карда, ҳар воқеаи нохуше, ки ба амал наояд, ба орзуятон хиёнат накунед. Зеро аз ин ояндаи наздикони Шумо вобаста мебошад. Агар бозистед, ба онҳо кӯмак карда наметавонед. Ба пеш ҳаракат намудани Шумо некӯаҳволии оилаатонро муайян менамояд.

Арнолд Шветс фармудааст: «Ҳеҷ кас наметавонад одамеро, ки барои мақсадаш расидан тайёр аст, аз ҳамаи чизе ки дорад ва ҳатто аз ҳаёти худаш гузар кунад, боз дорад».

Замоне, ки вай ҳамаи корҳояшро гузошта, барои табиб шудан ба таҳсил шурӯъ намуд, ба синни 40–солагӣ қадам гузошта буд. Сипас ба Амрико сафар карда, бемористони худашро кушод, ки он имрӯз машҳури олам гаштааст. Вай кореро анҷом дод, ки дар бораaш орзу мекард.

7. РАҲМДИЛӢ

Раҳмдилӣ монеаи аз ҳама мушкилгузар мебошад. Ба ягон кас, пеш аз ҳама ба худатон, дилсӯзӣ накунед. Дилсӯзӣ кардан ба худ нишонаи сустиродагист. Раҳмдиливу ғамхӯрии аз ҳад зиёд Шуморо нобуд месозад. Ҳатто ҳангоми аёдати бемор дилсӯзии худро ба намоиш нагузоред, зеро шафқати беҳад ба назари одами ранҷур чун таҳқир менамояд. Шумо дилсӯзӣ мехоҳед ё ҳурмату эҳтиром? Агар ҳурмату эҳтиром мехоҳед, барои ба он сазовор гаштан кӯшишу ғайрат нишон диҳед. Шумо ҳамдардии одамонро мехоҳед ё муҳаббати онҳоро? Агар хоҳиш дошта бошед, ки Шуморо дӯст доранд, пас худатон ҳам дигаронро дӯст доред. Арнолд Швартснегер фармудааст: «Агар ташнаи озодӣ бошеду барои ба орзуи худ расидан кӯшиш доред, худро ҳеҷ раҳм накунед».

8. НОУМЕДӢ

Ба ноумедӣ ҳаргиз роҳ надиҳед. Аммо мабодо аз ноумедӣ гурехта натавонистед, пас диққататонро ба мақсадатон ҷалб созед. Ин ҳолат барои паси сар намудани рӯҳафтодагӣ ва расидан ба барору комёбӣ кӯмак мерасонад.

Буддо фармудааст: «Агар ба кӯчаи сарбастаи зиндагӣ афтода, роҳгум задед, ба сари кӯча бозпас гардед». Баъзан муносибат бо одамони наздикатон ҳам мушкил мегардад. Дар чунин ҳолат хеле муҳим аст, ки Шумо бояд хоҳиши аз дилу ҷон пайдо намудани роҳи тафоҳумро дошта бошед.

Агар вазъи молиявиатон мубталои нокомӣ гардаду Шумо сабабашро надонед, ба оғози фаъолияти худ баргардед. Агар касеро ноумед намудаед ё шахсе Шуморо ноумед кардааст, ҳаргиз шахси айбдорро наҷӯед. Ба оғози муносибатҳоятон баргашта, кӯшиш намоед, ки роҳи ислоҳ намудани камбудиро пайдо кунед.

Хиёнати шахси наздикатон, ки ӯро дӯст медоред, ноумедии аз ҳама бузург мебошад. Чунин ноумедиро ба осонӣ паси сар намудан мушкил аст. Аммо ҳар воқеае, ки ба саратон наояд, ҳатто дар ҳолати хиёнат намудани одамони наздикатон, ноумед нашавед, табъатонро хира нагардонед. Ҳастии худро ба мақсади дар пеш гузоштаатон бахшед.

Агар Шуморо фиреб дода бошанд, ба роҳатон идома дода, ҳеҷ гоҳ наистед. Баъзан одамон бо сабаби фиреби одами бегона аз роҳашон баргашта, аз муҳаббат, хушбахтии оилавӣ ва сарваташон, ки лоиқу сазовори онҳо мебошанд, рӯ метобанд. Беинсофии касе набояд сабаби хастаҳолии Шумо гардад. Дар ҷоятон наистед, зеро он боз як монеаи дигар аст, ки паси сар намудани он зарур мешавад. Фақирӣ дар заминаи хоҳиши сарватманд шудан пойдор аст. Сарватмандӣ дар асоси муҳаббат ва романтика барпой аст. Ба пеш ҳаракат кунед, ба пасатон нанигаред.

Масали
«САНГИ ОЗОР»

Бо мақсади он, ки ҳамаи донишҷӯён мавзӯъро хуб азхуд намоянд, муаллим таҷрибаеро ба миён гузошт. Ҳар як донишҷӯ мебоист озори ба ӯ расондаи одамони дигарро ба хотир оварда, сипас номи ҳар шахси мардумозорро дар як дона картошка нависад. Дар натиҷа дар дасти ҳар як донишҷӯ миқдори зиёди картошка ҷамъ гардид. Ба донишҷӯён фармуданд, ки картошкаҳоро ба коғазхалта андохта, тӯли як ҳафта бо худ гирифта гарданд, ҳол он ки коғазхалтаи баъзе донишҷӯён хеле сангин ва албатта, кори нобоб буд. Илова бар ин, донишҷӯён ба хотири дар ҷойе монда, фаромӯш накардани халтача корҳои дигари муҳимтарашонро аз хотир мебароварданд. Аз ҳама бадтар он буд, ки картошка баъд аз чанд рӯз пӯсида, бадбӯй мегашт.

Таҷриба нишон дод, ки ҳама бо худ дар "борхалтаи эҳсосот" картошкаи пӯсида доранд.

Таҷриба инчунин исбот намуд, ки ҳар рӯз озорҳои гузаштаро, ки тағйир доданашон ғайриимкон аст, бо худ гирифта гаштан чӣ гуна гарон аст.

Танҳо бахшидан моро аз озорҳо ва вазни сангини онҳо раҳо сохта, эҳсоси озодии рӯҳӣ медиҳад. Озор заҳрест, ки мудом моро олуда сохта, вазнинии он рӯз то рӯз зиёд шудан мегирад. Мо фикр мекунем, ки бахшиш ин туҳфаест барои озорандаи мо, аммо дарк намекунем, ки аз кинаву бадбинӣ озод гардида, мо худамон

бештар бурд кардаем. Аксар вақт одамеро, ки бояд пеш аз ҳама аз гуноҳаш гузарӣ, ин одам худи Шумо мебошед. Мо худамонро барои суханони тезу тунд, андешаи беҳуда ва аъмоли бад бо эҳсоси гунаҳкорӣ ҷазо медиҳем. Вале дӯст доштани худамонро намеомӯзем. Чӣ тавр мо метавонем шахсеро дӯст дорем, модоме ки ба худамон бадбинона рафтор мекунем? Бахшидани худ бахшидани дигарон ҳам мебошад. Бахшидан ин калиди озодист.

ба дафтари ёддошт

● **Вақте, ки Шумо бори аввал ба ҳузури шахсе барои хоҳишеро пешниҳод намудан меравед, ӯ ҳанӯз ба дарк намудани идеяи Шумо омода нест. Вақте, ки ба ӯ бори дуввум мурочиат мекунед, 80 фоиз кафолати аз ӯ ҷавоби рад гирифтанро доред. Бори саввум рақами мазкур (эҳтимоли ҷавоби рад) то 70 фоиз кам мешавад. Вале дар навбати нӯҳум Шумо 95 фоиз кафолати расидан ба комёбиро дастёб мегардед.**

● Доноён мегӯянд, ки амалеро анҷом додан мехоҳанд, оқилон мегӯянд, кореро анҷом доданд, аммо одамони бефаросат ва аблаҳ ҳардуро муҳокима мекунанд.

● Ҳамеша ду нафар ҳамроҳ гардед, ду нафар гуфтугӯ кунед, ду нафар будани Шумо ин пурқувватист.

● Агар касе, ки ба идеяҳои Шумо бовар накарда, ба қобилияти Шумо шубҳа дорад ва дар бораи ғайривоқеӣ будани орзуҳои Шумо ҳарф мезанад, вақти аз манзилаш баромадан гарду чанги хонаашро аз пойафзору либосҳои худ афшонда, роҳи ба мақсади худ расиданро идома диҳед ва ба барору комёбӣ эътимод бандед.

● Ҳама гуна монеа метавонад боиси аз орзую нияти худ даст кашидан ё сарчашмаи хоҳиши бештари расидан ба мақсад гардад. Он ба нерӯи иродаи Шумо, ба эътимоду боварии Шумо ба орзуятон вобаста аст.

● Одамони хирадманд ва пурзӯр ҳатто аз нобарориҳо ҳам сарчашмаи нерӯи нав бунёд мекунанд, мушкилот қатъият ва иродаи онҳоро устувортар мегардонад, онҳо дубора боз ба пеш ҳаракат мекунанд.

● Агар Шуморо фиреб дода бошанд, ба роҳатон рафта, дар ҷоятон наистед. Баъзан одамон бо сабаби фиреби одами бегона аз роҳашон баргашта, аз муҳаббат, хушбахтии оилавӣ ва сарваташон, ки лоиқу сазовори онҳо мебошанд, рӯ метобанд. Беинсофии касе набояд сабаби хастаҳолии Шумо гардад. Дар ҷоятон наистед, зеро он боз як монеаи дигар аст, ки паси сар намудан пеш меояд. Ба пеш ҳаракат кунед, ба пас нанигаред.

● Пул вақте одамро рӯҳбаланд месозад, ки агар ба мақсади беҳуда табдил наёфта, сарчашмаи мустақилияти молиявӣ гардад ва барои дар амал ҷорӣ гаштани истеъдодатон кӯмак расонад.

5. ЧӢ ТАВР БОЯД БЕШТАР ПУЛ КОР КАРД?

1. Баъд аз се сол дар як моҳ чӣ қадар пул кор кардан мехоҳед?
2. Чӣ бояд кард?
3. Аз байн бурдани худмаҳдудиятӣ
4. Се [illegible]ти ташаккулёбӣ
5. Маҳорати дуруст истифодабарии вақт
6. Хирадмандӣ
7. Сармоягузорӣ ба ояндаи худатон
8. Номгӯйи одамоне, ки Шумо ба онҳо монанд будан мехоҳед.
9. Ҳарос
10. Чор китоби нодир
11. Хислатҳое, ки барои комёбӣ заруранд

1. БАЪД АЗ СЕ СОЛ
ДАР ЯК МОҲ ЧӢ ҚАДАР ПУЛ КОР КАРДАН МЕХОҲЕД?

Ба таври ҷиддӣ андеша карда, сипас ба савол хаттӣ ҷавоб нависед.

_____

_____

_____

_____

_____

Ду тоифаи одамон мавҷуданд, ки ҳангоми дар пеш гузоштани мақсади якхела ва расидан ба он ҳар кадоме ба таври мухталиф муҳокимаронӣ ва рафтор мекунанд.

Тасаввур мекунед, дар ҷисму тани як инсон ду шахс умр ба сар мебаранд. Яке аз инҳо касест, ки дар чашми дигарон ноаён ба кору зиндагии худ машғул аст. Тарзи ҳаёти ин шахси аввал ба зиндагии имрӯзаи Шумо хеле шабоҳат дорад, дарк накардед? Ин шахс худи Шумоед! Каси дуввум шахсест, ки аз ҳаёти якрангу ноаён ва рӯзгори якмаром безору дилбазан гардида, кӣ шудан мехоҳад. Вақте, ки Шумо тасмим гирифта, ҳалли ин ё он масъала ва мушкилотро дар пеши худ мегузоред, якбора ин ду шахс садо баланд мекунанд. Шахси аввал мегӯяд: «Исто, аз будаат ҳам мемонӣ!». Шахси дуввум мефармояд: «Вақти амал фаро расид, баҳри тағйири ҳаёти худ саъй намо!».

Акнун интихоб аз Шумост!

Расми 1

Одаме, ки ҷониби мақсади худ қадами аввал мегузорад.

Одамони тоифаи аввал ба маош ва қобилияташон, то кадом андоза дар амал татбиқ гаштани онҳо такя мекунанд. Вобаста ба мавқеи ҳозираашон шансҳояшонро арзёбӣ менамоянд. Чунин одамон ба нуқтаи баланде, ки нияти ба он баромадан доранд, нигариста, аз мақсади худ даст мекашанд. Ба назарашон нуқтаи мазкур фатҳнашаванда менамояд. Одамони ноком чунин рафтор мекунанд. Боз одамоне чунин рафтор менамоянд, ки дар дил орзую омол намепарваранд.

Одамони гурӯҳи дуюм нисбатан ба мақсадашон устувор ва соҳибтаҷриба мебошанд. Одамони гурӯҳи аввал агар ба имконияти ҳозираашон умед банданд, пас одамони гурӯҳи дуюм ба одамоне

баробар шудан мехоҳанд, ки аллакай дар ягон кор комёб гаштаанд ва ё дар мақоме будан мехоҳанд, ки расидан ба онро пешакӣ мақсади худ қарор додаанд.

Одамони комёб қудрату имконияти бештар, шиносҳо ва ҳамкорону шарикони зиёд дошта, ба худашон бештар эътимод доранд. Бинобарин чунин одамон назар ба одамоне, ки дар қадами аввал қарор доранд, ба натиҷаҳои бештар муваффақ мегарданд. Одамони ботаҷриба бо он одамоне муносибат мекунанд, ки ба нерӯю иродаи худашон эътимод доранд, аз ин рӯ онҳо натиҷаҳои назаррас ба даст меоранд.

Одамони гурӯҳи аввал ба одамони ба ҷойе расида нигариста, аз худ мепурсанд: «Ба он баландӣ ман чӣ тавр мебаромада бошам?». Аммо одамони гурӯҳи дуюм ба одамони ба баландӣ расида нигариста, фикр мекунанд, ки онҳо ба баландӣ барои он баромадаанд, ки фуруд омадан аз баландӣ сабуктар аст. Дар натиҷа эътимодашон ба худашон зиёд мешавад.

Одам вақти ба пеш нигаристан танҳо ҳамон ашёеро мебинад, ки дар мадди назараш қарор дорад. Дар кӯча ба чашматон хонаи баландошёнае намудор гашт, вале хонаи мазкур барои дидани ашёи дар пасаш ҷойдошта монеа мегардад. Ҳатто дарахт ё мошин ҳам баъзан монеа мешаванд ва дар паси онҳо чизи ба худатон зарурро дида наметавонед. Вале агар ба ошёнаи бистуми бино баромада, ба атроф назар афканед, масоҳати дидгоҳатон васеъ аст. Агар аз ҳавопаймо ба замин нигаред–чӣ? Ҳамин қоидаро азхуд намоед. Расидан ба мақсади дарпешгузошта сатҳи ташаккулёбии шахсро муайян менамояд. Ба назари одамони

нодон мақсадҳои хурд ҳам дастнорас менамоянд, бо ҳамин сабаб онҳо мақсадҳои бузургро ҳатто намебинанд. Дониш ҷаҳонбиниро васеъ намуда, нақши қобилият ва сатҳи мақсадгузории Шуморо баланд мебардорад.

Ҳар гоҳе Шумо аз баландӣ ба поён назар меандозед, ҳамаи монеаҳои садди роҳатонро дида, роҳҳои бартараф кардани онҳоро пайдо мекунед. Дар ин ҳолат роҳатонро ба осонӣ пайдо намуда, ба вазъи қарордоштаатон баҳои дуруст медиҳед. Агар мақсади одам хурд бошад, ҳатто ҳар гуна монеа садди роҳи дидани он шуда метавонад. Он гоҳ мақсад ба назаратон дастнорас менамояд.

Ба расми 2 нигаред.



Расми 2

Ин одам мақсадашро дида наметавонад, зеро мақсади хурдаш дар паси монеа пинҳон аст.

Аз ин ҷо ба хулоса омада, рақамеро номбар кунед, ки баъд аз се сол ба он дастёб гардед. Рақами мазкурро ба ду зарб мезанем. Ба назаратон ҳосили зарб калон менамояд. Бо вуҷуди ин ҳамин тавр амал мекунем. Оё медонед, ки агар мақсад бузург бошад, чӣ воқеа ба амал меояд?



Расми 3

Тавре дар расми 3 нишон дода шудааст, мақсадатонро аз паси монеа ҳам дида метавонед. Дар ҳамин ҳолат ба чашматон ҳам монеа, ҳам мақсадатон мерасанд. Агар ба қувваи худатон эътимод дошта бошед, пас маълум мешавад, ки мақсадатон дастрас аст.

Вақте, ки Шумо ба мақсад менигаред, он бузург ва монеа андак метобад ва Шумо бовариатон зиёд шуда, аз паси кор мешавед. Агар мақсад хурд ва монеа бузург бошад, он гоҳ Шумо аз баҳри мақсадатон мебароед. Тарс ва ваҳм аз болои мақсад ғалаба мекунанд. Мо бояд мақсадро бузург гузорем, ки монеа Шуморо нигоҳ доштан натавонад. Мақсади бузургатон ба Шумо ҳамеша қувват мебахшад ва Шумо ба кадом монеае, ки рӯй ба рӯй шавед, онро ҳал карда, аз паси мақсадатон роҳро давом медиҳед. Тамоми мақсадҳои бузург, албатта, ба осонӣ ба даст наомадаанд. Барои дастрас кардани мақсади бузург фикрҳои далерона ва дили хирадмандона даркор аст.

2. ЧӢ БОЯД КАРД?

ИҚТИБОС

Аз комёбӣ рӯҳбаланд,
аз ноумедӣ дилсард
нагардед.

Муаллифи номаълум

А. Ба худ бовар кардан

Б. Рӯбаҳсифат нашавед

В. Дар атрофатон шертабиатонро ғирд оред

А. Ба худ эътимод доштан

Дар ҳаёти имрӯзаи мо кордону соҳибистеъдод, болаёқат, олим ва ё донишманд будан кам аст. Дар ҳаёт истифода бурда тавонистани ин сифатҳо бештар муҳим аст. Бар замми ин агар ба худ эътимод дошта бошему бо мақсади баланд бардоштани дараҷаи ташаккули худ онҳоро ба кор андозем, нуран алонур мегардад. Ҳар рӯз дар бораи ин масъала фикру андеша намоед.

Агар кори худро хуб анҷом дода, бештар хонеду омӯзед, вале ба худ эътимод надошта бошед, ҳаргиз сифатҳои хуб насибатон намегарданд, зеро одамони атроф ҳолати рӯҳии Шуморо эҳсос мекунанд. Ба худ эътимод доштан сифате мебошад, ки барои татбиқ гаштани қобилияти Шумо кӯмак мерасонад. Агар анҷом додани кореро мақсади худ қарор дода бошед, он гоҳ дар дил ҳаргиз шубҳаро роҳ надиҳед. Бо боварию эътимод корро шурӯъ кунед, зеро ҳаёт одамони тавоно ва далерро дӯст медорад.

Бикӯшед, ба пеш ҳаракат кунед, санҷед, ба коре машғул шавед, вале ҳаргиз дар ҷоятон наистед. Боке нест, агар пулҳоятонро аз даст додаед, зеро дар ивази онҳо Шумо таҷриба ҳосил намудед. Ниҳоят 500 роҳеро медонед, ки бо онҳо рафтан лозим нест. Ҳамаи корҳои анҷомдода, хатоҳо ва комёбиҳоямон таҷриба мебошанд ва барои ба пеш ҳаракат намудан ба мо кӯмак мерасонанд.

Боварӣ ба худ, ба ояндаи худ, фарзандон, Ватан, роҳбар, устод ва ба сарватманд шудан, ба орзуҳои худ расидан беҳтарин дороист. Агар Шумо ба ояндаи миллат, зиндагии беҳтарин ва сарватманд шудан боварии комил надошта бошед, пас кор кардан, фарзанд тарбия кардан чӣ маънӣ ва зарурат дорад? Дар ин сурат хондани ин китоб низ маъное надорад.

Агар боварӣ надошта бошед, меҳнат кардан, маълумот доштан ва ё китоб хондан ҳеҷ аст. Имони қавӣ доштан лозим аст. Боварии мо ба Худованд дар ҳамин ҷо исбот мешавад. Вақте, ки ҳамаи корҳо хубанду ягон хел мушкилӣ нест, ҳар кас «ба Худованд боварӣ дорам» гуфта метавонад. Лекин

вақте, ки корамон пайи ҳам омад накарда, на ҳамаи меҳнатамон натиҷаи дилхоҳ диҳад, пас на ҳар кас метавонад ба оянда эътимод пайдо карда, имони қавӣ дошта бошад. Сабру таҳаммул кунад. Агар мушкилие пеш ояд, зуд роҳи ҳалли онро ҷӯйед, на ин ки дигаронро гунаҳкор ҳисобед.

Б. Рӯбаҳсифат нашавед

Дар ҳаёт чанд чизҳое мавҷуданд, ки онҳоро Шумо бояд донед. Агар сатҳи ташаккулёбии худро баланд набардоред, сарватманд шуданатон мушкил мегардад. Дар баъзе мавридҳо одамон яку якбора бой шуда метавонанд, вале ҳамон тавр боз тамоми сарватҳояшонро аз даст медиҳанд. Ба хотири нигоҳ доштани сарват Шумо бояд дониши хеле мукаммал ва васеъ дошта бошед.

Кадом хислату қобилиятро дар рафтори рӯбоҳ мушоҳида кардан мумкин аст? Беҳуда ӯро тимсоли найранг ва зиракию ҳушёрӣ намеҳисобанд.

Дар ҳаёт одамони рӯбоҳмиҷоз ҳам дучор мешаванд. Дар ҳолатҳои муқаррарӣ чунин одамон ба назар хайрхоҳ менамоянд, вале дар сари ҷаҳл коҳи куҳнаро бод медиҳанд. Дар ҳаёти ҳаррӯза онҳо худро ошиқи шайдо намоиш дода, чунин вонамуд мекунанд, ки дил бохтаанд, вале дар асл онҳо касеро дӯст надошта, танҳо нақши Ромеоро мебозанд.

Агар чунин одамон ба комёбӣ даст ёбанд, аз худ рафта, ошноҳои пешинаашонро писанд намекунанд. Вале агар корҳояшон барор нагиранд, онҳо худро хоксору дӯсти ҷонӣ вонамуд

месозанд. Вақти шунидани хабари нокомии дӯстон ё ақрабояшон китф дарҳам кашида, бо заҳрханд: «Ман ба ӯ фаҳмонда будам, ки ҳамин тавр мешавад» – мегӯянд.

Агар аҳамиятдода бошед, медонед, ки вақти барор гирифтани корҳоятон баъзе пайвандону дӯстонатон бо хурсандӣ: «Ба ту офарин, ман медонистам, ки ту ҷавони қобилу доно ҳастӣ», – мегӯянд. Вале агар нохост корҳоят барор нагиранд, Шуморо онҳо беақлу ноқобил меноманд. Онҳо маҳз ҳамон одамони рӯбоҳмиҷоз мебошанд.



Вақте дар бораи барор нагирифтани кори ягон одами бегона ба онҳо хабар мерасад, хурсанд мешаванд, вале агар дар бораи комёб гардиданашон огаҳӣ ёбанд, абрӯ чин мекунанд. Ба онҳо одамони аз худашон бештар муваффақ маъқул нестанд. Тавре М. С. Норбеков фармудааст: «Агар дониад, ки Шумо абадзинда ҳастед, Шуморо пора намуда, ҳуҷайраҳоятонро дар озмоишгоҳ меомӯзанд, то ин ки худашон абадзинда гарданд».

Ҳаргиз рӯбоҳмиҷоз нашавед ва худписандӣ накунед. Дар бораи ба Шумо хидмат кардан ё накардани одамон аз сидқи дил гуфтугӯ кунед. Бо роҳи ҳиллаю найрангбозӣ касеро фиреб надиҳед. Агар мабодо хислатҳои рӯбоҳӣ дошта бошед, ҳатман аз онҳо халос шавед. Хислатҳои рӯбоҳӣ ба

монанди алафҳои бегона самимият ва зиндадилии Шуморо нобуд мекунанд.

Мисол, агар ранги гулҳои хонаатон парида, бенур шуда бошанд, Шумо чӣ кор мекунед? Ба онҳо ранг молида, ҷилои пештараашонро барқарор мекунед ё ба онҳо об дода, беҳтар парвариш мекунед? Албатта аз пайи парвариш мешавед.

Бинобарин бо рангҳои суньӣ пӯшондани хислатҳои маккорӣ шарт нест, беҳтараш, кӯшиш карда, аз ин сифатҳои бад халос шавед.

В. Дар атрофатон шертабиатонро гирд оред

Дар атрофи худ шерҳоро гирд овардан чунин маъно дорад, ки бо одамони бузург, соҳиби мақсад ва комёб дӯстӣ кунед. Зеро онҳо бо муваффақиятҳои худ Шуморо пурра мегардонанд, бо таҷрибаи худ Шуморо рӯҳбаланд месозанд ва ба Шумо сифатҳои хубашонро медиҳанд.

Олимон чунин таҷриба гузарондаанд. Ду мушро дар қафасҳои алоҳида ҷой карданд. Барои яке аз мушҳо шароити мусоиди ҳаёт фароҳам сохтанд – ба муш ғизою об дода, қафасашро тоза мекарданд. Муши дуюм бошад, ғизояшро бояд худаш пайдо мекард. Ғизоро ё дар баландӣ ё дар фосилае пинҳон мекарданд, то ки барои расидан ба он муш заҳмат кашад. Барои дастрасӣ ба ғизо пеш аз ҳама муш бояд нақшае дар сар дошта бошад. Ниҳоят ҷонвар аз як сим ба сими дигар ва аз як девор ба девори дигар ҷаҳида, ғизоро меёфт

Агар муш дар сар нақшаи пешакӣ тайёр намедошт, ҳаргиз ба ин кор муваффақ намегардид.

Баъд аз 100 рӯзи таҷриба ҳуҷайраҳои майнаи сари мушҳоро санҷиданд. Майнаи сари муши дуюм нисбат ба муши аввал 150 фоиз беҳтар ташаккул ёфта буд. Сипас ҷойҳои мушҳоро иваз намуда, сад рӯзи дигар озмоишро идома доданд. Акнун сатҳи ташаккулёбии майнаи сари муши аввал баландтар шуда, вале фаҳмиши муши дуюм ба ҳолати ибтидоиаш баргашта буд.

Аз ин рӯ, агар дар атрофатон одамони мағруру худписанд ва нокомро гирд оред, бо мурури вақт худатон ҳам ба онҳо монанд мешавед. Вале агар Шуморо одамони бузург, мақсаднок, боиродаю комёб иҳота кунанд, он гоҳ имкон доред, ки Шумо ҳам ба чунин одамон монанд шавед. Хонандаи азизу олиқадри мо! Шумо гумон мекунед, ки ман нисбат ба Шумо одами закӣ ҳастам? На, ҳаргиз чунин нест. Ман менависам, Шумо мехонед. Баъд чӣ? Баъзан вақте, ки дар танҳоӣ ба олами ботинии худ назар меафканам, худро шахси тамоман номукаммал мебинам. Чунки дар дунё баъзан одамонеро вохӯрдаам, ки аз суҳбаташон ҳис мекунед, ки гӯё бо авлиё ё одамони назаркардаи Худованд ҳамсуҳбат шудаед. Сухан, ақлу идрок ва тавоноии ин шахсон ба ман бузургии онҳоро нишон медоданд. Ҳарчанд меомӯзам, боз беҳтар мефаҳмам, ки нодонтарин одам ҳастам дар ин дунё. Шахсияти ман камбағалтарин шахсият аст. Саҳву хатоҳои ман беохиранд. Рӯз то рӯз зиёд мешаванду кам не. Вале дар ин сабақи ҳаёт ман як чизи бузургеро мебинам, ин ҳам бошад, барои илм омӯхтан аст. Ҳаёт санҷиш аст, хидмати якдигар кардан ва илм омӯхтан хоҳиши қатъӣ доштан аст. Акнун хуб дарк кардаам, ки Паёмбар Муҳаммад (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) бесабаб нафармудааст: «Омӯзиши илм аз гаҳвора то гӯр аст».

Чунин гуфт Пайғамбари ростгӯй,
Зи гаҳвора то гӯр дониш бичӯй.

3. АЗ БАЙН БУРДАНИ **ХУДМАҲДУДИЯТӢ**

А. Сустҳаракатӣ (принсипи 72 соат)

Б. Айбдоркунӣ

В. Сафедкунӣ

Маҳдудият ба чанд намуд ҷудо мешавад.

А. Сустҳаракатӣ ё принсипи 72 соат

Тахмин 7 дарсади одамон ба орзуҳояшон мерасанд. Бо кадом сабаб чунин ҳолат ба амал меояд?

Дар мағзи сари мо чанд қабати хотира мавҷуд аст, ки онҳо иттилоотро нигоҳ медоранд.

_____1

_____2

_____3

_____4

_____5

Расми 4

Қабати аввали хотира қабати аз ҳама болой буда, хотираи зудамал аст, ки дар он иттилооти тару тозаи ҳанӯз пурра таҳлилнашуда қарор мегирад. Маълумоти мазкурро минбаъд ҳамчун идрок истифода бурдан мумкин аст.

Ин ба он ҳолат монанд аст, ки Шумо дар бораи касе фикр мекунед ва нохост ӯ низ баъд аз як чанд лаҳза ба Шумо занг мезанад ё ки дарро боз карда, вориди манзили Шумо мешавад. Ё дар саратон андешае пайдо мешавад ва муддате шайдои он мегардед. Дар муддати се шабонарӯзи аввал ҳис менамоед, ки андешаи ба сар омадаро дар амал татбиқ карда метавонед. Вале бо мурури 3 шабонарӯз (72 соат) дар бораи он камтар фикр мекунед, зеро ин андеша ба қабати дуюми хотираатон меафтад. Дар қабати аввали хотира ҳамон иттилооте нигоҳ дошта мешавад, ки дар бораи он ҳар рӯз фикр мекунед. Вале ба иттилои қабати дуюми хотира камтар ниёз доред.

Масалан, ҳафтае қабл ҳамроҳи дӯстонатон дар соҳили баҳр истироҳат доштед. Дар фароғатгоҳ ҷавони дигаре низ тафреҳ мекард, ки минбаъд ӯро ҳатто ба гӯшаи хотиратон ҳам наовардаед. Аммо рӯзе ногаҳон ягон нафар дӯстатон аз Шумо номи ҳамон ҷавонро мепурсад, вале Шумо ӯро аллакай фаромӯш кардаед. Худро водор сохта, симояшро ба хотир овардан мехоҳед.

Минбаъд чунин ҳолат ба амал меояд. Баъд аз гузаштани чанд муддат, агар иттилоъро истифода набаред, он ба қабати сеюми хотира меафтад. Қабати сеюм хотираи дарозмуддат мебошад. Иттилои дар қабати сеюм хобидаро аҳён-аҳён истифода мебаред. Дар ҳамон ҷой солҳо мехобад.

Масалан, дар дилатон хоҳиши анҷом додани коре пайдо шуда, ба худатон ваъда медиҳед, ки онро ягон

вақт иҷро мекунед. Бо мурури гузаштани вақт, агар хоҳишатонро иҷро накардед, он ба қабати навбатӣ меафтад ва Шумо онро фаромӯш мекунед. Аммо вақте мебинед, ки ҳамон хоҳиши Шуморо нафари дигар дар амал татбиқ намудааст, ба хотиратон мерасад, ки онро анҷом доданӣ будед.

Ё ягон латифаро (ё қиссаеро) шунида, онро ба касе намегӯед. Латифа тадриҷан фаромӯш мешавад. Баъд аз гузаштани ду–се сол аз байни дӯстони деринатон касе ҳамон латифаро мегӯяд. Шумо онро шунида, зуд ба ёд меоред.

Баъд аз ин маълумот ба қабати дигар мегузарад ва акнун он чӣ, ки Шумо амалӣ кардан мехостед, дар хоб мебинед, чунки дар ҳаёти воқеӣ Шумо онро анҷом надодед.

Ба хотири он, ки чунин ҳолат рух надиҳад, дар ҳар 72 соат Шумо бояд нақшаҳои худро аз назар гузаронед, идеяҳои худро ба ёд оварда, ба амалӣ гардондани андешаҳоятон шурӯъ кунед, ҳеҷ набошад, қадами аввалинро гузоред. Ҳамин принсипро бояд тамоми умр риоя намоед, он гоҳ орзуҳоятон амалӣ мегарданд. Зеро маълумоти нав ҳамеша дар қабати аввали хотира нигоҳ дошта мешавад. Бо ин мақсад ба Шумо ҳиссиёти ҳафтуматон, ки вазифаи он ба шакл даровардани ҳодисаҳои зарурӣ ва ҳиссиёти шашуматон, ки вазифаи он ба воситаи интихоби эҳсосӣ (интуитивӣ) ҷалб намудани одамони зарурӣ барои анҷоми ин кор мебошад, мадад мерасонад. Охир, қабати аввали хотираи Шумо, ҳатто худи мағзи сари инсон, ҳамчун радиостантсия мавҷҳои тафаккурро қабул ва паҳн мекунад. Масалан, эҳтимол, дар ҳаётатон чунин ҳолат шуда буд. Шумо ба ягон рафиқатон телефон кардан мехостед

ва ӯ гӯё фикри Шуморо хонда бошад, худаш ба Шумо ҳамон лаҳза занг мезанад.

Аз ин рӯ, ҳатто агар мушкилие садди роҳатон гардад ҳам, ҷаҳд кунед, то ки фикри дар сар доштаи худро зуд амалӣ гардонед. Муваффақияти ҳар кор ба ҳарчӣ зудтар анҷом додани он алоқаманд мебошад. Аз монеа ҳаросида, иҷрои нақшаҳои худро ба вақти дигар нагузоред. Бори дигар такрор мекунам: чизи бе ранҷу азоб ба даст омада арзишу қимати зиёд надорад. Натиҷаи мушаххасро ба нақша гиред ва ботадриҷ ҷониби мақсади худ ҳаракат кунед. Бинобарин муваффақият насиби одамоне мегардад, ки бо вуҷуди мушкилиҳои зиёд, барои амалӣ гардидани орзую омоли худ заҳмат мекашанд.

Ба Шумо гирифтани навори «Хотира» зарур аст. Зеро дар он масъалаи мазкур нишон дода шудааст. Аз он Шумо дуруст истифода бурдани ҳамаи қабатҳои хотираи худ, дар хотир нигоҳ доштани масъалаҳои зарурӣ ва дар лаҳзаи зарурӣ рӯи кор овардани онҳоро меомӯзед. Бинобарин маҳорати то ҳадди имкон дуруст муташаккил гардондани хотираи худ ва фаромӯш накардани чизҳои ҳамеша зарур муҳим мебошанд.

Ман баъзан дар тренингҳо мисолҳое меорам, ки онҳоро ҳангоми дар синфи чоруми мактаб таҳсил кардан шунида будам ё он чизеро нақл мекунам, ки онро устодам 10 сол пеш гуфта буд. Зеро механизми хотираи ман ба таври хуб фаъолият мекунад. Бо ҳамин сабаб ман дар хона пешакӣ омода нашуда, ба саҳна баромада, ба таври маъмулӣ суҳбат мекунам.

Агар тайёрии пухта дида, ҳамаро азёд карда, ба саҳна бароеду суханони азёдшударо тӯтивор такрор кунед, пас чизе нагуфтаед. Барои чӣ

бо вуҷуди нутқи буррою равон доштани аксари агентҳо ё фурӯшандаҳо моли онҳоро касе намегирад? Зеро 90 фоизи суханрониашон иборат аз калимаҳо буда, танҳо 10 фоизаш эҳсосот аст.

Аммо бояд баръакс бошад. Ҳиссиёти самимӣ аз ҳама чизи асосӣ дар суханронӣ буда, бояд 90 фоизи суҳбат аз он иборат бошад ва 10 дарсад суханони дигар кифоя аст. Ҳангоми гузарондани тренинг ман ҳаракат мекунам, ки ба таври самимӣ ҳарф занам. Самимият хеле муҳим аст, зеро ки ҷаззобию ҷӯшу хурӯши рӯҳии Шуморо одамон ба хубӣ ҳис мекунанд. Намуди беҳтарини таълим – 98 дарсад мисоли шахсияти омӯзгор (таҷриба) ва 2 фоиз фаҳмонидан мебошад.

Машқҳои ҳамешагии инкишофдиҳии тафаккур, хотира ва идрок зарур мебошанд. Эътимод ба худ, озодона рафтор намудан, қадру қимат ва обрӯю эътибор доштанро тарбия намудан зарур аст. Ҳар рӯз омӯзед ва машқ кунед.

Таҷрибаҳои мо нишон медиҳанд, ки ба 17 ҷавоби манфӣ як ҷавоби мусбат рост меояд. Боз як таносуби дигар: аз байни 11 ҳодисаи номақбули манфӣ мо танҳо 1 ҳодисаи мусбиро дар хотир нигоҳ медорем. Мисолҳои таносуби ҷолиб. Барномаи махсусе мавҷуд аст, ки ба воситаи он ҳамаи қабатҳои хотираро омезиш додан мумкин аст. Бо ҳамин сабаб ҳамаи чизҳои барои тренингҳо зарурро мо ба осонӣ дар хотир нигоҳ медорем, зеро ки мо механизми ёрирасони дар хотири худ нигоҳ доштани ҳамаи чизҳои заруриро омӯхтаем.

Б. Айбдоркунӣ

Аксари одамон дар бадбахтиҳояшон на худашон, балки одамони дигарро айбдор медонанд. Чунин

одамон сабаби бадбахтиҳояшонро аз таъсири муҳити беруна, ҳолати ногувор, шароити номусоид ва созгор набудани ситораҳо мебинанд, вале дар рафтори худашон намечӯянд.

Дар ҳаёти мо ҳодисаҳои ҷолиб бисёр ба амал омадаанд. Аз Тоҷикистон ба шаҳрҳои гуногуни Русия сафар карданамро хуб дар хотир дорам. Борҷомаамро мудом дар роҳ мавриди тафтиш қарор медоданд. Албатта, вақте вориди вагон шуда, танҳо борҷомаи маро тафтиш менамуданд, барои ман аламовар буд. Боре борҳоямро сенздаҳ маротиба тафтиш карданд. Ниҳоят аз тафтиши беохир безор гашта, ба милитсия гуфтам: «Ҷомадонам, ҳо, ана дар рафи боло, худатон онро гиреду тафтиш кунед». Аммо бо мурури замон вақте ки ман ҳамон ҳолатамро таҳлил намудам, фаҳмидам, ки сабаб дар худи қиёфаи ман пинҳон будааст. Барои он ки бо мо чунин муносибат мекунанд, касе айбдор нест. Тамоми оламро низ айбдор намудан лозим нест. Пеш аз ҳама худи мо айбдорем. Сабаб дар ниҳоди худи мо нуҳуфта аст.

Қоидаи зеринро фаромӯш накунед: дар ноомади коратон ҳаргиз давлат, қонунҳо, дӯстону наздикон, ниҳоят касеро айбдор накунед. Китоби муқаддас фармудааст: «Айби дигаронро начӯед, он гоҳ ба Шумо ҳам айб намегузоранд». Шумо агар ҳаётро айбдор кунед, пас ҳаёт ҳам Шуморо айбдор месозад. Зеро андешаҳо, эҳсосот ва тарзи муносибататон ба шахсе бо мурури замон ба сари худатон меоянд.

Айби худ аблаҳ набинад дар ҷаҳон,
Бошад андар ҷустани айби касон.

Айбдор кардани касе ё чизе осон аст, зеро барои ин ақли зиёд лозим нест. Ба одам айбдор

намудани ҳар каси дилхоҳ хос мебошад, вале худашро айбдор намедонад. Вале агар касеро айбдор эълон намудед, пас барои гирифтани ҷавобаш омода шавед, зеро ҳар амалеро аксуламалест ё баҳои сазоворест. Беҳтараш, барои фаҳмидани он нафар бикӯшед, зеро ин дар муносибатҳоятон инъикос гардида, боиси ҷавоби дилхоҳатон мегардад. Ҳамдигарфаҳмӣ боиси тифоқӣ ва якҷоя амал намудан мегардад, ки онҳо кафили комёбии оянда мебошанд.

Бинобарин наҳаросида, сабаби номуродиҳоятонро дар худатон ҷустуҷӯ кунед. Шаъну эътибори худро василаи ислоҳи камбудиҳоятон ҳисобида, саҳву хатоҳои пешинаро такрор накунед, мудом омӯзед ва сатҳи инкишофи худро баланд бардоред. Конфутсий гуфта буд: «Агар барфи остонаи дари манзилатон норӯфта бошад, аз барфи норӯфтаи боми хонаи ҳамсояатон шикоят накунед».

В. Сафедкунӣ

Ҳарчиз, аз ҷумла фиреб, дурӯғ, ҳасад варафтори ношоистаро ҳаҚ ҳисобидан мумкин аст. Дар ҳаёт ҳар гуна ҳаҚ баровардан бисёр воҚеъ мегардад ва одамон роҳҳои нави ҳаҚ баровардан ро кашф менамоянд. Аммо Қоидае мавҷуд аст, ки агар Шумо худро ҳаҚ донед, яъне ҳаргиз ислоҳ намешавед. Барои исботи камбаҒалии худ далел наҷӯед, дар акси ҳол тамоми умр камбаҒал боҚӣ мемонед. Барои нокомиҳоятон узр наҷӯед, дар акси ҳол тамоми умр ноком боҚӣ мемонед. Дар моҷароҳои оилавӣ худро ҳаҚ нашуморед, дар акси ҳол тамоми умр аз хушбахтии оилавӣ бенасиб мегардед. Барои ҳаҚ баровардани худ далел пеш наоваред,

натиҷа ба даст оред. Ҳеҷ чиз ҷойи натиҷаро гирифта наметавонад. Одамон худро барои он ҳақ баровардан мехоҳанд, ки мушкилиашон на беҳтар, балки сабук шавад. Вақте Шумо аз ҳақ баровардани худ даст мекашед, он гоҳ масъулияти вазъи худатонро ба дӯши дигарон нагузошта, дарк менамоед, ки сабаби ҳамаи нокомиҳоятон худатон ҳастед. Шумо аз ҳақ баровардани худ даст кашида, ба худатон эътимод ҳосил менамоед.

Сабаби асосии нокомиҳо ва камбудиҳо худатон мебошед. Худатонро мудом инкишоф диҳед, зеро сабаби ғалабаю мағлубиятатон худатон мебошед. Тавре одамони хирадманд фармудаанд: «Ба худ ғолиб омадан манбаи ҳамаи пирӯзиҳо мебошад».



Ба дафтари ёддошт

- **Ба худ эътимод доштан сифате мебошад, ки барои татбиқ гаштани қобилияти Шумо кӯмак мерасонад. Агар анҷом додани кореро мақсади худ қарор дода бошед, он гоҳ ба дилатон ҳаргиз шубҳаро роҳ надиҳед. Бо боварию эътимод корро шурӯъ кунед, зеро ҳаёт одамони тавоно ва далерро дӯст медорад.**

- **Ҳаргиз рӯбоҳмиҷоз нашавед ва худписандӣ накунед. Дар бораи ба Шумо хидмат кардан ё накардани одамон аз сидқи дил гуфтугӯ кунед. Ба воситаи ҳиллаву найранг касеро фиреб надиҳед.**

Агар мабодо хислатҳои рӯбоҳӣ дошта бошед, ҳатман аз онҳо халос шавед. Хислатҳои рӯбоҳӣ ба монанди алафҳои бегона, ки боиси нобудии зироат мегарданд, самимият ва зиндадилии Шуморо нобуд мекунанд.

● Дар атрофатон шертабиатонро гирд оред. Ин амал чунин маъно дорад, ки бо одамони бузург, соҳибмақсад ва комёб дӯстӣ кунед. Зеро онҳо бо муваффақиятҳои худ амали Шуморо пурра мегардонанд, бо таҷрибаи худ Шуморо рӯҳбаланд месозанд ва ба Шумо сифатҳои хубашонро медиҳанд.

● Дар ҳар як 72 соат Шумо бояд нақшаҳои худро аз назар гузаронед, идеяҳои худро ба ёд оварда, ба амалӣ гардондани андешаҳоятон шурӯъ кунед, ҳеҷ набошад, қадами аввалинро гузоред. Ҳамин принсипро бояд тамоми умр риоя намоед, он гоҳ орзуҳоятон амалӣ мегарданд.

● Наҳаросида, сабаби номуродиҳоятонро дар худатон ҷустуҷӯ кунед. Шаъну эътибори худро василаи ислоҳи камбудиҳоятон ҳисобида, саҳву хатоҳои пешинаро такрор накунед, мудом омӯзед ва сатҳи инкишофи худро баланд бардоред. Конфутсий гуфта буд: «Агар барфи остонаи дари манзилатон норӯфта бошад, аз барфи норӯфтаи боми хонаи ҳамсояатон шикоят накунед».

● Барои исботи камбағалии худ далел начӯед, дар акси ҳол тамоми умр камбағал боқӣ мемонед. Барои нокомиҳоятон узр начӯед, дар акси ҳол тамоми умр ноком боқӣ мемонед. Дар моҷароҳои оилавӣ худро ҳақ нашуморед, дар акси ҳол тамоми умр аз хушбахтии оилавӣ бенасиб мегардед. Барои ҳақ баровардани худ далел пеш наоваред, балки натиҷа ба даст оред. Ҳеҷ чиз ҷойи натиҷаро гирифта наметавонад.

● Сабаби асосии нокомиҳоятон камбудиҳои худатон мебошанд. Худатонро мудом инкишоф диҳед, зеро сабаби ғалабаю мағлубиятатон худатон мебошед. Тавре одамони хирадманд фармудаанд: «Ба худ ғолиб омадан сарчашмаи ҳамаи пирӯзиҳост».

4. СЕ МУҲИТИ ТАШАККУЛЁБӢ

А. Рӯҳонӣ
Б. Ҷисмонӣ
В. Зеҳнӣ

А. Инкишофёбии рӯҳонӣ

Инкишофёбии рӯҳониро ҳар яки мо ба таври худ ҳар хел мефаҳмем. Вале ҳама бар онанд, ки ҳаёти моро бидуни рушди рӯҳонӣ тасаввур кардан ғайриимкон аст. Ғайри хоҳишамон инкишофи рӯҳонӣ ҳамчун ду тарафи танга қисми таркибии ҳаётамон мебошад. Ман медонам, ки агар Шумо қувваю тавоной, нерӯ, ҳиссиёти худро сарфи рушди равониатон созед, рӯзе мерасаду ҳамаи онҳо дучанд шуда, ба худи Шумо бармегарданд. Вале Шумо олами воқеиеро, ки дар он зиндагӣ доред, бояд инкор накунед. Ҳамаи ашё ва зуҳуроти олам амсоли ду пойи мо ба ҳам сахт алоқаманд мебошанд. Бо як пой, бо вуҷуди пурқувват будани он, ба муддати тӯлонӣ рост истодан мумкин нест.

Б. Инкишофёбии ҷисмонӣ

Инкишофёбии ҷисмонӣ тандурустии худи Шумост. Дар ҷавониатон барои ибодати Худованд

ҳамеша вақт ҷудо кунед. Аз Аллоҳ тансиҳатӣ, муҳаббат ва барору комёбӣ талаб кунед. Оё медонед, ки бо кадом сабаб одамон дар пирӣ бештар ибодат мекунанд? Зеро одамон аз беморӣ, яккаву танҳо мондан ва онҳоро нафаҳмидани дигарон ҳарос доранд. Ба масҷид рафтани ҷавонони зиёд боиси масаррату хушҳолии мо мебошад. Барои ғановати маънавӣ ҳамеша вақт пайдо намудан зарур аст.

Айнан ҳамин тавр барои машқ додани ҷисм ҳам вақт пайдо кунед. Як ё якчанд намуди варзишро интихоб намоед, зеро ба вазъи ҷисмонии Шумо суръати фикрроиатон алоқаманд мебошад. Ҳамеша хосияти фардиатонро ба эътибор гиред, вале ҳатман ба намудҳои оммавии варзиш (футбол, волейбол, баскетбол ва ғайра) машғул шавед. Агар Шумо ҷисман камқувват бошед, пас майнаи Шумо ҳам камқувват аст. Ҳаргиз дар тани бемор ақли солим ҷой намегирад. Агар ҳар рӯз ширинӣ, ғизоҳои равғанӣ истеъмол карда, камтар ҳаракат намоед, мебинед, ки баъд аз чанд вақт фарбеҳ шуда, вазъи саломатиатонро бад кардаед. Он гоҳ барои расидан ба мақсадҳои олӣ ангезае намемонад.

В. Инкишофёбии зеҳнӣ

Ақли худро бояд машқ дод. Такроран мегӯям: сармоягузории беҳтарин сармоягузорӣ намудани зеҳни худ мебошад. Онро бо чизе қиёс карда

намешавад. Ақли Шумо воситаи меҳнат буда, муваффақият ва комёбиҳоятон ба он алоқаманд мебошанд. Мувофиқи имкониятҳоятон дар ҳамаи тренингҳои зарурӣ иштирок кунед. Китобҳоеро бештар мутолиа намоед, ки сатҳи зеҳнии Шуморо баланд мебардоранд. Ба воситаи омӯхтани забонҳои хоричӣ хотираи худро устувор гардонед. Маҳорату истеъдоди худро инкишоф диҳед. Мувофиқи қобилияти худ дониш омӯхта, маълумот гиред. Барои машғулиятҳои тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш вақт ҷудо кунед. Барои амалӣ гардидани мақсадҳоятон кӯшиш карда, аз ҳаёт ҳаловат баред. Он гоҳ Шумо хасташавиро ҳис намекунед.

Дар зиндагӣ чӣ тавр истироҳат кардан мумкин аст?! Бо кадом сабаб одамон аз кор ба хонаашон баргашта, «Хаста шудаам, истироҳат кардан мехоҳам» – мегӯянд? Зеро корашон ба чунин одамон саодату хушбахтӣ намеоварад. Барои зоҳир гардидани қобилиятҳояшон шароит фароҳам намесозад. Коре, ки ба дил наздик набошад, ба уҳдадории вазнин ва қарзи меҳнатӣ табдил меёбад. Тавре амал кунед, ки аз коратон қаноатманд гашта, он ба сарчашмаи саодатмандӣ ва зӯри бозуятон табдил ёбад.

5. МАҲОРАТИ ДУРУСТ ИСТИФОДАБАРИИ ВАҚТ

иқтибос

Одаме, ки ҳатто ба қадри як соати умраш намерасад, ӯ ҳанӯз ба сатҳи дарк карда тавонистани қимати умр сабзида нарасидааст.

Ч. Дарвин

Оё медонед, ки барои чӣ одамон эътимодашонро ба фардо гум карда, дар дилашон изтироб зуҳур менамояд? Ба назар чунин мерасад, ки ҳамаи корҳо хубанд – фарзандонашон солим, даромадҳояшон ҳам бад нест, хонаю дари обод ҳам доранд, вале бо вуҷуди ин ҳама изтироб дар дилҳо ҳамеша боқӣ мемонад. Зеро онҳо вақти худро саришта карда натавониста, мудом шитоб мекунанд, ҳамеша зери фишори корҳои асабисозанда қарор доранд. Дуруст истифода кардани вақтро омӯзед. Аксари одамон мудом аз камбуди вақт шикоят мекунанд. Агар як шабонарӯз 48 соат бошад ҳам, чунин одамон корҳояшонро пурра анҷом дода наметавонанд.

Баъзан одамон андеша мекунанд, ки вақт намерасад. Ба назарашон чунин менамояд, ки онҳо дер монда истодаанд, корро дар муҳлати муқаррараштга анҷом дода наметавонанд.

Диққататонро ба ин масъала банд накунед. Бачагии худро ба хотир оред, он замон Шумо беҳудудии вақтро эҳсос менамудед. Таътилҳои тобистонаи мактабиро ба ёд оред, ки се моҳи пурраи ҳаёти хушу хурсандона доштед. Вале 45 дақиқаи дарс дар назар мисли як умр беохир менамуд. Дар 5 дақиқаи танаффус ҳам барои бозӣ кардан, ҳам барои давидан, ҳам барои ғавғо, ҳам барои нозу нуз ва инҷиқӣ фурсат меёфтем. Ҷисматонро нерӯю ғайрати тоза бахшед ва он ба Шумо вақти иловагӣ ҳадя мекунад. Дуруст истифода бурдани вақтро омӯзед. Маҳорати дуруст идора ва тақсим намудани вақти худ калиди комёбиҳо ва роҳи ягонаи расидан ба мақсади бузург аст. Вақт категорияи ягонаест, ки мо онро баргардонда наметавонем.

Дар бораи вақт

Бонкеро тасаввур кунед, ки ҳар субҳ ба ҳисоби Шумо 86400 доллар гузаронда, дар охири ҳар рӯз тамоми маблағи боқимондаро, ки онро дар давоми рӯз истифода набурдед, аз ҳисоб соқит мекунад. Он гоҳ чӣ кор мекардед? Албатта, то анҷоми рӯзи корӣ аз ҳисоби пулҳоятон то тангаи охиринашро мегирифтед.

Ҳар яки мо соҳиби чунин бонк ҳастем. Ҳар субҳ бонки мазкур ба ҳисоби мо 86400 сония вақт мегузорад. Ҳар шаб ин бонк аз ҳисоби мо вақти ҷудокардаашро, ки мувофиқи мақсад истифода накардаем, гирифта, ба ҳисоби вақти зоеъ рафта мегузаронад. Бонк вақти зиёдатии моро ҷамъ накарда, бақияи

онро нигоҳ намедорад. Ҳар субҳ ба номи мо ҳисоби ҷорӣ кушода, дар анҷоми рӯз салдои рӯзро беэътибор мекунад. Дар идомаи рӯз агар депозити вақти ба мо додашударо дуруст истифода набарем, онро талаф медиҳем. Ҳеҷ чизро бозпас гардонда намешавад, ҳеҷ чизро тағйир дода намешавад, имкони ба рӯзи оянда гузарондани бакия низ вуҷуд надорад.

Мо танҳо бо депозити вақти ҳамин рӯз зиндагӣ карда метавонем. Беҳтар аст, ки онро бештар сарфи саломатӣ, хушбахтӣ ва комёбӣ намоем. Вақт гузарон аст. Онро то ҳадди имкон дар давоми рӯз босамар истифода баред.

Арзиши вақтро дар ҳақиқат эҳсос кардан мумкин аст.

Ҳар як донишҷӯ баъд аз супоридани имтиҳонҳо чӣ арзиш доштани солро медонад.

Ҳар як модар қимати моҳи аввали баъди ба дунё омадани тифлашро медонад.

Ҳар одаме, ки боре ба садама гирифтор шудааст, қимати лаҳзаи вақтро медонад.

Ҳар як қаҳрамони варзиш қимати даҳяки сонияеро медонад, ки ӯро ба зинаи баланди шуҳрат бардоштааст. Вақт касеро мунтазир намешавад. Бо ҳамин сабаб қимати вақт, ҳар як лаҳзаи онро, махсусан вақте, ки дар паҳлӯятон ягон шахси азизу мушфиқатон қарор дошта бошад, донистан хуб аст. Вақт касеро мунтазир намешавад. Дирӯз аллакай таъриҳ аст, пагоҳ бошад, муаммост, имрӯз ҳадяест, ки ҳоли ҳозир ном дорад.

6. ХИРАД

А. Таҷрибаи ҳаёти хеш [redacted]

Б. Омӯхтани ҳаёти дигарон [redacted]

1. Китоб ва мутолиа
2. Хирад ва аблаҳӣ
3. Мушоҳидакорӣ

Агар оқилу доно бошед, одами сарватманд мешавед. Бо ин мақсад қоидаҳоеро дар хотир нигоҳ доштан зарур аст, ки Шуморо ба ҷониби хирадмандӣ раҳнамо мегардонанд.

А) Таҷрибаи ҳаёти худро истифода баред. Такрори дубораи хатоҳо барои мо ниҳоят гарон меафтад. Хатоҳоро чун сабақ омӯхтан зарур аст. Норасоиҳои худро, ки натиҷаи манфӣ медиҳанд, муайян кунед, то ки оқибати онҳоро бартараф карда тавонед. Натиҷаҳои хубро ҳатман баррасӣ кунед, то ки сабаби ба даст овардани комёбиҳо барои Шумо муайян гардад. Иззату эътиборатонро барои ба даст овардани ғалабаҳои оянда истифода кунед.

Б) Ҳаёт ва таҷрибаи одамони дигарро омӯзед. Шарт нест, ки Шумо танҳо аз хатоҳои худ сабақ гиред. Зеро одамони бохирад бештар аз дигарон меомӯзанд.

Ин бахш ба чанд қисм ҷудо мешавад:

1) Китобу мутолиа

Дар як рӯз ақаллан 50 саҳифа китоб (тахмин 1 соат) мутолиа кардан зарур аст. Вақте, ки Шумо соҳиби касб ва маоши хуб мебошед, бо дили пуру хотири осуда метавонед барои мутолиаи китоб ва рӯзномаю маҷаллаҳо вақт ҷудо кунед. Фаъолии зеҳнӣ хоси синну соли ҷавонӣ аст. Дар ҷавонӣ Шумо фанҳои бисёрро омӯхта, шабҳо кор мекардед. Вале бо сабаби боло рафтани синну сол қобилияти омӯхтан кам шудан мегирад. Аммо танҳо ба мутолиаи рӯзномаҳо қонеъ нашавед, зеро ки мавзӯъҳои сабуки рӯзномаҳо боиси он мегарданд, ки мо ба андозаи зарурӣ машқ додани мағзи сари худро қатъ мекунем ва қобилияти омӯзиш тадриҷан аз байн меравад.

иқтибос

Мутолиа барои ақл амсоли тарбияи ҷисмонӣ барои бадан мебошад.

Д. Аддисон

Ҳамаи фикру андеша ва идеяҳоямон натиҷаи китобҳои мутолиакардаамон мебошанд.

Бинобарин бештар китоб мутолиа кунед. Китобҳоеро интихоб намоед, ки аз Шумо саъю кӯшиши бештари зеҳниро талаб кунанд. Тавре, ки варзиш ҷисматонро дар ҳолати хуб нигоҳ медорад, мутолиаи китобҳо ҳам зеҳнатонро мудом дар ҳолати хуб нигоҳ медорад. Беҳтараш, аз баҳри ноништа, ғизои пешин, ғизои шом гузаред, лекин фурсати илму донишомӯзиро ҳаргиз аз даст надиҳед.

Одамони зиёде дар қаҳвахонаҳо нишаста, бо суҳбатҳои бемаънӣ машғул шуда, гӯё истироҳат мекунанд. Онҳо заҳмат кашида, пул пайдо ва онро сарфи машғулияти бефоида мекунанд ва дубора заҳмат кашида, пул ба даст меоваранд. Ҳамин тавр, чархи давр мудом гардон аст. Бо вуҷуди ин метавон пулҳоро барои омӯзишу тадриси худ харҷ кард. Агар барои рушди ақлонии худ маблағи муайянеро ҷудо накунед, ба ҷойе намерасед. Бо ҳамин сабаб бори дигар такроран мегӯям: беҳтараш, аз баҳри ноништа, ғизои пешин, ғизои шом гузаред, лекин вақти илму донишомӯзиро ҳаргиз аз даст надиҳед, надиҳед!!!

Беҳтарин устоди пуртоқату босабр ин китоб аст. То он рӯзе, ки ту дарк кунӣ ва аз пайи хонданаш шавӣ, китоб интизор мешавад. Одамӣ барои ҳамаи корҳояш вақт меёбад, вале барои парвариши ҳайвонҳои хонагиаш зиёдтар вакт ҷудо мекунад, назар барои боақл шуданаш. Барои хару гову гӯсола ва бу бузғола ҳар рӯз камаш якчанд соат вақташ меравад. Ин одат дар хуни халқи мо шиштааст. Гӯё дигар роҳи ҳаёт набошад. Фақат чорводорӣ ва заҳмати сиёҳ. Ҳол он, ки дунё ба пеш рафта истодааст. Ман намегӯям, ки Шумо меҳнат накунед. Кунед, лекин меҳнати илмиро зиёдтар кунед. Заҳмати илмӣ Шумо ва оилаи Шуморо як умр мехӯронад. Ва ба ҷамъият ҳам нафъи бештар мерасонад.

Худованд халқи моро раҳмат кунад ва соҳиби илму ҳунар гардонад. Ба роҳи некаш ҳидоят кунад.

2) Хирадмандӣ ва аблаҳии дигаронро омӯзед

Шумо ҳақ доред, ки пурсед: «Ба ман омӯхтани бетамизии дигарон магар лозим аст?». Ҷавоби пурсишатон хеле сода аст – хирадмандӣ маслиҳат медиҳад, ки чӣ хел бояд амал кунем. Барои ҳамин ҳикматҳои одамони бузургро мутолиа кунед. Бехирадӣ бошад, нишон медиҳад, ки чӣ тавр бояд амал накунем. Боре Лукмони ҳакимро пурсиданд, ки адабро аз кӣ омухтааст, ӯ дар ҷавоб гуфтааст: «Адаб аз беадабон омӯхтам, ҳар он чӣ онҳо карданд, ман накардам».

Нагӯянд аз сари бозича ҳарфе,
К–аз он панде нагирад соҳиби хуш.
Агар сад боби ҳикмат пеши нодон,
Бихонанд оядаш бозича бар гӯш.

3) Мушоҳидакориро инкишоф диҳед

Ҳушёру мушоҳидакор бошед. Он одамонеро, ки дар ҳаёт муваффақ гардидаанд ва боз онҳоеро, ки ноком мондаанд, мушоҳида кунед. Саъй кунед, то бифаҳмед, ки аввалӣ бо шарофати чӣ комёб гардид, дуввумӣ бо кадом сабаб ноком шуд. Саҳву хатоҳои якеро таҳлил карда, таҷрибаи мусбати дигареро омӯзед ва барои худ хулоса бароред. Аз таҷрибаи одамони дигар барои расидан ба мақсад ва амалӣ гардидани орзуҳои худ истифода баред.

7. САРМОЯГУЗОРӢ БА ОЯНДАИ ХУДАТОН

иқтибос

Комёбӣ ҳаргиз мукаммал намешавад.

У. Черчилл

А. Сармоя

Б. Вақт

В. Саъю ҳаракат

А. Сармоя

Ҳаргиз пулро барои худ дареғ надоред. Ҳар қадаре, ки Шумо худро бештар қадр мекунед, ҳамон қадар бештар комёб мегардед. Ба нархҳои баланд аҳамият надиҳед. Агар костюми хубу қиматбаҳо дидед, ҳисоб кунед, ки Шумо шоистаи ҳамон костюм ҳастед. Ашёи пурқимату хушсифат ба Шумо эътимод ва нерӯи тоза мебахшанд.

иқтибос

Агар барои истироҳат вақт пайдо накунед, пас пайдо кардани вақт барои табобататон наздик аст.

Д. Уэйнмейкер

Б. Вақт

Ҳаргиз вақтро барои худ дареғ надоред. Вақтро тавре тақсим кунед, ки ҳар рӯз имкони ба варзиш машғул шудан, мутолиа кардан ва дар ҳавои кушод сайру гашт намудан дошта бошед. Дар нақшаи Шумо ибодат кардан, хондани Қуръони шариф ва китобҳои даркорӣ, хидмати падару модарро иҷро кардан албатта, бояд бошанд. Гумон накунед, ки баъдтар камкортар мешавед ва ба ҳамааш вақт меёбед. Не, худи ҳамин рӯз барои самаранок истифода бурдани вақт сар кунед.

В. Саъю ҳаракат

Фаромӯш накунед, ки бе саъю кӯшиш Шумо ба чизе комёб намешавед. Ба ғолибият ва натиҷаи осон умед набандед. Аллакай исбот гаштааст, ки 90 фоизи истеъдод заҳмат ва сабурӣ буда, фақат даҳ фоизи он қобилият аст.

Аз ҳама бештар саъю кӯшишатонро барои инкишоф додани қобилияти худ равона созед. Тавре Лев Толстой фармудааст: «Ҳаёт саъю кӯшиши имрӯза аст». Саъю кӯшиши имрӯзаатон мавқеи ояндаатонро муайян месозанд.

ба дафтари ёддошт

- Агар Шумо қувваю тавоной, нерӯ, ҳиссиёти худро сарфи рушди равониатон созед, рӯзе мерасаду ҳамаи онҳо дучанд шуда, ба худи Шумо бармегарданд.

- Вазъи ҷисмонии Шумо дараҷаи зеҳнӣ ва суръати фикрронии Шуморо муайян мекунад.

- Ақли Шумо воситаи меҳнат буда, муваффақият ва комёбиҳоятон ба он алоқаманд мебошанд.

- Дуруст истифода бурдани вақтро омӯзед. Маҳорати дуруст идора ва тақсим намудани вақти худ калиди комёбиҳо ва роҳи ягонаи расидан ба мақсади бузург аст. Вақт категорияи ягонаест, ки мо онро баргардонда наметавонем.

- Таҷрибаи ҳаёти худро истифода баред. Хатоҳоямон арзиши гарон доранд, аз ин рӯ онҳоро такрор кардан лозим нест. Аз хатоҳо сабақ омӯхтан шарту зарур аст. Роҳҳои ислоҳ намудани хатоҳоро ҷустуҷӯ карда, онҳоро бартараф созед.

- Танҳо ба омӯхтани сабақ аз хатоҳои худ маҳдуд нашуда, ҳаёт ва таҷрибаи одамони дигарро низ омӯзед. Зеро одамони бохирад бештар аз дигарон меомӯзанд.

- Ҳамаи фикру андеша ва идеяҳои мо натиҷаи мутолиаи китобҳо мебошанд.

- Хирадмандӣ ва бехирадии одамони дигарро омӯзед, хирадмандӣ маслиҳат медиҳад, ки чӣ хел бояд амал кунем, бехирадӣ бошад, нишон медиҳад, ин тавр бояд амал накунем.

- Ҳушёру мушоҳидакор бошед. Он одамонеро, ки дар ҳаёт муваффақ гардидаанд ва боз онҳоеро, ки ноком мондаанд, мушоҳида кунед. Саъю кӯшиш намуда фаҳмед, ки аввалӣ бо шарофати чӣ комёб гардид, дуввумӣ бо кадом сабаб ноком шуд. Саҳву хатоҳои якеро таҳлил карда, таҷрибаи мусбати дигареро омӯзед ва барои худ хулоса бароред.

- Ҳаргиз пулро барои худ дареғ надоред. Ҳар қадаре, ки Шумо худро бештар қадр мекунед, ҳамон қадар бештар комёб мегардед.

- Фаромӯш накунед, ки бе саъю кӯшиш Шумо ба чизе комёб намешавед. Ба ғолибият ва натиҷаи осон умед набандед. Саъю кӯшиши имрӯзаатон мавқеи ояндаатонро муайян месозад.

8. НОМГӮЙИ ОДАМОНЕ, КИ ШУМО БА ОНҲО МОНАНД БУДАН МЕХОҲЕД

Рӯйхати одамонеро (10 нафар) нависед, ки Шумо бештар ба онҳо муносибат мекунед ва қисми зиёди вақти худро бо ҳам мегузаронед.

1. _____
2. _____
3. _____
4. _____
5. _____
6. _____
7. _____
8. _____
9. _____
10. _____

Акнун фикр кунед, ки дар муддати 5–7 сол Шумо низ ҳамтои онҳо мешавед. Ҳаёти Шумо ба монанди ҳаёти ҳамин одамон мегузарад. Агар онҳо камбағаланд ва дар таги қарз монда, зиндагӣ доранд, Шумо ҳам ба ҳамин гуна ҳаёт гирифтор мешавед. Агар онҳо тавоноанд ва ҳаракати илм омӯхтан, сарватманд шудан, зиндагии солим карданро доранд, Шумо ҳам ба ҳамин хел зиндагӣ ноил мегардед. Конфутсий мегӯяд, ки «Шумо метавонед ояндаи одамро пешгӯй кардан, агар

донед, ки ў чӣ хел китобҳоро мехонад ва бо кадом хел одамон ҳамнишин аст». Ҳамнишинон ба Шумо таъсир мекунанд ва ояндаи Шуморо ташаккул медиҳанд. Акнун номгўйи он одамонеро, ки Шумо дар ҷодаи молия ва мансаб ба монанди онҳо буданро орзу мекунед, дар поён нависед (10 нафар).

1. _____
2. _____
3. _____
4. _____
5. _____
6. _____
7. _____
8. _____
9. _____
10. _____

Ба одамони муваффақ робита намуда, Шумо аз онҳо меомўзед, аз таҷрибаашон баҳрабардор мегардед ва аз камбудиҳои худ, ки барои пешравии Шумо халал мерасонанд, халос мешавед ва шаъну эътибор касб мекунед, ки он барои пешрафти Шумо ба сўи мақсади худ кўмак менамояд ва ботадриҷ Шумо ҳам монанди онҳо, албатта, муваффақ мешавед. Ба шарте, ки инро худи Шумо хоҳед.

9. ҲАРОС АЗ:

А. Камбизоатӣ [redacted]

Б. Пирӣ

В. Беморӣ [redacted]

Г. Маҳрумият аз муҳаббат

Ғ. Интиқод [redacted]

Д. Марг

Е. Номуайянӣ [redacted]

Ҳарос барои ба мақсад расидани мо халал расонида, иродаро заиф мегардонад ва моро аз эътимоди ба худ доштаамон маҳрум менамояд.

Ҳарос моро ҳамеша маҷбур месозад, ки ба чизи доштаамон қаноат кунем ва аз баҳри орзуҳои худ гузарем. Тарси камбизоатӣ ба он оварда мерасонад, ки мо дар ҷои кори дӯстдоштаамон меҳнат карда наметавонем, бо коре, ки онро дӯст намедорем, машғул гашта, бо одамони бесалиқаю дилгир сарукор мегирем. Барои чизеро дар ҳаёти худ тағйир додан ҷуръатро аз даст медиҳем. Бо мурури замон синну соламон гузашта, мо ба тарсидан аз пирию беморӣ шурӯъ мекунем, аммо ҳарос худ аз худ ҳамчун беморӣ бештар ҳолати маризиро бармеангезад.

Аз он чизе, ки ногузир аст, оё ҳаросидан маъної дорад? Ҳар як синну сол зебої ва афзалияти худро дорад. Тарс ба мо ягон чизи мусбатро надода, фақат қувва ва тавоноии амалї кардани нақшаҳои зарурамонро аз мо мегирад. Ҳеч гоҳ аз танқид наҳаросед, зеро ки он барои ислоҳи саҳву хатоҳо ва халос гаштан аз камбудию нуқсонҳо кӯмак мекунад.

Беҳтараш, аз коҳилї гурезед. Коҳилї тасаввуроти касро дар бораи худаш барғалату хато нишон дода, хаёли шахсро бо шубҳаҳои зиёдатї пур месозад. Аз номуайянї набояд тарсид, зеро ки барои пешрафти Шумо халал мерасонад. Фаромӯш накунед, ки фикр ва ҳиссиёти худи мо ояндаамонро муайян месозанд. Ва бештар чунин ҳолат рух медиҳад. Вақте, ки мо аз гум кардани чизе ҳарос дорем, онро, албатта, гум мекунем, вақте метарсем, ки касал мешавем, ҳатман ба беморї мепечем, вақте, ки аз мушкилот метарсем, онҳо боз бештар мегарданд. Тарсу ҳароси худро ҳеч гоҳ якҷо ҷамъ накунед, онҳо Шуморо ба қафо мекашанд ва умедҳоятонро барбод медиҳанд. Қувваи мусбатро ба худ гиред. Агар хоҳед, ки ҳамеша тансиҳату бардам бошед, танҳо дар бораи саломатї фикр кунед, агар хоҳед, ки сарватманд шавед, дар бораи бойигарї андешед, агар хоҳед, ки Шуморо дӯст доранд, худатон низ дӯст доред. Он чизеро, ки қабул надоред, дар атрофаш нагардед. Диққати худро ба хоҳишҳо ва орзуҳои худ равона созед, ин чизҳо барои амалї гардидани хоҳишу орзуҳо шароити зарурї ба амал меоранд.

10. ЧОР КИТОБИ НОДИР

А. Китоби комёбиҳо
Б. Хираднома
В. Зафарнома
Г. Китоби андешаҳо (идеяҳо)

Чор китоби нодир ба Шумо хеле зарур мебошанд. Ин китобҳо дар бораи комёбиҳои ҳаётатон, ғалабаҳои хурду бузургатон, маслиҳатҳои бохирадонае, ки ҳамеша роҳнамои ҳаётатон ҳастанд ва идеяҳои хубе, ки дар амал татбиқ шуданро талаб доранд, ривоят мекунанд. Чор дафтарро гирифта, ба болои ҳар кадоми онҳо унвони китобҳоро нависед: «Китоби комёбиҳо», «Хираднома», «Зафарнома», «Китоби идеяҳо». Акнун ба ҳар китоб андеша ва амалҳоятонро мутобиқи мавзӯи он сабт кунед. Ҳамин амалро баъд аз таҳлили рӯзи гузашта ва ҷамъбаст намудани натиҷаҳо ҳар рӯз анҷом додан хуб аст. Чунин амал интизомнокиро сайқал дода, барои ба нақша даровардани рӯзи оянда ва рӯҳбаланд гаштан мусоидат менамояд.

Дар «Китоби комёбиҳо» Шумо бояд ҳамаи дастовардҳои худ ва натиҷаҳои мусбатро нависед. Илова бар ин, кӯшиш кунед, ки ҳамаи корҳоятонро

пурра нависед, бештар ба масъалаҳое диққат диҳед, ки тавассути онҳо Шумо ба комёбӣ муваффақ шудаед. Шумо метавонед эҳсосоту хурсандӣ ва комёбиҳоро рӯи варақ оваред. Дар ҳолати ба мушкилии ҳаёт рӯ ба рӯ шудан ёддоштҳои худро хонда, комёбиҳоятонро ба хотир оварда, рӯҳбаланд гардида, ба пеш ҳаракат мекунед ва медонед, ки коратон барор мегирад.

«Хираднома» низ китоби хеле зарурист. Дар он Шумо бояд панду ҳикмати одамони хирадманд, суханони одамони машҳурро, ки дар ҳаёт онҳоро чун дастурамал истифода мебаред ва онҳо ба Шумо барои паси сар намудани монеаҳо кӯмак мерасонанд, бинависед. Китоби мазкурро дубора мутолиа намуда, метавонед аз хатоҳо канорагирӣ намуда, ҳангоми ҳалли масъалаи мушкил оқилона рафтор кунед.

«Зафарнома» дар бораи ғалабаҳоятон суҳбат мекунад. Паси сар намудани монеаҳо, ҳалли проблемаҳои душвор, расидан ба мақсади дар пеш гузошта, ислоҳ намудани камбудиҳои ба кор халалрасон номгӯи ғалабаҳои Шумо мебошанд. Ғалабаи аз ҳама муҳимтарин ба худ ва ба камбудиҳои худ ғолиб омадан мебошад. Ин музаффарият ба Шумо барои расидан ба тамоми орзуи деринаатон кӯмак мерасонад.

Дар «Китоби идеяҳо» ҳамаи он ғояҳоеро нависед, ки шоистаи дар амал татбиқ гаштан мебошанд. Идеяҳои хуб хусусияти ногоҳ дар сар пайдо шудан доранд. Агар онҳоро нанависед, ба зудӣ фаромӯш мешаванд. Одамони зиёде маҳз бо сабаби сари вақт ёддошт накардани идеяи

ногаҳон ба сарашон омада аз имконияти комёб шудан маҳрум гаштаанд. Ин одамон идеяро вақте ба хотир меоранд, ки онро каси дигар аллакай дар амал татбиқ намудааст. Ба ҳамин хотир танбалӣ накарда, ҳатто агар ба кори дигару муҳим машғул бошед ё идея шаб ба мағзатон омада бошад ҳам, онро ба китоби ёддоштҳои худ нависед. Як идеяи хуб метавонад боиси сарватманд шуданатон гардад.

11. ХИСЛАТҲОЕ, КИ БАРОИ КОМЁБӢ ЗАРУРАНД

1. Мақсаднокӣ (мақсад гузоштан)
2. Эътимод ба хеш (ба худ боварии комил доштан)
3. Одати пасандоз кардани пул
4. Ташаббускорӣ ва сифати сарварӣ доштан
5. Тахайюлот
6. Ғайратмандӣ
7. Худназораткунӣ
8. Одати бештар кор кардан назар ба музде, ки барои он кор медиҳанд
9. Шахсияти начиб
10. Дақиқназарӣ
11. Тавоноии тамаркуз кардан
12. Ба муошират омода будан
13. Лаёқати аз нокомӣ дарс омӯхтан
14. Таҳаммул
15. Истифодаи қоидаи тиллоӣ

Масали
«ЗАРФИЯТИ ЗИНДАГӢ»

Боре хирадманде дар ҳузури шогирдон истода, зарфи калони шишагинро ба даст гирифта, онро бо сангҳои калон пур кард. Сипас ӯ аз шогирдонаш пурсид: Оё зарф пур аз санг аст? Ҳама тасдиқ карданд: Бале! Он гоҳ марди хирадманд як халтача сангрезаро гирифта, ба зарф андохту онро чанд маротиба оҳиста ларзонд. Сангрезаҳо ба ҷойҳои холимондаи байни сангҳои калон ғелида, зарфро пур карданд. Марди хирадманд аз шогирдонаш дубора пурсид, ки оё зарф пур шудааст? Шогирдон ин дафъа ҳам пур шудани зарфро тасдиқ карданд. Марди хирадманд аз болои миз халтаи хокрезаро гирифта, ба зарф рехт. Хок ҷойи боқимондаи холии зарфро пур кард.

– Акнун ман мехоҳам, ки Шумо дар ҳамин зарф ҳаёти худатонро бинед, – муроҷиат кард марди хирадманд ба шогирдон. – Сангҳои калон таҷассуми чизҳои муҳими ҳаёти Шумо – роҳ, имон, оила, одами писандида, саломатӣ, фарзанд, хулласи калом, чизҳое мебошанд, ки агар дар зиндагиатон ягон чизи нав пайдо нашавад ҳам, онҳо ҳаётатонро пурра мегардонанд. Сангрезаҳо бошанд, ифодакунандаи чизҳои нисбатан камаҳамияти амсоли кор, хона ё машғулият мебошанд. Хокреза ин майда-чуйдаҳои рӯзгор, даву тозҳои ҳаррӯза мебошанд. Агар зарфи худро Шумо аввал бо хокреза пур кунед, он гоҳ барои сангҳои калон ҷой боқӣ намемонад. Дар ҳаёт низ чунин аст. Агар умратонро сарфи майда-чуйдаҳо кунед, барои амалҳои барҷаста ҷой боқӣ намемонад. Аз ин рӯ, дар ҳаёт пеш аз ҳама ба чизҳои муҳим аҳамият диҳед, барои фарзандон ва шахсони дӯстдоштаатон вақт пайдо кунед, саломатиатонро эҳтиёт намоед. Барои кор, хона, ҷашну идҳо ва чизҳои дигар вақти зиёд боқӣ мемонад. Ба сангҳои калон бештар аҳамият диҳед, зеро онҳо арзиш доранд, ҳама чизи боқимонда хоки суда мебошанд.

ФАЛСАФАИ **МӮРЧА**

Аз қадимулайём мӯрчагон бо мураттабии ҳаёти худ, ҳамдастӣ диққати одамонро ба худ ҷалб менамуданд. Заҳматкашию сабру тоқати онҳо ҳамеша одамонро ба ҳайрат меовард. Маҳз дар ҳамоҳангӣ бо табиат одамон кӯшиш мекарданд, ки ба бисёр муаммои офариниши дунё ҷавоб пайдо кунанд. Мӯрчагон ҳамеша намунаи мақсаднокӣ ва устуворӣ буда, одамон аз мӯрча аз монеаҳо наҳаросида гузаштан, ба қувваи худашон такя кардан ва ба мақсад расиданро меомӯхтанд. Ба мӯрчагон ҳикматҳо ва ибораҳои бешумори рехта бахшида шудаанд. Дар поён муште аз хирвор пешкаши Шумо мегардонем.

●●● **«Мӯрчагон дар якҷоягӣ шерро ҳам аз пой меафтонанд».**

●●● **«Бархез, коҳил, аз мӯрча боақлӣ омӯз».**

●●● **«Воизе хушсухан аз мӯрчае нест, ки бидуни садо баровардан зиндагӣ мекунад».**

●●● **«Мӯрча заиф бошад ҳам, сангро мешиканад».**

●●● **«Мӯрча ҷисман назарногир бошад ҳам, корҳои бузург анҷом медиҳад».**

●●● **«Мӯрчаяк аз дидори мӯрча шод мегардад».**

●●● «Каллаи мӯрча баробари донаи гандум бошад ҳам, як анбор ақл дорад».

●●● «Мӯрча бо ҷисми хурдаш кӯҳро талқон мекунад».

●●● «Коҳил, ба амалҳои мӯрча назар кун ва аз ӯ оқилӣ омӯз».

●●● «Мӯрча на сардор дорад на шоҳ, вале фасли тобистон нон захира карда, ҳангоми ғалладарав ғизояшро ҷамъ меорад».

Инҷил

●●● «Мӯрча бо вуҷуди хурд будан, ҳанӯз тобистон ғизои зимистонаашро захира мекунад, харгӯш бо вуҷуди заифӣ дар байни шаҳҳои азими кӯҳ манзил бунёд мекунад».

Китоби масалҳои ҳазрати Сулаймон

●●● «Мӯрча на танҳо дорои ҳиссиёт, инчунин фаҳму фаросат, ақлу хирад ва хотира мебошад».

Ситсерон

●●● «Агар ягон кас аз осмон ба замин назар меандохт, фарқи заҳмат кашидани одамон ва замбӯрону мӯрчагонро дида метавонист».

Селс

●●● «Моро корҳои бузурги замбӯрону мӯрчагон нисбат ба ҷисми бузурги наҳанг бештар ба тааҷҷуб мегузоранд».

Августини солеҳ

●●● «Чизи албатта хеле хурд, вале беайбу нуқсон. Тавре Шоҳи Ақл фармудааст, мӯрча беандоза бохирад мебошад».

Мо низ саъй кардем, ки ҳаёти мӯрчагонро фаҳмида, принсипҳоеро ташаккул диҳем, ки онҳо барои дар амал татбиқ намудани орзуҳояшон ба одамон кӯмак расонанд. Маҳз табиат ба мо намунаи ҳайратангези мақсаднокӣ ва устувориро нишон медиҳад. Ҳамин аст фалсафаи мӯрча, ки дар он ҳикмати Худованд таҷассум гардидааст.

●●● **«Мӯрча ҳаргиз таслим намешавад».**

●●● **«Мӯрчагон якдигарро меомӯзонанд, калонсолонашон хурдсолонашонро таълим медиҳанд».**

●●● **«Мӯрчаҳо ба ҷониби мақсадашон ҳаракат карда, монеаҳоро намеписанданд».**

●●● **«Мӯрчагон дар ҳамаи ҳолати мушкил дастгири якдигар мебошанд».**

●●● **«Мӯрчагон ба маҳалли дур раванд ҳам, дубора ба манзилашон бармегарданд».**

●●● **«Мӯрчагон меҳнатдӯст мебошанд, онҳо аз субҳи содиқ то шоми торик кор мекунанд».**

●●● **«Мӯрча ба мӯрчаи дигар роҳи кӯтоҳтарини расидан ба мақсадро нишон медиҳад».**

●●● **«Амалҳои ҳар як мӯрча барои таъмини некӯаҳволии оилаашон равона карда шудааст».**

●●● **«Мӯрчагон аз миқдори талаботашон бештар ғизо ҷамъ оварда, бо ҳамин восита ба дигар мӯрчагон ғамхорӣ мекунанд».**

●●● **«Зарурати таъмин намудани оила амалҳои мӯрчагонро муайян месозад».**

●●● **«Мӯрчагон мақсади дар пеш гузоштаашонро бе каму кост иҷро мекунанд».**

●●● «Мӯрчагон кореро анҷом медиҳанд, ки ба назари аввал ғайриимкон менамояд».

●●● «Талаботи оила сабаби заҳматкашии мӯрча мебошад».

●●● «Ба якдигар ғамхорӣ намудани мӯрчагон ба ҳамдилӣ ва ҳавасмандгардонӣ асос ёфтааст».

●●● «Мӯрчагон ҳар кореро, ки ба оила зарур аст, анҷом медиҳанд».

●●● «Ҳар як мӯрча имкони интихоби машғулият ва нишон додани ташаббусро дорад».

●●● «Ташаббускории мӯрчагон ҳавасманд гардонда мешавад ва он заминаи мавҷудияти мӯрчахона ба ҳисоб меравад».

●●● «Пешвоёни мӯрчагон мӯрчагони дигарро роҳнамоӣ мекунанд».

●●● «Мӯрчагон масъалаҳои мураккабро бо қувваи дастаҷамъӣ ҳаллу фасл менамоянд».

●●● «Мӯрчагон танҳо дар натиҷаи амалиёти ҳамоҳангшуда ба мақсад мерасанд. Ҳамоҳангии амалиёт, шарти муҳими комёбӣ аст».

●●● «Ғолибияти мӯрчагон дар қобилияти ҳангоми ҳарбу зарб дар гурӯҳҳои мақсаднок муттаҳид шуда тавонистани онҳо ифода меёбад».

●●● «Дар ҷамъият қувваи ҳар як мӯрча дучанд мегардад».

●●● «Мӯрчагон мӯрчагони муҳтоҷро ба ҳоли худашон намегузоранд».

●●● «Ҳакимони зиёде дар гузашта таълим додаанд, ки ҳаёти мо мукаммал нест ва онро мутобиқи ҳаёти мӯрчагон бозсозӣ намудан мумкин аст».

●●● «Аз мӯрчагон муташаккилиро низ омӯхтан мумкин аст».

●●● «Принсипи асосии ҳаёти мӯрчагон як кас барои ҳама ва ҳама барои як кас мебошад».

●●● «Баъд аз нобарор анҷом ёфтани корашон мӯрчагон ба ҳамон кор дубора даст зада, то дами ба натиҷаи дилхоҳ расидан онро идома медиҳанд».

●●● «Барои паси сар кардани душвориҳо мӯрчагон ҳамто надоранд».

●●● «Ҳар як мӯрча ҳангоми анҷом додани вазифааш боинтизом ва устувор аст».

●●● «Ҳаёти мӯрчагон бо табиат, ҳамеша дар ҳамоҳангӣ қарор дорад».

●●● «Мӯрчагон дар масъалаи ташкили дақиқи кор аз ҳама пеш гузаштаанд».

●●● «Мӯрчагон дар ҳама давру замон намунаи заҳматписандӣ ва сабру таҳаммул буданд».

●●● «Ҳамоҳангӣ ба мӯрчагон имконият медиҳад, ки мушкилтарин корҳо, ҳатто корҳои ба назар ғайриимконро ҳам иҷро кунанд».

●●● «Мӯрча ҷисман назарногир бошад ҳам, корҳои бузург анҷом медиҳад».



РОҲНАМО

барои хондани китоби **«Ман ва Пул»**

Агар Шумо воқеан тасмим гирифтаед, ки сарватманд мешавед, ин корро ба фардо нагузоред ва худи ҳозир шурӯъ кунед. Дар оғози кор ба худ чунин суол диҳед: "Ту омодай, ки сарватманд шавӣ?" Чунки сарватмандӣ тарзи тафаккур аст. Агар Шумо хоҳед, ки чун одамони пулдору муваффақ андеша кунед, ба кори ҷиддӣ ва пурмашаққат, вале рағбатомез – мутолиаи китоби "Ман ва Пул" омода бошед.

Фаромӯш накунед, ин он хониши маъмулии китоб нест, ки одамон ба он одат кардаанд. Барои хубтар фаҳмидани маводи дар китоб дарҷшуда Шумо бояд ҳамеша тафаккур кунед, роҷеъ ба муҳтавои он ба худ савол ва дар бораи қисмати хондашуда фикру андешаи худро ташаккул диҳед, хулоса бароред, аз қудрати тахайюлот истифода намуда, ҳатман худро дар ҷойи одамони муваффақ ва сарватманд тасаввур кунед, то ки олами ботинии ононро дарк карда тавонед.

Комёбӣ ва ҳама гуна натиҷаи мусбат бе таҳкурсӣ ғайриимкон аст. Эҳтироси шавқи Шумо барои дастрасӣ ба муваффақият омили асосӣ мебошад.

Китобҳои таълимӣ, филмҳои рӯҳбаландкунанда ва тавсияҳои тахассусӣ дар он ҳолат ба Шумо мадад мерасонанд, ки агар барои ба дастовардҳо соҳиб шудан ҳамеша саъю кӯшиш намуда, дар бораи он андешед ва барои ба он молик шудан азм дошта бошед, зеро ҳеҷ кас инро ба ҷойи Шумо анҷом намедиҳад.

Шумо он ҳолати хуберо, ки баъди мутолиаи китоб ба даст овардаед, бояд барои пешбарии идеяҳои ояндадор ва сохтану амалӣ кардани барномаҳои муваффақу муайян истифода намоед. Фаромӯш накунед, чӣ қадар хоҳиши беҳад зиёди муваффақ шуданро дошта бошед, ҳамон қадар бештар имконияти ба даст овардани онро пайдо менамоед.

Ҳикмати қадима чунин мегӯяд: "Хоҳиш ҳазор имконият дорад, беҳавсалагӣ ҳазор баҳона." Ҳеҷ гоҳ беҳуда хашмгин нашавед. Аз сифатҳои хуби худ ҳамеша истифода намуда, одатҳои накӯро дар худ ташаккул диҳед, онҳоро барои ба даст овардани комёбӣ истифода баред. Ҳама гуна шакку шубҳаро аз худ дур кунед, танҳо барои ғалаба азму ният намоед ва омодагӣ гиред. Дар бораи орзуҳои худ андешида, нагузоред, ки эҳсоси ногувор дар кори пешгирифтаатон таъсир расонад, зеро ҳар гуна пешрафту комёбӣ аз эҳсосоти хубу гуворо сар мешавад.

Пеш аз он, ки ба хондани китоби "Ман ва Пул" оғоз кунед, 4 ранг хаткашак (кабуд, сабз, сурх ва зард), хатчӯбу дафтар тайёр кунед ва ҳамеша ин чизҳоро наздатон нигоҳ доред. Бо хаткашаки ранги сабз зери калимаҳои бо "бизнес", "даромад", "сарват" ва "пул" алоқаманд хат

кашед. Ранги сурх ифодакунандаи маънои "манъ будан" аст. Бо он зери калимаҳои маънои манфӣ доштаи ифодакунандаи "шубҳа", "тарс", "харҷ", "худбинӣ", "ба худ нобоварӣ" ва ғайра хат кашед. Масалан, дар гуфтаи "Барои нодории худ далел начӯед, вагарна ҳамеша камбағал мемонед". Бо ранги сурх бояд рӯи калимаҳои "нодонӣ" ва "камбағалӣ" хат кашед. Бо хаткашаки кабуд гуфтаҳои оқилон ва инчунин сифатҳои мусбатро муайянкунанда – "устуворӣ", "қувваи ирода", "мақсаднокӣ", боҷуръатӣ", "истодагарӣ"ва ғайра ишора карда мешаванд. Ва дар охир бо ранги зард дар матн калимаҳои калидии марбути қойидаи асосӣ, принсипҳо ва қонунҳое, ки мувофиқи онҳо Шумо дар ҳаёт амал кунед, ҷудо карда мешаванд. Масалан, дар ҷумлаи "То ки комёбӣ ба даст ояд, мебояд устоде пайдо кард" хат мекашем. Бикӯшед, ки вақти худро чунон ба нақша гиред, ки ҳар рӯз имконияти танҳо мондан ва барои хондани ин китоб камаш 45 дақиқа вақт дошта бошед. Дар ин вақт ҳеҷ кас набояд ба Шумо халал расонад ва ҳеҷ чиз диққати Шуморо аз ин машғулиятҳои басо ҷиддӣ ба сӯи худ кашад ва дар ин бора ба наздикони худ пешакӣ маслиҳат кунед. Ҳар дафъа пеш аз он, ки ба хондани боби нав шурӯъ кунед, барои такрори мавзуъҳои пеш аз ин хондашуда вақт ҷудо намоед. Ба хотир оваред, дар мактаб ҳам ҳар дарси нав бо такрори дарси гузашта сар мешавад. Ин принсип ба Шумо ёрӣ медиҳад, ки донишҳои андӯхтаи худро хуб азхуд намуда, мустаҳкам намоед, зеро аз ин натиҷаҳои минбаъдаи Шумо вобаста мебошанд.

АМАЛУ ҲАРАКАТИ **АВВАЛИНИ ШУМО**

Барои Шумо "роҳнамо"–и махсус зарур аст, ки самт ва пайдарҳамии ҳаракати Шуморо дар расидан ба комёбӣ пешакӣ муайян кунад. Омӯзишро аз хондани мундарича оғоз кунед ва ҳар калимае, ки дар назаратон ҷолиб менамояду ба кайфияти ботинии Шумо ҷавобгӯй мебошад, рӯи он аломат гузоред. Дар ҳолате, ки чизи нофаҳмо бошад, дар ҳошияи китоб аломати савол гузоред, ё ки калимаву иборае ба Шумо писанд ояд, аломати хитобро истифода кунед. Инчунин метавонед аз ҳар аломати барои худ фаҳмо истифода баред.

Одатан, хонандагон аз рӯи таҷриба, тарбия, маълумот ва дигар ҷиҳатҳо, ки фардияти инсонро ташаккул медиҳанд, амал мекунанд. Аз ин рӯ, интихоби Шумо фардиятатонро инъикос мекунад ва ба интихоби дигарон монанд нест.

Баъд аз ин, ки калимаҳои писандафтодаро дар мундарича аломатгузорӣ кардед, китобро аз саҳифаи аввал то охир варақгардон карда, рӯи номи қисмҳо ва бобҳо ва инчунин ба ҳикматҳои одамони бузург диққат диҳед. Агар чизе таваҷҷуҳатонро ба худ кашад, онро бо аломате ишора намоед ё наандешида хат кашед. Охир, ин китоби рӯимизиатон аст ва онро дар ҳар лаҳзаи даркорӣ истифода мебаред. Аз рӯи ин гуфта амал намуда, ҳарчӣ бештар аломатгузорӣ кунед, ҳамон қадар принсипҳои дар ин китоб баёншударо хубтар мефаҳмед, пас метавонед онҳоро дар ҳаёти худ истифода бурда ва ба комёбӣ ноил гардед.

АМАЛУ ҲАРАКАТИ **ДУВУМИ ШУМО**

Дар вақти мутолиаи китоб ҳамеша аз "Роҳнамои амал" истифода баред, зеро ки дар ҳама гуна саёҳат роҳбалад зарур аст, махсусан дар саёҳат ба кишвари дониш. Ин роҳнамо Шуморо бо роҳҳои санҷида ба сӯи мақсади пешбинишуда мебарад ва ҳеҷ гоҳ намегузорад, ки раҳгум занед.

Яке аз қойидаҳои асосии шиносой бо китоб хат кашидани ибораву ҷумлаҳо ва ҳатто як банди пурра мебошад, ки Шумо онро шавқовар ва сазовори диққати худ меҳисобед. Барои он саҳифаҳое, ки Шумо боз ба онҳо баргаштан мехоҳед, аз хатчӯбчаи махсус истифода баред. Онро пешакӣ тайёр намоед. Боз таъкид мекунем, ки аз ҷойҳои холии саҳифаҳо ва ҳошияҳо барои қайд кардани андешаҳое, ки ҳангоми хондани нуктаву назари муаллиф пайдо мешаванд, истифода кунед. Агар ин ҷойҳо барои қайд камӣ кунанд, метавонед боз варақҳои иловагиро ба китоб ширеш кунед.

Агар Шумо аллакай омодаи қабули ахбор ҳастед, метавонед хонишро идома диҳед. Аммо барои зудтар тамом кардани бобҳои китоб саросема нашавед, бодиққат, бе шитоби нодаркор мутолиаро давом дода, дар дафтари тайёркарда оромона андешаҳо ва идеяҳои навпайдошударо нависед. Саъй кунед, ки ҳарчи бештар принсипҳои дар ин китоб баёншударо азхуд кунед, чунки ояндаатон ба онҳо вобаста мебошад.

АМАЛУ ҲАРАКАТИ **САВУМИ ШУМО**

Бобҳои "Аз муаллиф" ва "Муқаддима"-ро бодиққат хонда, зери калимаҳои даркорӣ хат кашед ва дар ҷойҳои зарурӣ фикру мулоҳизоти худро қайд кунед. Сипас дар бораи чизҳои хондагиатон биандешед. Шумо аллакай дарк кардед, ки ин китоб дар бораи чӣ нақл мекунад? Донишҳои дар он оварда ба Шумо кӯмак мекунанд, то ки аз ҷиҳати молиявӣ одами озод шавед. Дар роҳи орзуи худ се қадам ба пеш гузоред ва тасмим гиред, то ки донишҳои заруриро азхуд кунед ва барои ба даст овардани мақсади худ истифодабарии онҳоро омӯзед. Агар чунин амал кунед, минбаъд ин китоб ба Шумо ёрӣ мерасонад.

Дар ин китоб Шумо панҷ қойидаи асосиро пайдо карда метавонед, ки ҳамаи онҳо байни якдигар иртибот доранд ва дар якҷоягӣ амал мекунанд. Онҳоро бодиққат омӯзед ва чизи муҳимро дар дафтар нависед ва дар кору амали худ онҳоро чун роҳнамо истифода баред. Шумо бояд дарк кунед, ки маблағгузорӣ ба таҳсил ва омӯзиш аз ҳама сердаромадтарин сармоягузорӣ мебошад, зеро он имконият медиҳад ҳазор ва ҳатто даҳҳо ҳазор маротиба аз он маблаге, ки мегузоред, бештар сармоя ба даст оваред.

Боби "Аз чӣ бояд оғоз кард?" ва "Сафарбарии қобилият"-ро хонда, дар ҳошияи онҳо қайд гузошта, ҳамин тавр тасаввур кунед, ки Шумо гӯё, бо мо гуфтугӯ доред, дар ин суҳбат роҷеъ ба маводи хондаатон андешаҳои хешро баён намуда, фикру мулоҳизаҳои худро бо мо бо ҳам мебинед.

Бо вуҷуди ин номи бобҳои пештар хаткашидаро фаромӯш накунед. Бо кӯшиш ва ғайрати беандоза онҳоро хонда, муайян кунед, ки диққататонро маҳз чӣ ба худ бештар мекашад. Ҳама таассуроти навгирифтаи худро нависед, ҳатто агар онҳо ба таассуроти пешинаатон мувофиқ набошанд. Боке не, ин як кори маъмулӣ аст. Барои қайдҳои такрорӣ аз аломатҳои махсус (масалан, ситорача) истифода баред, аммо бо вуҷуди ин гузоштани аломатҳои навро идома дода, ҳама гуфтор ва қойидаҳои бароятон писандомадаро нишонагузорӣ кунед.

Инчунин ба ҳикматҳои пештар аломатгузоришуда таваҷҷуҳ кунед. Дар вақти хондани дубораи китоб шояд нуктаву назари худро ба онҳо тағйир дода, хулосаи худро дигар намоед. Аз анҷоми ин амал натарсед. Фикру мулоҳизаатон идрок ва ҳиссиётатонро иньикос менамоянд.

Аллакай Шумо дарк кардед, ки орзуҳо тавассути амали муттасил ва андешаи сайқалёфта воқеӣ мегарданд. Вале бо вуҷуди ин аз ҳама гуна амалҳо фикру андешаҳо муқаддаманд. Онҳо монанди тухмие мебошанд, ки аз он дарахти комёбии мо нумӯ мекунад.

Эҳтимол Шумо аллакай мисолҳоеро медонед, ки фикру андеша дар бораи муваффақият ба комёбӣ меоварад, аммо касе ҳамеша дар бораи нобарориву нокомӣ меандешад, қудрату тавоноии худро зери шубҳа нигоҳ медорад. Вай дучори шикаст мегардад. Аз ин рӯ ҳолат ва кайфияти хубро фаромӯш накунед ва бикӯшед, ки танҳо дар бораи ғалаба ва натиҷаи мусбат фикр кунед.

То қисмати "Ба дафтари ёддошт"-ро хонда, сипас танаффус кунед ва дар дафтар идея ва қойидаҳои асосиеро, ки аз маводҳои хонда азбар кардаед, бо калимаву ибораҳои худ ифода карда нависед. Ба ин идея ва қойидаҳои мазкур Шумо низ метавонед фикру мулоҳизаҳои худро илова кунед. Ин қайдҳоро метавонед "Адешаҳои ман" номгузорӣ кунед.

Фаромӯш насозед, ки дарвоқеъ бисёре аз мо аз он чӣ, ки ба назарамон менамояд, бештар ғалаба ба даст овардаем. Мо, одатан, на ҳамеша фурсат дорем, то ки натиҷаҳои бадастовардаи худро таҳлил кунем. Эҳтимол, Шумо хислатҳои хуби худро барои расидан ба мақсад истифода кардаед.

Ягон бор андешидед, ки кадом хусусияти хислататон дар комёбии соҳибшудаатон нақши муқарраркунандаро дошт? Ба иқтибоси муаллиф таваҷҷуҳ кунед: "Ҳама чизе, ки дар ҳаёт муваффақ шудаед, натиҷаи суботкорона паси сар кардани монеаҳо мебошад."

Барору пешравии худро ба хотир оваред ва барои муайян кардани он, ки туфайли кадом хислататон ба комёбӣ ноил шудаед ва аз кадом монеаҳо гузаштаед, кӯшиш намоед. Ин ҳикматро метавонед дар варақ бо ҳарфҳои калон навишта, дар хона ва ё ҷойи кор овезед, то ки он барои бо тарзу усули мувофиқ омода шудани Шумо мадад расонад.

Дар рафти мутолиа ба худ савол доданро аз хотир набароред. Масалан, "Оё ман имконияти таъсиси бизнеси худро дорам, то ки барои пул кор накунаму баръакс пул барои ман кор кунад? Оё дар фикри ман идеяи ҳақиқӣ ва барномаи дақиқи амалӣ кардани орзуҳои худ пайдо шудааст?

Чӣ ба ман халал мерасонад? Оё ман имконияти худро боло аз пул гузошта метавонам? Оё ман пул кор кардану онҳоро саришта карда метавонам?" Инҳо чанд намунаи саволҳо мебошанд. Аз таҷриба ва афзалиятҳое, ки бароятон вуҷуд доранд, метавонед истифода баред, саволҳои худро фикр карда нависед.

ПАНҶ СУОЛИ АСОСИЕ, **КИ ҶАВОБИ ОНҲО БА САРВАТМАНДӢ МЕРАСОНАД**

Ба хондани қисми "Панҷ суоли асосие, ки ҷавоби онҳо ба сарватмандӣ мерасонад" сар кунед. Шуморо ба суоли "Барои чӣ сарватманд шудан мехоҳед?" ҷавоб додан пеш меояд. Барои самимона ба саволҳо ҷавоб додан саъй кунед, зеро ки дар амали гуфтугӯ бо худ ҳамеша ростқавлӣ ва поквиҷдонии қатъӣ ниҳон аст. Охир, барои ба даст овардани комёбӣ зарур аст, ки хоҳиш ва орзуи худро мушаххас кунед ва тасмим гирифта, бидуни ҳама гуна шакку шубҳа амал кунед. Барои ба пеш ҳаракат кардан ҳеҷ чиз монанди дудилагиву беҷуръатӣ халал расонида наметавонанд. Ҳама пешравиҳо аз ғалаба бар худ оғоз меёбанд.

Ҳамеша дар хотир доред, ки комёбиҳои аввалини бадастомада Шуморо сусту заиф мегардонанд, аммо нахустин монеаҳо саъю кӯшишро барои расидан ба мақсади худ пурзӯр мегардонанд. Бори дигар бикӯшед, ҳама чиз аз дасти Шумо меояд.

Баъд аз он, ки корро дар боби хондашуда ба анҷом расонидед, ҳама чизҳои муҳимро аломат гузошта, хулосаҳои худро навишта, ба хондани боби дигар сар кунед.

ПУЛ ВА ПАНҶ ДАРАҶАИ ГУНОГУНИ МУВАФФАҚИЯТ, **КИ БА ОН ДАХЛ ДОРАД**

Фасл дар бораи бо пул чӣ гуна бояд муносибат кард ва панҷ дараҷаи гуногуни муваффақиятро хонда, шитоб накунед. Зеро чӣ қадаре, ки суръати хониш боло бошад, мавод ҳамон қадар бадтар азхуд карда мешавад. Бо суръати маъмулӣ хонед, бар болои ин чун ҳарвақта хаткашакро назди худ нигоҳ доред, ҳама чизе, ки дар назаратон мароқангез аст, ҳатто агар сархатҳои яклухт низ мавриди таваҷҷуҳи Шумо бошанд, хат кашед ва ҳамаи рангҳоро мувофиқи ҷойи таъйиншуда истифода намоед.

Барои он ки маводи баёншударо хуб сарфаҳм равед, дар шакли хаттӣ нуқтаи назари худро дар бораи чор намуди нерӯ ифода намоед. Пас аз ин як бори дигар навиштаҳои худро хонда, бо тафсири муаллиф муқоиса кунед. Фикру андешаҳои худро, ки дар рафти хониши ҳар боби китоб пайдо мешаванд, бинависед. **Принсипи асосие, ки ҳангоми кор бо китоб истифода мешавад, ин аст: ҳамеша чизҳои муҳимро хат кашед, дар бораи онҳо андешед, бо тарзу услуб ва афкори худ онҳоро нависед.**

Дар ин боб мавод дар бораи "Айнаки дуруст", яъне дар бораи нигоҳи дуруст ба чизҳоро мехонед. Дар хотир ҳамеша дошта бошед, тасаввури мусбат дар бораи муҳити атроф қодир аст, барои паси сар кардани монеаҳо ба Шумо қувваи нав эҷод кунад. Ба толеъ ва барори ногаҳонии кор умед набандед, зеро кори ҳамоне барор мегирад, ки алайҳи мушкилот мубориза мебарад, то ба мақсад бирасад. Ҳамаи одамони бахтбаргашта пешакӣ ҳолати омодагӣ ба мағлубиятро дошта, зуд таслим мешаванд. Комёбӣ ё нокомиро танҳо ҳолату рӯҳияи ботинӣ ва ниятатон муайян мекунанд. Инсон барвақт ё бевақт дар маконе қарор мегирад, ки кайҳо андешаҳояш он ҷойро тасхир кардаанд. Агар ӯ ҳамеша такрор ба такрор бигӯяд, ки ба муваффақият ноил мешавам, яъне вай ба ин боварӣ дорад ва метавонад орзуҳои худро амалӣ гардонад.

Пеш аз мутолиаи қисмати "Ба дафтари ёддошт" таваққуф кунед ва аз сари нав ҷойҳои хаткашидаро хонед. Навиштани фикру мулоҳизаҳои хоси худро, ки ҳангоми мутолиа пайдо намудед, фаромӯш насозед. Ин қойида ба таври возеҳу равшан ба шаклгирии андешаатон ва ҷудо кардани фикру ғояи асосиро аз ҳар кадом мавод меомӯзонад. Ғояҳои асосиро ҳамчун иқтибоси аз ҳама муҳим дар дафтар бо варианти муаллиф муқоиса кунед. Рӯи тафовути бамиёномада фикр ронед. Баъд аз ин дар асоси ҳар қойида ба худ додани суолро аз хотир набароред.

Ҳамин ки корро дар ин боб ба анҷом расонидед, сипас ба хондани боби дигар сар кунед.

РАМЗИ САРВАТМАНДӢ, МАШҚ БО ПУЛ ВА «МУШАКҲОИ ПУЛӢ»

Ба хониши фасл дар бораи рамзи давлатмандӣ, машқ бо пул ва "мушакҳои пулӣ" мегузарем. Шумо аллакай медонед, ки чӣ гуна ин китобро мебояд хонд, то ки бо ёрии он ба комёбӣ ноил шавем. Вале такрор дар ҳар шаклу андозаи гуногун ҳамеша муфид аст.

Ба зери калимаҳо хат кашед.

Такрор кунед.

Қайд кунед.

Ба андеша ва фаҳмиши худ мазмуни матнҳои зарурро навишта гиред.

Ин маслиҳатро истифода баред! Ва аз ифодаи фикру андешаи худ натарсед ва аз ҳама муҳим ин аст: ҳолату кайфияти хубро аз даст надиҳед.

Аммо ҳозир ба навиштани "Андешаҳои ман" шурӯъ мекунем. Онҳоро иншо намуда, ҳамаи чизҳои дар ин боб дар зерашон хаткашидаро хонда, бо фасли "Ба дафтари ёддошт" муқоиса кунед. Рӯи ҳамаи эрод ва қайдҳои дар ҳошияи саҳифа кардаи худ фикру мулоҳиза ронед. Агар чизе нофаҳмо монда бошад, барои хондани дубора вақти худро дареғ надоред.

Рӯи калимаву ибораҳои дар бобҳо хонда фикру мулоҳиза намоед. "Беҷуръативу дудилагӣ бадтар аз ноумедӣ аст". "Амалеро санҷидан ва хато кардан нисбат ба ҳеҷ кор накардан афзалтар аст." "Хатоҳо

бароямон таҷриба ва дониш мегузоранд, вале аз беҷуръативу дудилагӣ бошад, танҳо тарсу шубҳа боқӣ мемонад." Аз ҳаёти худ мисолеро ба хотир оваред. Кадом вақт аз беҷуръативу ноустувории худ аз имконияти чизеро ба даст овардан маҳрум шуда будед? Ва баръакс, воқеаеро ба хотир оваред, ки кадом вақт амалҳои қатъӣ ва ҷасуронаатон натиҷаҳои хеле назарраасро ба бор оварда буданд. Дар хотир ҳамеша доред: инсон метавонад ба зершуури худ нишондоду дастур диҳад ва ба ҳамин минвол аз болои шубҳа ва тарс, ки дар дили ҳар яки мо вуҷуд доранд, ғолиб ояд. Ҳамин тавр яке метавонад онҳоро барҳам занад, дигаре не. Мутаассифона, одамони бештаре ба зери таъсири онҳо мемонанд.

Чӣ тавре медонед, зершуури мо монанди замини ҳосилхез мебошад, агар дар он тухми рифоҳату осудагӣ ва сарватмандиро кишт накунем, метавонанд алафҳои бегонаи камбағалӣ ва муҳтоҷӣ бирӯянд. Бо ёрии принсипи худталқинкунӣ метавон чунин "кишту кор"–ро анҷом дод. Барои худро дар ин тест санҷидан бикӯшед ва ба ҳар савол танҳо ҷавоби "Ҳа" ва "Не"–ро диҳед.

Оё Шумо чунин андеша доред? Мақсади дар пеш гузоштаи худро танҳо дар шароити мусоид, агар ҳамаи корҳо хуб бошанд, ба даст оварда метавонед?

"Ҳа" "Не"

Кадом вақт ба натиҷаи мусбат мерасед? Оё Шумо санаи дақиқеро гуфта метавонед?

"Ҳа" "Не"

Оё Шумо чунин мешуморед: фақат бо сабаби тасодуфи нек сарватманд шудан мумкин аст?

"Ҳа" "Не"

Оё ба тиҷорат ва дигар намуди бизнес машғул шуда, сарватманд шудан мумкин аст?

"Ҳа" "Не"

Оё то он, ки ба хотираи худ фишор наоварӣ, навиштани ҳар як фикри муҳим лозим аст?

"Ҳа" "Не"

Ҷавобҳои дуруст: **не – ҳа – не – ҳа – ҳа.** Агар Шумо ҳатто як маротиба ҷавоби нодуруст дода бошед ҳам, бояд барои азхуд кардани усули худталқинкунӣ баҳри мустаҳкам кардани боварӣ ба худ бештар вақт ҷудо кунед.

Моро зарур аст, ки ба зершуури худ бештар машғул шавем, то ки ба он рӯҳияи мусбат ва шавқу рағбати беандозаи бадастоварии мақсадҳои худро талқин кунем. Дар акси ҳол он метавонад ба таъсири эҳсосоти манфӣ дода шуда, тамоми ҷидду ҷаҳдатонро ба нестӣ расонад. Фаромӯш накунед, ки зершуур ба тафаккуре эътино мекунад, ки эҳсосот дар он шиддат ва тақвият мегирад. Бинобарин аз таъсири эҳсосоти манфӣ канорагирӣ кунед, онҳо тафаккури Шуморо хароб месозанд! Дар зершуури Шумо бояд эҳсоси мусбат ҳамеша бартарият дошта бошад, дар ин ҳолат ҳамоно таъсири файзбахши онро дар натиҷаи фаъолияти худ ҳис мекунед. Корро дар ин боб ба охир расонида, ба фасли минбаъда гузаред.

ЧӢ ГУНА
бояд ПУЛРО ПАСАНДОЗ КАРД?

Фасли "Чӣ гуна бояд пулро пасандоз кард?"– ро хонед. Мисли ҳамеша дар даст қалам гирифта, ҷойҳои дар назаратон мароқангези онро хат кашида, бо фаҳмишу услуби худ онҳоро дар дафтар нависед. Қойидаи хониши ин китобро аллакай медонед: шитоб накунед. Диққати зиёдро ба чизе диҳед, ки дар дидатон бештар зарурӣ ва муқарраркунанда бошад.

Дар бораи қойидаи зерин андешаву мулоҳиза кунед: "Даромад сатҳи рушди шахсро афзун намегардонад, вале сатҳи рушди шахс даромадро афзун мегардонад."

Дар хотир нигоҳ доред: дониш ин тавоноист, ки қодир аст имкониятҳои Шуморо чандин маротиба биафзояд. Аммо онро бояд бо барномаи амали такмилёфта ва ташкили хуби кор тақвият бахшид, яъне, донишро дар ҳаёти воқей истифода намуд.

Ба ин савол ҷавоб гардонида худро санҷед. Оё Шумо чунин мешуморед, ки шахси дорои маълумоти олӣ ҳамеша назар ба одами дорои маълумоти миёна бештар пул кор мекунад ва чаро?

_____

_____

_____

_____

_____

Агар шумо ба ин суол ҷавоби мусбат диҳед, аз ин бармеояд, ки ҳанӯз Шумо ҳамаи маводи гузаштаро нафаҳмидаед, ин бобро бори дигар хонед. Хулоса бояд чунин бошад: даромади шахс на аз миқдори дониши гирифтааш, балки он аз корозмудагиву кордонӣ ва уҳдабароиву маҳорати амалӣ намудани донишҳои азхудкардааш вобастагӣ дорад.

Мана барои чӣ бисёрии ҷавонон донишгоҳро хатм карда, аз рӯи тахассуси худ кор намекунанд. Дар ҳолати ноилоҷӣ дар бозорҳо савдо мекунанд. Аз ин ҷиҳат, набояд фақат кӯшиши гирифтани маълумоти боэътиборро кард, балки ҳангоми интихоби тахассус дар бораи он фикр кард, ки оё Шумо метавонед донишҳои гирифтаи худро дар ҳаёт барои воқеӣ гардидани орзуҳоятон истифода баред?

Мактаби миёнаро хатм карда, ҳар кас метавонад аз рӯи риштаи интихобкардааш таҳсилро дар муассисаҳои олии таълимӣ, ё ки курсҳои пулакӣ идома диҳад. Устувориву интизомнокӣ дар раванди фарогирии донишҳои зарурӣ дар он ҳаҷме, ки барои амалӣ гардидани барнома пешбинӣ намудаи Шумо зарур мебошанд, кӯмак мерасонанд. Беҳтар ин аст, ки пулакӣ хонед. Дар ин ҳолат Шумо дар интихоби тахассус ва дараҷаи омӯзиш бештар масъулияткиносона рафтор намуда, ба ҳар ду аз нуқтаи назари кордонӣ баҳо дода метавонед.

Фикру мулоҳизаи худро дар бораи модели ҳисоб навишта, онҳоро бо хулосаҳои мо муқоиса кунед. Дар бораи ҳамаи қойидаҳои бо ҳарфҳои ғафс ҷудошуда ба худ суол кунед ва онҳоро аз нуқтаи назар ва таҷрибаи худ дида бароед. Масалан, "Оё ман метавонам бо пул кор кунам?" Ё ки "Оё ман кӯшиши дар оянда пасандоз кардани пулҳоро дорам?"

Инчунин саъй кунед, то ки ба суолҳои минбаъда низ ҷавоб гӯед: "Оё Шумо мақсади асосии модели ҳисобро азхуд кардаед ва он барои чӣ лозим аст?"

"Оё Шумо онро дар амал ҷорӣ карда метавонед?"

Аз ин рӯ, аз хотир набароред, ки бе модели ҳисоб шахси аз ҷиҳати молиявӣ озод шудан ғайриимкон аст.

Дар дафтари худ нависед: камбудӣ ва норасоии асосии омӯзиши замони муосир он аст, ки устодон ба шогирдон дар ҳаёти воқеӣ амалан истифодаи донишҳои гирифтаашонро намеомӯзонанд. Корро дар ин боб ба охир расонида, ба хондани фасли минбаъда "Чӣ гуна бояд пулҳоро сармоягузорӣ кард?" сар кунед.

ЧӢ ГУНА БОЯД ПУЛҲОРО **САРМОЯГУЗОРӢ КАРД?**

Ҳар чӣ бошад, вақти фарҷоми кор мисли ҳамеша фикру мулоҳизаҳои худро дар бораи чизҳои хондаатон нависед, онҳоро бо хулосаҳои мо муқоиса кунед ва дар бораи ҳар қойидаи дар фасли "Ба дафтари ёддошт" қайдшуда фикру мулоҳиза ронед.

Ҳамеша ба худ суолҳо диҳед. Ин пурсишҳо барои беҳтар фаҳмидани мавзӯъ ба Шумо мадад мерасонанд. Масалан, кӯшед, ки ба саволи "Барои бадастоварии ҳифозат, амният ва озодии молиявӣ ба Шумо чӣ қадар вақт даркор аст?" ҷавоб гӯед.

Агар ҷавобҳо ниҳоят афтодарӯҳона ва ноумедона бароянд, хуб аст, ки онҳоро нагардонед. Кӯшиш кунед, ки тариқи тезонидани ин равишро пайдо намоед. Ин боз як сабаби фикру андеша кардан аст, фаромӯш насозед, ки қариб ҳама комёбиву пешрафти Шумо дар тасаввуроти худатон ҷойгир гаштаанд. Онҳоро барои мустаҳкам кардани боварӣ ба қувваи худ истифода баред. Агар Шумо пурсише надошта бошед ва ҳама чиз фаҳмост, ба боби минбаъда гузаред.

ҚОЙИДАИ МАБЛАҒГУЗОРӢ,
ЧОР САМТИ КОРБУРДИ ПУЛ ВА МАҚСАДИ ҲАЁТ

Дар бораи маблағгузории дуруст, чор самти корбурди пул ва мақсади ҳаёт маводро хонда, ҳамон қойидаҳои дар боло омадаро риоя кунед: хат кашед, қайд кунед ва мулоҳизаҳои худро нависед.

Фасли мазкур бо фаҳмонидани принсипи "ҷараёни пулӣ" оғоз мегардад. Ин принсип хеле муҳим буда, дар ҳаёти худ мувофиқи чунин қойида амал мебояд кард. Қойидаи мазкур мефармояд, ки набояд бо як сарчашмаи даромад қонеъ гардид, масалан, маоши худ, балки "ҷараёни пулӣ"–е сохт, ки ба як "шохоби пулӣ" рехта, Шуморо пулдору комёб гардонад. Ин чизро дар дафтари худ нависед ва дар бораи чӣ тавр онро истифода намудан фикр кунед. Билохира дарк мекунед,

ки ҳар гуна ғоя ба барномаи мушаххаси амалӣ эҳтиёҷ дорад. Агар дар оғоз он норавшан бошад, ғамгин нашавед, асоси кор сар кардану қадами аввалинро гузоштан аст ва батадриҷ барнома шакли мураттабро мегирад.

Ба чор самти маблағгузорӣ ошно гашта, рӯи ин масъала, ки мувофиқи имкониятатон кадом вариант бароятон наздик ва дархури коратон аст, андешед. Диққати худро бештар ба идеяи асосии мавзӯи савум диҳед. Мақсади бузургро ба мақсадҳои хурд ҷудо кунед, дар ин ҳолат дастрасии Шумо ба онҳо осон гардида, паси ҳам ба мақсадҳои хурд расида, тадриҷан ба мақсади бузург наздик шавед. Ин идеяро ба орзуҳои худ ҳамроҳ кунед ва силсилаи ҳадафҳои хурд, вале комилан дастрасро созед. Барои ҳар кадоми онҳо муҳлати мушаххасро муайян кунед ва ҳисоб кунед, ки то ба мақсади бузург расидан бароятон чӣ қадар вақт зарур аст.

Дар ин боб низ гуфта шудааст, ки ҳатто ба одамон пешниҳоди манфиатовар ҳам шавад, шубҳа мекунанд. Вақте ба Шумо маслиҳат медиҳанд, ҳеҷ гоҳ ба он бо назари шубҳа нанигаред, барои бовар ва эътимод кардан бикӯшед, зеро агар ба пешниҳоди фоидаовар шубҳаангез муносибат кунед, ин чиз ба атрофиён низ таъсири манфӣ мерасонад. Рӯи ин маслиҳатҳо биандешед. Кӯшиш кунед, аз ҳаёти худ мисолеро ба хотир оваред, ки кадом вақт шубҳаҳои Шумо барои қабули пешниҳоди муҳиму муфид халал расонида буданд. Дар дафтар ҳама идея ва мулоҳизаҳои худро нависед. Чун ҳарвақта ифодаҳои ҷудокардаи худро бо маводи дар боби "Ба дафтари ёддошт" дарҷгардида муқоиса кунед.

АЗ ПУЛ
ЧӢ ГУНА ҲАЛОВАТ БОЯД БУРД?

Агар Шумо корро аз рӯи мавзӯъҳои гузашта ба итмом расонида бошед, хонданро идома диҳед. Акнун Шумо аз пул ҳаловат бурданро бояд биомӯзед. Аммо ин маънои онро надорад, ки Шумо онҳоро барои вақтхушӣ ва кайфу сафо исрофкорӣ кунед. Аз хайру эҳсон бояд шурӯъ кард. Мақсаду маромии асосие, ки диққатро ба он додан зарур аст, ин мебошад: бояд чизеро ба ин олам дод, ба одамони эҳтиёҷманд расонид, дар он сурат аз пул ҳаловат мебаред, яъне то хайру саховате накунед, лаззат ҳам намебардоред.

Бо вуҷуди ин бикӯшед, самимона ва холисона мадад расонед, на ин ки хайру эҳсонро ба як амали мураккабу вазифаи сангин табдил диҳед. Дар бадали ин хайру садақаи хеш Шумо сипос, эҳтиром ба худ ва ҳисси маънавии қаноатмандӣ ва хушнудӣ мегиред ва метавонед содиқона ба чашми мардум нигариста, аз пулҳои худ ҳаловат баред.

Боз як фикри муҳим аст. Метавонед онро дар дафтар нависед: "Ҳар як инсон соҳиби ин ё он истеъдод мебошад. Ин истеъдод ба Шумо барои он дода шудааст, ки ба мардум фараҳу хурсандӣ бахшед. Истеъдоди худро сайқал дода, комёбӣ, эътироф ва албатта, сарвату дороиро ба даст меоваред."

Рӯи ин калимаҳо андеша кунед, саъй намоед, ки дар худ қобилияти ғайримуқаррарие пайдо

бинамоед, то ки барои ба мақсад расиданатон ёрӣ расонад. Аз рӯи ин вақҳ фикри худатонро дар дафтар нависед.

Минбаъд мисли ҳамеша амал ва муқоиса намоед, ҳама ифодаҳои писандидаатонро хат кашед ва дар дафтар бо фикри худ баён намоед.

МОНЕА

Корро аз рӯи китоб идома дода, фасл дар бораи монеаҳоро бихонед. Шумо аллакай бобҳои зиёдро дида баромадед ва аз ҳар яки он дарёфт кардани ҷанбаҳои калидиро ёд гирифтед. Бинобарин дигар зарурати хотиррасон кардани қойидаҳои хондан намондааст. Аз ин сабаб диққатро танҳо ба тавсияҳои иловагӣ равона мекунем. Онҳо барои сарфаҳм рафтани мавод ба Шумо ёрӣ мерасонанд.

Тавре, ки дар ёд дорем, дар ҳар инсон нерӯи имконпазир барои бартараф кардани монеаҳо мавҷуд аст. Фикри асосии ин боб: ҳама гуна монеа метавонад боиси аз орзую нияти худ даст кашидан, ё сарчашмаи хоҳиши бештари расидан ба мақсади худ гардад. Он ба нерӯи иродаи Шумо, ба эътимоду боварии Шумо ба орзуятон вобаста аст.

Барои худ ёддошт кунед. Ҷасурӣ ва устуворӣ яксону баробар барои муваффақият муҳиманд, зеро қарор қабул кардан ва ё тасмим гирифтан ин кам аст, бояд собитқадамона мушкилотро дар роҳи бамақсадрасии худ бартараф намоем.

Аз хотир набароред, ки онҳое камбағал мемонанд, ки ба камбизоатӣ мутеъ гардидаанд ё одат кардаанд, аз ин ҷиҳат нарасидани пулро чун ҳолати ногузир қабул накунед.

Ба сифати мисоли аҷибу олии устуворӣ тақдири Авраам Линколн оварда мешавад, ки ба таъқибу таҳқири нокомӣ нигоҳ накарда, президенти ИМА гардид. Дар хотир дошта бошед, ки одамони хирадманд ва пурзӯр ҳатто аз нобаробариҳо ҳам сарчашмаи нерӯи нав бунёд мекунанд, мушкилот қатъият ва иродаи онҳоро устувортар мегардонад, дубора боз ба пеш ҳаракат мекунанд.

Қойидаҳои кор бо китобро фаромӯш накунед. Ҳама хулосаҳо ва идеяҳои худро дар дафтар нависед.

ЧӢ ГУНА
БОЯД БЕШТАР ПУЛ КОР КАРД?

Дар охир Шумо хондани яке аз мавзӯъҳои асосии китоб, чӣ гуна бештар пул кор карданро оғоз мекунед. Дар рафти хондани он қойидаеро, ки дар вақти мутолиаи бобҳои пешин истифода карда будед, фаромӯш накунед. Ин боб чӣ аз ҷиҳати мазмун ва чӣ аз ҷиҳати шакл ҳаҷми васеъ дорад. Маводи баёнгардида хеле муфассал буда, бисёр принсипҳои он ба таҳлилу ташхиси дақиқ гирифта шудаанд. Бинобарин ба боби мазкур вақти зиёд бояд ҷудо кард. Мисли ҳарвақта дар даст қалам гирифта, ба хондан машғул шавед. Дар ҳошияи китоб қайд кунед, эзоҳ диҳед. Зери калимаҳо хат кашед ва фикру мулоҳизаҳои худро нависед.

Ба суоли "Баъди се сол дар як моҳ чӣ қадар пул кор кардан мехоҳед?" ҷавоб гуфта, кӯшед, ки маблағро аз рӯи тамоилҳои имконпазири худ муайян кунед, вале ба болои ин тасаввуроти худро низ ба кор андозед. Агар, масалан, 10 000 доллар навиштед, бо вуҷуди ин тамоман тасаввур карда наметавонед, ки инро чӣ тавр ба даст меоваред, барои хат задани ин рақам шитоб накунед. Вақте, ки мақсадро бо хоҳиши аз ҳад зиёд дар назди худ гузоштед, имконпазир аст, ки ақли Шумо роҳи ба он расиданро пайдо бикунад.

Охир, қобилияти майнаи сари инсон беинтиҳост ва ягон компютер ба он баробар шуда наметавонад. Вазифаро муайян карда, онро бо иттилооти зарурӣ таъмин намоед (барои ин омӯзиши мақсаднок бештар китоб хондан, бо одамони даркорӣ суҳбат намудан зарур аст) ва маҳз бо ҷидду ҷаҳд барои ҳалли масъала кор карда, идеяро пешниҳод мекунад. Он ҳатто вақте, ки Шумо хобед, кор мекунад. Охир, Менделеев ҳалли масъалаҳои мураккабтарини илмиро (ҷобаҷогузории элементҳои кимиёвиро дар системаи даврӣ) дар хобаш дарёфт карда буд.

Аз нав қалам дар даст хонданро давом диҳед. Фасли мазкур маслиҳатҳои мушаххасеро дар бар мегирад, ки дар амал татбиқ кардани онҳо ҳатмӣ мебошад, зеро онҳо системаро ба вуҷуд меоранд. Ҳатто ба тарзи мухтасар овардани онҳо муҳим буданашонро зоҳир мекунад:

– Агар Шумо тасмим гирифтаед, ки амалеро ба анҷом мерасонед, шубҳа накарда, дилпурона онро ба охир расонед;

– Ҳеҷ гоҳ рӯбаҳтабиат нашавед;

– Дар атрофи худ шертабиатонро ґирд оваред;

– Сари ҳар 72 соат нақшаи худро аз нав дида бароед;

– Сабаби нокомиро дар худатон ҷустуҷӯ кунед;

– Барои камбаґалии худ узру далел наоред;

– Барои рушди ҳамаҷонибаи худ кор кунед.

Ин қойидаҳоро дар дафтар нависед, онҳоро азбар кунед ва дар ҳаётатон истифода баред!

Боз аз сари нав фикру мулоҳиза кунед, ба худ савол диҳед, ҷавоби онро гардонед, таҳлилу таҳқиқ кунед. Шумо бояд ҳар кадом мавзӯъро чунон муфассал мутолиа намуда, азбар кунед, ки тамоми принсипҳои онро озодона дар ҳаётатон татбиқ карда тавонед ва ба дурустии амали худ ҳеҷ шубҳа накунед. Агар боварӣ дошта бошед, ки чунин мекунед, баъд мутолиаро идома диҳед.

СЕ ДАВРАИ РУШД, ВАҚТРО ДУРУСТ ИСТИФОДА БУРДА ТАВОНИСТАН, **ХИРАДМАНДӢ ВА ТАҲКУРСИЕ БАРОИ РУШДИ ОЯНДААТОН**

Бобҳои минбаъдаи ин қисм ба чор мавзӯи муҳим, се давраи инкишофу рушд, вақтро дуруст истифода бурда тавонистан, хирадмандӣ ва таҳкурсӣ барои рушдатон бахшида шудаанд. Аз ҳама муҳим ин аст: худатон хат кашед. Мо бошем, танҳо қайд мекунем, ки ақлу хиради Шумо воситаи

асосӣ ва асбоби амалигардонии нақшаҳои пешбинишуда мебошанд. Онҳо соҳиби тамоилҳои имконпазиранд, ки инсони муқаррарӣ танҳо 2, 5% онро истифода мебарад. Ҳатто компютерҳои пуриқтидор ба он баробар шуда наметавонанд. Билохира, он аз тахайюлоти эҷодӣ маҳрум аст ва қобилияти фикр кардан ҳам надорад. Аммо ба ҳар навъ маҳз Шумо тасмим мегиред ва компютер дар ин кор ҳеҷ мададе расонида наметавонад. Шумо бояд худатон дар заминаи донишҳои омӯхтаи худ тасмими чӣ кор карданро гиред. Яке аз хулосаҳои асосии ин боб чунин аст: сатҳи рушди ақлонии Шуморо дараҷаи воқеии (яъне амалӣ шудани) нақшаҳои Шумо муайян мекунад. Ин маънои онро дорад, ки муваффақиятатон, саломатӣ ва тақдири Шумо мутеъ ва вобастаи фаъолияти ақли Шумо мебошанд.

Инчунин дар бораи боби вақт мебояд қайд намуд, зеро оқилона тақсимбандӣ ва истифода кардани вақт калиди комёбӣ мебошад. Бо мақсади хубтар фаҳмидани мавзӯъ мисоле бо тасаввури бонке оварда мешавад, ки ҳар рӯз ба ҳисоби Шумо аз он бонк 86400 сония интиқол дода мешавад. Шумо метавонед онҳоро барои корҳои муҳим ва ё беҳуда сарф кунед. Вақти истифоданашуда аз ҳисоб бароварда мешавад, пасандоз дар ҳисоб гузошта намешавад. Дар ин бора андеша кунед!

Тасаввур кунед, ки чунин бонк воқеан мавҷуд аст ва ҳисобед, ки чӣ қадар вақтро барои чӣ дар се рӯзи охир аз даст додаед. Онҳоро дақиқа ба дақиқа нависед, пасандозҳои истифоданашудаеро, ки ҳар рӯз аз ҳисоби Шумо бароварда мешавад, муайян кунед. Маълумоти бадастомадаро таҳлилу

таҳқиқ намоед. Ва муайян кунед, ки то чӣ андоза Шумо вақти пурқимати худро самаранок истифода кардаед. Ин ҳисобу китоб ба Шумо мадад мерасонад, ки рӯзи худро дуруст ба нақша гиред.

Иқтибоси калидии бобҳои минбаъда: "Ҳама андеша ва идеяҳои Шумо ин натиҷаи китобҳои хондаатон мебошанд." Яъне, агар инсон аз хондани китоб даст кашад, вай аз рушд, фикру мулоҳиза кардан ва пайдо кардани идея дар канор мемонад. Ҳисоб кунед, ки дар як моҳи охир чанд китоб хондаед. Дар тӯли ҳафта хондани камаш як китобро барои худ вазифа кунед. Рӯйхати асарҳоеро омода кунед, ки барои ба мақсад расиданатон донишҳои ниҳоят заруриро дода метавонанд.

Инчунин ба ифодаҳои зерин диққат диҳед: "Ҳушёру мушоҳидакор бошед!" "Он одамонеро, ки дар ҳаёт муваффақ шудаанд ва боз онҳоеро, ки ноком мондаанд, мушоҳида кунед!" "Саъй кунед ва фаҳмед, ки аввалӣ бо шарофати чӣ комёб шуду дувумӣ бо кадом сабаб ноком гардид. Саҳву хатоҳои якеро таҳлил карда, таҷрибаи мусбати дигареро омӯзед ва барои худ хулоса бароред!" "Ҳамаи дӯстон ва шиносҳоро ба хотир оваред ва аз худ бипурсед: "Чӣ гуна одамон бештар дар гирди ман ҷамъ омадаанд?"

Мана боз як қойидаи дигаре, ки қимату арзиши дар дафтар навиштанро дорад: "Ҳеҷ гоҳ вақту пули худро барои худ дареғ надоред, чӣ қадаре, ки бештар ба қадри худ расед, ҳамон қадар бештар комёб мешавед." Бикӯшед, ки ақидаи худро дар ин бора мухтасар ва равшану возеҳ ифода намоед.

Ҳамаи ин андешаҳо лоиқи таваҷҷуҳи Шумо буда метавонанд, вале ин маънои онро надорад,

ки ҳамаи чизҳои дигар дуюминдараҷаанд. Ба зери ҳамаи чизҳои ба назаратон шавқовар буда хаткаширо идома диҳед, хулоса кунед ва фикру мулоҳизаатонро дар ин бора нависед.

Ғайр аз ин ба Шумо зарур аст, ки ду рӯйхат омода кунед ва дар яке номи онҳоеро нависед, ки бо онҳо бештар муносибат доред ва дар дигаре исмҳои онҳоеро сабт кунед, ки Шумо дар ҷодаи молиявӣ ва мансаб худ дар ҷойи онҳо буданро орзу мекунед. Оё дар байни онҳо шахсоне, ки ба ду рӯйхат шомил буда метавонанд, бисёранд? Дар бораи онҳо фикру мулоҳизаҳоятонро дар дафтар нависед. Корро сари ин мавзӯъҳо анҷом дода, ба мавзӯи дигар таваҷҷуҳ кунед.

ҲАФТ **ШАКЛИ ТАРС**

Хулосаи асосие, ки Шумо баъди хондани ин боб ба он меоед, чунин аст: "Тарс барои амалӣ гардонидани нақшаҳо ба мо халал мерасонад, вале онро метавон бартараф кард. Дар тарсу ҳароси худ напечед, дар бораи орзуву нақшаҳои худ биандешед. Баъзан тарс сабабҳои бемаънӣ дорад. Агар Шумо танқидро дӯст надоред, ин ҳам як шакли тарс аст, он гоҳ бояд андеша кунед, ки он ба кадом чизе иртибот дорад. Шояд волидон хеле зуд-зуд дар хурдсолӣ Шуморо маломату сарзаниш мекарданд ва аз ин рӯ гирифтори чунин заъфи равонӣ гардидаед? Рӯи масъалаи равонии худ кор карда, метавон

вазъи муассиру хурӯшони худро идора намуд. Тарс ин узв нест, он дар тани мо вуҷуд надорад. Тарс ин танҳо ҳолати идрокӣ мебошад. Бо андӯхтани дониш, малакаву маҳорат метавон ин ҳолати шуурро тағйир дод."

ЧОР КИТОБИ **БЕНАЗИР**

Минбаъд мо фаслро дар бораи чор китоби беназир мехонем. Дар назари мо маслиҳати чор дафтар ва дар ҳар яки он навиштани номи китобе – "Китоби комёбиҳо", "Хираднома", "Зафарнома", "Китоби андешаҳо (идеяҳо)" ва дар онҳо сабт намудани амалҳову фикру мулоҳизаҳои худ, ки мувофиқи мавзӯъ бошанд, ҳоҷат ба шарҳ надорад. Вале ба ҳар ҳол аз нав қалам ба даст гирифта, зери нуктаҳои аз ҳама муҳими матн хат кашидан дар кори Шумо халал намерасонад.

Ҳангоми шиносоӣ бо чор хулқу атворе (характер), ки барои ба даст овардани комёбӣ хеле заруранд, бо хаткашаки кабуд ҳамонеро хат кашед, ки дар тинати Шумо вуҷуд доранд, бо ранги сабз бошад, он хислатҳоеро хат кашед, ки бояд Шумо бо онҳо худро тарбият намоед. Дар дафтар навиштани ҳама фикру мулоҳизаҳои худро дар ин бора фаромӯш накунед.

Китоби "Ман ва Пул" ба силсилаи номи умумӣ доштаи "Фалсафаи мӯрчагон" дохил мешавад. Боби охиринро хонда, дарк кунед, ки барои чӣ ба он чунин ном дода шудааст. Барои муайян

кардани 7 сифати асосии мӯрчагон, ки тавассути онҳо ин ҷонваракони безарар намунаи суботкорӣ ва меҳнатдӯстӣ гардидаанд, саъй кунед ва онҳоро дар дафтари худ сабт кунед.

БО КӮШИШИ ЯКҶОЯ МАҚСАДРО **БА ДАСТ ОВАРЕД**

Аз ҳама хотирмону таъсирбахштарин натиҷаҳо бо кӯшиши якҷояи гурӯҳи одамони сари як мақсади умумӣ муттаҳидгардида ба даст оварда мешаванд. Шумо низ метавонед аз принсипи "амали дастаҷамъона" барои амалӣ гардонидани нақшаҳои баландпарвозонаи худ истифода намоед. Барои амалӣ намудани ин принсип аз ин тавсияҳо баҳра баред:

1. Якчанд шиносҳои худро, ки байни якдигар муносибату муомилаи хуб доранд, интихоб намуда, гурӯҳи ҳаммаслаконро таъсис диҳед. Миёни худ аҳду паймон кунед, ки яке аз мақсадҳои асосии амали якҷояи Шумо, масалан, баланд бардоштани дараҷаи осудаҳолӣ ва рафоҳати ҳар узви ҷамъияти Шумо мебошад.

2. Дар бораи сиёсат, дин ҳарфе нагӯед, бикӯшед, ки иттилооти манфиро нашунавед. Ба хотири дастрас кардани донишҳои барои комёбӣ зарурии аз таҷрибаҳо бунёдгирифта Шумо бояд ба ҳамдигар ёрӣ расонед. Ба ихтилоф, ки мувофиқату мутобиқатро дар гурӯҳ барҳам мезанад, роҳ надиҳед.

3. Ба ҳамдигар иҷозат бидиҳед, ки фикру мулоҳизаҳои худро озодона баён кунанд. Нақшаҳои муштаракро муҳокима кунед, табодули афкор намоед, лоиҳаҳоро омода созед. Дар ҷамъияти Шумо бояд фазои хайрхоҳиву хайрандешӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ мавҷуд бошад.

4. Ба ғайр аз аҳли доимии маҷлисҳо дар чорабиниҳои худ метавонед дигар одамонро низ даъват кунед, ки бо Шумо ҳамфикр ё ҳамраъянд. Бо гузашти айём онҳо низ ба Шумо ҳамроҳ мешаванд.

5. Ба хотири пешгирӣ намудани баҳсҳои нодаркор, ҳамаи аъзои ҷамъият бояд мувофиқи принсипҳои умумии дар китоби "Ман ва Пул" баёнгардида амал кунанд. Аз қойидаҳои мардумсолорӣ (демократия) истифода карда, дар ҳар маҷлис раиси нав интихоб кунед, то ки ҳар шахс худро дар нақши раҳнамо ва роҳбар озмоиш намояд.

Дар хотима ба Шумо пешниҳод карда мешавад, ки ба чанд суол ҷавоб гӯед. Аз рӯи ҷавобатон ба ин пурсишҳо фаҳмидан мумкин аст, ки китоби "Ману Пул" ба Шумо чӣ асаре аз худ боқӣ гузошт.

■ **Шумо метавонед 6 сирри асосии озодии молиявиро дарёфт кунед?** Агар ёфта тавонистед, онҳоро номбар кунед.

1. _____
2. _____
3. _____
4. _____
5. _____
6. _____

■ Барои дастрасӣ ба комёбӣ устод чӣ гуна нақш мебозад?

■ Барои Шумо пул чӣ моҳият дорад?

■ "Айнаки дуруст" чист?

■ Он мошине, ки Шумо мехоҳед дошта бошед, бояд чӣ қадар арзиш дошта бошад?

■ Шумо чӣ гуна ҳавлӣ ё хона мехоҳед дошта бошед?

■ Барои чӣ нақшаи молиявӣ зарур аст?

■ Дар натиҷаи чӣ пул пайдо мешавад?

■ Шумо аз рӯи дудилагии худ зуд-зуд натиҷаи номатлуб мегиред?

■ Оё коратон ба Шумо маъқул аст? Агар не, пас барои чӣ?

■ Оё дар ин бора фикр мекунед: кӣ ба чизе чӣ гуна муваффақ гашт?

■ Дар бораи чӣ Шумо бештар фикр мекунед: дар бораи комёбӣ ё дар бораи нокомӣ?

■ Оё Шумо аз саҳву иштибоҳи худ хулоса бароварда метавонед?

■ Оё хешовандон ва дӯстон ба рӯҳияи Шумо таъсир расонида метавонанд? Агар "ҳа", бо кадом сабаб?

■ Кӣ аз наздиконатон Шуморо рӯҳбаланд карда метавонад?

■ Оё Шумо эҳсосот ва тарси худро бартараф карда метавонед?

■ Шумо аллакай барои худ мақсади мушаххасро муайян кардаед? Агар "ҳа", пас чӣ гуна? Барои расидан ба мақсади худ Шумо чӣ кор мекунед?

■ Оё Шумо аз таъсири манфии атрофиёнатон канорагирӣ карда метавонед?

■ Оё Шумо имрӯз барои худ ягон чизи наверо фаҳмидед?

■ Оё Шумо сабабҳои нокомии худро муайян кардед?

■ Чӣ барои ба даст овардани комёбӣ ба Шумо зарур аст ва чӣ монеа мегардад? Шумо инро чӣ гуна муайян мекунед?

■ Шумо барои кори худ, истироҳат, таҳсил ва корҳои беҳуда вақт ҷудо мекунед?

■ Оё Шумо ҳамеша кори оғозкардаро то ба охир мерасонед?

■ Оё Шумо дар фаъолият фикри атрофиёнро ба эътибор мегиред?

■ **Оё Шумо зуд–зуд ба шахсе, ки аз Шумо мақоми баландтар дорад, хушомадгӯй мекунед?**

■ **Барои ба ин суолҳо ҷавоб гардонидан чӣ қадар вақт сарф кардед?**

То вақте, ки шахсияти Шумо ба қадри кофӣ нерӯманд нагардад, китобро 21 маротиба хонед. Аммо агар баъди мутолиаи маротибаи аввал фикре ба саратон ояд, ки ҳама чизро донистед, пас аз ин бармеояд, ки чизеро нафаҳмидаед. Худбинии инсонро тағйир додан басе кори сангин аст. Вале чунин фикр ба саратон ояд, ки ин китобро ҳамин тавр хондан кифоя нест, пас Шумо роҳи дурустро интихоб кардаед.

Зеҳни молиявӣ аз зеҳни академикӣ бо он фарқ мекунад, ки то замоне амал накунӣ, донишҳои

андӯхтаат ҳеҷ кӯмакат намекунанд. Барои зеҳни академикӣ дар худ доштану азбар кардани иттилоот басанда аст. Барои зеҳни молиявӣ дониш танҳо 15% комёбиро фаро мегирад, вале кор бурдан, дар кор истифода кардан, яъне донишро ба система дароварда, онро истифода бурдан муҳим аст. Донистан ин як чиз аст, аммо фаҳмидан тамоман чизи дигар аст. Вақте дар кор чизи хондашударо амалан истифода мебаред, ана ҳамон вақт фаҳмида мегиред.

Агар Шумо самимиятро аз даст надода, ба ҳамаи суолҳо ҷавоб гардонидед, пас Шумо дар бораи худ бисёр чиз фаҳмидаед, ки барои ҳамаҷониба беҳтар гардидани Шумо мадад мерасонад. Ҳаракат кунед, ба худ аз канор бо чашмони дигарон нигаред. Боз бикӯшед, ҳар сари чанд вақт ҷавобҳоятонро барои худ таҳлил кунед.

Инак, мо рӯи китоби **"Ман ва Пул – 2"** кор мекунем, аз рӯи он Шумо метавонед минбаъд донишҳои худро дар соҳаи молия афзоед. Дар ин китоб моделҳои ҳисоб, 6 формулаи муҳими идора кардани қарз, мудирияти буҷа, интиқоли молҳо ва ё мавод, принсипи ақлу фаҳми дастаҷамъӣ ва ғайра жарфтар баён гардидаанд. Шумо чӣ гуна дар амал истифода бурдани ин донишҳоро барои ба даст овардани комёбӣ фаҳмида мегиред.

Барои кӯшишу ғайрат аз Шумо ташаккур мекунем. Бовар дорем, Шумо комёбиро соҳиб шуда метавонед. Дар ин ҷода бигузор Аллоҳ ба Шумо мададгор бошад! Омин!

ФИКРУ МУЛОҲИЗАҲОИ ХОНАНДАГОН АЗ ТААССУРОТИ КИТОБИ «МАН ВА ПУЛ»

Гулчаҳон МИРЗОЕВА,
тоҷири муваффақ дар самти бозори маркетинги шабакавӣ, шаҳри Душанбе, Тоҷикистон

Чор сол қабл (соли 2012-ум) дар шаҳри Душанбе як рафиқам ба ман китоби «Ман ва Пул» туҳфа намуд. Дар он вақт ман 437 сомонӣ маош мегирифтам. Ва ҳамин тавр шуд, ки пас аз хондани ин китоб тасаввуроти ман тамоман дигар шуд. Ба ман хоҳиши зиёд кор кардан пайдо шуд. Ман фаҳмидам, ки ин ҳама аз қуввати доштани дониши молиявии ман вобастагӣ дорад. Хулоса, ҳамин тавр шуд, ки пас аз таассуроти ин китоб ман ҳоло ба ҳисоби миёна ҳар моҳ 4700 сомонӣ даромад мегирам. Ин китоб ба ман ҳаёти нав бахшид. Ман пас аз хондани ин китоб боқимонда ҳамаи 6 намуди силсилакитобҳои Саидмурод Давлатовро хондам. Барои муваффақ шудан дар ҳаёт ин китобҳо ба ман бисёр ёрдам намуданд. Ман аз муаллифи ин китобҳо бисёр миннатдорам.

Ҳоло дар оилаи мо ҳама ин китобро мехонанд. Ин китоби рӯимизии ман аст. Ҳоло дуто утоқи корӣ (офис) дорам, дар соҳаи маркетинги шабакавӣ кор мекунам ва даромади хеле хуб мегирам. Даромади

умумии ман дар соли гузашта 42 000 долларро ташкил дод.

Духтари ман ҳоло дар яке аз мактабҳои беҳтарини марказ, ки ҳарсола маблаги таҳсилаш 1000 долларро ташкил медиҳад, таҳсил менамояд, ягон вақт ин имконият ба ман даст надода буд. Ҳамаи фарзандони ман ҳоло бо сабаби хондани ин китобҳо мустақилона кору фаъолияти худро хеле хуб ба пеш бурда истодаанд.

Банда дар яке аз семинарҳои устод, ки дар мавзӯи «Нигаҳдорӣ ва зиёд намудани пул» соли гузашта дар бинои Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон баргузор гардида буд, бо ӯ вохӯрдам ва ин вохӯриро ман 4 сол боз интизор будам. Ман бисёр хурсандам, ки бо ӯ вохӯрдам. Раҳмат.

■

Тухтанисо МАҲМАДҶОНОВА
фурӯшандаи рӯзномаю маҷаллаҳо,
шаҳри Хуҷанд, Тоҷикистон

Китоби «Ман ва Пул»-и Саидмурод Давлатовро хондам, ба ман писанд омад, ҳамаи шубҳаҳоямро як тараф намуда, ба ҷамъ намудани маблаг шурӯъ намудам. Аз ҳар як сомоние, ки кор мекардам, 20 дирамашро пасандоз мекардам. Ба як қуттии махсус ҷамъ карданам одат шуда буд. Солҳои дароз нияти зиёрати хонаи Худоро доштам. Вақте,

ки роҳхат ба даст гирифтам, барои сафар маблаг надоштам, дар ҷустуҷӯи маблаг будам, ногоҳ ҳамон қуттӣ ба хотирам омад, ки ман давомнок пул ҷамъ мекардам. Вақте, ки кушода ҳисоб кардам, ҳамон маблаги даркорӣ ҷамъ шуда буд, на 10 дирам зиёд, на кам, Шукрона, ба Хонаи Худо рафта омадам, хеле хурсандам, ки ин китобро хонда будам. Худованд ин китобро бароям сабаби ҷамъ кардани маблаг гардонид! То ҳол ин амалро давом дода истодаам. Мехоҳам, ки ин гуна асарҳои дар ҳаёти имрӯза лозима бисёр шаванд, то мардуми зиёде аз он истифода намоянд! ■

Александр СИНТСОВ,

директори гурӯҳи тиҷоратии «Орифлейм»

Маро осонфаҳмӣ ва содагии хирадмандонаи маводи иншошуда ба ҳайрат овард, ки чунин маводро пеш аз ин нахонда будам. Чунин эҳсос менамудам, ки ҳар як калима, ҳар як ибора то "магзу устухон" рафта мерасад ва ҷаҳонбинии шуморо на фақат бедор, балки бо муҳаббат дигаргун месозад. Ин ҳамон мавридест, ки бо сухан фаҳмонида намешавад. Барои фаҳмидан ва ҳис намудани он хондан лозим аст. Пас аз хондани «Ман ва Пул» мо бо гурӯҳамон дар як қатор давраҳои омӯзишии Саидмурод Давлатов иштирок намудем, аммо ин воқеаи дигар аст, фақат як чизро мегӯям, ки пас аз иштирок дар машваратҳои устод дақиқан фаҳмидам: миллионер мешавам! Бидуни ҳеҷ шиору ақидаҳои фавқулода оқилона... Ҳоло ман ба осонӣ мефаҳмам, ки ин корро чӣ гуна бояд кард... ■

Нурила АБДИБЕКОВА,
ш. Бишкек, Қирғизистон

Ман китоби Саидмурод Давлатов «Ман ва Пул»-ро хонда, бисёр чизҳоро фаҳмидам, банақшагирии даромадҳоям, пасандоз кардани пулҳоям ва тақсим намудани хароҷотамро роҳандозӣ кардам. Модели идораи маблаг маро ба дуруст фикр кардан водор менамояд. Мутаассифона, пештар ман сармояи худро нодуруст истифода мебурдам, аммо ҳоло ин китобро мутолиа намуда, сарвати худро аз рӯи система ба волидайнам, оилаам ва ба мақсадҳои дигаре, ки бояд ба ман даромад биёранд, тақсим мекунам.

Дар таҷрибаи рӯзгорам қоидаи ҷамъ кардани пул вуҷуд надошт, ҳоло бошад, ҳамаи пулҳои ҷамъкардаамро дар бонк гузошта, суратҳисоб кушодам. Дар натиҷа дар давоми як сол мошин харидам, ки солҳои зиёд онро орзу мекардам. Феълан ин китоб ба ҳамаи корҳои мо кӯмак мекунад, дӯсти мо гаштааст ва китоби рӯимизӣ буда, онро зуд-зуд аз сари нав мутолиа мекунем. Ҳоло бо шарофати соҳиб гаштан ба донишҳои дастрас ва тарзи тафаккури нав мехоҳем, ки хона бихарем, зеро ин орзуи дерини мост. Аз муаллифи китоб устод С. Давлатов ниҳоят миннатдорем. Ташаккур барои донишҳое, ки аз ин китоб бардоштем! ■

Айгул МОЛДАБАЕВА,
ш. Петропавловск, вилояти шимолии Қазоқистон

Ҳамаи китобҳои С. Давлатов беназиранд. Ман китоби «Ман ва Пул»-ро хонда, дар давраи омӯзишӣ оид ба маърифати молиявӣ иштирок намуда, аз ҷиҳати молиявӣ таъмин гардидам ва аз ҳамаи қарзҳоям халос шудам, ҳеҷ гоҳ пасандоз надоштам, ҳоло бошад миқдоре чанд дорам! «Қонунҳои маънавии сарватмандӣ» китоби беназир аст, махсусан дуоҳояш... Ман ҳар рӯз онҳоро мехонам ва онҳо ба ман барои бештар такмил додани худам кӯмак мекунанд.

«ПАНДИ УСТОД - Тӯмори шахси пирӯзманд» китоб барои мутолиаи ҳаррӯза аст, он ҳар шабу ҳар рӯз дар ҳамёнам аст. Набераамро бо китоби «Фарзанди нек боғи умед аст» тарбия мекунам, як сол пеш қуттии пулҷамъкунак харидем ва дар назди худ мақсад мегузорем. Ба муаллиф барои меҳнати пайваста, барои се китобаш ва барои он, ки вай ба мо имконияти эҷод кардани шоҳкории ягона дар тамоми ҳаётамон – рушди шахсияти худамон имконият медиҳад, изҳори сипос мекунем. ■

БАРНОМАҲОИ САФАРИИ ҲАРСОЛА

ДАР НАТИҶАИ ФАЪОЛИЯТИ 17-СОЛАИ ОМӮЗГОРӢ ДАР СОҲАИ ТИҶОРАТ ВА 7 СОЛ

ДАР БАХШИ САЛОМАТӢ, ТАДҚИҚИ 23-СОЛАИ СОХТОРИ ИДРОК ВА ТАФАККУРИ ИНСОН ТАҲИЯ ГАШТААНД.

АСРИ НАВ – ТАФАККУРИ НАВ

Сатҳи касбии пешбурди тиҷорат

Ин барнома донишҳои беназиреро дар бар мегирад, ки дар онҳо таҷрибаи ташкили тиҷорати муваффақ ва дарозмуддат бо таҷрибаи такмили худ муттаҳид сохта шудааст. Он ба Шумо барои даҳҳо баробар таҳвият бахшидани фаъолияти **майна, мустаҳкам намудани нерӯи зеҳнӣ,** фатҳ намудани тамоми имкониятҳои манобеи рӯҳбаландӣ кӯмак мекунад.

– Шумо 21 рӯз дур аз такопӯи якранги зиндагӣ дар зебоиҳои дилфиреби Иссиккӯл хоҳед буд. Ҳар як бахши мастер–класс дар мавзеъҳои нотакрори истироҳатгоҳ гузаронида мешавад. Ин ба шумо имкон медиҳад, ки дар танҳой бо табиат вақти худро барои беҳтар кардани саломатӣ, пешрафти шахсияту олами ботинӣ ва азхуд намудани маҳоратҳои навини такмили тиҷорат бубахшед.

– имконияти олӣ барои касоне ҳаст, ки дар дастаи соҳибкасбон, дар ҳалқаи соҳибкорони пурқудрат ва амалкунандаи кишварҳои ИДМ ҳаматарафа рушд кардан мехоҳанд.

– омодагии касбӣ барои ҳама онҳое, ки дар тиҷорати нав хишти аввал мегузоранд.

– барномаи беҳтарин барои касоне, ки тобистонро самаранок истифода бурда, истироҳат, омӯзиш, саёҳат, табодули таҷриба, ёфтани дӯстони навро ба ҳам қарор месозанд.

Соҳибкориро бояд тавре ба роҳ монд, ки ЗАРУР аст, на он чунон ки ИМКОНПАЗИР аст! Ин шарт барои он лозим аст, ки тиҷорати Шумо давомнок бошад ва барои раҳой ёфтан аз танқисӣ ва одамони шоиста гардидани оилаҳои ояндаи мо кӯмак расонад.

Ҳамаи ин якҷоя ба Шумо имкон медиҳад, ки дар асоси донишҳои касбӣ ва принсипҳои маънавӣ соҳибкории устувор бунёд намоед, то он ба натиҷаҳои МУВАФФАҚОНА дар зиндагӣ бирасонад. Шумо ба ин сазоворед! То боздид дар баландиҳои Иссиққӯл! ■

Ин тарҳи беназири Давлатов дар натиҷаи 10 соли ҳамкорӣ бо ширкатҳои шабакавии мухталиф, омӯзондани ҳамкорон дар зиёда аз 50 ширкати шабакавии маркетинг ва гуногунҷабҳа мураттаб гардида, барои касоне пешбинӣ шудааст, ки қудрати зеҳнӣ ва равонии худро амалӣ кардан мехоҳанд, ба такмил додани қобилиятҳои гуногунҷабҳаи худ кӯшиш мекунанд, то ки ба шахсияти ҳаматарафа табдил

ёбанд ва дар касби худ ҳамчун шахсони пешрав ва маъруф шинохта шаванд, аз ҷиҳати молиявӣ бениёз ва муваффақияти ҳақиқиро ба даст овардан мехоҳанд. Ҳар як қисми мастер-класси 7-рӯза дар мавзеъҳои назаррабои Иссиққӯл мегузарад, ки дар он ҷо раҳбарону мутахассисони беҳтарини ширкатҳои шабакавӣ аз тамоми кишварҳои ИДМ ҷамъ меоянд.

Мақсади мастер-класс кӯмак расондан ба ҳар нафари ба бозори шабакавӣ машғулбуда барои барномарезии системае мебошад, ки худ аз худ мураттаб мегардад. Миллионҳо нафар кӯшиш мекунанд, ки ба бозори шабакавӣ машғул шаванд, аммо аз надонистан онро қатъ мекунанд. Дарвоқеъ, бозори шабакавӣ ин системаи пурқувват аст ва роҳ ба сӯи бениёзии молиявӣ барои ҳар нафарест, ки ба он талош меварзад. ■

КОНФРОНСИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ИССИҚҚӮЛ

ДАР МАВЗӮИ "РУШДИ ЗЕҲНИ МОЛИЯВӢ"

Яке аз лоиҳаҳои тиҷоратии бузурги тобистона дар соҳили кӯли зебои баландкӯҳи Иссиққӯл мебошад, ки ҳамасола бештар аз 400 нафар аз кишварҳои ИДМ ва ҳамсоя: Қирғизистон, Қазоқистон, Русия, Тоҷикистон, Ӯзбекистон, Туркия, Хитой, Эрон, Покистон ва Ҳиндустон дар он иштирок мекунанд.

Гузарондани конфронси байналмилалӣ дар Иссиққӯл дар муддати 5 сол анъанае нек гашта, ҳар сол ба мавзӯи нав бахшида мешавад.

Конфронс фалсафаи зеринро пайгирӣ менамояд: 80% муваффақият аз таҳкими равобит ва муносибатҳои мутақобила ва 20% он аз касбият

вобаста аст. Иштирок дар конфронс барои рушду таҳкими робитаҳо, бо мардум кор карда тавонистан, рӯҳияи даставӣ кӯмак намуда, технологияи гузаронидани музокиротро муайян мекунад. Умуман иштирокчиёни конфронс дар тамоми самтҳое, ки **қобилиятҳои зеҳнии фардӣ ва ҷисмонии инсонро инкишоф медиҳад,** омӯзонда мешаванд, зеро ки дониши молиявӣ аз ҳолати рӯҳӣ ва ҳолати ҷисмии мо вобастагии мустақим дорад. Шумо ҳар субҳ дар муддати чор рӯз тамрин карда, ҳолати ҷисмониатонро беҳтар мекунед, ҷисм, ақл ва рӯҳияатонро обутоб медиҳед. Баъд аз чунин омӯзиш имкониятҳои Шумо барои машқ кардани ба даст овардани дониш ва самаранокии фаъолиятатон 100% бештар мегардад.

■

САИДМУРОД ДАВЛАТОВ

МАСТЕР КЛАСС

АСРИ НАВ – ТАФАККУРИ НАВ

Роҳи кӯдак ба сӯи озодии молиявӣ

Зеҳн, боварӣ ва ҷаҳонбинии дурусти кӯдакро тарбия кардан дар замони ҳозира мушкилтар гаштааст, зеро бачаҳо ба иттилооти зиёд ва гуногун дастрасӣ доранд, ки бештари онҳо ба зеҳни ҳанӯз номукаммали онҳо таъсирӣ манфӣ мерасонад. Ҳеҷ гоҳ хароб сохтани шахсияти инсон мисли ҳозира осон нест. Махсусан хароб сохтани тарбияи кӯдакон, ки ҳанӯз шахсияташон ташаккул наёфтааст, вале атроф пур аз асбоби ҷолиб барои фиребидани бачаҳост. Ҳамаи ин ба кӯдак таъсири манфӣ мерасонад. Дар навҷавонӣ ба тундӣ ба шакли хоҳиши зудтар сарватманд шудан ва аз байн рафтани эҳтироми калонсолон, хусусан падару модар оварда мерасонад.

Фарзандон ба маслиҳати мо гӯш намедиҳанд, онҳо аз рафтори мо ибрат мегиранд. МКД – ин роҳ ба сӯи рушди зеҳнии фарзанди Шумост. Ба фарзандатон барои беҳтар гаштан ва омода будан ба тарзи зиндагие, ки вай сазовор аст, имконият диҳед. МКД нерӯи ақлониро ташаккул медиҳад, ки он инсонро дурандеш ва фикрронӣ, идрок, ташкилотчигӣ, рушди қувваҳои ботиниашро фаъол мегардонад, ки ин омили инкишоф ёфтани қувваҳои зоҳирӣ низ мегардад. Ин неъматро танҳо бо роҳи ҳаматарафа дар такмил ва равнақ додани нерӯи худ инкишоф додан мумкин аст.

Ниҳолро дар вақташ шинонда, онро сабз намуда, аз он меваҳои расида ва хушмазза мечинем. Фарзандро ҳам айнан бо ҳамин тарз омӯзондаву ба роҳи дуруст роҳнамоӣ карда, мо барои муваффақиятҳои вай дар оянда мусоидат мекунем. Дар акси ҳол ҳаёти вай барои озмоишҳо сарф мегардад. ■

Ҳарсола мо садҳо номаи сипосу миннатдорӣ аз иштирокчиёни тренингҳои худ мегирем. Якчанд номаи шахсоне, ки дар конфронс, мастер-класс ва семинарҳои мо иштирок намудаанд, пешкаши Шумо мегардонем.

Шумо низ метавонед ба ин ҷо биёед!

Бо телефонҳои зерин занг зада, барои худ ҷой банд намоед:

(+992) 37-882-55-55
(+992) 88-888-40-60
(+992) 93-572-92-29

ТААССУРОТ
АЗ МАСТЕР-КЛАСС
АСРИ НАВ – ТАФАККУРИ НАВ САТҲИ КАСБИИ ПЕШБУРДИ ТИҶОРАТ

Ифтихор АЗИМОВ,
бизнес–тренери муваффақ, ш. Душанбе, Тоҷикистон

Вақте, ки билет гирифтам, интизори он будам, ки дар бораи барпосозии бизнес дониши дақиқ ва кофӣ мегирам. Вале аз назардошти худ дониши хеле бештар гирифтам. Ба ғайр аз донишҳои дар амал санҷидашуда дар бораи барпо кардани соҳибкорӣ ва пеш бурдани он дар сатҳи касбӣ, ман абзори ёрирасони машқ додани шахсиятро гирифтам. Ман эҳсос мекунам, ки дар ин 21 рӯз хеле баркамол гаштаам. Шумо тасаввур карда наметавонед, ки ман кӣ шуда метавонам, агар минбаъд бо чунин суръат рӯи шахсияти худ кор кунам.

Ба ғайр аз ин ман нақшаи стратегии бунёд ниҳодани ҳаётро тартиб додам. Бовариям ба оянда пайдо гардид. Фикру андешаҳоро дар сарам ба низом даровардам. Бизнес-лоиҳаи ҳирфавӣ сохтам. Акнун ман бояд натиҷаҳои назаррасро ба даст биоварам.

Ман ҳамеша аз «САМО» сипосгузорам! Худованд онҳоро баракат диҳад! ■

Жандарбек ИСМАГУЛОВ,
соҳибкор, ш. Атирау, Қазоқистон

Яке аз идеяҳои бисёр хуби замони мо, ки роҳи муваффақияти шахсӣ, озодии молиявӣ ва бойигарии маънавии бебаҳоро нишон медиҳад, ҳамзамон саломатиро хубтар менамояд, омӯзиш дар МАСТЕР-КЛАССИ хоси устоди тиҷорат Саидмурод Раҷабович Давлатов мебошад, ки моҳи июни соли 2013 дар соҳили Иссиккӯли азим гузашт. Ман ба бизнес-тренинги «мастер-класс» тасодуфан нарафта будам: дар давоми 20 соли соҳибкорӣ ба рушди соҳибкории муосир саволҳои зиёде ҷамъ шуда буданд, ки ба ҳамаи онҳо ман маҳз дар давраи омӯзишии 21-рӯза ҷавоб ёфтам. Ҷавобҳо аз ҷиҳати дақиқу эътимоднокӣ дар сатҳи олӣ буданд.

Ҳар як қадами хато дар соҳибкорӣ онро суст мегардонад ва ниҳоят ба муфлисшавӣ мерасонад, ки ман дар ҳаёти худ ба он бисёр дучор шудаам. Дар муддати 20 соле, ки ба тиҷорат машгул будам, мушоҳида намудам, ки аз 100 нафар навтоҷир танҳо 3-4 нафарашон муваффақ мегарданд. Солҳои соҳибкориам ман дар давлатҳои Аврупо, ки рӯҳияи яккақудратӣ ҳукмфармо буд, таҳсил намудам. Аз рӯи таълимоти С. Давлатов бошад, туро вазъияти шиносҳову одамони наздикат зиёдтар нигарон мекунад. Ман чунин меҳисобам, ки арзишноктарин идомаи идея он ба ҳисоб меравад, ки ҳар як нафари он наздиконатон метавонад муваффақ ва сарватманд гардад.

Барои касоне, ки ба соҳибкорӣ машғуланд, таълимоти Давлатов барои то ҳадди охир даромаднок гаштани тиҷораташон кӯмак мекунад. Ман ба ҳар нафари дидгоҳи маро дар бораи МАСТЕР-КЛАССИ САИДМУРОД ДАВЛАТОВ хонда, ҳар касе, ки муваффақ ва сарватманд буданро орзу мекунад, ба қадри худаш мерасад ва бо шоистагӣ зиндагии худро ба ҷониби беҳтар тағйир додан мехоҳад, тавсия медиҳам, то дар тамоми давраҳои омӯзишӣ, ки мураббии тиҷоратӣ Давлатов дар тамоми шаҳрҳои мо мегузаронад, иштирок кунад. ■

Какенов КАЗБЕК,
директори генералии ТОО "Ак-Орда", ш. Павлодар, Қазоқистон

Ман беш аз 20 сол ба соҳибкорӣ машғулам. Соли 2010 зимни сафари корӣ ба Тоҷикистон китоби «Ман ва Пул»-ро харидам. Рости, маро сифати дониш, сатҳи иншо ва зодаи Осиёи Миёна будани муаллиф сахт мутаассир карданд. Худи ҳамон сол дар давраи омӯзишии ӯ дар Остона ширкат кардам. Дар давраи омӯзишӣ тамоми хатоҳои дар соҳибкорӣ роҳдодаамро, аз стратегия сар карда то ҳисоботи муҳосиботӣ, дидам. Пештар бароям ҷое набуд, ки чӣ тавр ба соҳибкорӣ шурӯъ намуданро биомӯзад, ҳоло бошад, имконияти беназир фароҳам аст. Ҳар яки мо чӣ тавре ки донем, ҳамон тавр аз пеши худ ба соҳибкорӣ машғул мешавем ва фикр мекунем, ки бо роҳи

дуруст рафта истодаем. Воқеан натиҷаҳоеро, ки мо тӯли 15-20 сол бо меҳнати тоқатфарсову машаққати зиёд ба даст меорем, ба воситаи ин донишҳо дар муддати 5 сол ба даст овардан мумкин аст. Солҳои 90-ум, замони соҳибкории дагал гузашт, мо дар остонаи асри XXI қарор дорем, ки равиши тамоман дигарро тақозо мекунад. Ман дар бисёр давраҳои омӯзишӣ, бештар дар дарсҳои мураббиёни хоричӣ иштирок намудам, аммо беҳтарин донишҳо ва қарордодҳоро аз давраҳои омӯзишии С. Давлатов бардоштам. Аз ҳамон давр ин ҷониб ман пайваста аз ҳамин одам меомӯзам. Ман аз ӯ барои донишҳои бебаҳо, хирад ва осори зеҳнӣ, ки бедарег ба садҳо ҳазор нафар медиҳад, сипосгузорам.

Дар давраҳои омӯзишӣ ва мастер-класс барои соҳибкорон иштирок намуда, се соҳа, аз ҷумла соҳибкории соҳаи меҳмонхона, сехи мебелбарорӣ, маркази савдо ва бозорро мукаммал сохтам ва вусъат бахшидам. Чанде пеш истеҳсоли қимиз (шири шутур)-ро ба роҳ мондам. Ҳоло мақсад дорам, ки силсилаи тарабхонаҳоро бунёд намоям. Барои ин сохтмони тарабхонаи аввалин ба охир расида истодааст. Донишҳои дар давраҳои омӯзишии С. Давлатов ҷамънамудаам ҳамон чизе ҳастанд, ки барои оқилона васеъ намудан, зудтар мукаммал сохтани соҳибкорӣ ва бидуни хато ба роҳ мондани истеҳсолоти нав бе истифода аз тарҳҳои куҳна имконият медиҳанд ва роҳи расидан ба мақсадро кӯтоҳ месозанд. ■

ТААССУРОТ
АЗ МАСТЕР-КЛАСС
САТҲИ КАСБИИ
БА РОҲ МОНДАНИ СОҲИБКОРӢ ДАР БОЗОРИ ШАБАКАВӢ

Мурзаматова КАНАЙИМ,
дорандаи унвони «Гавазни тиллой»,
иттиҳодияи «IPAR BIOTECH», ш. Ош, Қирғизистон

Шукри сарнавишт, ки ман дар синни 60-солагӣ бо шахси беҳамто бо ҳарфи калон Саидмурод Давлатов вохӯрдам. Пас аз омӯзиш ман аз ҳама ҷиҳат "ба камол расидам", ба рӯзи оянда мутмаин гаштам. Ман аз дигар устодону мураббиҳо бисёр сабақ гирифтаам, аммо чунин таълимро, ки табъи дил бошад, надида будам. Аз ӯ бахшидани одамон ва онҳоро чунон ки ҳастанд, қабул карданро омӯхтам. Қоидаҳои асосии соҳибкорӣ, маҳорати ташкил кардани гурӯҳ ва тарбия намудани раҳбарон, чӣ гуна ҷалб намудани минтақаҳои дигар барои вусъати соҳибкорӣ, чӣ гуна ҳифз намудан ва зиёд кардани пул, махсусан ба бозори шабакавӣ машгул шуда, чӣ хел соҳиби амволи гайриманқул гардиданро омӯхтам. Ба нақша гирифтани зиндагии худ ва аз сармояву зиндагӣ лаззат бурданро ёд гирифтам. ■

Тусипбекова ШОЛПАН,
директори минтақавии ТОО «Zepter international»,
ш. Ақтау, Қазоқистон

10 рӯз дар Иссиққӯл. Моҳи июл. Тамузи тобистон. Истироҳат. Аммо ҳамаи инҳо барои одами оддист. Барои иштирокчиёни мастер-класс он айём 10 рӯзи тамоман нав ва хаёлӣ буданд! Барои анҷом додани корҳои ҷаҳонӣ ин ночизтарин вақт аст, аммо он рӯйдод АМАЛӢ ШУД!!!

Инқилоби ақлҳо, таҳаввулот дар магзҳо, тозашавии шуур ва инкишофи ҳайратангези рӯҳӣ, ки бо сухан баён кардан аз имкон берун аст! Фатҳ кардани қуллаҳои кӯҳ, оббозӣ дар дарёчаи кӯҳӣ, табобат бо қимиз, арчаҳои ҳамешасабз, сардии шабнами субҳгоҳон, накҳати гиёҳҳову гулҳои кӯҳӣ ва бо ин ҳама зебоӣ мо бо қадимияти табиат ҳамроҳ гаштем, худро заррачае аз Коинот эҳсос намудем.

Моро чӣ гуна касон иҳота карда буданд! Дар ҳаво фазои муносибатҳои дӯстона, покизагӣ, самимият, гармӣ ва муҳаббати умумӣ ҳукмфармо буд! Ҳамаи иштирокдоронро кашиши бузург ба сӯи дониш, худтакмилдиҳӣ ва худшиносӣ муттаҳид карда буд. Одамон аз сари нав худро ба тарзи нав ифшо намуданд, қобилиятҳои ҷисмонии беинтиҳои худро дониста, дар назди худ вазифаҳои нав гузоштанд!

Шахсан маро фаъолияти дастаи "САМО" тасхир кард, мураттабӣ, интизом, табодули мутақобила, муносибати гамхорона бо

иштирокчиён, набудани даву геҷ, бачаҳо худро мисли ҷанговарони лашкари ноаён нишон доданд, ки барои ин ба онҳо сари таъзим фуруд меорам!

Муваффақияти фавқулодаи мураббӣ, ба андешаи ман, ба шахсияти ҷаноби Давлатов вобастагӣ дошт, се рукни худододагии вай ин рӯҳбаландии беҳад, асоси илмӣ доштани фаъолияташ, корозмудагӣ ва хидмат дар роҳи пешгирифтааш мебошанд!

Ба ҳамаи дастаи "САМО" саломатии хуб, муваффақият дар ҳаёти шахсӣ ва тасхир намудани қуллаҳои баланди рӯҳияи инсониро таманно мекунам!

Бо эҳтиром, Шолпан Тусипбекова ■

Инчунин пешвоён ва паҳнкунандагони ширкатҳои: Zepter International, IPAR BIOTECH, Happiness, HuaShen, Oriflame, Mary Kay, Amway, Hayat Beauty, Сибирское здоровье, Юан Гуан, Тянши, Шанс, Forever Living Products (Алоэ вера), Fohow, Smart&Rich, Faberlic, TianDe, Витамакс, Тенториум ва бисёриҳо иштирок доштанд.

ТААССУРОТ
АЗ КОНФРОНСИ
БАЙНАЛМИЛАЛӢ ДАР ИССИҚКӮЛ

Елена КНИЖЕНСЕВА,
байтори беморхонаи «Фауна",
Уст–Каменогорск, Қазоқистон

Ба шахсе, ки тамоми ҳаёти маро дигар кард, изҳори миннатдорӣ менамоям. Ин шахс Саидмурод Давлатов мебошад. Расми вай ҳамеша дар пеши назари ман мебошад. Ба вай нигоҳ мекунам ва дар ман ҳамон қадар қуввае пайдо мешавад, ки онро бо сухан ифода кардан номумкин аст.

Шаш сол ман кори худро пеш мебурдам. Гӯё бад набуд, чуноне ки барои ман менамуд. Ман беморхонаи бойторӣ ва шабакаи начандон калони магозаҳои бойторӣ дорам. Вале ҳамеша дар қарзҳо гӯтида будам. Пас аз тренинги аввал дар мавзӯи саводнокии молиявӣ, дар тӯли се моҳ ман тамоми қарзҳоро пӯшонидам. Дигар кардани тафаккури хеш бароям хело мушкил буд. Вале ман кӯшиш мекардам, ки ҳам бо «мушакҳои пулӣ» ва ҳам бо усулҳои ҳисобҳо машқ намоям. Пас аз тренинги дуюм ман аллакай 2 қитъаи заминро аз рӯйи қоидаи хариди амволи гайриманқул харидорӣ кардам.

Сипас ман ба Конференсияи байналмилалии «САМО» ба Иссиққӯл сафар карда, аз болои супорише фикр мекардам, ки дар тренинги дуюм пешниҳод шуда буд. Вақте, ки мо ба дӯстон занг зада гуфтем, ки мо чӣ гуна онҳоро дӯст медорем ва хоҳиши худро бо МУҲЛАТХОИ МУШАХХАС иброз доштем. Ман ба худ гуфтам: барои иҷро накардани он кӣ ба ман иҷозат намедиҳад, ба хусус дар назди дӯстонам айб хоҳад буд?! Ман ба ҷустуҷӯйи вариантҳо шудам. Ду моҳ ба ин машғул шудам. Сипас ба бонк барои фаҳмидани қарзҳо рафтам, зеро ман бояд «қарзи боақлона» мегирифтам.

Эътироф мекунам, ки мушкил буд. Алалхусус, ман амвол ба сифати гарав надоштам. Ба ҳар ҳол пас аз радкунӣ дар яке аз бонкҳо, ман ба дигараш рафтам. Росташро гӯям, гиря кардам. Бо вуҷуди ин, моҳи феврал ман соҳиби магоза шудам. На иҷора, балки шахсӣ, ки фоида меорад. Аммо хоҳиши ман - пас аз як сол соҳиби бино шудан, ҳатто як сол нагузашта, амалӣ гашт. Тамоман ба қарибӣ ман мошини нави хуберо аз салон харидам, ки бароям фоида меорад. Ман ҳар сол ба Конференсияи байналмилалӣ ба Иссиққӯл меравам, дониши худро такмил медиҳам ва аз ҳама муҳим ин ба кор ва ҳаёти ман фоида меорад. Ман хело хушбахтам! Бо миннатдории бузург нисбати Шумо, Елена Николаевна. ■

Элдар АЛАКБАРОВ,
соҳибкори муваффақ, ш.Боку, Озорбойҷон

Ҳар яки мо дар ҳаёт комёбиро ҷуступҷӯ мекунад. Як нафар дар соҳаи молиявӣ, дигаре дар маънавиёт ё мансаб. Аз он даме, ки ман бори аввал бо «САМО» ва ташкилкунандагони он, соҳибкори муваффақ ва соҳибкор-мураббӣ Давлатов Саидмурод Раҷабович дар шаҳри Атирау (Қазоқистон) се сол пеш шинос шудам, ман фаҳмидам, ки роҳи аз ҳама тез барои ба муваффақият ноил шудан ин гирифтани дониш маҳз аз ҳамон одамоне мебошад, ки аллакай онро ба даст овардаанд. Азҳамонлаҳзаманпайвастадартренингҳо ва семинарҳои Давлатов иштирок мекунам. Яке аз чунин семинарҳо дар соҳили Иссиккӯли бошукӯҳ тобистони соли 2011 гузашт. Ҳар як рӯзи тренинг дар худ ҷараёни бузурги нав, дақиқ интихобгаштаро барои истифодаи иттилоот дар ҳаёти воқеӣ оид ба молияи шахсӣ ва рушди соҳибкорӣ фаро мегирифт. Маълумоти гирифташуда ҳамон лаҳза дар ҷояш бо машқҳои махсус ва бозиҳо мустаҳкам мегаштанд, ки самаранокии онҳоро баҳо додан хело мушкил аст. Иштирок дар семинар ва муколамаи садфоиза бо иштирокчиёни он интизориҳои маро воқеӣ гардонданд, инчунин дар назди ман як қатор саволҳоро оид ба рушди минбаъдаам гузоштанд, ки барои онҳо бояд посух биҷӯям. Ман аз Саидмурод барои ичрои он рисолати на чандон сабук оид ба беҳтаркунии саводнокии молиявии аҳолӣ, ки вай бар дӯши хеш гирифтааст, сипосгузорам ва ба ӯ ҳамагуна комёбиҳоро дар ин ҷода таманно дорам.

■



ОМӮЗИШ ТАРИҚИ ИНТЕРНЕТ ДАР РЕЧАИ ВАҚТИ ВОҚЕЙ

Имрӯзҳо, дар асри мо технологияҳои пешрафта ва суръати баланди зиндагӣ, сарфи назар аз рағбати зиёд ба омӯзиш ва зарурати ба даст овардани маълумоти нав, на ҳамеша муяссар мегардад, ки дар роҳ то маркази омӯзишӣ вақт ҷудо кунем, агар устод дар кишвари дигар бошад, ба сафари дур баромадан аз ин ҳам душвортар аст. Мо роҳеро пайдо намудем, ки чӣ хел дар паси компютери худ нишаста, донишҳои заруриро гирифтан мумкин мегардад. Вебинар ин усули навини омӯзиш аст, ки барои дар хона нишаста, бидуни коҳиш ёфтани сифати дарс аз устод сабақ гирифтан имкон медиҳад. Он чизе, ки ба Шумо барои иштирок лозим аст, ин хоҳиши Шумо ва дастрасиатон ба интернет аст!

Имкониятҳои нави худро барои омӯзиш қадр намоед!

ВЕБИНАР

I. Барои интихоби макони омӯзиш ба Шумо озодӣ медиҳад:

1. Шуморо лозим намеояд, ки барои иштирок дар даврахои омӯзишию дарсҳои рағбатдоштаатон ба ягон ҷои дигар равед. Шумо метавонед дар ҳар кӯҷое, ки бошед: дар хона, идора, сафари хидматӣ ё истироҳат, дар дилхоҳ нуқтаи олам, ба вебинар ҳозир шавед.

2. Шуморо дигар лозим намеояд, ки ташрифи устодро дар шаҳратон интизор шавед. Акнун Шумо метавонед ҳатто дар он сурат ҳам аз устодатон сабақ гиред, ки вай дар шаҳр ё кишвари дигар бошад.

II. Вақт ва маводи таълимиро бароятон сарфа мекунад:

1. Минбаъд вақт ва пулатонро то ба идораи "САМО" расидан, гузашта аз ин ба сафарҳои дури заминию ҳавоӣ рафтан сарф кардан лозим намешавад.

2. Шумо метавонед, ки аз корҳои асосии худ намонда, ба омӯзиш пайваст шавед.

3. Хароҷот барои ташкили ҷараёни омӯзиш ҳадди ақал аст – компютер, пайвастшавӣ ба шабакаи Интернет, баландгӯяк ва агар лозим бошад, веб–камера.

III. Имкон медиҳад, ки САБТИ ПУРРАИ омӯзишро дастрас кунед:

1. Пас аз хатм намудани омӯзиш тариқи онлайн Шумо сабти пурраи вебинарро соҳиб мегардед, ки барои мустаҳкамкунии маълумоти гирифташуда истифода бурдан мумкин аст.

Дигар Шумо аз он нороҳат намешавед, ки лаҳзаҳои бароятон муҳимро сабт карда натавонистед, зеро Шумо дар вақти дилхоҳ метавонед, ки ба сабтҳо баргардед ва онҳоро гӯш кунед.

2. Агар касе аз ҷои кораш саривақт ба машварат пайваст шуда натавонад, метавонад баъдтар аз сабти он истифода барад.

IV. Имконияти фаъолияти фосилавии омӯзишро фароҳам месозад:

1. Шумо ба осонӣ метавонед, ки бо истифода аз чат ё камераю микрофон дар ҷараёни дарс мустақиман ба устод савол диҳед.

2. Омӯзиш ҳамроҳи ҳамақидаҳо аз мамлакатҳои мухталиф сурат мегирад. Шумо имконият доред, ки дар ҷараёни вебинар бо онҳо тариқи чат муносибат кунед ва бо ин роҳ робитаҳои муфид пайдо намоед.

Ба шарофати вебинар омӯзиш дастрас ва то ҳадди охир самараноктар мегардад!

Дар вебинари сомонаи мо **www.worldsamo.com** **ХУДИ ҲОЗИР** сабти ном кунед ва ба **АМАЛ ШУРӮЪ НАМОЕД!**

Имкониятҳо **мунтазир** намешаванд!

Агар саволе ба миён ояд ё кӯмаки мо зарур шавад, бо почтаи webinar@ worldsamo.com дар тамос бошед.

САМО

МАРКАЗИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ **РУШДИ ИНСОН**

Маркази байналмилалии рушди инсон «САМО» яке аз марказҳои пешқадами санъати омӯзишӣ дар ИДМ мебошад. Марказ дар Русия, Украина, Қазоқистон, Қирғизистон, Ӯзбекистон, Тоҷикистон, Туркия, Хитой ва Малайзия даврахои омӯзишро бомуваффақият мегузаронад, ки дар он бештар аз 500 000 нафар ба омӯзиш фаро гирифта шудаанд.

Маркази омӯзишии «САМО» бо барномаҳои омӯзишӣ оид ба самтҳои асосӣ: маърифати молиявӣ, рушди шахсӣ ва беҳтар намудани муносибатҳои оилавӣ махсус гардонда шудааст.

Муассиси марказ – Саидмурод Давлатов, доктори илмҳои равоншиносӣ, устоди тиҷорати байналмилалӣ, соҳибкори муваффақ, шогирди профессорони номдори равоншиносӣ ва тиҷорат, монанди Мирзокарим Норбеков, Бодо Шефер, Брайн Трейси ва Стивен Кови, муаллифи силсилаасарҳои пурфурӯштарини ҷаҳонӣ «Фалсафаи мӯрчагон», варзишгар, оҳангсоз ва сароянда.

Фалсафаи ширкат

Дар фалсафаи худ мо ба он кӯшиш мекунем, ки, бо истифода аз маҷмӯи донишҳову таҷрибаҳои шахсиятҳои муваффақ барои саодатмандии одамон, инкишофи қобилиятҳои ҳунарии нуҳуфтаи онҳо,

барои ташаккул ва ғанӣ гардидани маънавиёту рӯҳияи офарандаи қисмати худ ба шахсиятҳои арзанда ёрӣ диҳем.

Рисолати ширкат:

Мо барои он хидмат мекунем, ки ҳар нафари ба наздамон омада бойигарии худро дарёбад.

Шиор:

Дар ҳар хонадон нобиғаи ояндае ҳаст, ки ба дастгирӣ ниёз дорад.

Мақсад:

Дар давоми 5 сол ба омӯзиши саводи молиявӣ ва рушди шахсӣ фаро гирифтани 1 миллион нафарӣ аз ҳар кишвари ИДМ.

Дурнамои ба комёбиҳо ноил гаштан:

Ба қисми ҳатмии таълим табдил додани омӯзиши маърифати молиявӣ ва рушди шахсӣ ва ҷорӣ намудани системаи стандартии идораи буҷаи оилавӣ дар ҳаёти аҳолӣ мисли қоидаҳои ҳаракат дар роҳ ба хотири он, ки дар зиндагии мардум суботи молиявӣ пайдо гардад.

Стратегияи пешбинӣ:

Ба омӯзиши қоидаҳои асосии муваффақият фаро гирифтани ҳазорон нафар ва онҳоро роҳнамой карда, то ба бениёзии молиявӣ расонидан.

Ҳамаи чорабиниҳои маркази «САМО» теъдоди бешумори шунавандагонро, ки хоҳиши азхуд кардани донишҳои молиявӣ ва муваффақ шуданро доранд, ҷамъ меорад.

ДАВРАИ ОМӮЗИШИИ

«ДОНИШИ МОЛИЯВӢ ВА ИДОРАИ ОҚИЛОНАИ САРМОЯИ ШАХСӢ»

Давраи омӯзишии
«Захира ва афзун кардани пул»

№	Дарсҳо	Мудовамати соатҳо
1.	Стратегияи тафаккури одамони сарватманд ва камбағал	4
2.	Ману пул	12
3.	Сармоя аз сифр	6
4.	Нақшаи молиявӣ	4
5.	Бартараф сохтани монеаҳои мафкуравии инсон	4

Давраи омӯзишии
«Созмон додани манбаъҳои даромад»

№	Дарсҳо	Мудовамати соатҳо
1.	Мисли миллионер фикр кун	6
2.	Фарзанди нобиғаи ман	12
3.	Ба пеш гузоштани мақсад	6
4.	Идораи самараноки вақт	6
5.	Қонуну қоидаҳои пул	12
6.	Пешвои давраи нав	6

Давраи омӯзишии
«Қонуну қоидаҳои сармоягузорӣ. Ташкили тиҷорат дар сатҳи байналмилалӣ»

№	Дарсҳо	Мудовамати соатҳо
1.	Таҳия сохтани нақшаи тиҷоратӣ	12
2.	Роҳбарӣ ва таъсиси гурӯҳи корӣ	6
3.	Нақшаи маркетинг	12
4.	Реклама ва PR	12
5.	Тиҷорати амволи ғайриманқул	6
6.	Қонуну қоидаҳои сармоягузорӣ	6
7.	Фишангҳои молиявӣ	6

МАСТЕР–КЛАСС

№	Дарсҳо	Мудовамати соатҳо
1.	Сохтор ё меъмории тиҷорат	6
2.	Дурнамои идоракунӣ	12
3.	Мизоҷ – маҳсулот	12
4.	Ҷараёни тиҷорат	12
5.	Ҳайати кормандон	12
6.	Захираҳо	12
7.	Баҳисобгирии молиявӣ	12
8.	Бренд (мавқеъгирӣ)	6
9.	Маркетинги густурда	12
10.	Реклама	12
11.	Технологияи гузаронидани музокирот	12
12.	Рушди шахсӣ	12
13.	Санъати роҳбарӣ	12
14.	Санъати наттоқӣ	12
15.	Тиҷорат дар шароити буҳронӣ	12
16.	Рушди тиҷорат дар асри XXI	12
17.	Технологияи тиҷорати ҷопонӣ ва хитой	12

ОМӮЗИШИ ИНФИРОДӢ

№	Номгӯ	Мудовамати соатхо	Шакли омӯзиш
1.	Сохтори тиҷорат	6	Дар давоми сол, ҳар моҳ баъди рӯзи 15-уми моҳ, 10-12 соат
2.	Қонуну қоидаҳои пул	12	
3.	Дурнамои идоракунӣ	12	
4.	Мизоҷ – маҳсулот	12	
5.	Ҷараёни тиҷорат	12	
6.	Ҳайати кормандон	12	
7.	Захираҳо	12	
8.	Баҳисобгирии молиявӣ	12	
9.	Бренд (мавқеъгирӣ)	12	
10.	Маркетинги густурда	12	
11.	Реклама ва PR	12	
12.	Технологияи гузаронидани музокирот	12	
13.	Рушди шахсӣ (шахсияти фавқулодаро дар худ кашф бикун)	12	
14.	Раҳбарӣ (раҳбари пурсамар)	12	
15.	Санъати наттоқӣ	12	
16.	Тиҷорат дар шароити буҳронӣ	12	
17.	Тиҷорат дар асри XXI	6	
18.	Тиҷорати тарзи ҷопонӣ ва чинӣ	6	
19.	Фишангҳои молиявӣ	12	
20.	Идоракунии захираҳои инсонӣ	12	
21.	Интуитсия (идрок, пешакӣ ҳис кардан)	12	

СИЛСИЛАИ КИТОБҲОИ «ФАЛСАФАИ МӮРЧАГОН»

Ҳамаи силсилакитобҳои «Фалсафаи мӯрчагон» мавзӯи ноил гаштан ба муваффақият ва мартабаи баланди давлатмандиро муттаҳид месозанд. Онҳо дар асоси таҷрибаи чандинсолаи шахсии муаллиф дар самти гузаронидани тренингҳо оид ба рушди шахсӣ ва саводнокии молиявӣ навишта шудаанд. Шахсияти худкифо ва пуртаҷриба Саидмурод Давлатов муассис ва президенти Маркази байналмилалии рушди инсон "САМО" мебошад, ки намояндагиҳои он дар бисёр минтақаҳо ва шаҳрҳои Осиёи Миёна, ҳамчунин дар кишварҳои ИДМ ва хориҷи дур фаъолият доранд. Дар ин намояндагиҳо дар риштаҳои маърифати молиявӣ, тиҷорат, рушди шахсӣ ва муносибатҳои мутақобилаи мардону занон дарс омӯзонда мешавад.

Илова бар ин, ӯ доктори илмҳои равоншиносӣ, ҳамқадам ва шогирди шахсиятҳои маъруф, мисли муҳаққиқи фарҳанги маънавии инсон Мирзокарим Норбеков, мушовири молиявии рақами як дар Аврупо Бодо Шеффер ва яке аз амрикоиҳои обрӯманд, мутахассис оид ба муносибатҳои байнишахсӣ ва идораи муташаккилона Стивен Кови мебошад. Худи Саидмурод Давлатов низ ҳамчун устоди тиҷорати байналмилалӣ маъруф аст.

Аз ҳамин ҷиҳат ҳамаи китобҳои вай маълумотҳои зиёди заруриро дар бар мегиранд, ки аз эҳсосоти баланд ва нерӯи мусбат саршоранд, барои ҳамин онҳо хонандаро барои паси сар кардани монеаҳо дар роҳи ба даст овардани муваффақият рӯҳбаланд менамоянд. Ин сухани хушку холӣ нест. Маҳз барои ҳамин ин силсила «Фалсафаи мӯрчагон» ном гирифтааст, чунончи мӯрча ин намунаи қавиродагӣ ва устуворӣ барои ноил гаштан ба ҳадафҳои худ мебошад.

Мӯрчагон аз қадим бо ташкили фаъолиятҳои дастаҷамъӣ ва мураттаби ҳаёти худ диққати одамонро ҷалб намуда, бо меҳнатдӯстию пуртоқатӣ сазовори таҳсин гашта буданд.

Маҳз дар ҳамоҳангӣ бо табиат одамон кӯшиш мекарданд, ки ба бисёр саволҳои марбут ба офариниш посух ёбанд. Мӯрчагон ҳамеша барои инсоният намунаи суботкорӣ ва заҳмати мақсаднок буданд ва одамон аз онҳо наҳаросидан аз монеаҳо, бовар доштан ба нерӯи худ ва ба мақсадҳояшон расиданро омӯхтаанд.

Мо мекӯшем ба Шумо дар бораи ҳар яки ин китобҳо нақл кунем, то худ муҳимтаринашро интихоб намоед. Аммо итминон дорем, ки пас аз хондани яке аз ин асарҳо Шумо албатта барои хондани дигар китобҳои ин силсила рағбат пайдо хоҳед кард.

1 «МАН ВА ПУЛ»

Ин китоб аз бисёр ҷиҳат роҳи дарёфтаи муаллиф барои ноил гаштан ба муваффақият аст. Он дониш ва таҷрибаҳоеро фаро мегирад, ки ба ӯ устодонаш додаанд ва аз ин донишҳо одамони зиёде баҳра бурдаанд. Устодон барои кушодани пурмуаммотарин гиреҳҳои зиндагӣ кӯмак карда, ба худ бовар намудан ва паси сар кардани мушкилотеро, ки дар роҳи ноҳамвори фаъолият барои ба муваффақият ноил гаштан кам нестанд, ёд додаанд.

Дар китоб 6 роҳи асосии мустақилияти молиявӣ дарҷ гаштааст. Тамоми матн фарогири ин асрор аст. Барои ёфтану пай бурдани онҳо лозим аст, то китобро чанд маротиба пайиҳам мутолиа кунед ва бо ин тариқ сатҳи дониши молиявии худро баланд бардоред. Танҳо ҳамон вақте, ки шинохти шумо омода гардид, метавонед ҳамаи ин сирҳоро мисли гулкорӣ ва ё мисли як чизи том ҷамъоварӣ кунед, он гоҳ мутмаин будан мумкин аст, ки 50%-и кор омода аст. Агар дарҳол пас аз ин ба фаъолият шурӯъ намоед, бо мадади Худованд муваффақият насибатон хоҳад гашт!

Китоб оид ба масъалаҳои молиявӣ ба Шумо дониш дода, идора намудани пулро меомӯзад. Барои афзудани даромад ва коҳиш ёфтани хароҷотатон маслиҳат дода, ҷиҳати ба қароре омадан кӯмак мекунад, то ҳаёти Шуморо тағйир бидиҳад ва Шуморо сарватманду муваффақ гардонад. Ин китоб барои онҳое тавсия мешавад, ки мехоҳанд аз ҷиҳати молиявӣ озод бошанд ва орзуҳояшонро амалӣ гардонанд. Ин ҳама имконпазир аст ва чунин фурсат ҳоло пешорӯйи Шумост.

2 «МУҲАББАТ» –

Зан дар бораи мардон чиро намедонад ва мард дар бораи занон чиро бояд бидонад?

Ин китоб ба ҷавонон барои бунёд намудани муносибатҳо бо ҳамсафари ҳаёти минбаъдаашон ба тарзи айнӣ нигоҳ намуда, кӯмак мекунад, то оилаҳои ҷавон ба сабабҳои ҳолатҳои низоъангез сарфаҳм рафта, иттиҳоди худро мустаҳкамтар кунанд. Дар он Шумо машқҳои амалиеро пайдо менамоед, ки барои ҳамдигарфаҳмӣ дар муносибатҳои оянда вазифаи калидиро иҷро намуда, принсипҳои нишондодашуда барои бунёд намудани хушбахтӣ ва некӯаҳволии оилавӣ кӯмак мерасонанд. Китоб Шуморо бо психологияи мардон ва занон шинос мекунад, забонеро мефаҳмонад, ки мардон бо он ҳарф мезананд ва занон онро мефаҳманд.

Китоб бо муҳаббат ва эҳтироми амиқ нисбати маводи дар муддати чанд сол таҳқиқгашта навишта шудааст. Тамоми хирмани донише, ки дар саҳифаҳои китоб дарҷ гаштааст, тӯли ҳафт соли омӯзиши муносибатҳои байниинсонӣ ва додани дарсҳо оид ба низоми оилавӣ аз ҷониби муаллиф дона-дона ҷамъоварӣ гаштааст.

Даҳҳо ҳазор одамон дар ин мавзӯъ дар даврaҳои омӯзишӣ иштирок намуда, натиҷаҳои мусбатро дарёфтаанд. Бисёр оилаҳое, ки дар марзи ҷудошавӣ буданд, тавонистанд худро ҳифз намуда, ҳаёти хушбахтонаро эҷод кунанд. Ин донишҳо барои ҷавонони хостори хушбахтии оилавӣ ниҳоят муфид буда, барои расидан ба некӯаҳволӣ ва низом дар оила кӯмак мерасонанд.

Китоб аз ҳафт "қадам" иборат аст ва тамоми ҷабҳаҳои муносибат дар оиларо фаро мегирад: муносибат бо волидон ва хешу табор, муносибат байни зану шавҳар, масъалаҳои таъмини беҳбудӣ, тарбияи фарзандон ва муносибатҳои ҷинсӣ. Бобҳои китоб барои он "қадам" ном гирифтаанд, то ки муайян кардани мавқеъ дар он осонтар гардад, аммо роҳи Шумо ба сӯи хушбахтӣ танҳо пас аз гузоштани ҳамаи "қадамҳо" анҷом мепазирад, ҳар як "қадам" дар алоҳидагӣ маъно надорад ва дар гумон аст, ки чизеро ба таври назаррас тағйир дода тавонад. Шумо ин китобро хонда, метавонед, ки бо такя ба дониши андӯхтаатон ба роҳи беҳбудии оилавӣ бароед.

3 «РОҲНАМО» –
Қонунҳои маънавии сарватмандӣ

Ин китоб Шуморо бо қонунҳои воқеӣ шинос мекунад, ки бе риояи онҳо ба даст овардани муваффақият номумкин аст. Қонунҳои асосии маънавие вуҷуд доранд, ки новобаста аз донистан ё надонистани мо онҳо кор мекунанд. Принсипҳои маънавӣ асоси муваффақияти бардавомро ташкил медиҳанд.

Муаллифи китоб худ нокомиҳою шикастхӯриҳоро паси сар кардааст, ки дар ҷодаи зиндагии ҳар як шахс ногузиранд. Ҳанӯз дар овони ҷавонӣ вай муваффақ шуда буд, аммо замоне ҳамаашро аз даст дода, ба пастиҳою азобу уқубат рӯбарӯ гардид ва фаҳмидани ин қонунҳои хирадмандона барояш муяссар гашт. Ба шарофати донистан ва риоя намудани қоидаҳои дар ин китоб зикршуда Шумо орзуҳои худро амалӣ карда метавонед. Инсон дар ҳаёти худ танҳо як шоҳкориро меофарад, ки ин ХУДаш аст. Ин китоб бошад, ба шумо кӯмак мекунад, то ХУДатонро бисозед ва ба шахсе табдил ёбед, ки Шумо чунон будан мехостед. Он бо услуби шавқовари бадеӣ иншо шудааст, аз ин рӯ хондану фаҳмиданаш осон аст.

4 «ПАНДИ УСТОД» –
Тӯмори шахси пирӯзманд

Ин китоб ба таври фалсафӣ матраҳ гаштааст. Дар хондани он саросема шудан лозим нест, балки ҳар рӯз аз он як ҳикмат бояд хонд. Он барои мутолиаи бошитоб тавсия нашудааст, зеро зиндагиро наметавон зиёда аз будаш суръат бахшид, ҳарчанд ҳама бо кадом сабабе шитоб мекунанд, ба гирудори зиндагӣ машғуланду аз дунболи коре масруфанд. Ҳангоми чунин шитобзадагӣ арзишҳои ҳақиқиро фаромӯш месозанд. Барои ҳамаи мо гоҳо ақаллан чанд дақиқа бояд таваққуф намуд, то ки нафас рост кунем ва андеша намоем.

Чунки ҳаёт мисли рӯз аст, саҳар – тулӯъ, бегоҳ – ғуруб. Бидуни хирад ва муҳаббат зиндагӣ маъноятро гум мекунад, зеро маҳз ин ду чиз имкон медиҳад, ки аз паси торикӣ орзуро бубинем, сарфи назар аз мушкилоти бешумор хушбахтиро аз чизҳои одӣ берун кашем. Тасаввур кунед, ки ҳар рӯз бароятон рӯзи охирин аст, бинобарин ба қадри ҳар рӯзи умр ба мисли охирин рӯзи зиндагӣ бояд расид. Зиндагӣ бояд саршор бошад, бояд шахсияти бисёрҷабҳаро ташаккул диҳад.

Аз ин рӯ шитоб дар зиндагӣ зарурат надорад. Ҳар рӯз як ҳикмат хондан даркор аст. Агар хоҳиш бошад, дар як шаб тағйир ёфтан мумкин аст. Дар як шаб Шумо метавонед, ки инсони пурзаковат шавед, ба ҳамаи рағбатҳои зиёноваратон пирӯз гардед, метавонед, ки як маъноии муҳимеро дарёбед ва ба қароре оед, ки сифати шахсиятеро аз худ нишон медиҳед.

Хирад муайянкунандаи асосии ҳастии инсон аст, аз ин рӯ мегӯянд: «Бо шинохти либос пешвоз мегиранд, бо шинохти ақл гусел мекунанд». Ин китоб ҳар рӯз мунтазам ба Шумо кӯмак мекунад, то худро ба як шахсияти қавӣ табдил бидиҳед. Он дар асоси принсипҳои мактаби Шарқи қадим иншо шудааст. Рушди босуботи шахсӣ дар 365 рӯз! Ин калид метавонад дар дасти Шумо бошад!

5 «ТАРЗИ ФИКРОНИИ одамони сарватманд ва камбизоат»

Агар тафаккури инсон бо нияташ мувофиқат кунад ва дар бораи мақсадҳои худ фаҳмиши дақиқ дошта бошад, метавонад сарнавишти худро тағйир бидиҳад, тамоми мушкилоташро ҳал намояд ва ба шахсияте табдил ёбад, ки чунон буданро орзу мекунад. Зеро маҳз тафаккур асоси муваффақият ё сабабгори нокомӣ аст.

Ҳамаи одамон мехоҳанд, ки сарватманд шаванд, аммо аксарияти онҳо намедонанд, ки чӣ тавр ба мақсад бояд расид. Ин китоб дар натиҷаи гузаронидани даврахои омӯзишии 15-сола ва таҷрибаи 11-солаи фаъолияти тиҷоратӣ арзи ҳастӣ кардааст. Ин китоби боарзиш мефаҳмонад, ки чаро як қисми одамон дар зиндагӣ дар вақташ рушд мекунанд, аммо қисми дигарашон он қадар ба пешрафт ноил намегарданд, як гурӯҳи одамон ба мақсадҳояшон мерасанд, аммо гурӯҳи дигар шикаст мехӯранд. Гап дар сари он нест, ки нафаре маълумоти олӣ дораду нафари дигар не. Ин масъала ҳатто ба инсони хуб будани касеву бад будани дигаре низ вобаста нест.

Мо сабабашро ёфтем, ки чаро яке орзуҳои худро амалӣ мекунад ва дар шароити рушди иқтисодиву беҳзистӣ ҳаёт ба сар мебараду аммо дигаре ба фақр фурӯ меравад. Ҳар нафар мехоҳад, ки дар зиндагӣ ба чизе муваффақ гардад, кӯшиш менамояд, то ба волидайнаш ёрӣ расонад, орзу мекунад, ки инсони хубу арзанда гардад. Чаро ин ба яке муяссар мегардаду ба дигаре не? Чаро чунин фарқият ба миён меафтад?

Инсонҳоро тафаккурашон гуногун мекунад. Таҳқиқи ҳаёти 546 нафар одамони муваффақ аз ҷониби муаллифи ин асар имкон додааст, ки дар сохтори тафаккури сарватмандон ва шахсони камбизоат 50 фарқият мушоҳида карда шавад. Мо мехоҳем, ки дурнамои тафаккури шахси

сарватманд ва камбизоатро фаҳмонем, то донистани фарқияти байни онҳо барои ба даст овардани муваффақият ва давлатмандӣ кӯмак расонад. Шумо метавонед чизеро барои худ интихоб намоед, ки дар зиндагиатон мавриди истифодаи худ қарор бидиҳед.

6 «ФАРЗАНДИ НЕК боғи умед аст»

Ин китоб донишҳои амалиеро дар бар мегирад, ки дар ҷараёни таълим ба хурдсолон басо зарурӣ буда, аз таҷрибаи шахсии муаллиф гирифта шудаанд. Вай бо мақсади ягона – аз минтақаҳои гуногун, аз байни фарзандони оилаҳои пешрафта ва аз байни оилаҳое, ки дар тарбияи фарзандон муваффақ нашудаанд, ёфтани тифлони боистеъдоде, ки зиндагии шоистаро орзу мекунанд ва бешак ба он сазовор ҳастанд, навишта шудааст.

Дар ҳаёт чунин мешавад, ки норасоии пул намегузорад, то инсон соҳиби дониши хуб гардад. Дар натиҷа ӯ зиндагиеро оғоз мекунад, ки мувофиқи хоҳишаш набуда, таваккалӣ аст ва аз ин лиҳоз роҳи тамоман дигареро интихоб менамояд. Худи муаллифи китоб дар вақташ чунин вазъиятро аз сар гузаронида, аммо сарфи назар аз ин, ба ӯ муяссар шудааст, ки зиндагии худро дигаргун созад ва бисёр чизҳоро ба даст орад.

Имрӯзҳо боистеъдод ва ҳатто нобиға будан барои муваффақият кофӣ нест, балки қудрату тавоной лозим аст, то кас истеъдоди худро дар ҳаёти воқеӣ истифода барад. Ҳар як падару модар орзу мекунад, ки фарзандонаш давлатманду муваффақ бошанд ва боиси ифтихори волидон гарданд. Аммо дар ҷаҳони муосир масъалаи маърифати молиявӣ чунон муҳим аст, ки назди мо суоле нест, ки омӯхта шавад ё не, балки ин таълимот ба яке аз талаботҳои муҳими ҳаёти мо табдил ёфтааст.

Риоя намудани принсипҳои дар китоб дарҷгардида ва истифода бурдани ин донишҳо ба фарзанди Шумо имкон медиҳад, ки дар 25–27–солагиаш аз ҷиҳати молиявӣ мустақил гардад, ҳамон гунае, ки замоне ин принсипҳо ва донишҳо ба С. Давлатов кӯмак карда буданд. Китоб барои ҳамроҳ хондани волидайн ва фарзандон пешбинӣ шудааст. Усулҳои озмудашудаи тарбия иҷозат медиҳанд, то ин донишҳо дар зиндагӣ ба осонӣ амалӣ карда шаванд.

Албатта, бо қатъият гуфтан мумкин нест, ки ҳар нафари ин китобро мутолиакарда пас аз муҳлати муайян аз ҷиҳати молиявӣ ҳатман бениёз мегардад, аммо мо бовар дорем, ки ӯ ҳатман ба суботи молиявӣ комёб мешавад. Аз ҷиҳати молиявӣ бениёз мегардад ё не, аз худи ӯ вобаста аст, зеро на ҳар нафаре, ки дар мактаби миёна таҳсил мекунад, дар оянда академик мешавад.

Як чизро дақиқ гуфтан мумкин аст, ки агар китоб аз ҷониби ҷавонон бодиққат хонда ва ҳамаи қоидаҳои зикргашта риоя гардад, барои онҳо ҳатман имконияти ба тамоми мақсадҳояшон расидан пайдо мешавад. Он аз роҳ додан ба хатоҳо нигоҳ медорад, зеро дақиқаҳои пурқимати ҳаётро барои озмоишҳо сарф намудан лозим нест.

Беҳбудии моддии шахсияти моро аз бисёр ҷиҳат тарбияамон, маълумотамон, сатҳи рушди зеҳниамон муайян мекунад. Ҳамаи инҳо бошанд, дар хурдсолӣ поягузорӣ гашта ва таҳким меёбанд. Агар волидон ба ҳамаи инҳо аҳамият диҳанд, натиҷааш низ ҳатман мусбат ва шоиста мегардад. Дар китоб саргузаштҳои пандомӯзи зиёде аз ҳаёти муаллиф оварда мешаванд.

БА НАШР
ОМОДА МЕШАВАНД

7 КИТОБИ «МАН ВА ПУЛ», қисми дуюм

Роҳ ба сӯи низоми молиявӣ
ё маҷрои пулро чӣ гуна бояд ташкил кард?

Ин китоб ҳамчун идомаи қисми аввал иншо гаштааст, ки чанд сол пеш ба табъ расида, аз тарафи хонандагон ба дараҷаи олӣ пазируфта шуд. Ғояи асосии қисми дуюм дар он аст, ки ба мардум барои бо роҳи банақшагирии дурнамо гузоштани таҳкурсии устувор кӯмак намояд, то ки ҳар як хонандаи китоб имконияти таъсис додани маҷрои бонизоми пулро дар ихтиёр дошта бошад, сармояашро афзунтар гардонад ва роҳи худро барои расидан ба бениёзии молиявӣ пайдо кунад.

Бидуни банақшагирии иқдомҳои худ ба муваффақият ноил гаштан аз имкон берун аст, чӣ тавре, ки бидуни нақшаи амиқ таҳияшуда ва ҷузъӣ ҳар иқдом худ аз худ бесамар хоҳад буд. Ния омили такондиҳандаи тафаккури стратегӣ аст. Қобилияти ҳама чизро то ҷузъиёти хурдтарин фаро гирифтан нишони равиши ҷиддӣ ва касбист. Дар хотир дошта бошед, ки тамоми дастовардҳо сараввал дар тафаккур пайдо мешаванд, баъд дар воқеият. Устувор будани ния ва барномарезии дақиқ муваффақияти ояндаро 90% муайян месозад, 10%-и дигарашро бошад, чӣ гуна амал кардани Шумо таъйин мекунад.

Китоб чӣ тавр сарҷамъ намудани захираҳои беҳудуди ботинӣ ва ба сармоя табдил додани онҳоро меомӯзонад, зеро чунин захираҳо дар тамоми инсонҳо ба шакли қобилияти зеҳнӣ ва нерӯи ҷисмонӣ ба андозаи кофӣ вуҷуд доранд. Ҳамчунин он оид ба модел ё намунаи ҳисобкунӣ донишҳои зарурӣ медиҳад. Новобаста аз он, ки Шумо чӣ хел даромад мекунед, барои

ноил гаштан ба беҳбудии молиявӣ бояд барои идора намудани пулҳоятон аз МОДЕЛИ ҲИСОБКУНӢ истифода баред.

Ба шарофати он Шумо дақиқ дониста метавонед, ки пулро чӣ гуна тақсим бояд кард, чӣ гуна системаро бояд танзим намуд, пулро чӣ гуна бояд нигоҳ дошт, чӣ гуна сармояро зиёд бояд кард ва тиҷоратро чӣ хел бояд оғоз намуд. Шуморо лозим намеояд, ки ҳар замон дар бораи чӣ хел ва аз чӣ сарфа кунед андеша намоед, балки ба ҷои Шумо ин корро система мекунад, Шумо бошед дақиқ медонед, ки чӣ қадар харҷ ва чӣ қадар сарфа карда метавонед, то ки баъдтар ба кори мушаххасе маблағгузорӣ кунед.

Қоидаҳову ҳисобҳоро сахтгирона риоя намуда, Шумо метавонед ба зинаи баланди беҳрӯзӣ бароед ва имконияти амалӣ намудани орзуҳоятонро соҳиб гардед.

Дар қисми 1–и китоби «Ман ва Пул» дар бораи чӣ гуна ташаккул додани сармоя навишта шудааст. Мақсади китоб ҳам аз ҳамин иборат аст. Азбаски ташвиши одамон зиёд аст, аксарияти онҳо як қисми маошашонро пасандоз карда наметавонанд, то ки амнияти молиявии оиларо фароҳам созанд. Шумо аз чунин одамон пурсед, онҳо ба таври хастагинопазир заҳмат мекашанд, аммо пасандоз надоранд. Бо кӯмаки ин китоб одамони хеле зиёд ин масъаларо ҳал намуда тавонистанд, чунки ин китоб барои онҳо роҳбалад гашт ва роҳи ба мақсад расиданро нишон дод.

Акнун қисми 2–юми китоби «Ман ва Пул» ба хонанда меомӯзонад ва водор месозад, ки чӣ тавр сармояро, ки одам тавассути системаи МОДЕЛИ ҲИСОБКУНӢ ва идораи буҷаи оилавӣ ҷамъ намудааст, ба манфиати худ кор фармояд, яъне чӣ гуна манбаъҳои даромадро бояд ташкил намояд. Ҳадафи асосии китоб ба одамон омӯзондани ташкил ва идораи маҷрои пулӣ ва кӯмак барои расидан ба даромадҳои муътадилро меомӯзонад.

Онро мутолиа намуда, Шумо роҳҳои ҳалли мушкилоти зиёдеро дониста метавонед, ки соҳибкор бо онҳо рӯбарӯ мегардад. Чанде аз онҳоро ин ҷо меорем: бо кадом роҳ тиҷоратро ба роҳ мондан дуруст аст; чӣ гуна баҳисобгирӣ ва назоратро бояд ба танзим даровард; чӣ хел ва аз чӣ бояд оғоз кард; чӣ гуна барои фурӯш бозори худро бояд ёфт; маҳсулотро чӣ хел бояд интихоб намуд; мизоҷро чӣ хел бояд пайдо кард; сатҳи фурӯшро чӣ гуна бояд баланд бардошт ё чӣ бояд кард, то ки

ҳамаи мол ба савдо равад; бо рекламаи пардохтнашаванда чӣ бояд кард; дар мавриди рафтани коргарон чӣ чора бояд дид; сиёсати кадриро чӣ гуна муайян кардан лозим аст; бо қарзҳо чӣ бояд кард; сармоягузоронро аз куҷо бояд ёфт; биноро чӣ хел ба иҷора бояд гирифт, то ки пардохти он сабук бошад; коргарони муфтхӯри аз ҳад зиёд аз куҷо пайдо мешаванд; давраи ташаккули байни тиҷорати хурд ва тиҷорати миёнаро чӣ хел бояд гузашт; кай даромад якбора кам мешаваду хароҷот зиёд; бо омилҳои инсонӣ чӣ бояд кард; шарики сазоворро чӣ тавр бояд ёфт ва бо кӣ бояд ҳамкорӣ кард; аз танқисии ҳамешагии пули нақд дар тиҷорат чӣ тавр халос бояд шуд.

Донишҳое, ки дар ин китоб гирд оварда шудаанд, барои аз харсангҳои зериобӣ бе шикасту рехт гузаштани киштии тиҷорати Шумо мадад мерасонанд ва ба Шумо барои шахсияти аз ҷиҳати молиявӣ бениёз гаштан дасти ёрӣ дароз мекунанд. Умедворем, гуфтаҳои моро ҳамчун сухани хушку холӣ қабул намекунед, баръакс, пас аз мутолиа аз паси амал мегардед ва дунболи натиҷа мешавед.

8 «СЕТЕВОЙ МАРКЕТИНГ» – беҳтарин методҳои барпо кардани бизнес дар асри XXI

Муаллифи китоб соҳаеро, ки дар бораи он менависад, ниҳоят хуб медонад, зеро вай аз кор бо ширкатҳои шабакавии гуногун таҷрибаи ғанӣ ба даст овардааст. Ин ҳамон донишҳоеанд, ки аз одамони гуногун, аз мунаққидону паҳнкунандагони ошуфтаву хоболуд то бузургтарин пешвоён ва ситораҳои бозори шабакавӣ омӯхтааст. Ин маҷмӯи донишҳои назариявӣ набуда, балки донишҳои муассире мебошанд, ки дар таҷрибаи 16-солаи ӯ ҳамчун устоди тиҷорат озмуда шудаанд, аз ин рӯ вай медонад, ки воқеан ин донишҳо кӯмак мерасонанд, илҳом мебахшанд, рӯҳбаланд месозанд ва натиҷа медиҳанд.

Барои мисол С. Давлатов пайраве дорад, ки кайҳо дар дарсҳои ӯ иштирок намуда, бисёр формулаҳои манфиатоварро ёд гирифтааст. Ҳоло бошад, он духтар дар Қазоқистон кору фаъолият мекунад ва гардиши мол дар

ширкаташ дар як моҳ 5000, 10000, 50000 ва ҳатто 500000–600000 долларро ташкил медиҳад. Як дӯсташ, ки ҳар моҳ бо ӯ маслиҳат мекунад, дар як моҳ 1 миллиону 800 ҳазор доллар кор мекунад.

Ҳамаи он одамон дар ширкатҳои тамоман мухталиф кор мекунанд, вале ҳамаашонро кӯшишу талош барои ноил гаштан ба натиҷаи дилхоҳ ва хоҳиши донистани сирри муваффақият муттаҳид месозад. Гоҳо навшогирдон дар даврахои омӯзишӣ мегуфтанд, ки мо ғайрат мекунем, аммо натиҷа намедиҳад. Муаллифи китоб бошад, ба онҳо мефаҳмонд, ки Шумо дар яке аз беҳтарин ширкатҳо кор мекунед, дар он ҷо зиёданд одамоне, ки аз Шумо чанд баробар бештар пул кор мекунанд, фақат дониста тавонистан ва кӯшиш намудан лозим аст. Воқеан дар бозори шабакавӣ муҳим нест, ки Шумо дар кадом ширкат кор мекунед, балки сирри асосӣ дар дигар чиз аст.

Барои ба даст овардани натиҷаи хуб ин чизро фаҳмидан хеле муҳим аст, ки чӣ гуна одамон дар як ширкат кор карда истода, имконияти якхела дошта, як намуди маҳсулотро пешкаш намуда, аз як системаи бозори шабакавӣ истифода бурда, аммо натиҷаи тамоман ҳархела ба даст меоранд, яке 10 баробар зиёд пул кор мекунад, вале дигаре комёб намегардад.

Чаро чунин мешавад ва чӣ хел ба натиҷаҳои назаррас ноил гаштан мумкин аст? Барои ба ин суол посух ёфтан шумо ин китобро хонда, дар ин бора маълумот хоҳед гирифт. Ҳар як касб асрори худро дорад, ки дастовардҳоро муайян месозад. Ҳар як муваффақият тавассути вуҷуд доштани донишҳои зарурӣ ва истифода бурда тавонистани онҳо муайян мегардад, ҷаҳолат бошад, касро ба шикаст рӯбарӯ мекунад. Ҳама чизро омӯхтан мумкин, муҳим хоҳишмандии шумост. Агар хоҳед, ки ба бозори шабакавӣ машғул шавед, аз омӯхтани донишҳои зарурӣ шурӯъ намоед, бидуни онҳо ба даст овардани натиҷаи мусбат хеле душвор аст.

Ин китобро мутолиа намуда, Шумо донишҳои амалиеро соҳиб мегардед, ки барои ташкил намудани гурӯҳи кормандони содиқ кӯмак мерасонад. Шумо аз мушкилоти асосӣ, ки пайваста ба фаъолияти кормандони муваффақи шабака халал мерасонад, халос мешавед. Суқути сохтор, набудани шахсияти калидӣ, пешравии суст, ихтилофи

афкор ва набудани рӯҳияи гурӯҳӣ аз ҷумлаи чунин мушкилот мебошанд.

Дар бозори шабакавӣ ташкил намудани гурӯҳ нисбат ба нигоҳ доштани он, аъзо шудан нисбат ба мусоидат ба рушди раҳбар ва боз намудани минтаҚа нисбат ба рушд бахшидан ба он осонтар аст, зеро вақте Шумо ҳастед, пешравӣ мешавад, вақте Шумо меравед, суқут оғоз меёбад. Ин китоб ба Шумо дар ташкил намудани тиҷорати бисёрмиллиона дар бозори шабакавӣ кӯмак мерасонад.

9 «ҚАРЗҲО» – аз онҳо чӣ гуна халос шудан ё чӣ тавр ба онҳо гирифтор нашудан



Ин китоб дар асоси таҷрибаи амалӣ чӣ гуна ба қарз гирифтор нашуда, созмон додани тиҷорати хуберо меомӯзонад. Дар китоб системаи усулҳое дарҷ гаштаанд, ки новобаста аз сатҳи даромади Шумо барои аз қарзҳо халос шудан кӯмак мерасонад.

Аз муваффақият то нобарорӣ як қадам аст, аз сарватмандӣ то касодӣ низ ҳамчунин. Тамоми маслиҳатҳои амалӣ аз ҳаёт гирифта шудаанд, чӣ тавре, ки чунин рӯйдодҳоро муаллиф тӯли панҷ сол аз сар гузаронида, худаш ба қарзҳои калон ғӯтидааст. Ин китоб ҳамаи принсипҳои маънавиро барои аз ҳамаи қарзҳо зудтар раҳоӣ ёфтан ёд медиҳад. Дар он системаи дақиқ дарҷ гаштааст, ки чӣ хел қарз гирифтан, кай гирифтан ва чӣ гуна идора кардани онро меомӯзонад.

Маркази байналмиллалии рушди инсон «САМО» ҳар сол дар Иссиққӯл конфронс мегузаронад. Дар конфронс намояндагони ҳамаи кишварҳои ИДМ ва хориҷаи наздик (Русия, Украина, Қазоқистон, Қирғизистон, Ӯзбекистон, Тоҷикистон, Туркия, Чин, Эрон, Покистон, Ҳиндустон) ширкат мекунанд. Конфронс дар сатҳи байналхалқӣ гузаронида мешавад. Шумо метавонед бо одамони касбу кори гуногун ва соҳаҳои нав шинос гардида, дар баробари ин барои рушди бизнеси худ дониши нав гиред. Ҳар субҳидам дар соҳили кӯл Шуморо клуби «Тандурустӣ» интизор аст, ки он ҷо Шумо метавонед бо ёрии он донишҳои наве, ки гирифтед, тану рӯҳи худро қавӣ гардонед. Тарзу усуле, ки дар клуби «Тандурустӣ» истифода мешавад, дар Шарқ зиёда аз 1000 сол вуҷуд дорад, ки аз тибби қадими тибетӣ, чинӣ, ҳиндӣ ва дигар чизҳо сарчашма мегирад.

Дурдонаи Қирғизистон Иссиққӯл ба оғӯши гарм шуморо интизор аст.

Бо тамоми пурсишҳо ба телефонҳои зерин мурочиат намоед:

Тоҷикистон:	**+992 37 882 55 55**	**+992 88 888 40 60**
	+992 93 572 92 29	**+992 92 970 40 40**
Қирғизистон:	**+996 312 89 13 22**	**+996 555 32 30 20**
Қазоқистон:	**+7 727 317 90 20**	**+7 701 959 66 29**
Русия:	**+7 968 404 03 77**	**+7 929 513 32 61**

E-mail: dushanbe.samo@mail.ru
worldsamo@mail.ru
Web: www.worldsamo.com

Мо дар шабакаҳои иҷтимоӣ!
Бо мо дар Facebook, Одноклассники, Мой Мир (mail.ru), Twitter, ВКонтакте ва Instagram ҳамроҳ шавед!
Ҳамаи навидҳои тозатарин ва марғубтарин аз дасти аввал:

www.facebook.com/worldsamo
www.odnoklassniki.ru/worldsamo
my.mail.ru/mail/worldsamo
www.twitter.com/World_Samo
www.vk.com/worldsamo
instagram.com/worldsamo

42с

Саидмурод ДАВЛАТОВ

Ман ва Пул

Рассом: Ҷумадилхон Каримбек
Тарроҳ, саҳифабанд: Андрей Тюмкин
Муҳаррир: Саидакбари Наҷибуллоҳ
Тарҷумонҳо: Неъмат Неъматов, Муҳибуллоҳ Қурбон

Ба матбаа 18.02.16 супорида шуд. Ба чоп 02.03.16 имзо шуд.
Андозаи 60х84 1/16. Ҷузъи чопӣ 21,5. Чопи офсет.
Коғази офсет. Адади нашр 1200
Дар матбааи ҶДММ "Ориёнганҷ" ба табъ расид.

ДАВЛАТОВ
Саидмурод Рачабович,

президенти МБРИ «САМО»,
бизнес-тренери дарачаи байналмилалӣ бо таҷрибаи 17-сола,
доктори илми равоншиносӣ ва иқтисодӣ,
профессори соҳаи савдо ва маркетинг,
тоҷири муваффақ, муаллифи китоби серхаридори «Ман ва Пул»,
аз силсилаи китобҳои «Фалсафаи мӯрчагон»,
ки бо 7 забон таҷума шуда, зиёда аз 700 000 нусха фурӯхта шудааст.

Хонандаи муҳтарам!

Баъд аз хондани китоби дар даст доштаатон Шумо оид ба ин мавзӯъҳо маълумоти мукаммал мегиред:

- Чӣ тавр кор кардан ва нигоҳ доштани пул;
- Чӣ тавр идора кардани пул ва роҳи халосӣ аз буҳрони иқтисодӣ;
- Роҳу равиши расидан ба мустақилияти молиявӣ.

Бигзор ин китоб роҳнамои Шумо дар ҷодаи комёбӣ гардад! Роҳи худро сӯи озодии молиявӣ боз кунед, комёбию муваффақият ҳатман ҳамсафари Шумо хоҳад гашт!

Бо камоли эҳтиром ва садоқат,
дӯсти Шумо

Саидмурод Давлатов

ISBN 978-9967-08-158-1
9 789967 081581

000311549
Китобхонаи миллии Тоҷикистон